НАШРИЁТИ
**«АДИБ»**



**Мирзо Файзалӣ**

# Гулхори чида-чида

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ф-16

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Ф-16 **Мирзо Файзалӣ. Гулхори чида-чида** (мунтахаби ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2011. 408 саҳ.

Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Файзалӣ мунтахаби ашъорашро бесабаб «Гулхори чида-чида» ном нагузоштааст. Дар ин маҷмӯа ҳам васфи Ватану зебоиҳои он, Истиқлолияту дастовардҳо ва заҳматҳои шоёни Сарвари давлат васф шудаанд ва ҳам он норасоиҳое, ки ба пешрафти ҷамъияти гулгулшукуфони Тоҷикистон номатлуб ҳастанд, зери танқид ва ҳаҷву истеҳзо қарор ёфтаанд.

ISBN 978-99947-2-153-5

© Мирзо Файзалӣ, 2011

# ШОИРЕ РӮШАНГАРО АЗ БАЙНИ МАРДУМ

Мирзо Файзалӣ. Вақте ин номро ба забон мегирем, дар дили мо ва дар хотираи мо рӯшанӣ медамад, на фақат ба сабаби он ки ин вожаҳо дар худ рӯшноӣ доранд, балки низ барои он ки аз соҳиби ин ном, аз чеҳраи ӯ, аз гуфтори ӯ, аз навиштори ӯ низ равшание дар дилу дар ёди мо мондааст. Вақте мегӯем: Мирзо Файзалӣ, беихтиёр лабҳо моил мешаванд ба табассум ва табъи мо низ равшан мегардад. Вақте мо мегӯем Мирзо Файзалӣ, як гармиро низ дар дили худ эҳсос мекунем. Ин равшанӣ, ин гармӣ, ин табъи хуш, ки бо шунидани ин ном моро фаро мегирад, аз табъи равону дили хурраму ҳастии хайрхоҳонаи соҳиби он сарчашма мегирад. Ман борҳо гуфтаам, ки ҳар боре омадани Мирзо Файзалиро ба идораи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебинам, гумон мекунам, дар ин симо устод Боқӣ Раҳимзода рӯ ба рӯи мо меояд, гумон мекунам дар ин симо Ашӯр Сафар зинда гардидаст. Мирзо Файзалӣ то ҷойе ҷойгоҳи ин мардони шарифро намегузорад тиҳӣ бошад. Ӯ Бурҳон Ғаниро ба ёд меорад, ки яке аз ҳаҷвнигорони мумтози мо буд. Номи Мирзо Файзалӣ дар байни мардум низ ҳамин ангезиш, ҳамин сафову ҷило, ҳамин хуштабъиро бедор мекунад. Зеро ӯ маҳз бо танзи худ, бо зарофат ва ҳаҷвнигориҳои худ ба дилҳо роҳ ёфтааст. Ва сӯҳбати ӯ низ мисли сӯҳбати он ҳаҷвнигорони барҷастае, ки номашон бурдам, пур аз зарофат, пур аз латофату равшанкунандаи табъҳост. Албатта, шоирӣ ҳунар аст, аммо шоири ҳаҷвнигор будан, дучанд ҳунар аст, зеро завқи ҳаҷвнигориву хушгуфториву табъи равону эҳсосу ибрози танзро Худованд на ба ҳар кас медиҳад. Мирзо Файзалӣ

аз ҳарду бархӯрдор аст. Бо эҷоди шеъру латифаҳои ҳаҷвӣ, бо кори чандинсолаи худ дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» саҳми бузурги худро дар рушди адабиёт ва журналистикаи ин соҳа ба таври носутурданӣ гузоштааст.

Дар хотираҳои мардум, дар хазинаи адабиёти ҳаҷвии мо навиштаҳои намакину шакарин, нишонрасу ҳунармандонаи ӯ мондаанд. Навиштаҳои обдори ӯ дар иҷрои ҳаҷвнигорони номдори Ватан, аз ҷумла Усто ва Масто ва дигарон низ ҳанӯз дар ёдҳоянд ва ба хазинаи тиллоии ин жанр ворид гардидаанд. Ин навиштаҳо ҳаҷви холӣ нестанд, аксари инҳо тирҳои нишонрасе ҳастанд, ки ба ҳадафҳо мерасиданд. Онҳо падидаҳои манфии замону касонро ба нишон гирифта буданд.

Боиси хурсандист, ки дар навиштаҳои тозаи имрӯзии ӯ низ чунин ашъорро метавон пайдо кард. Имрӯз низ камиву костиҳои замони мо ниёз ба чунин килки расои танз доранд. Ҷуръати мардонаи ӯст, ки бо тамасхур ва кинояву пичинг – санъатҳои суханварие, ки тавассути онҳо метавон симои дурӯғини мансабдорони замонро ифшо кард, чунин сатрҳоро эҷод мекунад:

*Рӯи мансаб шуданат, ҷӯра, муборак бошад!*
*Ин расидан ба сари қӯра муборак бошад!*
*Тахти мансаб чу замин сурати саққо дорад,*
*Ҷар нашав, аз сари ин кура, муборак бошад!*
*Пора бистону бикун ғорату сад фисқу фасод,*
*Баҳри тазвир бихон сура, муборак бошад!*
*Боғу роғу гулу гулшан ҳама помол бикун,*
*Мон дамад аз паи ту шӯра, муборак бошад!*
*Чун паси панҷара афтӣ, ба сурoғат бирасам,*
*Гӯямат: пухта шудӣ, ғӯра, муборак бошад!*

Яке аз соҳаҳои нодири назм ва танзи мо сурудани нақизаҳост, ки мутаассифона, дар адабиёти мо имрӯз аз

ёдҳо рафтааст ва дар собиқа ҳам кам эҷод мегардид. Аммо жанрест, ки хеле муфид буда, баъзан як нақизаи хуб ҷойи ҳам як шеъри хуб ва ҳам як гузориши накдиро мегирад ва гӯшмолҳои дӯстонаи он баъзан бештару пештар барои ифшои камбудиҳои суханварони мо таъсиргузор ва барои ислоҳи он манфиат дорад. Мирзо Файзалӣ аз онҳое ҳаст, ки дар рушди ин жанр низ саҳми бузург дорад ва нақизаҳои ӯ аз беҳтарин нақизаҳоянд. Китоби «Саду як нақиза», ки тавассути нашриёти «Адиб» соли 2009 ба табъ расидааст, далели ин гуфтаҳост.

Як сифати дигари шеъри Мирзо Файзалӣ ҳузури ҳикмату панд дар эҷодиёти ӯст, ки қариб дар аксари шеърҳои дар мавзӯъҳои гуногун бахшидаи ӯ ба мушоҳида мерасанд ва хусусан дар шеърҳое, ки бевосита мавзӯяшон андарз аст. Намунаи хуби чунин шеърҳо «Қиссаи оне, ки ба об афканд туф» ва «Оқибати кори ду нафар, ки яке об гирифту дигаре зар» мебошанд.

*Он ки бо худ об нею зар гирифт.*
*Ташна монду ҳалқу нояш дар гирифт.*
*Он ки бо худ як кадуи об дошт,*
*Оқибат он дашт пушти сар гузошт.*
*Зар гирифт он, мурдааш дар дашт монд,*
*Обро бигрифт ин, ҷонаш раҳонд.*

Шеърҳои Мирзо Файзалӣ бештар ба оҳанги рӯз гуфта шуда ва барои имрӯз хизмат мекунанд ва дар онҳо камбудиҳои замона ба ҷасорат баён ёфтаанд:

*Ин замон бо зар ба ҳар мансаб расидан метавон,*
*Эътибору минбару маснад харидан метавон.*
*Ақлу дониш не, фақат зар зинароҳат мешавад,*
*Пора дода, дар ҳаво бепар паридан метавон.*
*Шуд шиори зумраи ғосиб «тавону дар намон»,*
*Ҳокимонро бо чунин кирдор дидан метавон.*

*Дузди ҳар як соҳа дорад пуштибони соҳавӣ,*
*Мулкро ғорат кунад ҳам, кай қапидан метавон?*
*Дар низоми мулк саҳми фозилон кам гаштааст,*
*Варна аз ин ҳолати ноҷо раҳидан метавон.*

Назар ва бардошти шоир аз зиндагӣ ғамхоронаву дилсӯзона аст. Ӯ ба бадбахтии мардум, ба нобарориву нобаробарии инсонҳо бетараф буда наметавонад:

*Нашъамандон душмани ҷони худанд,*
*Куштагони тиру пайкони худанд,*
*Оқибат бе наслу беному нишон,*
*Дар ҳаёти худ гаравгони худанд.*

Ӯ ҳақиқати талхи зиндагиро мебинад ва тасвири ӯ моро ба андешаи оқибати он водор месозад:

*Ту дусад гаправу ҷосусу хабаркаш дорӣ,*
*Аз ҳамин рӯст, ки доим дили пурғаш дорӣ...*
*Он қадар пасту залилию чунон ранҷ барӣ,*
*Дар сари мансабу аз бандии зиндон батарӣ...*

Мирзо Файзалӣ дар чанд соли охир мисли ин ки ба сабку мавзӯи эҷоди худ дигаргуниҳои намоёне дохил кард, ба сурудани шеърҳои ҷиддии ватандӯстона пардохт. Албатта, ҷойи таассуф ҳам ҳаст, ки ӯ муддате аз ҳаҷву танз дур шуду ин майдонро, ки бе ин ҳам чавандозҳои он каманд, холӣ гузошт. Аммо чаро ӯ ба гуфтани шеърҳои ҷиддӣ дар мавзӯи Ватану миллат пардохт?! Ба назари ман ин иқдом аз мавқеи мустаҳками шаҳрвандии ӯ, аз садоқату муҳаббати бепоёнаш ба Ватан бархостааст. Дар ин замоне, ки Тоҷикистон Истиқлол ёфт, дар ин замоне, ки армони ҳазоронсолаи миллии мо ба вуқӯъ пайваст, ӯ чун як шоири халқи худ, чун як фарзанди диёр наметавонад дар канор бошад. Ӯ бо ҳама

вуҷуд, бо ҳама садоқату муҳаббат ба ситоиши Ватан пардохт ва хост саҳми арзандаи худро дар ин давраи тақдирсоз дар бунёди маънавӣ, ваҳдати миллӣ, эҳёи кишвар, худшиносии таърихии халқи мо бигузорад. Воқеан навиштаҳои самимонаи ӯ имрӯз ба суруди муҳаббати ҳамдиёрон бадал ёфтаанд.

*Ман агар ҷон медиҳам, баҳри Ватан ҷон медиҳам,*
*Номи поки Тоҷикистон дар даҳан ҷон медиҳам.*

Ватанномаҳои Мирзо Файзалӣ саршори самимият ва муҳаббати Ватананд. Онҳоро мехонӣ ва ба самимияташон бовар мекунӣ:

*Метапад дил, мезанад дил, меканам ҷон, зиндаам!*
*Тоҷикам, ҷон додани ман нест осон, зиндаам!*
*Гар лаби ноне надорам, мушти хокат нони ман,*
*Ман ба як каф хоки покат, Тоҷикистон, зиндаам!*

Ин ҷо «зиндаам» танҳо маънои зинда буданро надорад. Ин ҷо «зиндаам» даъвои зинда будан, шиори зинда будан, қарзи фарзандии зинда будан, ҳуқуқи зинда буданро дорад. Зинда будан ба хотири Ватан. Ва чуноне дар боло овардем, ҷон додан ҳам танҳо ба хотири Ватан, барои Ватан аст. Яъне зистан бо идеалу ормони олӣ.

Вақте шоир мегӯяд: Хори роҳат гули раънои ман аст, ё «Хорҳои рӯи роҳат сарву шамшоди мананд», мо натанҳо ба сухани аз сидқи дил гуфтаи шоир бовар мекунем, балки ба он шарик мешавем. Яъне самимияту муҳаббати шоир моро ҳам фаро мегирад ва шеъри асил бояд чунин сифатро дошта бошад. Оташе, ки шоир меафрӯзад, на фақат худи ӯро гарм мекунад. Мо низ дар гирди гулхани ӯ метавонем дилу дастамонро гарм кунем.

Мирзо Файзалӣ шоирест, ки дар байни мардум зиндагӣ мекунад. Ӯ аз муҳити адабии шаҳр дур аст.

Душвор аст дур аз муҳит рушду нумӯи адиб, агар ӯ худ муҳити худ набошад. Мирзо Файзалӣ, шахсияти ӯ тавонист, ки дур аз муҳит муҳити худро созад, эҷод кунад ва муваффақ бошад. Ӯ натанҳо муҳити худро сохт, балки муҳити фарҳангие офарид, ки аз он эҷодкорони дигар аз байни мардум баҳраманд гардиданд ва дар атрофи ӯ як зумра адибони ҷавони соҳибзавқ гирд омаданд ва ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфта шуданд. Аз ин рӯ Мирзо Файзалӣ воқеан шоири халқ аст ва унвони баланди Шоири халқии Тоҷикистонро беҳуда соҳиб нагардидааст.

Ин бародари арҷманди мо дар айни камоли эҷодкорист. Ӯ ҳам бо сухан, ҳам бо фаъолияти ҷамъиятии худ дар бунёду рушди Истиқлолияти Тоҷикистон, ки пеш аз ҳама бо истиқлолияти маънавӣ таҳким меёбад, ҳиссаи арзандаи худро мегузорад ва ин рисолати адиби имрӯз аст.

Банда дар ситоиши ӯ додарона навишта будам:

*Умре, ки ба шеър додаӣ, ҷовид аст,*
*Ҳар лаҳзаи бо ту будани мо ид аст,*
*Мирзои сухан ҳастиву аз файзи Алӣ*
*Хуррам дили ту, ки хонаи Хуршед аст.*

**Камол Насрулло,**
***Шоири халқии Тоҷикистон***

# ЧАМАНИ МЕҲР

## ХУД БА ХУД

Аҷдоди худ худ астам,
Авлоди худ худ астам.
Ман ҳафт пушти хешам,
Дар ёди худ худ астам.
Дар хеш реша дорам,
Бунёди худ худ астам.
То дасти худ гирифтам,
Имдоди худ худ астам.
Худро садо намудам,
Фарёди худ худ астам.
Як боғи пур зи нахлам,
Ободи худ худ астам.
Дар хеш мегудозам,
Пӯлоди худ худ астам.
Гоҳе ба худ муқобил,
Эроди худ худ астам.
Дар худ биҳишт дорам,
Шаддоди худ худ астам.
Бисёр кушта худро,
Ҷаллоди худ худ астам.
Ҳар рӯз гашта тавлид,
Навзоди худ худ астам.
Аз қайди худ раҳоям,
Озоди худ худ астам.
Тасвири худ кашидам,
Беҳзоди худ худ астам.
Андешаи баландам,
Эҷоди худ худ астам.
Таълими худ гирифтам,
Устоди худ худ астам.
Ман кӯҳи шеър кандам,
Фарҳоди худ худ астам.

## МАРДИ ХУДО

Намедонам, ки наҳсӣ аз Замин, ё ки зи Кайвон буд,
Зи қисмат буд, тӯҳмат буд ё васвоси шайтон буд,
Ба ҳар сӯ рӯканию мӯканию чашми гирён буд,
Зи ҷанги шаҳрвандӣ ғарқа дар хун Тоҷикистон буд,
Якеро ин камонбозӣ, дигарро бозии ҷон буд,
Бақои давлати тоҷик ашки нӯги миҷгон буд.

Ба вақти кандани ҷон мардуми бечора нон мегуфт,
Ба рӯи хон ниҳода бурдаи кунҷора, нон мегуфт,
Арӯси бевамонда, тифлаки овора нон мегуфт,
Даҳону чашму дасти ҳар касе бо зора нон мегуфт,
Забон ҳарфи дигар нею фақат як пора нон мегуфт,
Чунон будӣ, ки гӯё ҷумлаи сайёра нон мегуфт.

Дигар пиру ҷавон анҷоми кори худ намедонист,
Ба кӣ ифшо кунад аҳволи зори худ, намедонист,
Ба гирдоби бало ғарқа, канори худ намедонист,
Куҷо монду куҷо афканд бори худ, намедонист,
Касеро дастгиру ғамгусори худ намедонист,
Мададгоре ба ҷуз Парвардгори худ намедонист.

Агарчи мо ба сар бурдем садҳо хорию зорӣ,
Агарчи буд ҷони мо ба чанги фақру нодорӣ,
Агарчанде шудем афсурдахотир аз гирифторӣ,
Кафан нокарда гӯрондем ёронро зи ночорӣ,
Зиҳӣ, халқи бузургам! Мову ту дар рӯзи душворӣ
Фақат ҷустем аз лутфи Худовандӣ мададгоре.

Ба рӯзи яъсу навмедӣ Худоро пеши рӯ кардем,
Ба ӯ мо бо забони безабонӣ гуфтугӯ кардем,
Хаёлан ҳоли худро қисса пешаш мӯ ба мӯ кардем,
Равон аз дида ашки ғам мисоли оби ҷӯ кардем,
Аз ӯ бахшидани ҷурму гунаҳро орзӯ кардем,
Фақат аз даргаҳи ӯ ризқу рӯзӣ ҷустуҷӯ кардем.

Ба Яздон саҷдаҳо кардем то моро амон бахшад,
Ба раҳгумкардаҳомон аз карам роҳи равон бахшад,
Агар мо осием, имон ба мо он меҳрубон бахшад,
Нагардад миллати тоҷик то ки бенишон, бахшад,
Агар бахшад, ба мо як сарвари зеби замон бахшад,
Ҳабибе, раҳнамое, ғамгусори мардумон бахшад.

Ба гардунҳо расид аз номуродиҳо нидои мо,
Магар бишнид оҳу нолаи моро Худои мо,
Ва ё кофӣ шуморид он қадар дода ҷазои мо,
Чӣ ҷои баҳс, он чи рафт бар мо, шуд сазои мо,
Ризои ӯст, дорам итминон, баҳри давои мо,
Шуда як раҳбари лоиқ зи лутфаш раҳнамои мо.

Варо дар анҷуманҳо дидаам, ҳусни расо дорад,
Қади боло, фари шоҳона, чашми пурзиё дорад,
Ҷамолаш партави нуру сафои кибриё дорад,
Сухан гӯяд, чу марҳам захми дилҳоро даво дорад,
Фақат бахти накӯи халқи худро муддао дорад,
Худодод аст ӯ, дар чеҳрааш нури Худо дорад!

Ба ин Марди Худо аз ҷону дил шукрона бояд кард,
Дуои давлату ҷонаш ба ҳар як хона бояд кард,
Ҳама умр эътирофи хизматаш мардона бояд кард,
Ба роҳи сулҳ рафта, зиндагӣ аҳлона бояд кард,
Дигар такрори он айёми шум асло набояд кард,
Ватан обод бо ин раҳбари фарзона бояд кард.

Сипоси Ҳақ! Басомонем бо Эмомалӣ Раҳмон!
Ба тахти шӯҳрату шонем бо Эмомалӣ Раҳмон!
Хушо, мо қадри худ донем бо Эмомалӣ Раҳмон!
Ватанро ҳамтану ҷонем бо Эмомалӣ Раҳмон!
Ба рӯзи нав қадам монем бо Эмомалӣ Раҳмон!
Миёни раҳ намемонем бо Эмомалӣ Раҳмон!

## ҲАЙКАЛЕ АЗ ЗАР

Ба давроне, ки ором аст мулку мардум осуда,
Ба ёдам мерасад даҳ соли з-ин бигзаштаи Меҳан.
Маро пеши назар ояд замони бенизомиҳо,
Ба ҳар сӯ рӯканию мӯканию нолаю шеван.

Ба ҳаллу фасли ҳар коре камону тир довар буд,
Аз он мардум парешону ба ҳоли хеш саргардон.
Зи ҷанги шаҳрвандӣ хонавайрон аҳли кишвар буд,
Бақои давлату миллат чу ашке дар сари миҷгон.

Дар он айёми қисматсоз ҳамчун офтоби субҳ,
Сухан аз сулҳу аз ваҳдат бигуфт Эмомалӣ Раҳмон.
Шиори «Бар шумо ман Сулҳ меорам!» ливояш шуд,
Қавию устувор истод андар сангари паймон.

Каломи Сулҳ дар лаб Кобулу Теҳрону Маскав рафт,
Чу Исмоили Сомонӣ ба ҳифзи миллаташ бархост.
Дар ин азму талош ӯро Худо, ки раҳнамояш шуд,
Бубинед, ин замон сулҳу амонии Ватан барҷост!

…Ҳама аъмоли неки дигарашро як тараф монам,
Фақат бар хотири сулҳе, ки барпо кард дар кишвар,
Ба ин марди бузургу ҷонфидои миллату Меҳан,
Агар аз дасти ман ояд, гузорам ҳайкале аз зар!

## ТАРОНАИ ИСТИҚЛОЛ

Нозанин ҷашни дилорои Ватан,
Дилкушо субҳи мусаффои Ватан.
Рамзи хушбахтию хушрӯзии мо
Парфишон Парчами зебои Ватан.
Ин ҳама бахт зи Истиқлол аст,
Минбару тахт зи Истиқлол аст.

Мо ватандору баландиқболем,
Ориёнии некӯаъмолем.
Соҳиби обу замини падарон,
Бо чунин сарвати худ меболем.
Ин ҳама бахт зи Истиқлол аст,
Минбару тахт зи Истиқлол аст.

Фитрати миллати мо аҷдодист,
Рӯ ба илму ҳунару ободист.
Тоҷикистон – Ватани бошарафон,
Кишвари ваҳдату сулҳу шодист.
Ин ҳама бахт зи Истиқлол аст,
Минбару тахт зи Истиқлол аст.

Мардуми бошарафу тоҷварем,
Аз баду неки ҷаҳон бохабарем.
Сӯи фардои дурахшони ҳаёт
Дар бари Сарвари худ раҳсипарем.
Ин ҳама бахт зи Истиқлол аст,
Минбару тахт зи Истиқлол аст.

## НИШОНИ ДАВЛАТӢ

Давлати тоҷикон Нишон дорад,
Шӯҳрату шони ҷовидон дорад.
Бо муҳаббат ба нақшҳо бингар,
Ин Нишон рамзҳо ниҳон дорад.

Пурҷило, пурзиё, ҳароратбахш
Нур пошад зи фарқи он хуршед,
Муждаи равшании роҳи мо,
Рамзи бахту саодати ҷовид.

Кӯҳи он сар кашида то гардун,
Сарбаландӣ, виқори тоҷик аст,
Бегазанд, устувор, побарҷо,
Шавкату эътибори тоҷик аст.

Тоҷи заррин ҷило диҳад дар вай,
Тоҷдорӣ ба мо зи аҷдод аст.
Тоҷикистон – замини мардистон,
Кишвари мардуми худодод аст.

Ҳафт ахтар – ситораҳои бахт,
Ҳафт бурҷи муҳаббати миллат,
Ҳафт ахтар ҳамеша тобонанд,
Раҳнамои садоқату ваҳдат.

Ҳаст он китоби бикшода,
Рамзи илму саводу фарҳангаш,
Нусхае аз хати «Авасто»-яш,
Ёдгоре зи нақши «Аржанг»-аш.

Пахта дар он нишонаи софист,
Халқи моро бувад раҳи испед,
Мерасад то ба қуллаи мақсуд,
Бо дили поку қалби пуруммед.

Дар Нишон сабти хӯшаи гандум
Мардумашро фарохии рӯзист.
Хор ҳаргиз намешавад ин халқ,
Рӯ ба рушду камолу пирӯзист.

Тоби Парчам ба гирди ин манзар,
Сурху сабзу сафедияш зебост.
Ин Нишони навиди Истиқлол,
Бошаҳомат муқаддасоти мост!

Давлати тоҷикон Нишон дорад,
Шӯҳрату шони ҷовидон дорад.
Бо ҳамин рамзи пуршукӯҳи хеш
Ном дар арсаи ҷаҳон дорад.

## ШӮҲРАТИ ҶОВИД

Мо миллати созанда ба ҳар давру замонем,
Дорандаи фарҳангу адаб, ганҷи забонем,
Бо фитрату бо шавкату бо шӯҳрату шонем,
Дар ҷодаи таърих далерона равонем.

Эй мардуми бо аслу насаб, ид муборак!
Ин нусрату ин шӯҳрати ҷовид муборак!

Сомонии даврони навин роҳбари мост,
Дар арсаи олам шарафу тоҷи сари мост,
Дар сангари номуси Ватан ӯ сипари мост,
Дар ҷабҳаи ободгарӣ бар ба бари мост.

Эй мардуми бо аслу насаб, ид муборак!
Ин нусрату ин шӯҳрати ҷовид муборак!

Мо даст ба ҳам дода расидем ба ваҳдат,
Дидем саодат ҳама аз рӯи садоқат.
Бо Сарвари фарзона расидем ба давлат,
Имрӯз шарафманд бувад Меҳану миллат.

Эй мардуми бо аслу насаб, ид муборак!
Ин нусрату ин шӯҳрати ҷовид муборак!

## МОДАРИ ҶОНИ МАНӢ, ЭЙ ВАТАНАМ

Эй Ватан, номи ту дунёи ман аст,
Қуллаҳоят сари болои ман аст,
Хори роҳат гули раънои ман аст,
Хоки ту гавҳару тиллои ман аст.

Тоҷикистони манӣ, эй Ватанам.
Модари ҷони манӣ, эй Ватанам,

Тифли парвардаи армони туям,
Ҷонфидо дар сари паймони туям,
Ошиқи ҳусни гулафшони туям,
Андалеби чаманистони туям.

Тоҷикистони манӣ, эй Ватанам.
Модари ҷони манӣ, эй Ватанам,

Гар ба ҳифзат надиҳам ҷону танам,
Намакат захр шавад дар баданам,
Гар сари нанги ту паймон шиканам,
Дар дили хоки ту сӯзад кафанам.

Тоҷикистони манӣ, эй Ватанам.
Модари ҷони манӣ, эй Ватанам,

## МЕҲРИ ТОҶИКИСТОН

Гарчи механдам, вале ҳаргиз маро беғам магӯ,
Бе ғами ин Тоҷикистони ба ҷон марҳам магӯ.

Лаҳзаҳои ҷонситон ҷонам ба ӯ пайванд буд,
Гӯшт бо нохун бидон, моро ҷудо аз ҳам магӯ.

Хорҳои рӯи роҳаш сарву шамшоди мананд,
Кишваре зеботар аз ин ҳаст дар олам, магӯ.

Бе ҳавои Тоҷикистонам намегирам нафас,
Дар тасаввур ҳам ҷудо моро зи ҳам як дам магӯ.

Меҳри покаш дар дилам меъёри имони ман аст,
Кам шавад як зарра, имони маро маҳкам магӯ.

Нисбати халқу Ватан гар носипосие кунам,
Аз сари инсоф, эй довар, маро одам магӯ.

Ифтихору эътиборам, Тоҷикистонам, туӣ,
Ҷон бароят гар набахшидам, маро баччам магӯ.

## ҶОННИСОР

Ҳар гаҳе ҷон медиҳам, баҳри Ватан ҷон медиҳам,
Номи поки Тоҷикистон дар даҳан ҷон медиҳам.

Нестам аз воизони майдабози гапфурӯш,
Ҷонфидоям, бе ягон ҳарфу сухан ҷон медиҳам.

Душмане гар қасди помолии ин гулшан кунад,
Ҳамчу сарбозаш ба ҷанги танбатан ҷон медиҳам.

Мардуми ҳар гӯшааш пайванд бо хуни мананд,
Бемуҳобо, баҳри ҳар як ҳамватан ҷон медиҳам.

Модари ман, ҳамсари ман, духтари ман ҷонфидост,
Ман барои нангу ору номи зан ҷон медиҳам.

Баъди маргам хокдонам дар Ватан бошад, бас аст,
Нест фарқе бо кафан ё бе кафан ҷон медиҳам.

## ЗАМИНИ ПАДАРОН

Дар арсаи таърихи ҷаҳон миллати тоҷик
Сад бор агар зеру забар, хокбасар шуд,
Бо ахгару бо гавҳари аслии ниҳодаш
Бархост зи хокистару эҳё зи дигар шуд.

Дар синаи ӯ оташи Зардушт чу ахгар,
Он гавҳари аслӣ шарафу илму ҳунар буд.
Дар байни ҳама оламиён миллати тоҷик
Дар хайру сахо, маърифату лутф дигар буд.

Бо он ҳама эҳсону саховат, ки варо ҳаст,
Дигар надиҳад зарраи хокаш ба дигар кас.
Гӯед ба ҳар аҷнабии хомхаёлаш,
Бо чашми тамаъ бадназарӣ ҷониби мо бас!

Гар сӯи Ватан душмани бадхоҳ ситезад,
Танҳо надиҳад зиндаи тоҷик шикасташ,
То мурдаи садсола ба имдод бихезад,
Хишти лаҳаду чӯби сари гӯр ба дасташ.

Тоҷик ба ҳама давру замон ғасб накардаст
Бо тиру камон зарраи хоки дигаронро.
Сад ҷон диҳаду хоки Ватан ҳифз намояд,
Яъне шарафи хеш – замини падаронро.

## ҶАННАТЕ ДАР РӮИ ДУНЁ

Сарзамини тоҷдорон,
Кишвари ваҳдатшиорон,
Ҷаннате дар рӯи дунё,
Гулшани доимбаҳорон,

Эй Ватан, эй Тоҷикистон,
Меҳри ту пайванд бо ҷон.

Ин қадар хушрангу зебо,
Ин қадар хубу дилоро,
Ин қадар сар то ба по гул,
Ин қадар ҳуснат гуворо,

Эй Ватан, эй Тоҷикистон,
Меҳри ту пайванд бо ҷон.

Мо, ки фарзанди ту ҳастем,
Меҳрапайванди ту ҳастем,
Модари яктои моӣ,
Мо ҷигарбанди ту ҳастем.

Эй Ватан, эй Тоҷикистон,
Меҳри ту пайванд бо ҷон.

## ТОҶИКИСТОН – НУРИ ИМОН

Метапад дил, мезанад дил, меканам ҷон, зиндаам!
Тоҷикам, ҷон додани ман нест осон, зиндаам!

Гар лаби ноне надорам, мушти хокат нони ман,
Ман ба як каф хоки покат, Тоҷикистон, зиндаам!

Эй Ватан, эй ишқи ҷовид , эй ту ҷони ҷони ман,
Ман ба ёдат, ман ба номат ҳамчу Инсон зиндаам!

Қадри ту, ҷонон Ватан, ҳар кас надонад, кӯр бод!
Карда хокат тӯтиёи чашм, бо он зиндаам!

Ҷоннисору ҷонфидо фарзандҳо дорӣ, Ватан,
Ман яке андар сафи ин ҷоннисорон зиндаам!

Роҳи фардоям зи меҳри ту мунаввар гаштааст,
Меҳри ту дар мағзи ҷон, эй нури имон, зиндаам!

## ВАТАНДОРӢ

Ватандорӣ сухан андар сухан нест,
Ба сина мушт бо ғавғо задан нест.

Ватандорӣ ба сидқ асту ба имон,
Ба шӯру шангу баҳси «мову ман» нест.

«Ватан!» акси садои набзи қалб аст,
Магӯ, пайванд агар бо ҷону тан нест.

Шавад ҷо меҳри он бо шири модар,
Каломе беҳтар аз «Модар-Ватан» нест.

Зи сангу хоку хораш роҳате ҳаст,
Ба мулки ғайр дар боғу чаман нест.

«Ватан!» гуфтан, шакар бар ком бурдан,
Дигар шаҳде гуворо дар даҳан нест.

Худоё, ҳарфи сониро бубахшой,
Ки он худ омада, ҷурме зи ман нест:

Ба боғи ҷаннатат фориғ набошам,
Агар хоки Ватан атри кафан нест!

## МЕҲРПАЙВАНД

Дар ин замин, дар ин замон,
Дар ин ҷаҳони бекарон,
Эй рӯҳпарвар кишварам,
Ман бо туям ҷони ба ҷон.
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

Шуд ҷони ман пайванди ту,
Меҳри ту шуд пайванди ман,
Ман гаштаам дилбанди ту,
Ту гаштаӣ дилбанди ман,
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

Аз хоки ту сабзидаам,
Дар хоки ту дорам нишон,
Маъво гирифта ишқи ту
То ҷовидон дар мағзи ҷон.
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

Даврони Истиқлоли ту
Шуд шоҳболи бахти ман.
Эй сарзамини ҷаннатӣ,
Санги ту бошад тахти ман.
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

## БЕДОРӢ

Ошиқон аз сӯзи ишқи ёр бедоранд,
Шоирон бо хотири ашъор бедоранд.

Шаб, ҳама шаб дар сари гаҳвораи фарзанд
Модарон бо аллаҳои зор бедоранд.

Хастаҷонеро раҳо созанд то аз марг,
Чорасозон дар бари бемор бедоранд.

Зумрае аз аҳли илму аҳли андеша
Дар кушоданҳои сад асрор бедоранд.

Ин яқин бошад, ҳама афроди ин кишвар
Баҳри ҳаллу фасли ҳар як кор бедоранд.

Бо ҳама осудагӣ ҳушёр бояд буд,
Душманони баддилу ғаддор бедоранд.

То ки пас аз ҳар шабе як рӯзи нек ояд,
Субҳи содиқ медамад, Сардор бедоранд.

Ҳар шаби кишвар, ки гавҳар дар садаф дорад,
Баҳри ҳифзаш мардуми ҳушёр бедоранд.

## ҚАНОАТ

Ифтихоре аз Ватан моро бас аст,
Меҳри он дар ҷону тан моро бас аст.

Кай тамаъ дорем чизе аз Ватан,
Хоки он атри кафан моро бас аст.

Аз вафо бо набзи миллат ҳаммаром
Мезанад дил, ин задан моро бас аст.

Дар пайи ҷоҳу ҷалоле нестем,
Аз қаториҳо будан моро бас аст.

Пеши бар ҷои нишони ифтихор
Тугмае дар пираҳан моро бас аст.

Эй, ки мепурсӣ: «Чӣ додӣ бар Ватан?»
Додани доди сухан моро бас аст.

## БО ВАТАН БОШЕМ

Биё, эй ҳамватан, то ҷонфидои ин Ватан бошем,
Ба ҷон омодаи ҳар як нидои ин Ватан бошем.

Канораш гарму роҳатбахш чун домони модарҳост,
Ҳама фарзандҳои бовафои ин Ватан бошем.

Гирифта дасти ҳам, аз як гиребон сар бурун орем,
Ватан аз мост, мо низ аз барои ин Ватан бошем.

Чунон бояд ватанхоҳӣ, чунон бояд ватандорӣ,
Ватан аз мо ризо, мо ҳам ризои ин Ватан бошем.

Худо нокарда, гар боди хазоне мевазад сӯяш,
Мададгору шифобахшу давои ин Ватан бошем.

Агар дорою нодорем, лекин мо Ватан дорем,
Фидои ин Ватан, шоҳу гадои ин Ватан бошем.

Ба ҳам пайваста қатра-қатра, дарёи дамон гардем,
Пур аз туғён ба мисли рӯдҳои ин Ватан бошем.

Биё, эй ҳамватан, то ҷонфидои ин Ватан бошем,
Ҳама фарзандҳои бовафои ин Ватан бошем!

## ЭЙ ҲАМВАТАНОН

Эй ҳамватанон, сӯи Ватан боз биёед,
Бе шартгузориву сухан боз биёед.

Аз рафтанатон коста шуд зебу фари мулк,
Зебандаи ин боғу чаман, боз биёед.

Имрӯз Ватан дар раҳатон дидаи чор аст,
Аз Кобулу Теҳрону Яман боз биёед.

То ҷон бидамад дар бадани хоки ниёгон,
Чун рӯҳу равон, хуни бадан боз биёед.

Саргашта ба ҳар гӯшаю ҳар мулк чароед?
Аз кӯҳу камар, дашту даман боз биёед.

Рафтед чу зӯр аз тану чун нур зи дида,
Чун нури басар, қуввати тан боз биёед.

Ҳарчанд азизед ба мулки дигаре, лек
Чун Юсуфи мисрӣ ба Ватан боз биёед!

## ВАҲДАТИ МО

Иқтидори давлати мо,
Ифтихори миллати мо,
Шӯҳрати мо, шавкати мо,
Ваҳдати мо, ваҳдати мо.

Парчами пирӯзии мо,
Омили хушрӯзии мо,
Ризқи мову рӯзии мо,
Ваҳдати мо, ваҳдати мо.

Тифлакон хушбахту хандон,
Модарон хуррам зи даврон,
Ҷумларо осоиши ҷон,
Ваҳдати мо, ваҳдати мо.

Осмони софи кишвар,
Бахтро рахшанда ахтар,
Раҳ ба фардои мунаввар,
Ваҳдати мо, ваҳдати мо.

## СУЛҲ МЕБОЯД БА ОЛАМ

Кӯдакон дунёи моанд,
Олами зебои моанд,
Дар Замини сабздомон
Вориси фардои моанд,
Ин Замин бо тифл зебост,
Зиндагӣ хубу гуворост.

Кӯдакон – нури басарҳо,
Пораи ҷону ҷигарҳо,
Наҷми субҳи зиндагонӣ,
Равшанибахши назарҳо.
Дӯстрӯю нозанинанд,
Ҷилваи ҳусни заминанд.

Кӯдакон – дурри насуфта,
Кӯдакон – рози нагуфта,
Нахлакони навдамида,
Ғунчаҳои ношукуфта.
Зиндагониро нишотанд,
Умрро оби ҳаётанд.

То ки дурҳо суфта гарданд,
Розҳо ҳам гуфта гарданд,
Нахлакон қомат фарозанд,
Ғунчаҳо бишкуфта гарданд.
Сулҳ мебояд ба олам,
Дӯстӣ бар насли одам!

## ХОКИ ВАТАН

Азоби гӯрро танҳои танҳо мурда медонад,
Ғаму дарди ғарибиро ватангумкарда медонад.

Чу дар хоки Ватан бошӣ, надонӣ лаззати ғамро,
Зи ғам лаззатбариро қалби ғампарварда медонад.

Гадоӣ дар Ватан болост аз шоҳӣ ба мулки ғайр,
Ба сар чун бурд инро шоҳ, ё ки барда, медонад.

Ҷудоӣ чист, нокомӣ чи сон дарду алам дорад,
Арӯси интизори монда пушти парда медонад.

Ҳавою ҳасрати бӯи диёри хеш вақти назъ
Кафи хоки Ватан шахси ба худ н-оварда медонад.

Азоби гӯрро танҳои танҳо мурда медонад,
Ғаму дарди ғарибиро ватангумкарда медонад.

## МАНУ ВАТАН

Эй кишвари чу гулшан,
Бар ҷони ман ту ҷавшан,
Ҳамқисматему ҳамтан,
Ман бо тую ту бо ман.

Дар рӯзи шодию ғам,
Дар тӯйу суру мотам,
Будем ҳарду бо ҳам,
Ман бо тую ту бо ман.

Ҳам рӯзи сахт дидем,
Ҳам тахту бахт дидем,
Бар коми дил расидем
Ман бо тую ту бо ман.

Ҳам бахти тоҷикониӣ,
Ҳам тахти тоҷикониӣ,
То ҷовидон бимониӣ,
Ман бо тую ту бо ман.

Ҳастӣ ягона гавҳар,
Сайёраро чу зевар,
Ман тифламу ту модар,
Ман бо тую ту бо ман.

Зебанда Тоҷикистон,
Мероси Оли Сомон,
Пайванд гашта бо ҷон,
Ман бо тую ту бо ман.

## БАР ҲАМА ТАБРИК ИН РӮЗИ САИД

Боз ҷашни сулҳу ваҳдат омада,
Иди истиқрори миллат омада,
Қалбҳо шодону лабрези фараҳ,
Рӯзи пурфайзу саодат омада.

Бар ҳама табрик ин рӯзи саид,
Рӯзи сулҳу бахту иқболу умед!

Ҳарду ҷониб номаи Ваҳдат навишт,
Дар сиришти ҳамдигар ваҳдат сиришт,
Бо талоши ақлҳову фазлҳо
Сулҳи миллат сабт шуд дар сарнавишт.

Бар ҳама табрик ин рӯзи саид,
Рӯзи сулҳу бахту иқболу умед!

Парчами сулҳу амонӣ шуд баланд,
Бо нидои «Муждагонӣ!» шуд баланд.
Фитрати аслии насли ориён
Тоҷиконро кард аз нав арҷманд.

Бар ҳама табрик ин рӯзи саид,
Рӯзи сулҳу бахту иқболу умед!

## ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Мо покгавҳаронем, аз насли ориёнем,
Озода мардумонем, аз асли ориёнем.
Бо ҷумла халқи дунё мо дӯстӣ намоем,
Пайғоми нур аз дур, аз васли ориёнем.

## МЕҲНАТ

Ҳар он неъмат, ки моро рӯи хон аст,
Зи файзи дасти марди деҳқон аст.
Касе заҳмат кашад, роҳат бубинад,
Зи меҳнат обрӯю шаъну шон аст.

## СУХАН

Сухан то замоне, ки ногуфта аст,
Бувад ганҷи пинҳон, ки бинҳуфта аст.
Ба андеша гӯӣ, биёрад баҳор,
Дағал гар бигӯӣ, шавад неши хор.

## СУЛҲ

Сулҳ файзи хонаи ободи мост,
Сулҳ ҷавлон кардани озоди мост.
Сулҳ бахт асту умеду орзу,
Сулҳ асли гавҳари аҷдоди мост.

## ШУКРОНА

Ризқ бошад азалӣ, гуфтаву тоқат кардем,
Ҳар чи доданд-надоданд, қаноат кардем.

Қавми кӯчӣ, ки Бухорою Самарқанд гирифт,
Рафта дар кӯҳу камар ҷои иқомат кардем.

Душмани худ ба дари хонаи худ раҳ додем,
Марҳамат, гуфта, аҷаб кори касофат кардем.

Дастҳо пеши бару бо сари хам, гардани кач,
Мо ба ҳар амр ғуломона итоат кардем.

Сари хам гарчи дами теғи адуро нагирифт,
Мо ба фарзанд чунин панд қироат кардем.

Саркашӣ кард агар гурди ватанхоҳи Ватан,
Мо варо баста бидодему хиёнат кардем.

Баъди даҳ қарн зи нав мулку ватандор шудем,
Дар сари мансабаке рӯзи қиёмат кардем.

Нисфи мо «Риш» ва қисме «Товарищ» ном гирифт,
Баҳри барҳам задани хеш «шуҷоат» кардем.

Оқибат дарк намудем хатои азалӣ,
Хайрият, боз ба ҳам омада, ваҳдат кардем.

* * *

Дар замоне, ки ҳама паҳну парешон будем,
Мулк вайронаву саргаштаву ҳайрон будем.

Чун «Ба худкарда даво нест», набудӣ чора,
Тӯдаи ғамзадаи бе сару сомон будем.

Марг дар ҳар паси девор ба сангар қоим,
Куштаи тири худу фитнаи ёрон будем.

Воизи ришкалон аз даҳан оташ мерехт,
Гӯӣ, афсуншудаи тиннати шайтон будем.

Дасти пурхуни баноҳақшударо бӯсидем,
Эҳ, чи бегурдаву беҷуръату тарсон будем.

Ҳар кучо сифлаи бешарму ҳаё «Ҳазрат» шуд,
Мо балегӯй ба ҳар нағмаи эшон будем.

Тифлакон бепадару тозаарӯсон бева,
Хору кулфатзада дар хоки ниёгон будем.

Рост будаст гапи «Гушна дарафтад бо шер»,
Ҷон ба каф аз пайи пайдои лаби нон будем.

Шаҳр вайронаву деҳот валангор шуда,
Сӯи мулки дигаре рафтаву сарсон будем.

Дар чунин даври махуфу ба чунон рӯзи сиёҳ
Миллати монда чу ашки сари миҷгон будем.

* * *

Оҳу афғони дили мо ба фалакҳо бирасид,
Он худои ҳамадон тавбаи моро бишунид.

Қасри «Арбоб»-у ба ҳам омадану ваҳдату сулҳ,
Аз ҳамон қаср яке нуру зиё гашт падид.

Гуфт Эмомалӣ Раҳмон сари минбар суханаш:
«Ба шумо сулҳ биёрам!». Шафақи сулҳ дамид!

Халқ дар киштии бишкаста ба тӯфон мерафт,
Аз ҳамон ҳарфу садо боди муродаш бивазид.

Қисмати халқу Ватан сахт ба дасташ бигирифт,
Шукр, ин киштии бишкаста ба соҳил бирасид.

Ба ҳам аз даъвати ӯ ҷамъи парешон омад,
Инчунин сулҳ ба таърих ягон халқ надид.

Хонаи сулҳу сафо кишвари тоҷик аз ӯст,
Боз бо тантана боло сари тоҷик аз ӯст.

## МОВУ ДИГАРОН

Мову гуфтору фасона аз малак,
Дигарон кашшофу фотеҳ то фалак.

Мову хатти қисмату ин қалби реш,
Дигарон созандаи тақдири хеш.

Мову баҳс аз равнақи даври куҳан,
Дигарон дар осмонҳо хаймазан.

Мову фахр аз рафтагони пурҳунар,
Дигарон имрӯзи худро чорагар.

Мову таъзиму суҷуду бандагӣ,
Дигарон дар маснади созандагӣ.

Мову лаънатҳо ба шайтони лаъин,
Дигарон дар фатҳи кайҳон аз замин.

Мову тасвири азоби гӯри танг,
Дигарон чинанд гул аз рӯи санг.

Мову аз илму ҳунар лофу газоф,
Дигарон бо сирри Кайвон дар масоф.

Мову ҷуфти гову шудгори замин,
Дигарон мушаксавору маҳнишин.

Мову бо рӯҳи ғуломӣ зистан,
Дигарон ҷӯёи қадри хештан.

Мову баҳсе аз харобии забон,
Дигарон бо лафзи худ «Шаҳнома»-хон.

Мову садҳо лофу қофу ону ин,
Дигарон бо ҷаҳди худояндабин.

Мову таҳқири асарҳои замон,
Дигарон дар мадҳи дастовардашон.

Мову гӯё дур рафтан з-асли хеш,
Дигарон имрӯзу фардову ба пеш.

Мову аҳли илму фазли хору зор,
Дигарон бо аҳли фозил бахтёр.

Мову аз кори вакилон бадгумон,
Дигарон дар интихоби оқилон.

Тоҷико, бархез аз хоби гарон,
Як назар бингар ба сӯи дигарон.

Асрҳо бигзашту шуд асри дигар,
Бар дигарҳо не, ба худ бинмо зафар.

## САВГАНД

Эй Ватан, эй мулки пуршон,
Эй макони илму ирфон,
Хоки поки ориёӣ,
Ёдгоре аз ниёгон,
Покгавҳар Тоҷикистон,
Меҳрпарвар модари ҷон.

Кишвари халқи музаффар,
Бахту иқболат муқаррар,
Бо ту мо шоду сарафроз,
Бо ту роҳи мо мунаввар,
Покгавҳар Тоҷикистон,
Меҳрпарвар модари ҷон.

Кӯҳи ту то осмон аст,
Рамзи бахти ҷовидон аст.
Обшори чашмасорат
Шири поки модарон аст.
Покгавҳар Тоҷикистон,
Меҳрпарвар модари ҷон.

Гар қасам гӯяд зи минбар
Зодаат бо шири модар,
Дар раҳи иҷрои паймон
Лозимояд, медиҳад сар,
Покгавҳар Тоҷикистон,
Меҳрпарвар модари ҷон.

## ҚАДРИ ЗАМИН

Файз мехоҳӣ агар, обу заминро қадр кун.
Ҳар ваҷаб хоки замини нозанинро қадр кун.

Тоҷикистони биҳиштӣ сарзамини пурсахост,
Хоки поки ин Ватан, ин сарзаминро қадр кун.

Зарраи хокаш ҳамебояд, ки бо зар баркашид,
Ризқу рӯзӣ медиҳад, ризқофаринро қадр кун.

Хокро деҳқон ба вақти кишт месанҷад ба каф,
Реҷаҳои неки ин ояндабинро қадр кун.

Хирмани хирвори гандум файзи дастархони мост,
Неъмати волотарини оламинро қадр кун.

Чени рӯи каф замини киштро холӣ намон,
Дон, ки худ «Нонреза ҳам нон аст», инро қадр кун.

Чун заминро хор нанмоӣ, нагардӣ хор ҳеҷ,
Хонаат обод бодо, ин заминро қадр кун!

## КАЛОМИ ДӮСТӢ

Меҳр дар дил аз каломи дӯстӣ сар мешавад,
Гар сухан аз сидқ бошад, шаҳду шаккар мешавад.

Нури дида, тоҷи сар! Эй дӯстон, хуш омадед!
Аз нигоҳи дӯст қалби мо мунаввар мешавад.

Эй чӣ хуш гуфтаст шоир: «Дӯстонро гум макун»,
Боғи дил бо дӯстон сабзу муаттар мешавад.

Меҳри мо дар чашм рахшиду ба дил маъво гирифт,
Дар фазои қалбҳо тобанда ахтар мешавад.

Чор ақсои заминро Одаму Ҳавво якест,
Халқи олам ҳамсадо рӯзе саросар мешавад.

Бо навои дӯстӣ зебанда шуд ин анҷуман,
Сулҳу ваҳдат аз мароми мо музаффар мешавад.

Тоҷикистон ваҳдатободи ҷаҳон гардидааст,
Ҳар кӣ бошад сулҳҷӯ, бо мо бародар мешавад.

## ИСТИҚБОЛИ АЗИЗОН

Аз қудуми дӯстон дар мазраи ҷон гул шукуфт,
Киштаҳои меҳри мо шуд файзрезон, гул шукуфт.

Хайра мақдам, аҳли илму фазлу шеъру шоирӣ,
Ҷодаҳои шаҳри мо шуд чун гулистон, гул шукуфт.

Гарчи фасли гулшукуфтанро баҳорон гуфтаанд,
Қудрати дидорро бин, дар зимистон гул шукуфт.

Меҳратон дар чашм рахшиду ба қалби мо нишаст,
Хонаи дилҳо чароғон гашт аз он, гул шукуфт.

Гулшукуфти рӯзгори мо зи Истиқлоли мост,
Мужда, эй дил, дар тамоми Тоҷикистон гул шукуфт!

## ДӮСТӢ САРҲАД НАДОРАД

Чун сабук чанг аст, дар гардун ба ҷавлон мешавад,
Гавҳари қиматбаҳо дар қаър пинҳон мешавад.

Боди афғонӣ агар як рӯз болои сар аст,
Рӯзи дигар зери по ин хоки гардон мешавад.

Сарвари ҳар як қаламравро фаросат лозим аст,
В-арна кори ӯ касоду халқ сарсон мешавад.

Ҳақшиносон «Дӯстӣ сарҳад надорад» гуфтаанд,
Аз садоқат меҳр дар дилҳо фурӯзон мешавад.

Сӯи мо гоҳо ҳасудон хокпошӣ мекунанд,
Тира кай з-ин рӯи поки Тоҷикистон мешавад.

Сарзамини чун биҳишти мо намегирад ғубор,
Аз насиме боз чун ойина рахшон мешавад.

Гар кунад ҳамсоя бо ҳамсоя ноҳақ душманӣ,
Худ гирифтори итобу қаҳри Яздон мешавад.

Асрҳо шуд тоҷику ӯзбек бо ҳам тавъаманд,
Гӯшт аз нохун ҷудо ҳаргиз на осон мешавад.

Ҳар палиде, ки ҷудоӣ байни мо меафканад,
Дар назарҳо хор чун хори мағелон мешавад.

## ИН ҶОСТ МАСКАНИ НУР

Дар ҷашни Тоҷикистон ҳар сӯ шукуфта лола,
Бардор ҷоми рамзӣ бо косаю пиёла.

Дар олами тамаддун мо миллати бузургем,
Давлат ба номи тоҷик сабт аст дар рисола.

Аз ҳай-ҳайи ҳасудон набвад варо газанде,
Маҳкам чанори барҷост ин нахли бистсола.

Чашмат кушову бингар бар пешрафти кишвар,
Дар бист сол бинӣ рушди дувистсола.

Ин ҷост маскани нур, ин ҷост мулк маъмур,
Бар ҳусни дилнишинаш як олам аст вола.

Кӯчак касе бигӯяд ин кишвари биҳиштӣ,
Муште бизан ба ҷоғаш бе ҳеҷ истиҳола.

Бегона гар зи кина монад ба бад замина,
Гӯ, аз ҳасад бимирад бо оҳу воҳу нола.

Рӯбаҳ, ки пир гардад, зори панир гардад,
Бо макру ҳила ҷӯяд аз ҳар тараф навола.

Бадбахти нотавонбин гар гаштааст ғамгин,
Аспу аробаашро з-ин ҷо кунад кашола.

Мо покгавҳаронем, мо тоҷбарсаронем,
Мо роҳи Ҳақ пазирем, бад бар Худо ҳавола.

## ДУШАНБЕ

Душанбе, Душанбе,
Аҷаб дилфиребӣ,
Ба паҳнои олам
Чу гулшан базебӣ.

Канорат фараҳбахш,
Самоят пурахтар.
Насимат гулобӣ,
Ҳавоят муаттар.

Ягон гӯшаи даҳр,
Ягон шаҳри дунё
Набошад ба мислат
Қашангу дилоро.

Занад набзи Меҳан
Ба набзат баробар,
Туӣ тахти миллат,
Туӣ бахти кишвар.

Туӣ шаҳри сулҳу
Сафою амонӣ,
Газанде набинӣ
Дигар ҷовидонӣ.

## ШАҲРИ СУЛҲ

Эй Душанбе, шаҳри истиқрори сулҳ,
Шаҳри илму донишу афкори сулҳ.

Мардумонат толиби сулҳу сафо,
Дар муҳаббат устувору бобақо,
Ҷоннисори дӯстии бегазанд,
Ҳар яке дар роҳи ваҳдат ҷонфидо.

Эй Душанбе, шаҳри парчамдори сулҳ,
Шаҳри илму донишу афкори сулҳ.

Сулҳпарвар тифли беозори ту,
Пуштибони сулҳ пири кори ту.
Сулҳхоҳу сулҳҷӯ бошандаат,
Сулҳ бошад дар ҳама пайкори ту.

Эй Душанбе, шаҳри нусратёри сулҳ,
Шаҳри илму донишу афкори сулҳ.

Пойбарҷо мондаӣ иқдоми сулҳ,
Бар ҷаҳон аз ту расад пайғоми сулҳ,
Номи ту, эй шаҳри сулҳу дӯстӣ,
Ҷовидон шуд ҳамрадифи номи сулҳ.

Эй Душанбе, шаҳри бархурдори сулҳ,
Шаҳри илму донишу афкори сулҳ.

## ФАВВОРАҲОИ ПОЙТАХТ

Фавворахо, фавворахо,
Рахшанда гавҳарпораҳо,
Тобанда ахтарпораҳо,
Ҳар қатра чун зарпораҳо.

Печон чу мӯи духтарон,
Ғалтон чу мӯи духтарон,
Фавворахои пойтахт
Хушрӯ чу рӯи духтарон.

Фавворахо мавҷакзанон,
Исторахо чашмакзанон,
Гул мекунад оташ дар об,
Дар шаб дамад тиру камон.

Фавворахо хушманзара,
Резон ба мисли шаршара,
Бар шаҳр меояд насим
Гӯё, ки аз кӯҳу дара.

Вақте ба боло мепаранд,
Гӯӣ, ки аз як пайкаранд,
Бо ҷилваи рангобаранг
Фавворахо дил мебаранд.

Бо қатраҳои нуқравор,
Бо рез-резӣ обшор,
Фавворахои пойтахт
Зебандаанду хушгувор.

Фавворахо, фавворахо,
Рахшанда гавҳарпорахо,
Тобанда ахтарпорахо,
Ҳар қатра чун зарпорахо.

## ГУЛСАНАМҲОИ ДУШАНБЕ

Ҷилваи қадди расо дил мебарад,
Нозукии ишваҳо дил мебарад,
Бо ишора, бо имо дил мебарад,
Мекунад обу адо, дил мебарад.
Гулсанамҳо рақси хушрӯ мекунанд,
Ҷашни моро боз дилҷӯ мекунанд.
Тӯй дорад пойтахти тоҷикон,
Маснади волою тахти тоҷикон,
Барқи чашми гулсанамҳоро бубин,
Мужда меорад зи бахти тоҷикон.
Гулрухон арғушти мавзун мекунанд,
Ҷумларо бар хеш мафтун мекунанд.

Рӯи майдон рақси ахтарро бубин,
Дар маҳи рӯ зулфи анбарро бубин,
Печутоби нахли навбарро бубин,
Гулфишон домони пар-парро бубин.
        Рақси зебо, рақси дилҷӯ мекунанд,
        Ҷони моро бастаи мӯ мекунанд.
Эй Душанбеи азизу меҳрубон,
Эй Душанбе, шаҳри сулҳи тоҷикон,
Гулсанамҳоят чу ҳуранду парӣ,
Эй Душанбе, эй биҳишти ҷовидон.
        Гулсанамҳо рақси мавзун мекунанд,
        Ҳусни шаҳри хеш афзун мекунанд.

## ДИЛИ ВАТАН

Шаҳри шаъну шарафи пиру ҷавон,
Шаҳри илму ҳунару фазли замон.
Ҳар гаҳе номи ту гирам ба забон,
Шаҳд гардад суханам дар даҳанам.
        Эй Душанбе, дили зебо Ватанам,
        Ҳусни ту карда дилоро Ватанам.

Пояи маснаду аркони Ватан,
Мазҳари рӯҳи бузургони Ватан,
Ту дилӣ , дар ту бувад ҷони Ватан,
Набзи ту ҳаст мароми Ватанам.
        Эй Душанбе, дили зебо Ватанам ,
        Ҳусни ту карда дилоро Ватанам.

Шаҳри зебандаву гулранг туӣ,
Чамани мурғи хушоҳанг туӣ.
Маскани мардуми бонанг туӣ,
То абад меҳри ту аз дил наканам.
        Эй Душанбе, дили зебо Ватанам,
        Ҳусни ту карда дилоро Ватанам.

Ҳар тараф сабзаву гул, оби равон,
Пок ҳар ҷодаи ту ойинасон,
Нур борад ба сарат рӯзу шабон,
Ту биҳишти ману боғу чаманам.
Эй Душанбе, дили зебо Ватанам,
Ҳусни ту карда дилоро Ватанам.

## БА САРҲАДБОН

То ҳаёту меҳнати мо бехатар бошад мудом,
Ханда дар лабҳои мо то пуршарар бошад мудом,
Дӯстӣ то пешаи аҳли башар бошад мудом,
Парчами сулҳу амонӣ ҷилвагар бошад мудом,
Марзбони кишварам бо ифтихор истодааст,
Дилқавию сулҳҷӯю устувор истодааст.

Ҳар касе бо меҳри дил меҳмони халқи мо шавад,
Нахли сулҳу дӯстиро з-ин чаман ҷӯё шавад,
Дӯстро маъво ҳамеша дидаю дилҳо шавад,
Қадри ӯ дар назди халқам боз ҳам боло шавад,
Марзбони кишварам гулдаста тақдимаш кунад,
Дастагул бо дӯстӣ пайваста тақдимаш кунад.

Ҳар касе бо чашми бад созад ба сӯи мо назар,
Ё ки хоҳад заррае орад ба мулки мо зарар,
Мешавад аз дасти сарҳадбони мо бе болу пар,
Қасди ҳар як фитнаҷӯро мекунад зеру забар.
Чунки ин ҷо марзбон тоҷикписар истодааст,
Меҳр дар дил, ҷон ба каф, синасипар истодааст.

Марзбони кишварам, зӯру мадори ин Ватан,
Дар набарди ҷабҳаҳо овозадори ин Ватан,
Эй саодатманд насли номдори ин Ватан,
Гашта бо азми матинат ифтихори ин Ватан,
То ҷаҳон боқист, кору номи некат зинда бод!
Достони қаҳрамониҳои ту поянда бод!

## ЛАШКАРИ ТОҶИКОН

Саф ба саф дар қатор,
Бошараф, бовиқор,
Дар дифои Ватан
Ҳамчу кӯҳ устувор.

*Нақарот*:
Аскари тоҷикон,
Афсари тоҷикон,
Ҷонфидо, ҷоннисор
Лашкари тоҷикон.

Рӯзу шаб дар камин,
Босуботу матин,
Қалбҳо пуршарар,
Чашмҳо тезбин.

*Нақарот:*

Зӯру пуриқтидор,
Рустами корзор,
Ӯ ба савганди худ
Содиқу устувор.

*Нақарот:*

Зидди хасми Ватан,
Сафдару сафшикан,
Қасди ҳар фитнаҷӯ
Мекунад решакан.

*Нақарот:*

## МО ЛАШКАРИ СУЛҲЕМ

Мо аскари миллат,
Мо афсари миллат,
Дар хизмати халқем
Бо меҳру садоқат.
    Мо лашкари сулҳем,
    Дар сангари сулҳем.

Мо насли ҷавонем,
Пурзӯру тавонем,
Бар селаи душман
Чун сели дамонем.
    Мо лашкари сулҳем,
    Дар сангари сулҳем.

Тоҷикбачагонем,
Гурдони замонем,
Дар сангари номус
Мо шери жаёнем.
    Мо лашкари сулҳем,
    Дар сангари сулҳем.

Дар кишвари сулҳем,
Фатҳовари сулҳем,
Таърих гувоҳ аст,
Мо чокари сулҳем.
    Мо лашкари сулҳем,
    Дар сангари сулҳем.

## ПАРЧАМИ ҚИСМ

Парчами қисми мо,
Ҷони мо, ҷисми мо,
Ифтихору шараф,
Шӯҳрати исми мо.

Тарҳи он лолагун,
Ҳарфҳо зарнигор,
Рамзи мардонагӣ,
Қуввату иқтидор.

Пеши саф, рӯ ба он,
Карда савганд ёд,
Мо ба он содиқем
То абад, умрбод.

Баҳри ҳифзаш ҳама
Ҷон сипар мекунем,
Бар адӯи Ватан
Мо зафар мекунем.

## ДАЪВАТ

Эй ҷавонони саодатманд, илм азбар кунед,
Диди худро бо тақозои замон дигар кунед.

Бо камоли донишу созандагию маърифат
Хусравона тоҷи аҷдодии худ бар сар кунед.

Кор гиред аз сари ақлу фаросат дар ҷаҳон,
Қадри худ, ҳар қадр битвонед, болотар кунед.

Бо талошу кӯшишу исботи фарҳанги асил
Хешро дар анҷуманҳо соҳиби минбар кунед.

Хотири Хайёму Фирдавсию Синои бузург
Дар сари илму ҳунар бозор чун маҳшар кунед.

Пандҳои Рӯдакиро чун силоҳи ному нанг
Гаҳ сипар созеду гоҳе найзаву ханҷар кунед.

Рустами айёми худ бошед, тоҷикбаччаҳо!
Дар масофи нанг азми Коваи сафдар кунед!

Бо матонат, бо шуҷоат, бо заковат, бо адаб
Носипосонро ба ҳар ҷо мулзаму музтар кунед!

Сархамӣ дар пеши бадхоҳи ҷаҳолатпеша бас!
Ҳифз гулзори Ватан аз қасди «гову хар» кунед!

Зидди каждумҳои зери бӯрё бо ҳам шавед,
Ҷаҳд баҳри дафъи хоинҳои иғвогар кунед.

Не араб гӯеду не турку на чинию ҷапон,
Хешро созандаи ояндаи кишвар кунед.

Баҳри истиқлоли миллат, баҳри ҳифзи ин Ватан
Саф ба саф, якҷону тан ҷо дар бари Сарвар кунед.

## БАҚОИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ

Ин қадар рангинбаён лаҳни дарӣ,
Ин қадар ширин забони модарӣ,
Рост гуфта: «Лафзи шеъру дилбарӣ»,
Аз такаллум карданаш лаззат барӣ.

Шаҳди шири хӯрда андар кӯдакист,
Марҳами Синою панди Рӯдакист,
Дар набарди беамони ҳасту нест
Қисмати мо бо забони мо якест.

Ин забон бо аллаҳои модарон,
Бо таровишҳои меҳри бекарон,
Қатра-қатра, ҳамчунон рӯҳу равон,
Ҷо шуда моро ба мағзи устухон.

Ин забон моро бақои миллат аст,
Ин забон моро низоми давлат аст,
Ин забон моро зи нури раҳмат аст,
Ин забон моро зи нақди ҷаннат аст.

Арҷ мебояд ба он бигзоштан,
Эҳтиромаш чун алам афроштан,
Ҳарфи меҳрашро ба дилҳо коштан,
Ҷовидон поку муқаддас доштан.

## ЗАБОНИ БИҲИШТӢ

Он замон, ки Холиқи арзу само
Кард бо эъҷоз инсонро ато,
Тоҷикона номи он «Одам» ниҳод,
Лафзи тоҷикро чунин оғоз дод.

Аввалин Инсон – Набии аввалин
Тоҷикона номи «Одам»-ро гирифт.
Аз биҳишт омад забони тоҷикӣ,
Бо латофат рӯи оламро гирифт!

Ҳарф мегӯӣ агар бо ин забон,
Ҳам даҳону ҳам суханро пок дор.
Чунки бар мо армуғони ҷаннатист
Ин забон аз раҳмати Парвардигор.

## ҶАВШАНИ МО

То забон пайванд бо тақдири мост,
Гавҳари мо, ганҷи мо, иксири мост.

Дар набарди ҷовидони неку бад
Ҷавшани мо, сангари мо, тири мост.

Реша дар ҷон дораду дар мағзи ҷон,
Модарон гӯянд, к-он аз шири мост.

Забти олам нест дар мавҷуди мо,
Шеъри мо сайёди оламгири мост.

Ҳеҷ халқе бе забон миллат нашуд,
Мояи ҳастии мо, тадбири мост.

Тозаю озода доремаш нигоҳ,
Ҳусни он ойинаи тасвири мост.

## МОЯИ ТАҚДИР

Дар сухан бисёр ботадбир мебояд шудан,
Марҳами қалби ҷавону пир мебояд шудан.

Мебарад дил бо каломи хуш касе, ки оқил аст,
Бо сухан дар маснади тасхир мебояд шудан.

Лафзи мо сад тобише дорад ба ҳангоми баён,
Гоҳ чун ҷавшан, гаҳе чун тир мебояд шудан.

Хушзабонӣ морро аз хонааш орад бурун,
Бо сухан фармонраво бар шер мебояд шудан.

Ҳеҷ бошад кишвареро забт кардан бо силоҳ,
Бо каломи хеш оламгир мебояд шудан.

Тоҷик асту Тоҷикистон, то забонаш зинда аст,
Соҳиби ин мояи тақдир мебояд шудан.

## ГАНҶИ ШОЙГОН

Тоҷике, ки нанг дорад,
Донишу фарҳанг дорад,
Баҳри ӯ ҳастӣ муқаддас,
эй забони модарӣ,
Баҳри ӯ аз ҷамъи моли
рӯи дунё бартарӣ.

Ҳамчу миллат бо забон
мо зиндаем,
Ҳамчу соҳибдавлатон
пояндаем.
Бо чунин мероси монда
аз ниёгон ёдгор
Мо равон то ҷовидон,
рӯ ҷониби ояндаем.

Ҳеҷ халқе бе забон миллат нашуд,
Ҳеҷ мулке бе забон давлат нашуд,
Ҳастии моро сабаб бошад забон,
Миллати мо тан, забон бошад чу ҷон.

Ин забонро бо садоқат,
бо муҳаббат,
Чун зиёи шамси Ховар,
Ҳамчу нури моҳу ахтар,
Ҳамчу шири софи Модар,
Ҳамчу ганҷи шойгон,
Чун нишон аз Ориён,
Ҳамчу ҷону нури имон,
Мисли нон бояд муқаддас доштан,
Пок барояндагон бигзоштан!

## ШАҲСУТУНИ МАЪРИФАТ

Ҷамъият бо донишу фарҳанг солим будааст,
Нурбахши дидаю дилҳо муаллим будааст.
Тифли ноогоҳро доною оқил мекунад,
Заҳматаш на камтар аз сад кори олим будааст.

Хоксориҳои ӯ фазлу бузургиҳои ӯст,
Дафтару килку китобаш давлату дунёи ӯст.
Ҳарфи нав дар зеҳни шогирдон пару болаш диҳад,
Аз сари инсоф, ҳамчун тоҷ дар сар ҷои ӯст.

Эй азизон, ҳар чӣ медонем, аз ҷаҳди вай аст,
Ҳарфро бурро, ки мехонем, аз ҷаҳди вай аст.
То ба дарсаш омадан чун кӯру гунгу кар будем,
Ин замон, ки пурра инсонем, аз ҷаҳди вай аст.

З-ин сабаб дорам азизаш, хоки пояш мешавам,
Садқа бар ҳар нуктаву ҳарфу ҳиҷояш мешавам.
Гарчи аз ҷонам ба ман мому падар волотаранд,
Беш аз мому падар андар санояш мешавам.

Шаҳсутуни равнақи дунё – муаллим зинда бод!
Устоди ҷумла миллатҳо – муаллим зинда бод!
«Бе мураббӣ зери гардун мӯътабар натвон шудан»,
То абад ин олами мо бо муаллим зинда бод!

## ИЛМ ВА ОЛИМ

Илм ба дил нуру сафо медиҳад,
Ҷавҳари он ақли расо медиҳад.

Маҳфили илм аст чу боғи биҳишт,
Бар тану бар рӯҳ ғизо медиҳад.

Олими дилсофу худотарс бош,
Тарси Худо қалб ҷило медиҳад.

Илм чу андӯхта, ҷӯӣ тамаъ,
Довари фардо-т ҷазо медиҳад.

Илму амал ҳарду ба ҳам тавъаманд,
Саъй кунӣ, бар ту Худо медиҳад.

Кашфи ту дар илм ҳама ҳукми Ӯст,
Он чи худаш хост, туро медиҳад.

## ФАРҚ

Он туӣ, бо замона месозӣ,
Ин манам, ки замона месозам.

Майл дорӣ ту сӯи пастиҳо,
Ҳаст уқобона авҷи парвозам.

Бе набарде ту мешавӣ таслим,
Бе мубориза ман намебозам.

Ту ба амволи хеш менозӣ,
Ман ба ҳар шеъри тоза менозам.

Ту ҳамонӣ, ки мекунӣ таъзим,
Ман ҳамонам, ки сар барафрозам.

Баъди мурдан ту бенишон гардӣ,
Мурданам бошад аз нав оғозам.

## ШОИРӢ

Аз танӯри шеър то нон меканӣ,
Порае аз қалби сӯзон меканӣ.

Сахту сангин аст роҳи шоирӣ,
Санги хороро ба дандон меканӣ.

Ҳар ҳиҷо, ҳар қофия, ҳар як радиф,
Лаълро гӯё, ки аз кон меканӣ.

Дар мизони вазн дилхун мешавӣ,
Дар низоми ҳар сухан ҷон меканӣ.

Ҳарфу маънӣ то таносуб оварӣ,
Лахчаи сӯзон ба миҷгон меканӣ.

Сатрҳо байту ғазал то мешаванд,
Дар замин ҷон мисли деҳқон меканӣ.

Боғи шоир мева бо заҳмат диҳад,
Ту магӯ з-он мева осон меканӣ.

## ШЕЪРРО СОДАЮ ОЗОДА БИГӮ

Шеър дар сабки навин мӯъҷазу озода бигӯ,
То нишинад ба диле, лутф намо, сода бигӯ.

Маънии асл макун дар паси сад парда ниҳон,
Сухани тоза ба ранги гули бикшода бигӯ.

Қисса аз дарду ғаму ҳоли парешон то кай?
Ҳарфи хуш аз лаби ёру қадаҳу бода бигӯ.

Бош огоҳ зи қасду ҳадафи мардуми ғайр,
Шукр аз деҳаяке, ки шудаӣ зода, бигӯ.

Бо ҳасад васф макун тарзи ҳаёти дигарон,
Ту аз ин обу аз ин хоку аз ин ҷода бигӯ.

Ҳарф агар аз шарафу шони Ватан мегӯӣ,
«Ҷон сипар карда ба ҳифзаш манам истода» бигӯ.

Гар ҳамин нест туро меҳр, бирав бо раҳи худ,
Сухан аз гарди раҳи гову хару пода бигӯ.

## САБАБИ ҲАСТӢ

Тозагӣ шеваи афроди бааслу насаб аст,
Поку озода будан дар ҳама кор аз адаб аст.

Тоҷико, бой зи обию надонӣ қадраш,
Дар сари оби ҷаҳон ҷангу ҷидолу шағаб аст.

Эй, ки аз ҷӯй бинӯшию куни ифлосаш,
Аз чунин бебасарӣ балки Худо дар ғазаб аст.

Зиндаю мурдаи мо пок ба шустан гардад,
Об дар олами фонию бақо дар талаб аст.

Лаҳзаи кандани ҷон, гарчи ту Қорун бошӣ,
Аз ҳама моли ҷаҳон чакраи обе ба лаб аст.

Ин ҳама оби равоне, ки ба кишвар ҷорист,
Поку озода бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст.

## РОҒУН КАЛИДИ БАХТ АСТ

Бунёди НОБ-и Роғун–армони миллати мо,
Нерӯи он физояд нерӯю қудрати мо.
Роғун навиди бахт аст, Роғун калиди бахт аст,
Боби наве кушояд дар рушди давлати мо.

Аз Суғду аз Бадахшон
Бархез, эй ҷавонмард!
Аз Рашту мулки Хатлон
Бархез, эй ҷавонмард!
Аз Вахши зарнисорӣ,
Аз водии Ҳисорӣ,
Гар нангу ор дорӣ,
Бархез, эй ҷавонмард!

Бо шасти рустамона, бо ҷидду ҷаҳди Фарҳод,
Бо нанги тоҷикона ин НОБ соз бунёд,
Роғун навиди бахт аст, Роғун калиди бахт аст.
Оянда Тоҷикистон гардад зи барқаш обод.

Аз Суғду аз Бадахшон
Бархез, эй ҷавонмард!
Аз Рашту мулки Хатлон
Бархез, эй ҷавонмард!
Аз Вахши зарнисорӣ,
Аз водии Ҳисорӣ,
Гар нангу ор дорӣ,
Бархез, эй ҷавонмард!

Аз рӯду ҷӯю чашма сероб кишвари мост,
Ҳар қатраи зулолаш покиза гавҳари мост.
Роғун навиди бахт аст, Роғун калиди бахт аст,
Сарбанди НОБ-и Роғун чун ҳавзи Кавсари мост.

Аз Суғду аз Бадахшон
Бархез, эй ҷавонмард!
Аз Рашту мулки Хатлон
Бархез, эй ҷавонмард!
Аз Вахши зарнисорӣ,
Аз водии Ҳисорӣ,
Гар нангу ор дорӣ,
Бархез, эй ҷавонмард!

## БУНЁД ШАВАД РОҒУН

Бин ҷониби тоҷик назари лутфи худоро,
бо нек нигоҳе,
Бинмуда ато ваҳдату ҳам сулҳу сафоро,
бо амри илоҳӣ.

Дар сангари номуси Ватан халқ ба ҷаҳд аст,
андар сари аҳд аст,
Роғун шавад обод – диҳад нуру зиёро.
рахшанда чу моҳе.

Наврӯзи Ватан омада бо чеҳраи тобон,
                    бо файзи фаровон,
Бар рӯи замин рехт ҳама ганҷи саморо,
                    бо сабзгиёҳе,

Ағёр, ту беҳуда машав хори сари роҳ,
                    бо нолаву бо оҳ,
Ҳаргиз натавонӣ, ки бигирӣ раҳи моро,
                    бо фикри табоҳе.

Ҳар тоҷику ҳар сокини ин кишвари маҳбуб
                    дорад амали хуб,
Бо тантана гӯяд сухани аҳду вафоро,
                    каҷ монда кулоҳе.

Бо Сарвари созанда ба оянда равон аст,
                    равшан раҳи он аст,
Дар кишвари ҷаннатсифати хубу гуворо,
                    дар маснади шоҳӣ.

## САҲМДОРӢ ШАРАФ АСТ

Саҳмдории Роғун
Ҳиммату шараф бошад,
Сохтмони НОБ-и он
Баҳри мо ҳадаф бошад,
Дар набарди бунёдаш
Халқ саф ба саф бошад,
З-ин талошу з-ин пайкор
Ҳар кӣ бетараф бошад,
Ё зи аҳли эҳсон нест,
Ё зи Тоҷикистон нест!

Бо ҳидояти Сарвар
Халқ бо ҷадал бархост,
Дар набарди созанда
Турфа корзор орост,
Ҳамдиласту ҳаммақсад,
Ҳаммарому ҳаммаъвост,
Дар чунин талошу разм
Ҳар касе ҷудо аз мост,
Ё каси бавиҷдон нест,
Ё зи Тоҷикистон нест!

Кӯҳу барзани Роғун
Арсаи фидокорист,
Пешрафти кори он
Файзи дасти бисёрист,
Азму ғайрату номус,
Сабқат асту пайкорест,
Дар чунин ҷиҳоди нур
Ҳар касе, ки бо мо нест,
Ё ки марди майдон нест,
Ё зи Тоҷикистон нест!

Мо тифоқу ҳамдастем,
Ин Ватан кунем обод,
Аз вуҷуди рӯди Вахш
Нур мекунем эҷод,
Бо талошу саҳми мо
НОБ мешавад бунёд,
Ҳар кӣ аз сабукборӣ
Саҳми худ дар он нанҳод,
Ё бананг инсон нест,
Ё зи Тоҷикистон нест.

## НАВРӮЗИ РОҒУН

Наврӯзи Роғун, марҳабо,
Бар дашту ҳомун марҳабо,
Гулрез мемонӣ қадам,
Зебою мавзун, марҳабо.

Рангобарангу махмалин ,
Аз сабза қолини замин ,
Шуд кӯҳу пушта нозанин,
Наврӯзи Роғун аст ин .

Роғун умеди халқи мо,
Бахти сафеди халқи мо,
Наврӯзи гулгардони он
Зебанда иди халқи мо.

Бо кокулони обшор,
Бо мавҷи Вахши беқарор,
Гул медамад дар ҳар канор,
Гул медамад дар корзор.

Кохи бузурги асри мост,
Ҳам маснаду ҳам қасри мост,
Сардафтари эъҷозҳо
Дар сатри назму насри мост.

Наврӯзи Роғун, марҳабо,
Бар дашту ҳомун марҳабо,
Гулрез мемонӣ қадам,
Зебою мавзун, марҳабо!

## ХАЛҚИ БОСАХОВАТ

Бидон, эй ҳамватан, эй хонаобод,
Туро Сарвар бувад марди худодод,
Ба ту овард рӯ бо хотири шод:
Ба саҳми хеш Роғун соз бунёд.
Калиди фатҳу нусрат мешавад он,
Навиди бахти миллат мешавад он.

Ҳама бо амри Сарвар ҳамсадо шуд,
Ҳама саҳмиядори босахо шуд.
Худи Сарвар ба мардум раҳнамо шуд,
Аҷаб ҳамбастагӣ дар байни мо шуд.
Шуда рамзи садоқат НОБ-и Роғун,
Нишоне аз саодат НОБ-и Роғун.

Сари нанг омада фарҳодҳоянд,
Ба қудрат синаи кӯҳ мекушоянд,
Ба рӯди Вахш ҳам пирӯз оянд,
Шукӯҳу шони кишварро физоянд.
Диҳад бар Тоҷикистон барқ Роғун,
Ба мисли офтоби шарқ Роғун.

## ПАЙҒОМИ НУСРАТ

Ин замон аз кӯҳи Роғун сӯри Ваҳдат мерасад,
Аз ривоҷи корҳо пайғоми нусрат мерасад.
Пешво бо даъвати худ кард моро муттаҳид,
Аз ҳама атроф саҳми халқу миллат мерасад.

Бо набарди хеш мардум нур эҳё мекунад,
Тоҷикистонро биҳишти рӯи дунё мекунад.

Саҳм бигзорад ба Роғун пиру барно, марду зан,
Саҳм бигзорад ба он ҳар фарди бонанги Ватан,
Тифлакон ҳам бо ҳавас гӯянд аз Роғун сухан,
Ҷабҳаи шаъну шараф бошад ба ҳар соҳибватан.

Бо набарди хеш мардум нур эҳё мекунад,
Тоҷикистонро биҳишти рӯи дунё мекунад.

Мардуми озодаи бо аҳду паймонем мо,
Иттиҳоду ҳаммарому ҳамтану ҷонем мо,
Даст бо ҳам дода халқи Тоҷикистонем мо,
Чархи Роғунро ба азми хеш гардонем мо,

Бо набарди хеш мардум нур эҳё мекунад,
Тоҷикистонро биҳишти рӯи дунё мекунад.

## МО ҲАМА САҲМГУЗОРИ РОҒУН

Дӯстон, Соли Паланг омадааст,
Соли санҷидани нанг омадааст,

Нанги мо сохтани Роғун аст,
Набзи мо дар бадани Роғун аст.

Саҳнаи ғайрату ҳиммат шудааст,
Арсаи номуси миллат шудааст.

Баҳри шаъну шарафу шони Ватан,
Баҳри фардои дурахшони Ватан,

Мехарад саҳмияро фарди баор,
Мехарад саҳмияро аҳли диёр.

Мешавад саҳмиядораш зану мард,
Мешавад саҳмгузораш зану мард.

Баст Роғун камари ғайрати халқ,
Мешавад сохта бо ҳиммати халқ.

Баҳри ҳар тоҷики бо ору ба нанг
Мешавад соли зафар Соли Паланг.

## КОРЗОРИ ИФТИХОР

Саҳни Роғун корзор аст,
Корзори ифтихор аст,
Ҷабҳаи номуси миллат,
Арсаи нанг асту ор аст.

Ҷаҳди эҷод аст ин ҷо,
Азми бунёд аст ин ҷо,
Кӯҳро дар ларза орад,
Зӯри Фарҳод аст ин ҷо.

Рамзи ваҳдат гашта Роғун,
Авҷи ҳиммат гашта Роғун,
Чун калиди бахту иқбол,
Пайки нусрат гашта Роғун.

Ҷумла ин ҷо зарбдоранд,
Қаҳрамони корзоранд,
Рӯдро дар банд оранд,
Обро боло бароранд.

Мавҷ андар мавҷ дарё,
Карда дигар роҳи маҷро,
Чархи барқиро битобад,
Об оташ гардад ин ҷо.

Рӯдбори баҳри Роғун
Меравад бар дашту ҳомун,
Файзи кишвар, набзи Меҳан
Мешавад афзуну мавзун.

Оби Роғун нур гардад,
Ғам зи дилҳо дур гардад,
Тоҷикистони биҳиштӣ
Дар ҷаҳон машҳур гардад.

## САНГАРИ НОМӮСИ МИЛЛАТ

Миллати бо нангу бо номӯсу бо орем мо,
Ҷавҳари мардонагӣ дар асли худ дорем мо,
Баҳри мо бунёди Роғун имтиҳони зиндагист,
Дасти ҳам бигрифтаву қодир ба ҳар корем мо.

Азму разми тоҷикона мо ба майдон мекунем,
Чархи Роғунро ба дасти хеш гардон мекунем,
Мерасад нуру зиёи он ба ҳар як хонадон,
Тоҷикистонро саросар ахтаристон мекунем.

Сангари номуси миллат саҳни Роғун гаштааст,
Саҳмдоронаш зи марду зан бас афзун гаштааст,
Ҳар касе, ки нанг дорад, ҳисса бигзорад ба он,
Халқи олам ҷаҳди моро дида, мафтун гаштааст.

Бо набарди халқ Роғун нурборон мешавад,
Иқтидораш иқтидори Тоҷикистон мешавад,
Рушд меёбад зи нерӯяш тамоми соҳаҳо,
Зиндагӣ осудаю ҳар мушкил осон мешавад.

## САНГТӮДА – ШАЪНИ МИЛЛАТ

*Нақарот:* Сангтӯда, Сангтӯда,
Шаъну шону нанги миллат.
Кардаӣ оғози корат
Бо садои занги миллат.
Нурборон шуд зи барқат
Чеҳраи гулранги миллат.
Гирд гардад чархи НОБ-ат
Ҷӯр бо оҳанги миллат.
Халқ васфатро сарояд
Бо рубобу чанги миллат.
Сангтӯда, Сангтӯда,
Эй, ту ному нанги миллат.

Бо имои дасти Сарвар ногаҳон ларзид кӯҳ.
Бар ҳаво боло шуду якборагӣ таркид кӯҳ,
Шуд мутеи халқ, бингар, Вахш як бори дигар,
Боз бо иқдоми мо сарбанди он гардид кӯҳ.

*Нақарот:*

Сангтӯда рамзи сулҳу ифтихори халқи мост,
Равшании хонадону нурбахши дидаҳост.
Бо талошу ҷаҳди мо чун «НОБ-и як» бунёд шуд,
Як қадам бар пеш–сӯи зиндагии босафост.

*Нақарот:*

## ВАСФИ МОДАР

Модари мӯъбнису ғамхор, бимирам дар ту.
Эй саропо гули бехор, бимирам дар ту.

Ҷонфидое ба мисолат ба ҷаҳон нест дигар,
Синаи меҳри бақодор, бимирам дар ту.

Сари гаҳвораи фарзанд нахусбӣ ҳама шаб,
Дигарон хобу ту бедор, бимирам дар ту.

Дур агар аз барат афтод даме фарзандат,
Чашми уммед ба раҳ чор, бимирам дар ту.

Аз сари меҳр дусад ҷони худат карда нисор,
Ҷони фарзанд харидор, бимирам дар ту.

Ҳамчу мӯе, ки дар оташ бифитад, печ хӯрӣ,
Гар шавад тифли ту бемор, бимирам дар ту.

Сӯзи хешон дигару сӯзиши модар дигар аст,
Ғамгусорию вафодор, бимирам дар ту.

Тоҷи шоҳони ҷаҳонро ҳама як тоҷ кунанд,
Арҷмандию сазовор, бимирам дар ту.

## ДАРДИ ТАЛХ

Ҳар кӣ меояд ба олам, рафтанист,
Ҷовидон дар ин ҷаҳон фарде назист.
Одамиро дарди бисёрест, лек
Талхтар аз марги модар дард нест.

Хонаи бе дарду бе ғам доштем
Тухми армонҳо ба дил мекоштем.
Бо муҳаббат, бо садоқат, бо ҳавас
Баҳраҳо аз умр мебардоштем.

Зиндагӣ мерафт бо маҷрои худ,
Мо ҳама хурсанд аз дунёи худ.
Буд бас хушбахт модар дар ҳаёт,
Бо ҷигарбандони беҳамтои худ.

Во дареғ, аз чархи гардон, во дареғ,
Мекунад сад хона вайрон, во дареғ.
Нест беғам ҳеҷ инсон, во дареғ.
Ҷамъро созад парешон, во дареғ.

Шуд яке бемор модар ногаҳон,
Чеҳрааш ҳамранг бо барги хазон.
Ҷумлагӣ мондем лолу ноилоҷ,
Ку давою чора бар дарди гарон?!

Дард омад, чорагар овора шуд,
Ҳам табибу ҳам даво бечора шуд.
Рӯҳи ӯ аз тан ҷудо якбора шуд,
Қалби мо аз ин алам садпора шуд.

Рӯзи мотам оҳу нола шуд баланд,
Сели ашк аз дидаҳо омад дучанд.
Мардуми аҳли гузар шуд дар ғирев,
Сӯхт дилҳои азизон чун сипанд.

Рафт модар, қалбҳо ғамнок шуд,
Аз алам ҷону ҷигарҳо чок шуд.
Дар мазори деҳи Чиртак хок шуд,
Боғи ҷаннат манзили он пок шуд.

Бо қатори турнаҳои даргузар
Солҳо рафтанд, олам шуд дигар.
Лек модар доимо пеши назар,
Ёди ӯ доғест дар ҷону ҷигар.

Ҳар сари чанде мазораш меравем,
Хонда оят, чун мадораш меравем.
Пеши гӯри лолазораш меравем,
Бишканад то ки хумораш, меравем.

Ҳар баҳор аз пушти худ орад хазон,
Даргузар умр аст чун оби равон.
Некфарзанде агар монад нишон,
Шод бошад рӯҳи поки модарон.

**ЁДЕ АЗ ПАДАР**

Шоми боронӣ падар омад ба ёд.
Он азизу мӯътабар омад ба ёд.
Ашк дар рухсораҳоям хат кашид,
Пеши ин чашмони тар омад ба ёд.

Рӯ сафед, абрӯ сафеду мӯ сафед,
Буд дар ҳаштод хушрӯ мӯсафед.
Бо сафедиҳо ҷаҳонро тарк кард,
Ай Худо, бинмой роҳи ӯ сафед!

Бишнавам аз ину он некии ӯ,
Аз ҳаќу ҳамсоягон некии ӯ.
Босаховат буд, гӯяндаш ҳама,
То кунун вирди забон некии ӯ.

Гирди ман ҷамъанд фарзандони ман,
Ҳар яке пайванди ҷисму ҷони ман.
Шукр бинмоям, вале ҳастам хиҷил,
Рафт бо ӯ даври ман, даврони ман.

Яккафарзанди азизаш будаам,
Донаку қанду мавизаш будаам.
Буд ҳар шоме маро ӯ интизор,
Шӯхаки ҳарҷогурезаш будаам.

Шоми борониву дил маҳҷури ӯ,
Мондаам бо амри қисмат дури ӯ,
Интизори омаданҳоям шудаст,
Кош, санге мешудам дар гӯри ӯ.

## ЁДИ МОДАР

Бо дили ғамзада аз модари худ ёд кунам,
Чун ятимон ба алам нолаву фарёд кунам.

Зинда буд модару ман зиндадилу шод будам,
Бо чӣ давлат, ба чӣ савлат дили худ шод кунам?

Сураташро нигарам, дар назарам зард шуда,
З-ин алам барги хазонам, ба куҷо дод кунам?

Ба сари марқади ӯ рафта нишинам ба сукут,
Хоки гӯраш ба сари хамзадаам бод кунам.

Лолаҳои сари гӯраш зи аламҳои мананд,
Ҷигарам карда қалам, ин ғазал эҷод кунам.

Ин ҳама хонаву дар зеб надорад бе ӯ,
Манзили охиратам дар бараш обод кунам.

## РӮҲИ МОДАР

Дар хоб дидам имшаб
Дидори моҳи Модар.
Дарду алам ниҳон буд
Андар нигоҳи Модар.

Дастам гирифту раҳ бурд,
«Тай-тай» бигуфту «по-по»,
Будам чу даври тифлӣ
Он бегуноҳи Модар.

Гуфто: «Азизи ҷонам,
Оҳиста рав, наафтӣ.
Дасти ту кӣ бигирад,
Эй бепаноҳи Модар?».

Гарчи гузашт сӣ сол
Аз рӯзи реҳлати ӯ,
Сӯзи ятимии ман
Омад зи оҳи Модар.

Гар бигзарам ба рӯзе
Аз ин ҷаҳони фонӣ,
Ё Раб, бидеҳ ту ҷоям
Дар хоки роҳи Модар.

## ТАЗОДИ ЗИНДАГӢ

Субҳдам пиразани деҳотӣ
Бо табар ранҷкашон чӯб шикаст.
Рафт бар ҳуҷраи сунҳору[1] писар,
Дар бағал ҳезуму гӯгирд ба даст.

Дар бухорӣ ба ҳавас монд алав,
То ки он ҳуҷра каме гарм шавад.
Баъди чанде, чу зи хобаш хезад,
Дили сунҳори наваш нарм шавад.

Дасти пирона, ки ногиро буд,
Чӯбаке гашта раҳо, зад ба замин.
Вақти бархӯрд баровард садо,
Кард бедор арӯсакро ин.

Шуда нофор зи хоби саҳарӣ,
Аз дили хеш арӯсак гузаронд:
Ҳеҷ ин пиразани гӯлу гаранг
Аз ҳамин феъли бади хеш намонд.

---

[1] Сунҳор – келин, зани писар.

Субҳ меояду бо туқ-туқи худ
Мекунад з-оғуши гармам нофор,
Кай Худо ҷони варо мегирад,
То кунам хоб саҳар беозор!

Ғами фарзанд хӯрад модари зор,
Во дареғо, ки ба қадраш нарасем,
Ба чунин феълу чунин фикру хаёл
Ба куҷо гашта равону чӣ касем?!

## НАВРӮЗУ ЁР БОШАД

Ман садқа шавам омадани Наврӯза,
Наврӯзи ҳуҷастаи ҷаҳонафрӯза,
Бо нақшу нигор чевари фасли баҳор
Дар дашту даман гули чакан медӯза.

Ид омадаву лола қадаҳдор шуда,
Аз шабнами субҳ ҷоми саршор шуда,
Ту аз рухи гул масту ман аз рӯи ту маст,
Ду маст зи ҳам тӯҳфа талабгор шуда.

Наврӯзу баҳору ҷоми саршор хуш аст,
Дар сояи сарву саҳни гулзор хуш аст,
Ин бахт агар ба кас муяссар гардад,
Медон, ки бари ёри вафодор хуш аст.

Наврӯзу баҳор чанд кишвар дорад,
Наврӯзи Ватан шукӯҳи дигар дорад,
Сар то сари сарзамини мо гулрез аст,
Гул дар бару дар домону дар сар дорад.

## НАВРӮЗ ШУД ҶАҲОНӢ

*Нақарот:* Эй дӯст, муждагонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ.
Эй ҳамдилони ҷонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ.
Эй насли ориёнӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ.
Бо савти хусравонӣ
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ.

Бо шоҳболи хуршед аз Шарқ пар кашида,
Аз даври шоҳ Ҷамшед то даври мо расида,
Наврӯзи Ориёнӣ гардид ҷовидонӣ,
Ҷашне ба ин шаҳомат рӯи ҷаҳон надида.

Гулғунча баста марҷон дар бӯстони Наврӯз,
Шуд дар само дурахшон тирукамони Наврӯз,
Як сӯй «Ҳафтсин» аст, як сӯй «Ҳафтшин» аст,
Мерос аз ниёгон дастури хони Наврӯз.

Дурдона рехт найсон, ҳар гӯша нозанин шуд,
Домони дашту саҳро аз сабза махмалин шуд,
Боғу чаман гулафшон, рангинқабо Замин шуд.
Ҳусни Аҷам гирифта, Сайёра гул барин шуд.

Ҳофиз, бихон тарона, Наврӯзи ваҳдат аст ин,
Мутриб, бизан чағона, пайки саодат аст ин,
Дар даври сайри Наврӯз «Чил кундаи дигар сӯз,
Ё шаб бигард ё рӯз», аз халқ ҳикмат аст ин.

## «ХЕЗ, КИ НАВРӮЗ ШУД»
*(суруд)*

Шом шуду рӯз шуд,
Хез, ки Наврӯз шуд.
Фасли дилафрӯз шуд,
Хез, ки Наврӯз шуд.
Ишқ гулӯсӯз шуд,
Хез, ки Наврӯз шуд.

Пайки баҳорон расид,
Нам-нами борон расид,
Накҳати райҳон расид,
Мутриби хушхон расид,
Гул чаманафрӯз шуд,
Хез, ки Наврӯз шуд.

Шохаи тар ғунча баст,
Оби равон ях шикаст,
Қақра бизад кабки маст,
Меҳр ба дилҳо нишаст,
Лола чакандӯз шуд,
Хез, ки Наврӯз шуд.

Ҷилваи духтар базеб,
Кокули пар-пар базеб,
Гул зада дар сар базеб,
Шишта лаби ҷар базеб,
Ишқ гулӯсӯз шуд,
Хез, ки Наврӯз шуд.

Ёр ба ағёр маст,
Гул ба бари хор маст,
Хор ба гулзор маст,
Мардуми ҳушёр маст,
Шом шуду рӯз шуд,
Хез, ки Наврӯз шуд.

Тантанаю тӯй шуд,
Ёр вафоҷӯй шуд,
Зулф гули рӯй шуд,
Уқдаи дил ҳӯй шуд,
Фасли дилафрӯз шуд,
Хез, ки Наврӯз шуд.

## НАВРӮЗИ ВАҲДАТ

Хуршед зар бирезад, аз арш ҳиммат аст ин,
Найсон гуҳар бирезад, файзу саховат аст ин.

Рангинқабо замин шуд, аз сабза махмалин шуд,
Ҳар гӯша нозанин шуд, ҳукми табиат аст ин.

Бигзашт сардии дай, омад баҳори хушпай,
Шуд лола соғари май, айёми ишрат аст ин.

Аз адли пайки Наврӯз ҳамсанг шуд шабу рӯз,
«Чил кундаи дигар сӯз», аз халқ ҳикмат аст ин.

Гулдухтарони гулпӯш гул карда дар баногӯш,
Ин манзара барад ҳуш, ваҳ, чи латофат аст ин!

Тӯй аст, тӯйи деҳқон, ҳар чеҳра шоду хандон,
Наврӯзи Тоҷикистон, Наврӯзи Ваҳдат аст ин!

## ҚАТРАБОРОН

Қатраборон майда-майда барги гул тар мекунад.
Бар машомам бод атри зулфи духтар мекунад.

Аз насими навбаҳорон ғунча механдад ба боғ,
Бӯстон пироҳани гулрез дар бар мекунад.

Обу оташ мешавад якҷоя дар гулбарги тар,
Субҳ май аз шабнаму аз лола соғар мекунад.

Гулрухони хушхиром оянд бар сайри чаман,
Саҷда пеши пояшон сарву санавбар мекунад.

Кӯҳсори сар ба гардун гул ба доман рехта,
Аз ҳилоли моҳи симин тоҷ бар сар мекунад.

Метапад қалби замин пеши арӯси фаслҳо,
Бо саховат нурпошӣ шамси Ховар мекунад.

## НАВРӮЗИ ҲУҶАСТАПАЙ МУБОРАК

Бо пайки насими атргардон,
Бо муждаи ғунчаҳои хандон,
Бо чаҳ-чаҳи мурғакони хушхон,
Эй аҳли нишаста рӯ ба майдон,
Наврӯзи хуҷастапай муборак!

Аз ҳусни баҳори оламафрӯз
Ҳар чеҳра чу гул шукуфта имрӯз,
Шуд даври фараҳфизои ғамсӯз,
Эй ҳамватанони шоду фирӯз,
Наврӯзи хуҷастапай муборак!

Гулғунча ба боғ сар кашида,
Себарга канори ҷӯ дамида,
Айёми нишот даррасида,
Эй мардуми ҳамчу нури дида,
Наврӯзи ҳуҷастапай муборак!

## ИН ҚАДАР ХУШРӮСТ БОРОН

Бар замин нерӯст борони баҳор,
Киштаро доруст борони баҳор,
Кӯчаҳо з-ӯ тозаву озода шуд,
Ин қадар хушрӯст борони баҳор.

Бо навозиш сабзаҳоро кард тар,
Ҳотаҳою равзаҳоро кард тар,
Духтарон саргарми гулчинӣ буданд,
Лолаи дар қавзаҳоро кард тар.

Лаҳзае дар деҳа истоду гузашт,
Қатра-қатра файз бинҳоду гузашт,
Боғу гулшанро аҷаб озода кард,
Тозакориҳо нишон доду гузашт.

Нам-нами худ бурд бар домони дашт,
Тоза ҷон бахшид он бар ҷони дашт,
Босаховат файзи худро рехт-рехт,
Пур зи алвон кард дастархони дашт.

Аз пайи худ ҳар куҷо нақше гузошт,
Дар само рангинкамонашро нигошт,
Бо чунин ҳусну тароватҳои хеш
Рӯҳи моро лаҳзае болида дошт.

Бар замин нерӯст борони баҳор,
Киштаро доруст борони баҳор,
Ин қадар хушбӯст борони баҳор,
Ин қадар хушрӯст борони баҳор.

## ФАЙЗ МЕБОРАД БАҲОР

Барф доман мекашад аз кӯҳсор,
Мушк мебезад насими беқарор,
Ғунча лаб во мекунад дар шохсор,
Мерасад бар гӯшҳо савти ҳазор,
Мужда меорад баҳор!

Марди деҳқон – ризқдеҳи оламин
Саҷдаи шукрона карда бар замин,
Бо дили гарму арақҳои ҷабин
Дона мепошад ба марзи нозанин,
Мужда меорад баҳор!

Шӯхчашмон дилнавозӣ мекунанд,
Ёрро аз хеш розӣ мекунанд,
Мурғакон ҳам лонасозӣ мекунанд,
Ҷуфт гашта, ишқбозӣ мекунанд,
Мужда меорад баҳор!

Ҳар гиёҳ аз хок меояд бадар,
Сабз гашта, боз меорад самар,
Деҳу шаҳру кӯҳу пушта гулбасар,
Ҷашни Наврӯз омада дар баҳру бар,
Файз меборад баҳор!

## СОҒАРИ НАВРӮЗ

Рӯзи наврӯз аст, ёрон , як дами хуш мезанем,
Аз майи шаръӣ қадаҳ бо ҳамдами хуш мезанем.

Мебарад зангори дил пайки баҳори гулбасар,
Ҳарфҳои ошиқӣ бо маҳрами хуш мезанем.

Нам-нами Наврӯз шабнам рехта дар барги гул,
Бӯсае чанд, аз лабе дорад нами хуш, мезанем.

Як ҷаҳон маъно ниҳон дар барқи чашми дилбар аст,
Хешро сармаст дар ин олами хуш мезанем.

Ғунча то лаб во кунад, булбул ба фарёд омада,
Нағмаи «Гулрез» дар зеру бами хуш мезанем.

Хам-хами гесӯи ҷонон накҳате дорад аҷаб,
Хаймаро дар сабзазорони хами хуш мезанем.

Сарфарозӣ мекунем аз муждаи даврони гул,
Бо фараҳ сар пеши пои одами хуш мезанем.

Дар баҳорон бешу кам дорем, аз ин бок нест,
Соғари Наврӯз бо бешу ками хуш мезанем.

## ФАСЛИ ХАЗОН

Боз бӯи барфу борон мерасад,
Ҳуштаки боди парешон мерасад.

Моҳи ҳафтум – Меҳргон доман таконд,
Даври кӯчи тирамоҳон мерасад.

Рӯи раҳ резад хазони зарнигор,
Пойандози зимистон мерасад.

Қуллаҳои гулбасар симин шуда,
Нуқрапошон то ба домон мерасад.

Ҷои булбул зоғҳо дар боғҳо,
Қар-қаре аз шохсорон мерасад.

Умр ҳам дорад ба худ фасли хазон,
Зиндагӣ рӯзе ба поён мерасад.

## ФАЙЗИ СУБҲ

Ҳар азми оқилона аз субҳ мешавад сар.
Афкори фозилона аз субҳ мешавад сар.

Саъйи дурусту комил, некӣ ба рағми ботил
Бар корҳо равона аз субҳ мешавад сар.

Гул дар чаман шукуфон, мурғи чаман навохон,
Волотарин тарона аз субҳ мешавад сар.

Гармии шамси Ховар, бар ин ҷаҳон баробар,
То мезанад забона, аз субҳ мешавад сар.

Ҳар рӯзи зиндагонӣ бо завқу хушмаонӣ
Аз остони хона, аз субҳ мешавад сар.

То ёр дил рабояд, ӯ ҳусни худ физояд,
Бар мӯи мушк шона аз субҳ мешавад сар.

Рафтори ҳар як инсон аз рӯи дину имон,
Даҳрию муслимона аз субҳ мешавад сар.

## САРЗАМИНИ НОМДОРОН

*Ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб*

Эй диёри мардхезу маскани фарзонагон,
Эй куҳаншаҳре, ки бошад чеҳраат доим ҷавон,
Сабзу хуррам ҳар канорат чун биҳишти ҷовидон,
Аз насими мушкбезат мерасад роҳат ба ҷон.

Ҷашни тавлидат муборак, шаҳри Кӯлоби азиз!
Пуршараф идат муборак, шаҳри Кӯлоби азиз!

Босаодат кишвари ваҳдатшиорон гаштаӣ,
Босаховат сарзамини номдорон гаштаӣ,
Болатофат гулшани доимбаҳорон гаштаӣ,
Хонаи ишқу умеди дӯстдорон гаштаӣ.

Ҷашни тавлидат муборак, шаҳри Кӯлоби азиз!
Пуршараф идат муборак, шаҳри Кӯлоби азиз!

То абад эъҷози халқи сулҳҷӯят зинда бод!
Ин шараф, ин шаъну шон, ин обрӯят зинда бод!
Мавҷи меҳмонон, ки меоянд сӯят, зинда бод!
Ду ҳазору ҳафтсад соли накӯят зинда бод!

Ҷашни тавлидат муборак, шаҳри Кӯлоби азиз!
Пуршараф идат муборак, шаҳри Кӯлоби азиз!

## ШАҲРИ НУР

Рахшанда ахтар аст,
Моҳи мунаввар аст,
Хуршеди кишвар аст,
Ин шаҳри Норак аст,
Шаҳри муборак аст.

Шаҳри ҷилои нур,
Шаҳри пур аз сурур,
Гӯем бо ғурур:
Ин шаҳри Норак аст,
Шаҳри муборак аст.

Резад зи кӯҳи Нор
Гесуи обшор,
Пурнақшу пурнигор,
Ин шаҳри Норак аст,
Шаҳри муборак аст.

Ёвону Данғара
Сероб яксара,
Гулбоғ ҳар дара
Аз баҳри Норак аст,
Аз наҳри Норак аст.

Боғоти пуранор
Пурфайзу шаҳдбор,
Хуррам чу навбаҳор
Аз НОБ-и Норак аст,
Аз оби Норак аст.

Бо қомати баланд,
Бо ҳусни дилписанд,
Бо лаҳни ҳамчу қанд
Бонуи Норак аст,
Гулрӯи Норак аст.

Ин шаҳри номдор
Гардида шӯълабор,
Дорем ифтихор,
Пурнур Норак аст,
Машҳур Норак аст.

Ин шаҳри Норак аст,
Шаҳри муборак аст.

## НАМИРАД НОМИ МАН

Маро бо обу хоки ин Ватан пайванди ҷонӣ ҳаст.
Ватандорӣ бароям ифтихори ҷовидонӣ ҳаст.

Ҳар он гоҳе Ватан гӯям, даҳонам қанд мегардад,
Ҳаётам шаккарин бо ӯст, ширин зиндагонӣ ҳаст.

Ҳама кунҷу канораш хонаи ободи ман бошад,
Дар оғӯши Ватан-Модар маро хуш комронӣ ҳаст.

Замоне, к-аз барои бурдаи нон ҷонситонӣ буд,
Ба худ гуфтам: ҳама ин бигзарад, даврони сонӣ ҳаст.

Ҳазорон шукр гӯям, Тоҷикистон гашта ободон,
Дар он сулҳу салоҳу ваҳдату амну амонӣ ҳаст.

Манам як шоири ваҳдатсарои миллату Меҳан,
Намирад номи ман, то як нафар кофарниҳонӣ ҳаст.

## СӮГВОРӢ

*Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?*
*Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад?*
*Ашӯр Сафар*

Як бор на, сад бори дигар ханда ба лаб шуд,
Ин кишвари ғам мамлакати базму тараб шуд.

«Дар кашмакаши рӯзи фурӯзону шаби тор»
Аз партави хуршед фано зулмати шаб шуд.

Чун миллати мо фитрату фазли азалӣ дошт,
Худ чорагари дарди худу сулҳталаб шуд.

Бо Сарвари фарзона ҳама халқ ба по хест,
Бо ҷаҳд пайи шаъну шараф, ному насаб шуд.

Аз ваҳдати мо пайки сабо мужда расонид,
Мардум ҳама бархокзани кину ғазаб шуд.

Оне, ки хато кардаву оне, ки хато рафт,
Дар ченаки таърих ҳисобиву ҳасаб шуд.

Бо хуни дилу ашки равон «Сулҳ» навиштӣ,
Овози ту бар нусрати ин сулҳ сабаб шуд.

Устод, дар ин рӯзи саодат ба куҷоӣ?
Дар ҷашни ту Кӯлоб гулистони адаб шуд.

## БА ҲАМДИЁРОН

Агар моҳӣ бурун аз оби рӯд афтод, мемирад,
Ягон ҳарфе намегӯяд, нафас ҳатто намегирад.

Зиҳӣ, эй мардуми соҳибдили ваҳдатнишони ман,
Шумо ҳамқисматони ман, шарики обу нони ман.

Ба ҳар ҷое сухан кардам, шуморо пеши рӯ кардам,
Ба ҳар шеъре, ки гуфтам, бо шумо ман гуфтугӯ кардам.

Ба он нону намак, ки хӯрдаам ман, мехӯрам савганд:
Зи рӯи меҳр бошад ҷони ман бар ҷонатон пайванд.

Агарчи метавонам бе шумо ҳар ҷо нафас гирам,
Вале бе гармии меҳри шумо донам, ки мемирам!

## ГУЗАШТИ АЙЁМ

Чун бутта хушк шуд, гули раъно намешавад,
Хасмол боз сабзаи саҳро намешавад.

Гул, ки шукуфт, боз нагардад ба ғунчагӣ,
Кас пир гашт, навхату барно намешавад.

Боғу чаман зи мардуми кӯчӣ макун умед,
Аз пушти пода мазраа зебо намешавад.

Оне, ки ҳафтпуштааш аз аҳли факр буд,
Доро шавад ба ҷаҳд, тавоно намешавад.

Зоҳид зи рӯи васваса сад раҳ, ки ҳаҷ кунад,
Ҳаҷҷаш қабули Довари фардо намешавад.

Аз ёри рафта хотира гарчи ба ҷой монд,
Ҷояш чу ҷон дигар ба сувайдо намешавад.

Дар ин диёр хушсухан ояд зи баъди мо,
Аммо ба луфти хеш чу Мирзо намешавад.

## ҲИКМАТИ ПИРӢ

Дил даруни сина меларзад,
Бегапу бекина меларзад.
Дида пешонии пурожанг,
Акс дар оина меларзад.
Зеҳн монӣ гар ба даҳ ангушт,
Чун гули пӯдина меларзад.
Он давидан, он ҷаҳидан ку?
Пои ман дар зина меларзад.
Завқи пирӣ ёдҳо дорад,
Шавқ чун пешина меларзад.
Одамиро ҳар нафас қарз аст,
Ҷони ман аз пина меларзад.
Дар шикори вопасинаш шер
Дар қапи бӯзина меларзад.
Аз гузашти рӯзи ман пурсӣ,
Дил ба ёди дина меларзад.
Ҳар қадар, ки сур ояд пеш,
Аз ғами дерина меларзад.

## НИШОНАҲО

Дар дами Рӯзи қиёмат бонги тутак мерасад,
Як нишони омади он – гап ба кӯдак мерасад.
Ҷамъият дар худшиносӣ гашта тобеи гурӯҳ,
Дар ҷавоби ҳар гапи фач мавҷи қарсак мерасад.
Фозилону оқилон дар пеши мансабдор хор,
Бахри онҳо ҳисса аз полези лошак мерасад.
Расму ойин монда дар қайди хурофоти махуф,
Аз сари минбар ба мардум панди Аҳлак мерасад.
Мешавад инсон ба чоҳи худситоӣ сарнагун,
Рафта-рафта бехудӣ то шубҳаю шак мерасад.
Дар дили зан ифтихори модарӣ гардида кам,
Ҷои кӯдак меҳри ӯ бар гурбаю саг мерасад.

Ғосибон аз киштаи дунёи фонӣ баҳраёб,
Бар шикастанафсҳо бомӯсу курмак мерасад.
Аҳли фисқу фаҳш гашта ҳар куҷо бологузар,
Вақти хуфту хоб феъли зан ба мардак мерасад.
Офати интернетӣ он чи битвонад кунад,
Пеши он Тӯфони Нӯҳ чун сели андак мерасад.
Омади Рӯзи қиёматро бувад садҳо нишон,
Сури Исрофил он дам мисли ҳуштак мерасад.

## СИЁСАТ

Сиёсат, сиёсат, зи ту шӯру шанг аст,
Ҳама рӯи олам барои ту танг аст,
Агарчӣ гапат дар либоси қашанг аст,
Чу зӯрат биёяд, вуҷуди ту ҷанг аст.

Сиёсат, надорӣ падар, ё ки модар,
Сиёсат, ту эҷоди батни зани ғар,
Сиёсат, надонӣ на хубию не шар,
Сиёсат, талабгори тахтию минбар.

Барӣ аз қафоят яке марди сода,
Кашонӣ варо сӯи майдону ҷода,
Ба фанду фиребу ба лофи зиёда
Кунӣ ормонаш ту гӯё ифода.

Сиёсат, сиёсат, аҷаб гоҷу фач ту,
Раҳи рост монда, равӣ сӯи каҷ ту,
Ба авзои олам маризи фалаҷ ту,
Ҳамон бад бимонӣ, кунӣ гарчи ҳаҷ ту.

Ба ҷое набошӣ, на қайд асту на дом,
На шӯру на шангу на зълому зъдом,
Агар ту набошӣ, ҳама ҷост ором,
Сиёсат, бимирӣ, зи некист пайғом.

## ҲАФТ РУБОӢ

Афсӯс, дубора зиндагонӣ н-ояд,
Такрор шуда, ба ҳукми сонӣ н-ояд,
Ангур, ки пухта шуд, нагардад ғӯра,
Баргашта дигар бор ҷавонӣ н-ояд.

Медон, ки зи чӣ ту шод гардӣ имрӯз,
Яъне, ки диле ту шод кардӣ имрӯз.
Гар шод намудаӣ дили ғамгине,
Пайдост, ки дар шумори мардӣ имрӯз.

Гар дар дили ту хаёли боғ аст, хушӣ,
Равшан дили ту мисли чароғ аст, хушӣ,
Гар нафси ту қасди фитнасозӣ дорад,
Аз ҷаҳди ту нафс бедимоғ аст, хушӣ.

Беҳ аст, чароғ дар баландӣ бошад,
То равшании беш ба маҳфил пошад.
Доно, ки расид бар мақоми доро,
Гаҳ ҷамъ намудаю гаҳе мечошад.

Донӣ, ки чӣ куфру чӣ савоб аст туро?
Роҳат зи чию аз чӣ азоб аст туро?
Ҳар кор кунӣ, саволи аъмоли ту аст,
Бар ту чи расад, ҳамон ҷавоб аст туро.

Аз Мавлавӣ се синф муқаррар инсон:
Як синф ба дониш асту синфе нодон.
Мискин, ки мураккаб аст аз ин ҳар ду,
Як ним фаришта асту ниме ҳайвон.

Тан аспи ту асту ин ҷаҳон охури ӯст,
Вобаста ба асп аввалу охири туст.
Ин аспи туро инони маҳкам бояд,
Ҳайҳот, агар аспи ту худ омири туст.

## ХАЁЛОТ

Мо ба ин дунё чу меҳмон омадем,
Якта-якта, лучу урён омадем,
Ҷамъият кардем дар рӯи Замин,
Гарчи бо фикри парешон омадем.
Аз азал ин ҷамъият ҳамфикр нест,
Иттиҳоде бар салоҳи бикр нест,
Ҳар касе андар набарди ёбу гир,
Якмаромӣ дар баёну зикр нест.
Дузд медуздад, ба яғмо мебарад,
Зӯр оҷизро чу гурге медарад,
Ҷамъият ду пора аз шоҳу гадо,
Аҳли ҳоким ҳаққи омӣ махӯрад.
Аксарият ғарқ дар фисқу фуҷур,
Фирқае кайҳо зи Ҳақ гардида дур,
Зумрае дар саҷда бо макру риё,
Мерасад ҷамъияти моро футур.
Гашт макрӯҳ ин Замини сабзранг,
Кардаем аҳволи онро мо батанг,
Гӯиё инсоният аз феъли бад
Ҳаст умре бо Замин дар ҳоли ҷанг.
Аз чунин кирдор меларзад Замин,
Сад вабои бедаво андар камин,
Оқибат аз обу оташ, хоку бод
Нест гардад, маҳв гардад одамин.
Ларзаи он зарра аз рӯзи ҷазост,
Огаҳӣ бар ҷумлаи аҳли фаност,
Бо чунин тарзи ҳаёти носазо
Зиндагӣ дар рӯи олам бебақост.
То Замин бо дарду доғи тобнок
Тифли худпарвардаро созад ҳалок,
Мерасад як мавҷи сарду оташин,
Мешавад аз зоти одам хок пок!

## ПИРОНИ ДЕҲА

Пирони кордида доною дилпазиранд,
Андар камони маънӣ пуробутоб тиранд.

Як гӯшае зи масҷид дорулфунуни онҳост,
Бар нуктаҳои Қуръон дилдодаву асиранд.

Бо қомати хамида, дар каф асои пирӣ,
Дар ҳифзи нанги миллат аз шер ҳам далеранд.

Дар зиндагӣ мабодо лағзад агар ҷавоне,
Бо панду ҳикмати хеш ӯро ба даст гиранд.

Ҳар мушкилоти моро якҷоя ҳал намоянд,
Дасти ба даст онҳо ҷамъияти кабиранд.

Ё тӯю сур бошад, ё худ азову мотам,
Ғамхору чорасозу саркору сардабиранд.

Аз дасти ман чӣояд – як шоири парешон,
Бигзор, ман бимирам, ин пиракон намиранд!

## МУБОРАКБОДӢ

Бо накҳати гулбодҳо,
Ҳусни қади шамшодҳо,
Меҳри дили фарҳодҳо,
Гӯям муборакбодҳо
Пайвастани ду ёрро,
Ду гулбуни гулзорро.

Бо хониши мурғи чаман,
Бо хандаҳои мавҷзан,
Шуд ҷамъ ин ҷо марду зан,
Ҳарфи муборак дар даҳан,
Пайвастани ду ёрро,
Иқболи ду дилдорро.

Савту навои «Ёр-ёр»
Ояд ба гӯш аз ҳар канор,
Домоду келин бахтёр,
Бинед, эй хешу табор,
Пайвастани ду ёрро,
Ду кабки хушрафторро.

Ҳаргиз надида дарду ғам,
Ҳаргиз надида дасти кам,
Бинанд сад соли дигар
Бахту саодатро ба ҳам,
Ин ду гули зебои мо,
Ин ҷуфти беҳамтои мо.

## САРОБИ ФАЛСАФӢ

Моҳи оламтоб акси дастаи нур асту бас,
Баҳри вусъатдор зарфе, оби он шӯр асту бас.

Дарки мо аз сирри олам чун сароби фалсафист,
Шарҳи он ё нонавишта, ё хаташ кӯр асту бас.

Мо, ки аз модар ба дунё ҷумла урён омадем,
Як кафан бурдан ба номи ҳар кӣ маншур асту бас.

Одамӣ танҳо ду ҷо бар хоби роҳат меравад,
Ибтидо дар батни модар, интиҳо гӯр асту бас.

Нест суде мурдаро аз гӯри пурфарру шукӯҳ,
Зиндагии баъди мурдан номи машҳур асту бас.

Ин Замин аз мурда пур шуд, сури Исрофил ку?
То ҳама бар по бихезад, маътали сур асту бас.

Рӯ нагардонам қафо вақти гузаштан з-ин ҷаҳон,
Мерасам то бар биҳишташ, роҳи ман дур асту бас.

## ҚУДРАТИ ПАРВАРДИГОР

Моҳ санге беш набвад, партави рӯро бубин,
Шамс оламгир гашта, нуру нерӯро бубин.

Дар шаби тор осмон гул мекунад аз ахтарон,
Рӯз кай бинӣ, чунин рухдоди хушрӯро бубин.

Дашту саҳро, кӯҳу пушта, ҷангалу гулзорҳо,
Баҳру уқёнусу рӯду чашмаю ҷӯро бубин.

Олами паррандаю паррандаю мӯру малах,
Моҳиёни безабон, мурғи сухангӯро бубин.

Санъати олӣ бихоҳӣ, ҷониби Инсон нигар,
Қадду басту рӯю мӯю чашму абрӯро бубин.

Ин ҳама Парвардигор аз як ишорат офарид,
Чархи гардунро битобад, қудрати Ӯро бубин!

## САЙЁДИ ВИСОЛ

Аз шаст гузаштем, вале пир нагаштем,
Аз сӯҳбати ширинсуханон сер нагаштем.

Аз силсилаи ёру рафиқон нагусастем,
Барканда аз ин ҳалқаи занҷир нагаштем.

Ёрон, ки бари мо буда ҷонию забонӣ,
Дар хизмати ҳар ду шуда, дилгир нагаштем.

Аз мо ба ҳама умр касе захм нахӯрда,
Сайёди висолем, пайи тир нагаштем.

Сарманзили дилҳо ба қалам фатҳ намудем,
Ҳарчанд ки бо мақсади тасхир нагаштем.

Бо шеъри ҷаҳонгир гирифтем ҷаҳонро,
Ҳаргиз зи пайи ханҷару шамшер нагаштем.

Дар фосилаи умр давидему тапидем,
Берун зи хати қисмату тақдир нагаштем.

Даҳрисифатем аз нигаҳи ғайр, валекин
Бе ёди Худованди батадбир нагаштем.

## ПАРВОЗИ ҶОВИД

То замоне зиндаам, ҳар рӯз тавлиди ман аст,
Бар алайҳи нестӣ эҳёву таҷдиди ман аст.

Ошнои маргаму марг ошнои ман шуда,
Ҳаминонам, мӯнисам, боис ба тавҳиди ман аст.

Марг ҳам аз рӯи қонун нест соҳибихтиёр,
Он чи битвонад кунад, огоҳу таҳдиди ман аст.

Тарси ман аз марг не, аз лаҳзаи ҷон кандан аст,
Бигзарад осон агар, он сӯ дигар иди ман аст.

Машқ бар оянда бошад зиндагӣ дар ин ҷаҳон,
Бар ҳамон оянда аз имрӯз тақлиди ман аст.

Ҳар заминӣ баъди мурдан осмонӣ мешавад,
Марг – ин оғози нав дар умр аз диди ман аст.

Мурғи рӯҳам бол бикшояд ба даргоҳи Худо,
Зинда бодо мурданам, парвози ҷовиди ман аст!

## ДАР ҶАҲОНИ ЁДҲО

Гоҳ васфи зӯрии даври ҷавонӣ мекунам,
Гаҳ шикоят аз азоби нотавонӣ мекунам.

Гоҳ мегӯям, ки будам паҳлавони деҳи худ,
Гоҳ зӯрамро дуболо аз фалонӣ мекунам.

Гаҳ фасона бофта аз рӯзҳои баччагӣ,
Дар фазои орзуҳо комронӣ мекунам.

Ишқи новарзидаро бо духтари ҳамсоям
Шарҳ дода, хешро Маҷнуни сонӣ мекунам.

Дар ҷавонӣ орзуи даври пирӣ доштам,
Вақти пирӣ бо ҳавас ёди ҷавонӣ мекунам.

Ёдҳо бозичаи даврони пирии мананд,
Дар ҷаҳони ёдҳоям зиндагонӣ мекунам.

## «МАН!»-ДОР ЗИНДА БОШ!

*«Гадо гар дар Ватан мирад, амир аст,*
*Амири беватан зору ҳақир аст».*
*(Катибаи санги гӯри*
*Амир Олимхон дар Афғонистон)*

Дар олами вуҷуд
Фарқ аст беҳудуд.
Бо ақли некбин
Ин фарқ нек бин.
Дорад гадо Ватан,
Дорад ғурури «Ман!»
Шоҳ ар шавад ғариб,
Зор асту музтариб.

Орам ҳикояте,
Матни ривояте:
«Шоҳе фирор кард,
Тарки диёр кард.
Мулки дигар бирафт,
Бо молу зар бирафт.
Аммо, гаҳе ки мурд,
Ҷон бо алам супурд.
Рӯҳаш дар он диёр
Ҳайрону беқарор.
То ҳол бе Ватан
Сӯзад варо кафан».
Ин қисса гуфтамат,
Як ҳисса гуфтамат.
Бикшой чашми хоб,
Бинмой интихоб:
Он ҷой ғурбат аст,
Ин ҷой ҳурмат аст.
Он ҷой ту ғариб,
Ин ҷой ту ҳабиб.
Он ҷо залилу хор,
Ин ҷо ту бахтёр.
Он ҷо ту ҳеҷ чиз,
Ин ҷо ба ҷон азиз.
Он ҷой ту хасӣ,
Ин ҷой ту касӣ.
Он ҷо ту пурғамӣ,
Ин ҷо ту хуррамӣ.
Он ҷой ту ҳақир,
Ин ҷой ту амир.
Он ҷо ту «чурка»-ӣ,
Ин ҷо ту эркаӣ.
Он ҷой ту «сиёҳ»,
Ин ҷой меҳру моҳ.
Он ҷой бандагист,
Ин ҷой зиндагист.

Он ҷо ту беқарор,
Ин ҷо канори ёр.
Он ҷо ту дарбадар,
Ин ҷо бари падар.
Ин ҷост интизор
Модар ба чашми чор.
Ин ҷо ба сад камӣ
Донӣ, ки одамӣ.
Ин ҷо ту дар Ватан,
Дорӣ ғурури «Ман!»
«Ман!»-дор зинда бош!!
Ё ин ки банда бош!
Гуфтем муддао,
Ту дониву Худо.

## ЗИКРИ АЙШ

Як шаби пурбарфу торик, хонаи сард асту ман,
Табъ хира, қалб тира, оҳи пурдард асту ман.

Дар чунин шаб ёди гулбазми баҳорон мекунам,
Пеши шамъи хирасӯзам, чеҳраи зард асту ман.

Дар бисотам ғайри ёди дӯстон ганҷина нест,
Ин ғанимат хотироти меҳрпарвард асту ман.

Мегузорам дар мизони адл умри рафтаро,
Номуродиҳо аз ин даврони номард асту ман.

Аз ҷавонӣ дил ба ёру даст бар коре будам,
Ин саодат тӯшае ҳамчун раҳовард асту ман.

Мирзо аз киштзори умр беҳосил намонд,
Бар сарам аз осиёи зиндагӣ гард асту ман.

## ИЛТИҶО

Аҷал, сабре, ки мехоҳам бари ҷонони худ мирам,
Каломи меҳр дар лаб, дар сари паймони худ мирам.

На бо хорию зориҳо ба мулки ғайр гардам хок,
Ба рӯи дастҳои модари пазмони худ мирам.

Бинӯшам ҷуръае аз оби поки чашмаи деҳам,
Назар карда ба чашми хоҳари гирёни худ мирам.

Ҷудоӣ аз бародар сахт бошад вақти ҷон додан,
Шунида нолаҳои додари ҳайрони худ, мирам.

Амонам деҳ, ки аз пирон бигирам тӯшаи роҳам,
Ба савти «Во, балам»-гӯии пайвандони худ мирам.

Сари болини маргам ҷамъи хешу ақрабо оянд,
Ман аз дидори онҳо бишканам армони худ, мирам.

Бубинам бори охир хонаю ҷою маконамро,
Даруни кулба ё дар кунҷаки айвони худ мирам.

Аҷал, сабре, зи хоки кишварам атри кафан созам,
Ба осонӣ супорам пас ба дастат ҷони худ, мирам.

## МАВҶУДИ МО

Мо зи модар ба ҷаҳон омада, мавҷуд шудем,
Чун намурдем, яке одамаки буд шудем.

Завраќи умр равон гашт ба дарёи ҳаёт,
Дар ҳавою ҳаваси гавҳари мақсуд шудем.

Илму касбу ҳунари давру замон карда зи бар,
«Мо чӣ кам аз дигарон?» гуфта, пайи суд шудем.

Панд доданд, ки «Шамшер сари хам набурад»,
Дар ситонидани ҳақ мулзаму маҳдуд шудем.

Навҳа кардем чунон бо аламу сӯзу гудоз,
Даргирифтем ба худ, оташи бедуд шудем.

Ҳусни олам, ки дар ин омадану рафтани мост,
Бо ҳамин қоида мавҷуд ва нобуд шудем.

## ШИШАИ ҚАЛБ

Тоҷике, ки нанг дорад, ҳеҷ бефарҳанг нест,
Он, ки фарҳанге надорад, тоҷики бонанг нест.

Ақлҳо ғолиб шаванд, аз сулҳ меояд навид,
Оқилонро ҳоҷати тиру туфангу ҷанг нест.

Машварат ҳар корро анҷом меорад дуруст,
Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ, ё ки танг нест.

Бо гапи хуш бештар одам ба мақсад мерасад,
Шахси корафтодаро даъвою шӯру шанг нест.

Шаб набошад, рӯз оламро бисӯзонад чу коҳ,
Бесабаб дар рӯи дилбар кокули шабранг нест.

Ҷӯяҳо гар дидаӣ дар чеҳраи сарбози ҷанг,
Захмҳои ҷоннисориҳо бувад, ожанг нест.

Шеъри нав гуфтем, лекин з-ин талоши мо чӣ суд?
Зарби адвораш мутобиқ бо рубобу чанг нест!

Мезудояд сози хуб аз шишаи қалбам ғубор,
Рез, к-аз қул-қул гуворотар дигар оҳанг нест.

## ОДАМУ ҲАВОДИС

Одамӣ бо орзу хушбахт инсон будааст,
Ноумедиҳо насиби зоти шайтон будааст.

Ҳар киро имони ӯ пайванд бо рафтори ӯст,
Метавон гуфтан, ки мӯъмину мусулмон будааст.

Ризқу рӯзиро агарчанде муқаррар гуфтаанд,
Ҷаҳд созӣ дар раҳаш, рӯзӣ фаровон будааст.

Ҳар амал, к-осудагӣ меоварад, бошад раво,
Холисан фатводиҳанда амри виҷдон будааст.

Гар ба номи он Худо бо якдигар некӣ кунем,
Беҳтарин аъмоли мо дар пеши Яздон будааст.

Ҳамнишинӣ боядат ҳар гоҳ бо аҳли адаб,
Сӯҳбати соҳибдилон бар дард дармон будааст.

Золимеро фош агар кардем бе тарсу ҳарос,
Ин ҷиҳоди мо ба роҳи Ҳақ зи имон будааст.

Ваъдаи ҳуру майи нобам диҳанд андар биҳишт,
Гар шавам ин ҷо биҳиштие, чӣ куфрон будааст?

Мирзо, ранҷу балоҳо аз забон сар мезананд,
Ҳарзагӯӣ боиси ҳоли парешон будааст.

## СОЛИ НАВ – СОЛИ ЗАФАРҲОИ НАВИН

Соли нав, бар кишварам хуш омадӣ,
Файзрезон бар дарам хуш омадӣ.
Марҳабо, эй Соли нав, иқболи нав,
Омадӣ, эй мӯҳтарам, хуш омадӣ.

*Нақарот:*
Барф мебор̣ӣ, бибор,
Файз меорӣ, биёр,
Бар дилу дидаи мо
Меҳр мекорӣ, бикор.

Арчаи сабзат ниҳоли зиндагист,
Рӯсафедият камоли зиндагист.
Барфаки хандонаку зебандаат
Ҳуснбахшои ҷамоли зиндагист.

*Нақарот:*

Соли нав – соли зафарҳои навин,
Соли пурфайзу саодатофарин,
Бо қадамҳои нахустинат биёр
Сулҳу ваҳдат бар ҳама рӯи Замин.

*Нақарот:*

## ПАЙКИ НАКӮФОЛ МУБОРАК ШАВАД!

Боз яке сол дигар мешавад,
Тӯй ба ҳар хонаву дар мешавад,
Тифли хушиқбол қадам мезанад,
Соли навин соли зафар мешавад.

Соли наву барфи парафшон базеб,
Арчаву рақсидани тифлон базеб,
Тӯҳфаи Бобои сухандон базеб,
Барфаки хушрӯяки хандон базеб.

Кӯҳу дара, дашту даман сап-сафед,
Раставу майдону чаман сап-сафед,
Файзу сахо рехт зи ҳар зарра барф,
Бахти ҳама халқи Ватан сап-сафед.

Бар ҳама ин сол муборак шавад!
Пайки накӯфол муборак шавад!
Рӯзи наву моҳи наву Соли нав,
Халқи хушиқбол, муборак шавад!

## МАНЗИЛИ АБАДӢ

Гумон дорам, шумо, эй ҳокимон, бою бадавлатҳо,
Макону манзили аслии худҳоро намедонед,
Ба умри кӯтаҳи худ карда қасру кушкҳо бунёд,
Ба сад кибру ғурури нозаруре давр меронед.

Гузар созед боре ҷониби гӯри падарҳотон,
Бале, бар сӯи қабристони деҳу шаҳрҳои хеш.
Чунон фарсудаю вайронаю бесоҳибанд онҳо,
Гумон созӣ, ки ин ҷо хуфта танҳо мурдаи дарвеш.

Вале дар байни онҳо тоҷирон, бою бадавлатҳо,
Амиру шоҳу ҳоким, сарвару саркардаҳо ҳастанд,
Ба монанди шумо, он рафтагони соф бепарво,
Дар ин ҷо сохта, бо як кафан рахти сафар бастанд.

Ба хоки тира мехобанд, аммо рӯҳи ноором
Кунад парвоз сӯи қасрҳое, ки бино карданд,
Ба худ печанд дар он гӯрҳои танги вайрона,
Ки қасру кушкҳо ин ҷой не, он ҷо чаро карданд?

Агар сад сол дар рӯи Замин бошад ҳаёти мо,
Ҳазорон соли дигар бигзарад дар манзили хомӯш.
Чаро, охир, набошад манзили умри абад моро
Базебу тозаю озодаю арзандаю гулпӯш?

Биёед, эй азизон, эй бузургон, эй бадавлатҳо,
Барои худ дар он ҷо манзили арзандае созем,
Ки фардо гӯрҳои хешро бо рӯҳи худ дида,
Чу дар ин ҷо дар он ҷо ҳам зи ободии он нозем.

Худо шоҳид, ки ин иқдоми мо айни савоб ояд,
Ба он маънӣ, ки гӯристони инсон мешавад обод,
Чу мурғи рӯҳамон парвоз созад рӯи гӯристон,
Бубинад ҳусни манзарҳо, шавад ором, гардад шод.

## НАСИҲАТ ЧУН ВАСИЯТ

Ҷони ман, бо илму дониш хоҳамат,
Чашми дил нерӯи хониш хоҳамат.

Ақлро дар зиндагиат раҳнамо,
Сабрро дар корҳоят раҳкушо.

Субҳ рав бо меҳр бар кӯи падар,
Аз дуои неки ӯ шав баҳравар.

Модаратро қиблаи мақсуд дон,
К-ӯ бароят сад карат додаст ҷон.

То зи рӯи сидқ бошад дар барат,
Эҳтироме ёб пеши ҳамсарат.

Моли кас дон мӯҳтарам чун ҷони кас,
Ғасби моли кас макун асло ҳавас.

Сар занад кори бад аз имони суст,
Боҳаё шав, мешавад корат дуруст.

Қисматат пайванд бо мардум бидон,
Ҳамраҳаш бошӣ ҳамеша дар амон.

Нахл ҳам дар боғ бошад пурсамар,
Ҳар яке бо халқ гардад мӯътабар.

Эй ба боғи умри ман пайванди ҷон,
Чун васият ин насиҳатро бидон.

Баҳри худ кирдору рафтори накӯ
Аз тазоди зиндагӣ кун ҷустуҷӯ.

Он чи бад бошад, ба худ лоиқ мадон,
Ҳар чи мақбул оядат, мекун ҳамон.

**БЕХАБАРӢ**

Бар кулбаи ман гузар надоред,
Бар ҳоли дилам назар надоред.

Аз раҳрави мӯр мор бигзашт,
То ҷониби ман сафар надоред?

Сад бор ба ҳам нишаста будем,
Бар ёд яке магар надоред?

Ҳар лаҳза ғанимат аст, ёрон,
Ин фикр чаро ба сар надоред?

Занҷираи умр канда гардад,
Бар теғи аҷал сипар надоред.

Бе ёди шумо нафас нагирам,
Аз оҳи дилам ҳазар надоред?

Бар дидани ман дигар чӣ оед,
Афтодааму хабар надоред!

## ДАВРИ ГУЗАРОН

Даври мо дар ин ҷаҳон бигзашт, хайр!
Сар-сариву дав-давон бигзашт, хайр!
Ҳамдами боди вазон бигзашт, хайр!
Чун шароре барқсон бигзашт, хайр!
Начми сӯзон хаткащон бигзашт, хайр!

Як замон ҷӯши ҷавонӣ доштем,
Хубу ганда зиндагонӣ доштем,
Қадри худ ёрони ҷонӣ доштем,
Ҳадди имкон комронӣ доштем,
Ин ҳама дар як замон бигзашт, хайр!

Ишқбозиҳои гоҳе бобарор,
Гоҳ радгардида аз сӯи нигор,
Гоҳи дигар бӯсу оғӯшу канор,
Дар назар оянд монанди навор,
Даври дарсу имтиҳон бигзашт, хайр!

Хайр, ёрони баахду устувор,
Хайр, эй маъшуқаҳои интизор,
Хайр, боғу роғу дашту кӯҳсор,
Хайр, эй марҷони гул дар шохсор,
Умр чун барги хазон багзашт, хайр!

Тарк акнун ин ҷаҳонро мекунем,
Тарк ёри меҳрубонро мекунем,
Тарк некону бадонро мекунем,
Тарк умри бенишонро мекунем,
Рӯҳи мо бар ҷовидон бигзашт, хайр!

## СУРУДИ ХАЙРБОД

Як дами ман бо шумо зебо гузашт,
Дилнишин, арзандаи дунё гузашт.
То назар кардем сӯи ҳамдигар,
Меҳри мо аз дида бар дилҳо гузашт,

Хайр, то дидан, азизон, хайр, хайр,
Мухлисони беҳтар аз ҷон, хайр, хайр,

Саҳна чун боғу чаман гулрез буд,
Меҳр дар дилҳо шарарангез буд,
Ҷӯр гашта шеър бо савту наво,
Базми мо ширину шаҳдомез буд.

Эй шумо, фахри замонам, хайр, хайр,
Доварони нуктадонам, хайр, хайр.

Мухлисонам, давлату дунёи ман,
Чеҳраҳои дилкашу зебои ман,
То кунун бигзашт умрам бо шумо,
Бо ҳамин раҳ бигзарад фардои ман.

Мухлисони қадрдонам, хайр, хайр,
Эй шумо, беҳтар зи ҷонам, хайр, хайр!

# ШАКАРИ ИШҚ

## ЧАКОМАИ ГЕСӮ

Духтари тоҷик, чӣ хуш, шона ба гесӯ зада,
Зулфи сумансойро ҳалқа бари рӯ зада,
Пӯпаки зарбофро сар-сари ҳар мӯ зада,
Турраи шабрангро то хами зонӯ зада.

*Нақарот:*
Шаршараи мӯ базеб,
Зулфи суманбӯ базеб,
Кокули хушрӯ базеб,
Ҳалқа бари рӯ базеб,
Ғамзаи абрӯ базеб,
Қомати дилҷӯ базеб,
Хам-хами гесӯ базеб,
Мӯи ба мӯ ӯ базеб.

Дилбари чилкокула карда қабо аз чакан,
Чил радаи сунбулаш чини ба чин мавҷзан,
Шаршараи мӯи ӯ сатри шикан дар шикан,
Накҳати гесӯи ӯ атри гули ёсуман.

*Нақарот:*

Силсиламӯ чун парӣ шишта лаби ҷӯй хуш,
Пар-пари зулфаш диҳад ҳусн ба он рӯй хуш,
Накҳати гесӯ барад бод ба ҳар сӯй хуш,
Боғ хушу роғ хуш, ҷода хушу кӯй хуш.

*Нақарот:*

## СӮИ МО БОЗ БИЁ

Мӯйро то хами зону чи аҷаб бофтаӣ,
Аз сари китф чу як шаршара партофтаӣ,
Бесабаб, ҷонаки ман, рӯй зи мо тофтаӣ,
Ба гумонам, ки ягон ёраки нав ёфтаӣ.

*Нақарот:*
Сӯи мо боз биё,
Маҳрами роз, биё,
Аз сари меҳру вафо,
Эй гули ноз, биё.
Ҳамчунон сарви чаман
Ту сарафроз биё.
Гул бизан дар сару бар,
Пеши гулбоз биё.

Дар раҳи ишқи ту як умр вафодор манам,
Доимо дар талаби дидани дидор манам,
Ба тамоми дилу ҷон зору харидор манам,
Лутф фармо, ки туро ёри сазовор манам.

*Нақарот:*

Гар ту бошӣ ба барам, умр гуворо гузарад,
Ба ҳама бешу камӣ дилкашу зебо гузарад,
Ҳар нафас лоиқу арзандаи дунё гузарад,
Ба муроди дили мафтуншудаи мо гузарад.

*Нақарот:*

## РОБИАИ ЧИЛГАЗАМӮЙ

Қиссаи Робиаи Чилгазамӯй
Ҳеҷ афсона набуд.
Бинигар шаршараҳои мӯям,
Ин манам – духтари рӯд.

Зодаи рӯдаму дар саргаҳи он
Мӯйи мушкин ба ҳавас мешӯям,
Меравад рӯд ба паҳнои Ватан,
Ҳамчунон печу хами гесӯям.

Қиссаи Робиаи Чилгазамӯй
Ҳеҷ афсона магӯй,
Дон, ки як тораи мӯ
Канда шуд аз гесӯ,
Бо ҳама хам-ҳаму тоб
Рафт дар панҷаи об.
Он чу аз нов гузашт,
Банд дар чарх бигашт,
Гардиши чарх бибаст,
Осёби шаҳи даврон бишикаст.

Бишнавад ҳар кӣ ҳамин қиссаи мӯй,
Волаи зулфи дарозам бишавад.
Бехабар омада бар соҳили рӯд,
Худ ба худ ҳамдами розам бишавад.

Накҳати водии ду соҳили рӯд
Атри гесӯи суманбӯи ман аст,
Ба дарозию ба паҳно дарё
Нусха аз силсилаи мӯи ман аст.

## ЗУЛФИ КАҶАКДОР
*(Бадеҳа)*

**Писар:** Зулфикаҷакдор, ту куштӣ маро,
Силсилапайкор, ту куштӣ маро,
Гар дигарон қасд ба хилват кунанд,
Дар сари бозор ту куштӣ маро.

**Духтар:** Зулф бари рӯй намоён кунам,
Ҳалқаи гесӯй парешон кунам,
Бастаи мӯ сад дилу сад ҷон кунам,
Эй, магӯ бисёр: «Ту куштӣ маро».

**Писар:** Баста ба он силсилаи мӯ шудам,
Вола ба он ҳалқаи гесӯ шудам,
Банда ба он ғамзаи ҷоду шудам,
Оҳ, ба озор ту куштӣ маро.

**Духтар:** Баста ба гесӯи дарозам туӣ,
Дилшудаи ҷилваю нозам туӣ,
Пеш биё, ҳамдами розам туӣ,
Бош хабардор, ту куштӣ маро.

**Писар:** Зулфикаҷакдор, ту куштӣ маро,
**Духтар**: Бош хабардор, ту куштӣ маро,
**Писар:** Силсилапайкор, ту куштӣ маро,
**Ҳар ду:** Ёри вафодор, ту куштӣ маро.

## ЛАҲЗАЕ ҶАВОНАМ КУН

Об ҷисму ҷонам кун,
Чашмаи дамонам кун,
Ҷӯ ба ҷӯ равонам кун,
Баҳри бекаронам кун,
Лаҳзае ҷавонам кун.

Бо ҷамоли ҷонбахшо
Кӯ ба кӯ давонам кун,
Ҳамчу боди ҳарҷоӣ
Сӯ ба сӯ вазонам кун,
Лаҳзае ҷавонам кун.

Дар шабони армонӣ
Мӯ ба мӯ ниҳонам кун,
Дар сабоҳи нуронӣ
Чеҳраат аёнам кун,
Лаҳзае ҷавонам кун.

Бо паёми бахтовар
Муждае баёнам кун,
Ман ҳамон вафоҷӯям,
Боз ту ҳамонам кун,
Лаҳзае ҷавонам кун.

Бо ҳавас канорам гир,
Зӯр дар тавонам кун.
Эй гули баҳороғӯш,
Сабз дар хазонам кун,
Лаҳзае ҷавонам кун.

Об ҷисму ҷонам кун,
Чашмаи дамонам кун,
Баҳри бекаронам кун,
Сабз дар хазонам кун,
Лаҳзае ҷавонам кун.

## САБЗКАНОР МЕРАСАД

Пайки насими кӯҳсор,
Накҳати зулфи тобдор,
Савту навои обшор,
Сарви канори ҷӯйбор,
Ҷилваи қомати нигор,
Мужда диҳад зи навбаҳор.

Боз ҷаҳон бишуд ҷавон,
Нози ба ноз гулрухон,
Рақскунон, таронахон,
Ишвазанон баранд ҷон,
Ғунчаи ишқ гулфишон,
Нур дамад ба дидагон.

Гул лаби бом омада,
Ёр салом омада,
Савту калом омада,
Соғару ҷом омада,
Шаҳд ба ком омада,
Айши тамом омада.

Хез, нигор мерасад,
Чашмхумор мерасад,
Лолаузор мерасад,
Файзи баҳор мерасад,
Сабзканор мерасад,
Ёр ба ёр мерасад.

Раҳмати Кирдигор шуд,
Рӯзи наву баҳор шуд,
Равнақи рӯзгор шуд,
Нағмаи чангу тор шуд,
Савти хуши ҳазор шуд
Ид ба ҳар канор шуд.

## ОЛАМ ҲАМА КОРГОҲИ ИШҚ АСТ

Ишқ омаду ҳамраҳаш ҷафо ҳам,
Мо банда шудему мубтало ҳам.

Бо ин ҳама сӯзу дарду доғаш,
Эй кош, ки доштӣ даво ҳам.

Хуб аст, ки ишқро даво нест,
Ошиқ, ки шудӣ, бубин сазо ҳам.

Озор расад туро зи маъшуқ,
Пиндор, ки мерасад сафо ҳам.

Хоки қадамаш ба мижа бардор,
Кун сурмаи чашм, тутиё ҳам.

Олам ҳама коргоҳи ишқ аст,
Бошад, ки кунад гаҳе вафо ҳам.

Танҳо ту наӣ ҷафокаши ишқ,
З-ин варта гузашт Мирзо ҳам.

## ҲУСНИ ЗАН

Бо назокат ҳусни зан сангар шикаст,
Хусравонро тоҷу тахти зар шикаст.

Теғи абрӯе, ки буд Рухшонаро,
Дашнаю шамшери Искандар шикаст.

Дар набарди ҳусну ишқу ному нанг
Новаки мижгон сафи лашкар шикаст.

Бо ишора, бо табассум, бо нигоҳ
Воизи иршодро минбар шикаст.

Доми зулфу ҳалқаи чашми хумор
Эътиқоди муслиму кофар шикаст.

Мирзо, бо ин бало бозӣ макун,
Ҳусни зан сеҳри дами аждар шикаст.

## ЁДАТ МЕКУНАМ

Рафтаӣ то аз барам, эй ёр, ёдат мекунам,
Ман ба ҳар рӯзи Худо сад бор ёдат мекунам.

Чун дар ин умри хазонгардида бе ту нимаам,
Эй баҳори гулбасар, бисёр ёдат мекунам.

Гар ҷудоиро ҳама гӯянд хатти сарнавишт,
Ин қазоват мекунам инкор, ёдат мекунам.

Об аз сар бигзарад, чӣ як ваҷаб, чӣ даҳ ваҷаб,
Ғарқи ғам, такрори бо такрор ёдат мекунам..

Гаҳ ба ёди омаданҳоят дилам гум мезанад,
Бо дили пурҳасрати хуншор ёдат мекунам.

Кӯҳ агар бо кӯҳ не, одам ба одам мерасад,
Бо умеди дидани дидор ёдат мекунам.

«Юсуфи гумгашта боз ояд ба Қанъон» гуфтаанд,
Бо дили пазмону чашми чор ёдат мекунам.

## БОЗ МАГАР МЕОӢ?

Дур ҳастӣ зи ману пеши назар меоӣ,
Бо ҳамон чеҳраи чун нури саҳар меоӣ.

Наравӣ дур ягон сония аз дидаи чор,
Ман шумурдан натавонам, чи қадар меоӣ.

Дил занад гум ба ҳама шарфаи пои гузарон,
Ба хаёле, ки ту ин дам паси дар меоӣ.

Бе ту дар ҷавҳари маънӣ ҳама ҳарфам шӯр аст,
Намаки шеъри маро шаҳду шакар меоӣ?

Нав ба қадри ту расидам, гули гумгаштаи ман,
Пеши рӯ карда маро, бори дигар меоӣ?

Ҷон агар рафт дигар ҳеҷ нагардад вопас,
Ту, ки худ ҷони манӣ, боз магар меоӣ?

## САД ФИТНА БАРПО МЕКУНӢ

Як назар бо гӯшаи чашмони шаҳло мекунӣ,
Сад фитна барпо мекунӣ.
Бо имое оташи ишқат ба дил ҷо мекунӣ,
Сад фитна барпо мекунӣ.

Наргиси ғарқи хуморат розҳо дорад ниҳон,
Эй нозбӯи дилситон,
Бигзарам аз ҷон, агар онро таманно мекунӣ,
Сад фитна барпо мекунӣ.

Гулшане ҳастӣ, ки дори ҳусни рӯи сад чаман,
Бодо фидоят ҷони ман,
Гул бирезӣ, гар лаби чун ғунчаро во мекунӣ,
Сад фитна барпо мекунӣ.

Ширмаҳтоби рухат хоби шабамро бурдааст,
Ҷону дилам озурдааст,
Шеваи ноошноиҳо ту бар мо мекунӣ,
Сад фитна барпо мекунӣ.

Бо гузашти умри ман ту мешавӣ дилҷӯйтар,
Дар чашми ман хушрӯйтар,
Ту магӯ, ки беҳтар аз мо ёр пайдо мекунӣ,
Сад фитна барпо мекунӣ.

Эй ҷалоли сад ҷамолу эй ҷавоби сад савол,
Ҳастем мо ошуфтаҳол,
Дар вафои ваъдаат имрӯзу фардо мекунӣ,
Сад фитна барпо мекунӣ.

## ЁДҲОИ ДУР

Ҳар гаҳе ки хотиротамро тагурӯ мекунам,
Ту ба ҳусну ҷилваи зебанда пайдо мешавӣ,
Гӯиё аз солҳои рафта вопас омада,
Зарра-зарра дар сувайдои дилам ҷо мешавӣ.

Чашм мепӯшам, ки ҳар чи бештар бинам туро,
Ҷаҳд бинмоям, ки монӣ бештар дар пеши рӯ,
Ҳарфҳои содаи ишқи ҷавонӣ дар лабам,
Бо забони безабонӣ бо ту созам гуфтугӯ.

Мешавам сар то ба по дар ҳусни дилҷӯи ту ғарқ,
Бо хаёли рӯзҳои рафта мегардам ҷавон,
Бехабар аз хеш, бикшоям ба ногаҳ чашми худ,
Во дареғо, аз назар якбора мегардӣ ниҳон.

То ки аз нав дар хаёлотам туро пайдо кунам,
Боз мепӯшам ба ҳасрат дидаи камнури худ,
Ту дигар пайдо намегардиву мемонӣ маро
Бо дили бишкаставу бо ёдҳои дури худ.

## ҶАВОБАМРО ЧӢ МЕГУФТӢ?

Туро гар ёр мегуфтам, ҷавобамро чӣ мегуфтӣ?
Ба худ ғамхор мегуфтам, ҷавобамро чӣ мегуфтӣ?

Ба айёме табиат мекунад ҳар сӯ хазонрезӣ,
Гули бехор мегуфтам, ҷавобамро чӣ мегуфтӣ?

Агар аз ин суханҳо заррае ранҷидаӣ аз ман,
Машав ағёр мегуфтам, ҷавобамро чӣ мегуфтӣ?

Ба қадри донаи арзан маро маҳрам агар донӣ,
Макун инкор мегуфтам, ҷавобамро чӣ мегуфтӣ?

Ҳама ногуфтаҳоямро бихон аз чашми чори ман,
Кушо асрор мегуфтам, ҷавобамро чӣ мегуфтӣ?

Ба базми дилфиребои рақибон даъватат созанд,
Марав зинҳор мегуфтам, ҷавобамро чӣ мегуфтӣ?

Аё, эй нозбӯи ман, ба нозу ишва пешам о,
Макун афгор мегуфтам, ҷавобамро чӣ мегуфтӣ?

## ХУДО МЕБАХШАД

Мекушӣ ошиқу гӯӣ, ки Худо мебахшад,
Гап дар ин аст, ки ӯ то ба куҷо мебахшад?

Бо чунин ҳусни худодод, ки бедодгарӣ,
Ин гуноҳ аст, хато нест, чаро мебахшад?

Ҷон ситонидани худро ту раво медонӣ,
Бош огаҳ, ки на ҳар гуна хато мебахшад.

Ошиқонат ҳама дилхуншудаю зору низор,
Бо рақибон ту кунӣ кайфу сафо, мебахшад?

Дарди ҳиҷрони туро нест шифо ғайри вафо,
Накунӣ ҳеҷ ба ин дард даво, мебахшад?

Чист як бӯса, ки чун хайр набахшӣ ту ба мо?
Тангае гоҳ хасисе ба гадо мебахшад.

Банда гар пир шавад, хоҷа раҳояш бикунад,
Пир гаштем, насозӣ ту раҳо, мебахшад?

Эй, на танҳо мани ҷонсӯхта дар доми туям,
Сад чу ман аз ту кашад ҷабру ҷафо, мебахшад?

Хайр, гуфтем, Худованд раҳим асту карим,
Мирзо ин ҳама бедоди туро мебахшад?

## ДИЛ БА ТАПИДАН АСТ БОЗ

Пайки баҳор мерасад, дил ба тапидан аст боз,
Атрнисор мерасад, гоҳи шамидан аст боз.

Мурғи саҳар ба нола шуд, соғари нӯш лола шуд,
Аз майи лаъли лабшакар айни чашидан аст боз.

Лоларухони нозанин ҷилваи ноз мекунанд,
Домани ёри гулҷабин зеби кашидан аст боз.

Замзама пеши ёр кун, дар дили худ баҳор кун,
Розу ниёзи ошиқӣ вақти шунидан аст боз.

Сабзаю гул дамон шуда, чашма ба ҷӯ равон шуда,
Даст ба дасти дилбаре даври давидан аст боз.

Омадани нигор хуш, ҷон ба раҳаш нисор хуш,
Бар ҳама ормони дил майли расидан аст боз.

## БА ХАТО МЕКУШАДАМ

Ғамзаи чашми ту бо ҷабру ҷафо мекушадам,
Бегуноҳи раҳи ишқам, ба хато мекушадам.

Пурс як бор аз он чашми шарарангезат,
Ки ба чӣ айбу чӣ ҷурмею чаро мекушадам.

Ҷон супурдан ба мани сӯхтадил ҳеҷ бувад,
Сӯзи он ки бишавам аз ту ҷудо мекушадам.

Ту надонӣ шаби ҳиҷрон чӣ азобе дорад,
Бе рухат омадани субҳи сафо мекушадам.

Як назар ҷониби ин шефта кай бинмоӣ,
Нигаҳат сӯи рақибон ба имо мекушадам.

Дар дилам сад ҳаваси лутфи ту пинҳон дорам,
Расми ошиқкушият айни вафо мекушадам.

Гар шавад арзи мани зор ба даргоҳ қабул,
Шодии васли ману ту, ба Худо, мекушадам.

## НӮШБОД

Гар ошиқат бошад ҳазор,
Дар он миён якто манам.
Гар бошадат сад ҷоннисор,
Дар он миён якто манам.
Дорӣ агар даҳ интизор,
Дар он миён якто манам.
Монад туро як ғамгусор,
Дарёб, к-он якто манам.
Монӣ агар бе ҳеҷ ёр,
Дон, рафта аз дунё манам!

## ЯК ШАБИ ҒАМОЛУДА

Боз шуд ғамолуда
Як шаби дигар бе ту,
Ин сиёҳи тӯлонӣ
Кай шавад саҳар бе ту?
Аз паси ҳарири абр
Моҳ чеҳра равшан кард,
Пеши рӯ ҷамоли ту
Гашт ҷилвагар бе ту.
Бо шарораи сӯзон
Канда шуд яке ахтар,
Доштам ба ин манзар
Бо алам назар бе ту.
Абр чун ба ҳам печид,
Барқ оташак дардод,
Сӯхтам ба ҳасратҳо
Мисли чӯби тар бе ту.
Қатра-қатра борон шуд,
Зад ба ҳар ду рухсорам,
Ашки шашқатори ман
Рехт пушти дар бе ту.
Як шаби ғамолуда
Боз шуд саҳар бе ту,
Мебарам аламҳоям
То шаби дигар бе ту.

## ОШИҚИ БӮСАГАДО

То ба рухсора сари зулфи сияҳ тоб диҳӣ,
Ба ҳавас ҳусни дигар бар рухи маҳтоб диҳӣ.

Рух, ки дар ҳалқаи зулф аст ниҳон, чун бошад,
Бӯса аз чашми хумории майи ноб диҳӣ?

Беибо бӯса талаб кардани мо густохист,
Ғояти лутф шавад, ин суханам об диҳӣ.

Гуфтаӣ: «Бӯса ба ту дар шаби хобат бахшам»,
Чашм пӯшам, ба гумонат, ки манам хоб, диҳӣ.

Шарм дорӣ ту агар аз нигаҳи мардуми шаҳр,
Метавон дар дараи хилвати Варзоб диҳӣ.

Сахт бемори туям, баҳри даво мебояд
Бо лабат об ба ҳалқи мани нотоб диҳӣ.

Мирзо аз ту яке бӯса гадоӣ дорад,
Ҳаст розӣ, ки ба ҳар ҷою ба ҳар боб диҳӣ.

## ХАЙР, ЭЙ РАФТА ЗИ БАР

Боз шоми сияҳамро ту сияҳтар кардӣ,
Дидаи чори маро з-ашки алам тар кардӣ.

Ман, ки аз рӯи вафо ҷон ба гарав монда будам,
Инчунин ганҷ ту бар хок баробар кардӣ?!

Боварам ҳеҷ набуд ин, ки ту бедодгарӣ,
Лек, афсӯс, ки бедодгарӣ сар кардӣ.

Шаби дӯшина киро масту хуморолуда
Ту ба ҷои мани дилхуншуда дар бар кардӣ?

Оре, аз сустии имон бишавад беаҳдӣ,
Ба хаёлам, ки ту рафтор чу кофар кардӣ.

Дили ман аз ту умеду ҳаваси беҳад дошт,
Во дареғо, ҳама барбод саросар кардӣ.

Хайр, эй рафта зи бар, бахту саодат ёрат,
Гар ту ёре зи ман арзандаву беҳтар кардӣ!

## ҲЕҶ АЗ ЁДАМ НАРАФТӢ

Ёри кайҳо рафта аз бар, ҳеҷ аз ёдам нарафтӣ,
Эй гирифта ёри дигар, ҳеҷ аз ёдам нарафтӣ.

Бо ту олам буд рангин, бо ту ҳар дам буд рангин,
Эй ҷудо ҷони зи пайкар, ҳеҷ аз ёдам нарафтӣ.

Меҳри ту, эй некахтар, дар вуҷудам гашта ахгар,
Оташи он мекашад сар, ҳеҷ аз ёдам нарафтӣ.

Гарчи уммеде надорам, бо ду чашми интизорам,
Мекунӣ оё ту бовар, ҳеҷ аз ёдам нарафтӣ?

Чун тилисми ногаҳонӣ боз ояд гар ҷавонӣ,
Пеши поят мениҳам сар, ҳеҷ аз ёдам нарафтӣ.

Зиндагӣ оҳиста бигзашт, бе ту ношоиста бигзашт,
Дар гузашти умри сар-сар ҳеҷ аз ёдам нарафтӣ.

## МАН БАРОИ ТУ ҶАВОН МЕМОНАМ

Ин чӣ бахтест, ки ёрам бо ту,
Ғаму андӯҳ надорам бо ту.

Ҳамчунон ганҷ ту пайдои манӣ,
Бахти воло, гули яктои манӣ.

Шаб, ки дар бистари гул мехобам,
Боз даврони ҷавонӣ ёбам.

Субҳ, к-аз бистари гул мехезам,
Заъфи пиронаи худ мерезам.

Ваҳ, чӣ зебост навозишҳоят,
Ҷони ман садқа ба созишҳоят!

Ин қадар ёри вафодор туӣ,
Давлату бахти бақодор туӣ.

Бо садоқат ту чунонам кардӣ,
Боз баргашта ҷавонам кардӣ.

Эй, ки мегӯӣ: «Ба ҷонат ҷонам»,
Ман барои ту ҷавон мемонам!

## САВОЛИ БЕҶАВОБ

Рафтанат аз бари ман сӯи дигар буд раво?
Магар ин шева маро пеши назар буд раво?

Нест ҳоҷат ба баён, он чӣ ки худ гашт аён,
Лек бар ман зи ту ин ғадр магар буд раво?

Гуфта будӣ, ки ба ҷуз ту нашавам ёри касе,
Аҳд барбастану додан ба ҳадар буд раво?

Ҳайф шуд он «асалам» гуфтану он шаҳди баён,
Заҳр омехтани ту ба шакар буд раво?

Нахли парвардаи ишқи ману ту гашт хазон,
Ба ту хушкидани он вақти самар буд раво?

Ҷони ман тоқати ин гуна забунӣ накунад,
Мон бимирад, ки варо зеру забар буд раво!

## ХОТИРОТИ ШИРИН

Ҳарчанд ақли моро бо ҳусни худ рабудӣ,
Таркат кунам чуноне, гӯё ки ту набудӣ.

Ишқи ту ногаҳонӣ, чун барқи осмонӣ,
Якбора зад чароғак, бигзашт он ба зудӣ.

Аз чашми шӯъларезат эҳсоси дард монда,
Сӯзад вуҷуди моро бе лахчаеву дуде.

Дар мазраи вафоят дони ҷафо бирӯид,
Он чӣ, ки парваридӣ, онро кунун дурудӣ.

Ҳарф аз лабони ширин бе шаҳди хушбаёнӣ
Таъми расо надорад чун оши бе кабудӣ.

Гӯянд, ки табиат қонуни худ навишта:
Ду бор кай тавон шуд дохил ба оби рӯде?!

Бо ҷаҳд ҳам зи як даст асло садо наояд,
Бинмуда нописандӣ, чашми маро кушудӣ.

Аз ту ба ёд монда як хотироти ширин:
Гоҳе ту васфи моро бо шеър месурудӣ.

Гарчи манам пушаймон, гарчи туӣ пушаймон,
Обе, ки бар замин рехт, аз он дигар чӣ суде?

## ИШҚБОЗӢ

Ишқварзиҳои мо бедард нест,
Осмонаш бе ғубору гард нест.

Мерасад ангеза аз чашми ҳасуд,
Бе пичинги як-ду-се хунсард нест.

Дарди ҳиҷронро намедонанд чист,
Чеҳраҳошон аз ғами он зард нест.

Ишқро ҳам дастаҷамъӣ бишмаранд,
Гӯиё ин хосаи ҳар фард нест.

Ҷон ба роҳи ишқ мебояд супурд,
Ишқбозӣ кори ҳар номард нест.

## ЗИНДА АЗ БАҲРИ ТУ МАН МЕМОНАМ

Ёд дарӣ, ки будам дар дами марг,
Андаке монд, ки ман мемурдам.
Дар ҳамон ҳолати ҷон кандани худ
Ман ғами ҷони туро мехӯрдам.

Аз чунин фикр ба худ печидам,
Ки пас аз ман ту киро ёр шавӣ,
Эй, мабодо ба ягон нохалафе
Дил супорию гирифтор шавӣ .

Бишнавӣ з-ӯ сухани талху дағал,
Реши дилро ба таҳаммул дӯзӣ,
Рӯякӣ гарчи кунӣ хандаю лутф,
Аз алам лек дарунӣ сӯзӣ.

Ҷони ман, то нашавӣ хор ту ҳеҷ,
Зинда аз баҳри ту ман мемонам,
Аз ҳама дард шифо меёбам,
Чун бигӯӣ, ки: «Ба ҷонат ҷонам».

## ЧАШМОНИ ШАРАРАНГЕЗ

Чашми фаттони ту оташ зада бар ҷони хароб,
Ин сияҳмаст ба умре накунад кори савоб.

Ҳар кучое нигарад, шӯру шарар ангезад,
Як тараф сӯхта ҷону тарафе қалби кабоб.

Зарраи барф, ки бар он сари миҷгон афтод,
Шуд ба як миҷҷа задан з-оташи чашмони ту об.

Наргиси масти ту ҳар кор кунад, фитна зи туст,
Лаҳзае ёд биовар, ки расад рӯзи ҷавоб.

Менадонам, ба чунин ишвагарӣ, фитнагарӣ
Чашми ту масти хумор аст ва ё масти шароб.

Гуфтаӣ: «Тоб наорӣ ту агар бар нигаҳам,
Назаре сӯи дигар дору дар ин чашм матоб».

Мон, ки ман куштаи чашмони хумори ту шавам,
Оташи ишқ ба ҷону ба кафам бодаи ноб.

## ИШҚИ ҶОНСӮЗ

Бигзарад дурӯза дунё,
Мо куҷову ту куҷоӣ?!
Бо ҳама сӯзу аламҳо
Мо куҷову ту куҷоӣ?!

Ишқи айёми ҷавонӣ,
Гулфишонӣ, гулситонӣ,
Нақш мемонад ба дилҳо
Безаволу ҷовидонӣ.

Дард дорад, сӯз дорад,
Шом дорад, рӯз дорад,
Оташе бошад гуворо,
Нури дилафрӯз дорад.

Меҳр ҳасту ишқи ҷонсӯз,
Ёр ҳасту рашки ҷонсӯз.
Аз ғаму дарди ҷудоӣ
Ошиқонро ашки ҷонсӯз.

## САРФАИ САРИ ДЕГДОН

Бар ёд мерасад
Як шоми рӯзгор,
Кардем мо ҳама
Бар хоб ихтиёр.

Омад ба ногаҳон
Бар хона меҳмон,
Гуфтам: Чӣ сон кунам
Ман эҳтироми он?

Тахмин задам ба худ:
Дар хона гӯшт нест,
Аз равғану биринҷ
Кулвори мо тиҳист.

Кардам назар ба ту,
Эй ҳамсари азиз,
Яъне, чӣ мекунем,
Чун нест ҳеҷ чиз?

Гуфтӣ: «Раву нишин
Ҳамроҳи меҳмон,
Ман мешавам кунун
Аз пушти ризқи он».

Нагзашта соате
З-он лаҳзаи гарон,
Оши балаззате
Омад ба рӯи хон.

Вақте гусел шуд
Бо қадр меҳмон,
Гуфтам, ки аз куҷо
Кардӣ ту ошу нон?

Додӣ ба пурсишам
Посух ба ин забон:
«Аз сарфакардаҳо
Дар пеши дегдон».

Гар сарфа мекунад
Зан пеши дегдон,
Файзаш фузун бувад
Аз тоҷири замон.

## ПАНДИ СОДА

Гар ёр аҳл бошад, шӯру фиғон чӣ ҳоҷат?
Гар кор саҳл бошад, зӯри миён чӣ ҳоҷат?

Худро ба ҳадди меъёр аз ҳар ҷиҳат нигаҳ дор,
Ҳангоми ваъз гуфтан кафки даҳон чӣ ҳоҷат?

Бар дода кун қаноат, бар ҳукми Ӯ итоат,
Дуздию рӯсиёҳӣ аз Ӯ ниҳон чӣ ҳоҷат?

Дорӣ агар ба сар ҳуш, дар роҳи илм мекӯш,
Беҳуда нахли умрат кардан хазон чӣ ҳоҷат?

Дар курсие яке шишт, номаш ба мех бинвишт,
Бар инчунин касофат ному нишон чӣ ҳоҷат?

Ҳар гаҳ фитод мушкил, пурсед фикри оқил,
Ҷое, ки ақл бошад, тиру камон чӣ ҳоҷат?

Ин панди содаамро кӯтаҳ кунам ҳамин ҷо,
Дар қитъае биғунҷад, бар достон чӣ ҳоҷат?

## ЁДҲО БО ДОДҲО

Айём кард кори худ, он айши дӯш ку?
Гулбазмҳои хосаву ҷӯшу хурӯш ку?

Гоҳе ба ёд омада ёру канори ҷӯ,
Он сарвқомату майу бардору нӯш ку?

Дар ҳар канор дошта хубони майгусор,
Ҷомам тиҳист, ҷуръа аз он майфурӯш ку?

Шабҳо маро ба бӯса чӣ бедор кардаанд,
Маҳбубаҳои гулдаҳан, он айшу нӯш ку?

Лабро ба ақл бастаам аз нолаву фиғон,
Он марҳаме, ки сӯз бисозад хамӯш, ку?

Шуд даврае, ки панд диҳандам, ки тавба кун,
То тавбаҳо биёварам, он ақлу ҳуш ку?

Даври шубоб бегунаҳ асло набудаам,
Оне, ки айби хеш бигирад ба дӯш, ку?

## ТОЛИБИ МЕҲР

Ёре, ки зи бар рафт, дигар ёри ту набвад,
Бо ёри дигар рафт, гирифтори ту набвад.

Дил ҳамчу кабӯтар ҳаваси боми туро дошт,
Рондӣ ту варо, шукр, ки ночори ту набвад.

Дар боми дигар ҷуфти сазовор ба худ ёфт,
Чун тарк туро кард, сазовори ту набвад.

Он ҳусни фиребанда ба бозор чӣ орӣ,
Дил толиби меҳр аст, харидори ту набвад.

Бар манзили уммед, ки ӯ ҳаст равона,
Азми сафараш дидани дидори ту набвад.

Бо рашку ҳасад дар пайи озори ман астӣ,
Ҳарчанд маро хоҳиши озори ту набвад.

Мо аз қафаси ишқи ту озод паридем,
Ҳар ҷо, ки нишинем, дигар кори ту набвад.

## БО ҶОНИ МАН БОЗӢ МАКУН

Бо ҳар шиносу ношинос
Лутфу суханбозӣ макун.
Ин дил ниҳоят нозук аст,
Бо ҷони ман бозӣ макун.

Ман бовафо ёри туам,
Ҷуфти сазовори туам,
Як нозбардори туам,
Бе ман сарафрозӣ макун.

Дар пеши ман бо дигаре,
Дилдода, ё ки дилбаре,
Бо шеваҳои дилбарӣ
Шӯхию таннозӣ макун.

Бо рӯю мӯи нозанин,
Бо доми зулфи анбарин,
Бар қасди сайди ону ин
Ҳар ҷо гапандозӣ макун.

Бе ман сарафрозӣ макун,
Шӯхию таннозӣ макун,
Ҳар ҷо гапандозӣ макун,
Бо ҷони ман бозӣ макун!

## МАЙДА-МАЙДА

Майда-майда ман гирифторат шудам,
Майда-майда меҳри ту андӯхтам.
Майда-майда дода дил аз дасти худ,
Майда-майда дар фироқат сӯхтам.

Майда-майда майл кардӣ сӯи ман,
Майда-майда ҳамдами розам шудӣ,
Майда-майда меҳр афзудӣ ба дил,
Майда-майда боли парвозам шудӣ.

Майда-майда гашта мо пайванди ҳам,
Майда-майда умр шуд зебандатар,
Майда-майда боғи дил шуд дар нумӯ,
Майда-майда дод ишқи мо самар…

Майда-майда то хабар гаштем мо,
Офтоби умр бар ҷое расид,
Майда-майда сӯи ғайби ҷовидон
Рахт аз дунё ҳамебояд кашид.

## ҲУСНИ ҶАҲОН

Дар сарви қомати ту
Нахли ҷавон бубинам,
Дар шеваи хиромат
Ҳусни ҷаҳон бубинам.

Дар мӯи анбарафшон,
Дар кокули парешон,
Дар зулфи ҳалқапечон
Бозии ҷон бубинам.

Бар он лабони майгун
Гардида зору мафтун,
Дар ҳарфҳои мавзун
Шаҳди баён бубинам.

Дар он камони абрӯ,
Дар барқи чашми ҷодӯ,
Дар ҳар нигоҳи дилҷӯ
Тире ниҳон бубинам.

Эй сарвиноз, боз о,
Эй дилнавоз, боз о,
Меҳрат нишаста дар дил
То ҷовидон бубинам.

## САРВИ ЧАКАНПӮШ

Куртачакан, ба рақс о,
Сарви чаман, ба рақс о,
Чарх бизан, ба рақс о,
Зеби Ватан, ба рақс о!

Ларза кунад қоматат,
Ларза чакан мекунад.
Ҳар гули нақши чакан
Бӯи Ватан мекунад.

Майда қадам чиданат
Пайки баҳорон бувад,
Печухами доманат
Боғи гулафшон бувад.

Куртачакан, давра гир,
«Саҳна гулистон шавад».
Тири нигоҳат равон
Аз сафи миҷгон шавад.

Курта зи гул карда гул,
Бурд зи мо ҳуши мо.
Шаршараи гул шуда
Сарви чаканпӯши мо.

Куртачакан, ба рақс о,
Сарви чаман, ба рақс о,
Чарх бизан, ба рақс о,
Зеби Ватан, ба рақс о!

## ТАСВИР

Бигзашт шӯхи Дарвоз
По монда чида-чида.
Ин ҳусну ишваю ноз
Кас дар ҷаҳон надида.

Рухсораҳо шафақгун,
Рӯ шири навдамида,
Гӯё зи сеҳри гардун
Дар барф хун чакида.

Бо ғамзаи нигоҳе
Тире ба ҷон халида,
Чун дастаи сипоҳӣ
Миҷгони сафкашида.

Гулғунчаи лаби ӯ
Ояд ба пеши дида,
Наққош бас чи некӯ
Гул дар шакар кашида.

Чун мавҷи обшорон
Мӯ то миён хамида,
Зулфони ҳалқапечон
Доме, ки нав танида.

Гуфтем дарди ҳиҷрон,
Бигзашт ношунида,
Гӯё, ки риштаи ҷон
Якбора шуд бурида.

## ЗЕБАНДА МОҲИ ВАҲДАТ

Миҷгонсиёҳи Ваҳдат,
Ҷодунигоҳи Ваҳдат,
Бо ноз мехиромӣ,
Зебанда моҳи Ваҳдат.

Бонуи нози Ваҳдат,
Кокулдарози Ваҳдат,
Лутфе ба ҷони мо кун,
Эй дилнавози Ваҳдат.

Зебонигори Ваҳдат,
Рӯят баҳори Ваҳдат,
Бо ишва мебарӣ ҷон,
Эй дилшикори Ваҳдат.

Эй нозбӯи Ваҳдат,
Эй моҳрӯи Ваҳдат,
Бо ҳусни худ фузудӣ
Ҳусни накӯи Ваҳдат.

## ГУЛЧИН

Эй тозагули Ваҳдат,
Ман садқа ба он аҳдат.
Шуд гулшани дил обод
Бо кӯшишу бо ҷаҳдат.
Тасдиқи вафодорӣ
Хоҳам зи лаби шаҳдат.

Зебосанами ванҷӣ,
Боло зи ҳама ганҷӣ.
Арзи дили худ гӯям,
Шояд, ки намеранҷӣ.
Моро ба раҳи ишқат
То чанд ту месанҷӣ?!

Эй дилбараки ғармӣ,
Боиффату бошармӣ.
Чун себаки хубонӣ
Сурхинаруху нармӣ.
Эй шӯълаи сад оташ,
Хоҳам зи ту дилгармӣ.

Гулдухтари ёвонӣ,
Бар мулки танам ҷонӣ.
Он аҳди ниҳониро
Ман донаму ту донӣ.
З-он лаб сухане мегӯ,
Шаккар шавад арзонӣ.

Куртачакани Кӯлоб,
Кардӣ дили ошиқ об.
Бо ғамза маро куштӣ,
Эй наргиси масти хоб.
Тобанда ҷамоли ту,
Ин ҷо дили ман бетоб.

Ширинлабаки суғдӣ,
Шаҳду шакару қандӣ,
Бо ёри насанҷида
Ту аҳд намебандӣ,
Паймон, ки ба мо бандӣ,
Асло ту намекандӣ.

Эй духтари дарвозӣ,
Эй ҷӯҷаи парвозӣ,
Бо ҳусни худодода
Ҳаққо, ки ту менозӣ.
Бошад, ки зи дилсӯзӣ
Бар мо назар андозӣ.

Эй маҳваши варзобӣ,
Чун гавҳари ноёбӣ,
Дар соҳили рӯди шӯх
Мисли парии обӣ.
Саргаштаи ишқатро
Як бор намекобӣ.

Эй лабшакари тоҷик,
Гулбарги тари тоҷик,
Арзандаи як дунё
Бориккамари тоҷик,
Дар боғи ҷаҳоноро
Ту зебу фари тоҷик!

## ПОДОШИ ТАВБА

Зи бахти баста, эй духтар, фиғону нола шаб кардӣ,
Саҳар аз ҷой чун бархостӣ, қасде аҷаб кардӣ.
«Магар дорам камӣ з-олуфтаҳои кӯчагӣ?» гӯён,
Хаёлан зиндагии дигаре бар худ талаб кардӣ.

Чаро охир надорам ман ягон ангуштарин? – гуфтӣ,
Чаро бар гардани ман нест занҷири зарин? – гуфтӣ .
Чаро бар гӯшҳоям ҳалқаи тилло ҳамоил нест?
Магар аз навҷавониҳо насиби ман ҳамин? – гуфтӣ .

Ба қасди танфурӯшӣ бехудона рӯи раҳ рафтӣ,
Вале дил дар тапиш аз кардани он сон гунаҳ рафтӣ,

Сари роҳ аз даруни мошине марде ишорат кард,
Вуҷудат ногаҳон ларзиду аз чашмаш панаҳ рафтӣ.

«Худоё, тавба кардам!» – гуфта, бо ду гунаи тасфон
Давидӣ сӯи хона, аз чунин рафтори худ тарсон.
Туро шарму ҳаё аз кӯи бадномӣ ҳимоят кард,
Бимирам дар ту ман, охир шикастӣ гардани шайтон.

Каломи тавбаат он лаҳза бахти созгорат буд,
Баиффат монданат рамзи барори рӯзгорат буд:
Туро подоши он кирдор, аз лутфи Худовандӣ,
Гурӯҳи хостгоронат ба хона интизорат буд.

## ГУЛИ НОЗ

*Нақарот*:
Ту маро хор кунӣ, хор шавӣ,
Ту маро зор кунӣ, зор шавӣ,
Дар ғамат хастаю бемор шудам,
Дар ғамам хастаю бемор шавӣ.
Кай ба ишқи мани дилсӯхта иқрор шавӣ,
Ту ба ман ёр шавӣ,
Ёри ғамхор шавӣ.

Ёри ҷон, дида ба роҳат нигарон аст, биё,
Дур будан зи барат сахт гарон аст, биё,
Ғунча дар боғ шукуфту гули ишқам нашукуфт,
Эй гули ноз, баҳорам гузарон аст, биё.

*Нақарот*:

Лаби ҷӯйу лаби ёру лаби соғар хоҳам,
Майи ишқу қадаҳ аз лолаи аҳмар хоҳам.
Қомати сарви хиромони ту дар бар хоҳам,
Хонаи дил ба ҷамоли ту мунаввар хоҳам.

*Нақарот*:

Дар чаман чаҳ-чаҳи мурғони саҳархез хуш аст,
Аз лаби ёр сухан шаҳду шакаррез хуш аст,
Рӯи садбаргию чашми шарарангез хуш аст,
Лаҳзае нозу гаҳе меҳру вафо низ хуш аст.

*Нақарот:*

## ДАСТЕ БА ЛОЛАСОҒАР

Даври шубоб бигзашт,
Ҳай бошитоб бигзашт,
То чашм боз кардем,
Гӯё ба хоб бигзашт.
Эй кош, бори дигар
Бар мо шавад муяссар
Дасте ба зулфи дилбар,
Дасте ба лоласоғар.
Эй вақт, лаҳзае ист!
Авҷи шитоб дар чист?
Чархат қафо бигардон,
Сӯе, ки навҷавонист.
Бошад, ки бори дигар
Бар мо шавад муяссар
Дасте ба зулфи дилбар,
Дасте ба лоласоғар.
Эй шӯхи мӯйсунбул,
Эй чеҳра хирмани гул,
Шайдотарин дили зор
Овар ба банди кокул.
Шояд, ки бори дигар
Такрор гардад аз сар
Дасте ба зулфи дилбар,
Дасте ба лоласоғар.

## НОЧОР МАРО КУШТӢ

Эй ёр, маро куштӣ, сад бор маро куштӣ,
Сад бор маро куштӣ, эй ёр, маро куштӣ.

Бисёр маро куштӣ, як бор насанҷидӣ,
Як бор насанҷидӣ, бисёр маро куштӣ.

Аз ор маро куштӣ, гуфтӣ, ки намеарзӣ,
Гуфтӣ, ки намеарзӣ, аз ор маро куштӣ.

Дар нор маро куштӣ бо талъати рухсорат,
Бо талъати рухсорат дар нор маро куштӣ.

Чун хор маро куштӣ бо хандаи гулрезон,
Бо хандаи гулрезон чун хор маро куштӣ.

Ночор маро куштӣ, то ки наравам аз ту,
То ки наравам аз ту, ночор маро куштӣ.

Эй ёр, ба ҳар рӯзе сад бор маро куштӣ,
Як бор насанҷидӣ, бисёр маро куштӣ.

## ДИЛИ ОШИҚ

Ошиқ шудаст ин дил, бо сад ҳавас нишаста,
По дар асал ниҳода, гӯё магас нишаста.

Бар кӯи ӯ расидан осону саҳл донад,
Ангезаи хатарҳо аз пешу пас нишаста.

Тӯфони роҳи васлаш чун шабнаме гуморад,
Мӯре ба мавҷи дарё дар рӯи хас нишаста.

Садчоку пора-пора мерафт то ба манзил,
Гар аз азал набудӣ андар қафас нишаста.

Хоҳад қафас шикастан ин мурғи бе пару бол,
Бе васли ӯ набошад то як нафас нишаста.

Сармасти бодаи ишқ, андешае надорад,
Ин тифл кай бидонад, ки барабас нишаста?

Дил сода аст, ё Раб, манмой ноумедаш,
Бо сад ҳавас ба ёди фарёдрас нишаста.

## АЗМИ САФАР

Ман шунидам, ки кучое ту сафар кардании̣,
Мани дилхуншударо хуни ҷигар кардании̣.

Андар ин шаҳр ҳама волаву шайдои туанд,
Шӯр барпо ба ягон шаҳри дигар кардании̣.

То ба як диданат аз дур қаноат кардам,
Хешро дур ту аз мадди назар кардании̣.

Хонабардӯшу парешону ҷунунавзоям,
Ҳолу аҳволи маро боз батар кардании̣.

Рӯи чун моҳ, лаби гул, дили сангин дорӣ,
Ту ба ин ҳусну ба ин феъл чӣ сар кардании̣?

Сахт бемораму азми сафарат беҷо нест,
Аҷаламро ту аз ин ҳол хабар кардании̣.

Як ҷаҳон ишқ ниҳон аст ба қалби Мирзо,
Ин ҷаҳонро ту магар зеру забар кардании̣?

## МӮЪҶИЗАИ ИШҚ

Ту чӣ донӣ, ки висоли ту чӣ корам кардаст,
Хоки раҳ будаму бар тахт саворам кардаст.

Шукр, сад шукр, ки айёми хазонрезии умр
Тозаву тар чу ба айёми баҳорам кардаст.

Ман, ки бар мӯъҷизаи ишқ сано мехонам,
Ҳама зебоии олам ба канорам кардаст.

Носипоси ду ҷаҳон бошаму расвои ҳама,
Гар бигӯям, ки ғами ишқи ту хорам кардаст.

Ҳама ушшоқ, бубинеду бисанҷед маро,
Ҷавҳари ишқ чӣ зӯре ба мадорам кардаст.

Бо чунин ишқ магар гӯшанишин битвон буд?
Рахна бар тоату бар сабру қарорам кардаст.

Қудрати ишқ маро зинда бидорад, Мирзо,
Қатраи оби равонбахш нисорам кардаст.

## КӢ ТУРО ТАБРИК КАРД?

Рӯзи тавлидат, азизам, кӣ туро табрик кард?
Кӣ лаби худ бар лаби ҷонбахши ту наздик кард?
Кӣ ба ту гуфто: муборак рӯзи тавлиди ту бод?
Бо ту хушгӯӣ кадомин баччаи тоҷик кард?

Кӣ ба ҷои ман туро бо лутфи худ шайдо намуд?
Хешро кӣ дар сухан чун булбули гӯё намуд?
Кӣ ба базмат маст гашту рақс карду шеър гуфт?
Кӣ ҳавои ишқи худ дар синаи ту ҷо намуд?

Кӣ ба ҷои ман дар он шаб шишаи шампон кушод?
Кӣ қадаҳ пур карда дар он базм бар дасти ту дод?
Кӣ ба ҷои ман зи бебокӣ ба қалбат даст зад?
Кӣ лаби худ бар гули лабҳои ҷонбахшатниҳод?

Кӣ ба ҷои ман зи ишқат қиссае бишниду рафт?
Кӣ ба ҷои ман зи сӯзи дил ба худ печиду рафт?
Кӣ ба ҷои ман даме хоки кафи пои ту шуд?
Кӣ дар охир погаҳи он остон бӯсиду рафт?

...Оҳ, ин андешаҳо пайваста обам мекунанд,
Моили гуфтори шеъри беҳиҷобам мекунанд.
Ишқ агар ин асту ҷонон ину ҳиҷронаш чунин,
Бе алав дар оташи ҳасрат кабобам мекунанд.

## ҶАВОНӢ КУН

Чӣ мепурсӣ, ҷавонӣ чист, эй додар, ҷавонӣ кун.
Лаби ҷӯю лаби ёре, ба лаб соғар ҷавонӣ кун.

Асову саллаву ришу фаши ту ноаён оянд,
Ба рӯю мӯи хуш, эй нахли сабзу тар, ҷавонӣ кун.

Замоне мерасад, к-аз ишқ метарсию меларзӣ,
Далеру беибою зираку сафдар ҷавонӣ кун.

Ба ҳар синну ба ҳар соле, тавонӣ, дил ҷавон медор,
Машав афсурда рӯҳан, кун ба худ бовар, ҷавонӣ кун.

Бирав Варзобу Анзобу гузар кун ҷониби Ромит,
Шавад имкон агар, дар ағбаи Шар-шар ҷавонӣ кун.

Туро то зӯри бозу ҳаст, ин қудрат ғанимат дон,
Расад айёми пирӣ, мешавӣ лоғар, ҷавонӣ кун.

Ҷавонӣ ҳамчу рӯди пурталотум даргузар бошад,
Чу ғаввосон аз ин дарё биҷӯ гавҳар, ҷавонӣ кун.

Бихонӣ шеъри Мирзоро, бидон, ки аз сари лутф аст,
Худо худ мешавад бахшандаю довар, ҷавонӣ кун!

## ҚАДРДОНӢ

Гарчи қадрамро намедонӣ, ба қадрат мерасам,
Бегуноҳ аз хеш меронӣ, ба қадрат мерасам.

Ҳолу аҳволи маро, ҷоно, парешон мекунӣ,
Лек ман бо ин парешонӣ ба қадрат мерасам.

Ту намемонӣ, ки ман бар остонат по ниҳам,
Гар ба чашми ман қадам монӣ, ба қадрат мерасам.

Аз сари инсоф, боре кӯтаҳиямро бигӯ,
Мондаам дар ҳоли ҳайронӣ, ба қадрат мерасам.

Лаҳзае андеша кун, аз ёри ҷонӣ рӯ матоб,
Эй ту бахти аввалу сонӣ, ба қадрат мерасам.

Меравӣ ҳоло? Бирав! Монӣ агар дар нимароҳ,
Бозгардӣ бо пушаймонӣ, ба қадрат мерасам.

## ЯК БОРИ ДИГАР БОЗ О

Бе нури ҷамоли ту
Маҳтоби само хира.
Бе талъати рухсорат
Шоми дили мо тира.
Кандӣ ту назар аз мо,
Шуд дидаи тар аз мо,
Бо ёди лаби лаълат
Ин хуни ҷигар аз мо.
Бе ту дили мо сард аст,
Дар дидаи мо гард аст,
Он ҷо гули рӯи ту,
Ин ҷо рухи мо зард аст.
Эй нури басар, боз о,
Эй шамсу қамар, боз о,
Сад ҷон ба фидои ту,
Як бори дигар боз о.

## ЁДИ МАНИ ЗОР МАКУН

Эй гули ноз, ту парвои мани хор макун,
Рафтаӣ то зи барам, ёди мани зор макун.

Ман гирифтор ба ту будаму ҳастам ҳама умр,
Хешро ҳеҷ чу ман сайди гирифтор макун.

Дили худро, ки пур аз шӯри ҷавонист кунун,
Ба хаёли мани дилхуншуда афгор макун.

Ҳолати рафтани ту коҳиши ҷонам будӣ,
На биёю на бирав, он ҳама такрор макун.

Пеши рӯ ранги рухи зарди маро ҳеҷ маёр,
Рӯи садбаргии худ зайли гули хор макун.

Ёд бодо маҳу соле, ки шудӣ ҳамнафасам,
Он кахи кӯҳнашуда бод дигар бор макун.

Марҳабо, гӯяму тарсам, ки ту инкор кунӣ,
В-арна Мирзои ту кай гуфт, ки ин кор макун?

## БАЧАРА БИН, ҲАЙРОНАЙ

*Нақарот:*
Бачара бин, ҳайронай,
Сарсону саргардонай,
Ёракша гум кардайе,
Дар дилуш сад гумонай.

Ёрум рафтайе, сабру карорум рафтайе,
Дандонзираи силсиладорум рафтайе.
Бар ӯ хабари ранги хазонма бубаред,
То ӯ рафтайе, боғу баҳорум рафтайе.

*Нақарот:*

Ин ёраки мо хонаи очаш рафтайе,
Монанд ба тифле, ки кунад ғаш, рафтайе.
Мо хору хасему ӯ алови тезайе,
Оташ зада бар ҷони ҷафокаш, рафтайе.

*Нақарот:*

Як бори дигар зи дар дарояд, чӣ шава,
Ғам аз дили садпора барояд, чӣ шава.
Наврӯз шудай, шукуфта ҳар сӯ гули ноз,
Бар мо гули рӯи худ намояд, чӣ шава.

*Нақарот:*

## МОРО БА ЧАШМИ КАМ МАБИН

Эй шӯхчашми нозанин,
Моро ба чашми кам мабин.
Мижгонсиёҳи маҳҷабин,
Моро ба чашми кам мабин.

Маҷнун манам, Лайло туӣ,
Вомиқ манам, Узро туӣ,
Тоҳир манам, Зӯҳро туӣ,
Моро ба чашми кам мабин.

Мо дар вафоояндаем,
Бо ёди васлат зиндаем,
Пеши ту сар афкандаем,
Моро ба чашми кам мабин.

Дил, ки рабудӣ, дил бидеҳ,
Ишқи маро манзил бидеҳ,
Як бӯса, эй хушгил, бидеҳ,
Моро ба чашми кам мабин.

## ЗИНДАГӢ ДОШТ ЧӢ МАЪНӢ?

Аз дили хуншудаам ёди лаби ёр гузашт,
Барги гул, ғунчаи гул, лавҳаи гулзор гузашт.

Навҷавонию баҳору лаби ҷӯ, сӯҳбати ёр,
Чун наворе зи назар ҷумла ба як бор гузашт.

Дур аз маъракаи лоларухон афтодам,
Ёд аз базми гулу соғари саршор гузашт.

То ба гулгашти чаман боди хазонрез вазид,
Нолаи булбули шӯрида аламдор гузашт.

Ғунча дар боғ чу бишкуфт, ба ҳасрат гуфто:
«Зиндагӣ дошт чӣ маънӣ, ба чӣ асрор гузашт?».

Гул ба як ҳафта хазон гашт ба гулзор чаро?
З-он, ки умраш ба ҷафо дар шафати хор гузашт…

Шомгоҳон назаре карда ба гардун, дидам,
Сайри якрӯзаи хуршед нагунсор гузашт.

Гарчи шуд шеъри Аҷам шӯҳраи олам, Мирзо,
Лек ҳар шоири он хору дилафгор гузашт.

## УМРИ МО КАМ МЕКУНАД

Соате, к-аз мо дилаш рам мекунад,
Умри кӯтоҳи маро кам мекунад.

Нозбӯи мо чаманзебанда аст,
Боғи дилро сабзу хуррам мекунад.

Укдаи дил мекушояд хандааш,
Ларза бар ҷонам дамодам мекунад.

Омаданҳояш аҷаб зебанда аст,
Ишваҳо бо ҷилваҳо зам мекунад.

Дод бар мо ваъдаи рӯзи висол,
Ихтиёрӣ кай фароҳам мекунад?

Лаб чу гул, рӯяш чу маҳ, абрӯ камон,
Сунбули мӯяш ба бандам мекунад.

Ин чӣ ҳусну ин чӣ расми дилбарист,
Тоқатамро тоқ ҳар дам мекунад?

Ормонҳо дар дилам нашкастааст,
Нолаҳо ин қалби пурғам мекунад.

## ҶОН АЗ ДИГАР БАРАФЗО

Эй ёр, чеҳра бикшо,
Нури қамар барафзо.
Эй шамъи маҳфилоро,
Дар дил шарар барафзо.

Гесӯи тобдорат,
Зулфони мушкборат
Бар тахтапушт парто,
То бар камар барафзо.

По монда чида-чида,
Аз шарм лаб газида,
Эй ғарқи гул саропо,
Ҳусни гузар барафзо.

Аз он забони ширин,
Аз он лабони қандин,
Ҳарфе бигӯ гуворо,
Шаҳду шакар барафзо.

Мижгон синони ҷонкоҳ,
Наргис хумори ҷонхоҳ,
Бо тири чашми шаҳло
Бар ҷон хатар барафзо.

Эй моҳтоби тобон,
Эй наҷми субҳгоҳон,
Ногоҳ гашта пайдо,
Нури саҳар барафзо.

Эй ёри шӯху саркаш,
Бо шеваи бағалкаш,
Бихром сӯи Мирзо,
Ҷон аз дигар барафзо!

## ТУ ДИГАР ҶОНИБИ ИН ДЕҲА НАЁ

Ту дигар ҷониби ин деҳа наё,
Ки туро дида, дилам месӯзад.
Ҳамчу бегона гузар бинмоӣ,
Аз алам обу гилам месӯзад.

Ёд дорӣ, ки ману ту даҳ сол
Мисли як ҷуфти кабӯтар будем.
Ҳам ба дороию нодории хеш
Ҳар ду дар ишқ баробар будем.

Ту яке духтараки сода будӣ,
Мани дилхуншуда як ошиқи зор.
Фикр аз давлати дунё кай буд?
Бой будем ба як бӯсу канор.

Дод мансаб ба ту мансабдоре,
Ба иваз меҳри туро кард талаб.
Ба ҷудоии миёни ману ту,
Ҷони ман, гашт ҳамин кор сабаб.

Шояд имрӯз ту дорӣ ҳама чиз,
Лек андар бари ту Мирзо нест.
Хуб донӣ, ки ҳамон мансабдор
Мисли ман ҳеҷ ба ту шайдо нест.

## НИШОНИ ИШҚИ АВВАЛ

Маро обу адо кардӣ ту он рӯз,
Валекин раҳм бар ҷонам накардӣ.
Кашидӣ доманат аз панҷаи ман,
Назар бар ашки чашмонам накардӣ.

Бигуфтам: хоки поят мешавам ман,
Бигуфтӣ: хоки пои дигарам ҳаст.
Бигуфтам: ҷонфидоят мешавам ман,
Бигуфтӣ: ҷонфидои дигарам ҳаст.

Шунида ин суханҳо аз забонат,
Маро аз номурадӣ сӯхт пайкар,
Ту рафтӣ ҷониби ёри нави худ,
Бирафтам бо сари хам сӯи дигар.

Шунидам, ки кунун он «хоки поят»
Шуда гарде, ба домони дигар рафт.
Гули рӯи туро пажмурда карда,
Ба сӯи лоларӯи тозатар рафт.

Агарчи ин замон дар синаи ту
Чароғи ишқи ман гаштаст хомӯш.
Валекин, эй нишони ишқи аввал,
Намегардӣ ту аз ёдам фаромӯш.

## БАҒАЛИ ИШҚ

Сари ман дар бағали ишқ таҷалло дорад,
Гапаке аз лабакат, ёр, таманно дорад.

Ба чунин рӯз, ки аз мо гузарад бад паси ҳам,
Шеваи некравиҳот тақозо дорад.

Нест дар синаи ман меҳри ягон маҳрӯе,
Бахудо, дар дилакам меҳри туе ҷо дорад.

Ташнаам, ташнаи обе ба биёбони азоб,
Тану ҷонам талаби соҳили дарё дорад.

Ҳайф, танҳо бувадам дил ба чунин рӯзи ғамин,
Некбахт аст касе ошиқи шайдо дорад.

Нафасам танг шуда, синаи ман метаркад,
Хайрият, ки дили ман аз ту тасалло дорад.

Ҳиммати мӯри Сулаймон ба ҷаве кай арзад
Пеши дасти караму ҷуд, ки Мирзо дорад?!

## ОШИҚИҲО ЧУН БАҲОРЕ ДАРГУЗАШТ

Моҳи ман, бе ман агар хушбахт бошӣ, мешавад,
Андар ин даври қамар хушбахт бошӣ, мешавад.

Рӯи гулрезони худ гардондаӣ аз рӯи ман,
Бо дигарҳо ҳамназар хушбахт бошӣ, мешавад.

Аз ту ин бегонагиҳоро набудам интизор,
Бе мани хунинҷигар хушбахт бошӣ, мешавад.

Ошиқиҳои ману ту чун баҳоре даргузашт,
Ҷилваи нав карда сар, хушбахт бошӣ, мешавад.

Оҳи ман дар раҳгузори ту зи шавқи дидан аст,
Нагзарӣ з-ин раҳ дигар, хушбахт бошӣ, мешавад.

## БАС НАБУД?

Борҳо беэътиборам карда будӣ, бас набуд?
Нописанду хору зорам карда будӣ, бас набуд?

Дӯш додӣ ваъдаи васлам, вафоят шуд куҷо?
Сад маротиб интизорам карда будӣ, бас набуд?

Рух намудию ба доми зулф афкандӣ маро,
Кокулатро банди дорам карда будӣ, бас набуд?

Бо гуноҳи як назар кардан ба рӯи дигаре
Байни мардум таънасорам карда будӣ, бас набуд?

Рӯ зи ман гардондаию кардаӣ рӯзам сиёҳ,
Моҳи ман, шабзиндадорам карда будӣ, бас набуд?

## ТАНҲОИ ТАНҲО

Умр охир гашту ман танҳои танҳоям ҳанӯз,
Роҳи он ҷононаи якдона мепоям ҳанӯз.

Дар замони наврасӣ коме рабудам аз лабаш,
З-омади корам ба гардунҳо сарам соям ҳанӯз.

Осиёи зиндагонӣ кард мӯямро сафед,
Боз андар фикри обу дони фардоям ҳанӯз.

Орзӯҳои дилам дар синаам танг омада,
Ё кафад, ё ки битаркад, нест парвоям ҳанӯз.

Ошиқон аз ишқ ҳар ҷо лофҳое мезананд,
Лек медонам, ки дар ин ҷода яктоям ҳанӯз.

## АЗ РӮИ ВАФО КУШТ

Маро бо як сухан он маҳлиқо кушт,
Гуноҳамро нагуфту беибо кушт.

Дигарҳо моҷаро доранд бо ҳам,
Маро он ёри ман бе моҷаро кушт.

Сафи миҷгону абрӯи камон не,
Суханҳои латифаш бехато кушт.

Худо шоҳид, намедонам, азизон,
Ба чӣ айбе, ба чӣ ҷурме, чаро кушт.

Сазои ин сари шӯридаам бод,
Ки ӯ бо меҳрубониҳо маро кушт.

Илоҳо, бахт бинад, шод монад,
Ба дасти хеш аз рӯи вафо кушт.

## ТУ КАМТАР БО РАҚИБОН ШИН

Агар созӣ парешонам, парешон мешавӣ рӯзе,
Агар сарсон бисозиям, ту сарсон мешавӣ рӯзе.

Манам бо ҷон харидорат, магардон рӯ зи ман имрӯз,
Ки мисли моли нодаркор арзон мешавӣ рӯзе.

Ҷавонию баҳори умри инсон даргузар бошад,
Хазони умр меояд, пушаймон мешавӣ рӯзе.

Ту камтар бо рақибон шин, гузар бар сӯи мо ҳам кун,
Агар бо мо нишинӣ, рашки хубон мешавӣ рӯзе.

Замоне мерасад, к-аз мо нишоне ҳам намеёбӣ,
Кучҷоӣ, Мирзоям, гуфта, гирён мешавӣ рӯзе.

## ДАРДИ ИШҚ

Аз он рӯзе, ки он дилхоҳи ман нест,
Ба оташ сӯз чун дар оҳи ман нест.

Чароғи бахти ман нуре надорад,
Раҳамро партавафкан моҳи ман нест.

Вуҷуди хирмане аз мавҷи тӯфон
Парешон мисли дону коҳи ман нест.

Хазони умру ишқи навниҳоле,
Дареғо, фурсати ислоҳи ман нест.

Ба хобам ҳар шабе ояд ба оғӯш,
Мапиндоред, к-ӯ ҳамроҳи ман нест.

Ба дарди ишқ ҳастам мубталое,
Дигар шарҳу дигар эзоҳи ман нест.

## МАҶМӮАИ ПОКИЗАГӢ

Бо ту моро аҳд бастан зиндагист,
Ҳеҷ аз қайдат наҷастан зиндагист.

Байни маргу зиндагӣ гар як дам аст,
Як нафас бо ту нишастан зиндагист.

Ошиқон бо аҳду паймон зиндаанд,
Аҳди худро ношикастан зиндагист.

Ишқ чун маҷмӯаи покизагист,
З-ин гирифторӣ нарастан зиндагист.

Ишқро пайванд бо ҷон гуфтаанд,
Тори ҷонро ногусастан зиндагист.

## ЯК ШАБИ ТАНҲОӢ

Як шабам аз умр бе ту рафт, рафт,
Бесамар, бенур, ҳамту рафт, рафт.

Шавқи дидори ту бо ман буд, буд,
Хотиротам бе ту ҳар сӯ рафт, рафт.

Дил зи ҳаҷрат хуни худро хӯрд, хӯрд,
Лаззати он теғи абрӯ рафт, рафт.

Ёд кардам кокулони тор-тор,
Накҳати зулфи суманбӯ рафт, рафт.

Дар раҳат ду дидаи ман чор, чор,
Сӯҳбати хуш дар лаби ҷӯ рафт, рафт.

Марҳабо, эй ёр, пешам ой, ой,
Як шабам аз умр бе ту рафт, рафт.

## ЯК ҶАҲОН ГУЛ

Мӯйсунбул бар канорам омадаст,
Ҳалқакокул бар канорам омадаст.

Он, ки рӯ метофт аз ман солҳо,
Бетааммул бар канорам омадаст.

Бо суханҳое, ки шаҳд асту шакар,
Ҳамчу булбул бар канорам омадаст.

Аз азал баски худододем мо,
Бахт бепул бар канорам омадаст.

Хонаи уммед шуд доимбаҳор,
Як ҷаҳон гул бар канорам омадаст.

## НОМИ ТУ ЧИСТ?

Нахли зебои қадат бурд дилам, номи ту чист?
Ишқи ҷонсӯзи ту афшурд дилам, номи ту чист?

Гули рухсори ту чун дид миёни ҳамагон,
Ихтиёраш ба ту биспурд дилам, номи ту чист?

Ногаҳон карда итобею гузаштӣ ба шитоб,
Аз пасат сония бишмурд дилам, номи ту чист?

Ишқро гар набудӣ хосияти рӯзи мурод,
Гашта навмеди ту, мемурд дилам, номи ту чист?

Уқдаҳо во кунад он лаъли суханзеб, вале
Лаби хомӯши ту озурд дилам, номи ту чист?

Солҳо шуд ҳаваси васли ту ҷо карда ба ҷон,
Ин қадар хуни худаш хурд дилам, номи ту чист?

Мубтало гашта худаш, шефта бинмуда маро,
Оқибат аз паси худ бурд дилам, номи ту чист?

## МОҲИ КОБУЛ

Печутоби зулфи ӯ дил диду гуфто: сунбул аст,
Банд гашту гуфт: доми мо зи тори кокул аст.

Чашмро ногаҳ назар афтод бар лабҳои ӯ,
Гуфт: ё ки ғунча аст он, ё ки нақше дар гул аст.

Гуфтугӯи чашму дил бишнида, ӯ бо ханда гуфт:
Ҳар куҷо рафтем, доим аз паси мо ғул-ғул аст.

Гуфтамаш: гулхандаҳо мерезад аз лабҳои ту,
Чанд бошад қиматаш, к-он чун навои булбул аст?

Боз хандиду бигуфто, ки барои ошиқон
Ханда дар сартосарии кишвари мо бепул аст.

Дида зулфу кокулу лабҳою тарзи хандааш,
Ман ба чашми дил яқин кардам, ки моҳи Кобул аст.

## ЧӢ СУД?

Доимо ҳастам ба роҳат интизор, аммо чӣ суд?
Дил надорад лаҳзае сабру қарор, аммо чӣ суд?

Ғамзаи чашмони ту ошиқшикорӣ мекунад,
Сайди захминат манам дар ин шикор, аммо чӣ суд?

Номи ту ангуштарини шеъри моро шуд нигин,
Васфи ту кардам ба сад нақшу нигор, аммо чӣ суд?

Бар хилофи ваъдаи худ бевафоӣ мекунӣ,
Ман ба қавли хеш ҳастам устувор, аммо чӣ суд?

Бо гузашти умр даврони ҷавонӣ бигзарад,
Вақти пириям биёӣ бар канор, аммо чӣ суд?

Баъди мурдан номи моро хонда андар лавҳае,
Мекунӣ шояд аз он ту ифтихор, аммо чӣ суд?

## НАГУФТЕМ

Бар ҷони худ ҷафоро аз ёр бас нагуфтем,
Аз сӯзи ишқи ҷонон ҳарфе ба кас нагуфтем,

Ҳарчанд бо рақибон дидем ёри худро,
Бо ҳеҷ ваҷҳ ӯро мо булҳавас нагуфтем.

Дар доми зулфи печон шуд кори мо тапидан,
Худро чу мурғи бисмил андар қафас нагуфтем.

Дар хоку хун фитода рӯи раҳаш ба хорӣ,
Мо қадри хеш боло аз хору хас нагуфтем.

Аз оҳу шевани мо шуд тира қалби ёрон,
Ҷуз он маҳи ягона фарёдрас нагуфтем.

Бигзашт умри Мирзо дар орзуи васлаш,
Умри гузаштаи худ мо барабас нагуфтем.

## НАЗАРПАСТ

Назарпасто, ту қадри сарвболоро чӣ медонӣ,
Ту худ арзонбаҳоӣ, қадри тиллоро чӣ медонӣ.

Надорӣ дил, набудӣ ошиқу ҳаргиз нахоҳӣ шуд,
Аз ин рӯ, сӯхтанҳои дили моро чӣ медонӣ.

Тамоми фикру зикри ту ба ҷамъи моли дунё банд,
Ба дунёи зарӣ, хуни ҷигарҳоро чӣ медонӣ.

Чу кафки об боло меравӣ дар курсии мансаб,
Баландии мақоми дурри дарёро чӣ медонӣ.

Ту бо маъшуқаҳои зархариди хеш менозӣ,
Сафои ишқи поку қалби шайдоро чӣ медонӣ.

Ба роҳи ишқ рафтам, сӯхтам, ҳарфе нагуфтам ҳеҷ,
Дар ин раҳ бурдбориҳои Мирзоро чӣ медонӣ.

## ЧАШМИ БЕГОНАПАРАСТ

Мурғи дил аз қафаси ишқ нарастаст ҳанӯз,
Ҷонакам, аз ту хуморам нашикастаст ҳанӯз.

Чӣ қаду қомати зебо, чӣ хироми аҷабе,
Инчунин сарв ба гулбоғ нарустаст ҳанӯз.

Бигзарӣ аз бараму ним нигоҳе накунӣ,
Чӣ кунам, чашми ту бегонапараст аст ҳанӯз.

Пеши кӣ арз барам аз ғами бемеҳрии ту,
Ба кӣ гӯям, ки бари мо нанишастаст ҳанӯз?

Бӯсае хостам аз он лаби чун ғунчаи гул,
Гуфтиям: рав, ки туро ҳиммати паст аст ҳанӯз.

Шарми ман гашт сабаб, ё ки тунукмеҳрии ту,
Нахли ишқи ману ту мева набастаст ҳанӯз.

## ШАЙДОИ ҲУСН

Диламро бурд қаддат як сую рафтори ту як сӯ,
Шудам шайдои ҳуснат як сую гуфтори ту як сӯ.

Лаби лаълат диҳад ҷон, теғи миҷгонат ситонад ҷон,
Шуда бахшидани ҷон як сую куштори ту як сӯ.

Зи сӯзи доғи ҳасрат мӯи оташдидаро монам,
Парешонрӯзгорам як сую бемори ту як сӯ.

Ба ҳоли ман рақибон ханда доранду ту бепарво,
Ҳама ин кори онҳо як сую кирдори ту як сӯ.

Тамоми шаҳр дар шӯр аст аз ҳусну ҷамоли ту,
Шуда савдои маҳшар як сую бозори ту як сӯ.

Ба васфи моҳрӯён шоирон ашъор мегӯянд,
Дигарҳо як сую Мирзои хушгуфтори ту як сӯ.

## ДУОЯТ МЕКУНАМ

Боз ёри мо шавӣ гӯён, дуоят мекунам,
Ошиқи шайдо шавӣ гӯён, дуоят мекунам.

Ҳар кучо бошӣ миёни гулрухони нозанин,
Шамъи базморо шавӣ гӯён, дуоят мекунам.

Бехабар ҳастӣ ту ҳоло аз шаби ҳичрони мо,
Ҳамчу маҳ пайдо шавӣ гӯён, дуоят мекунам.

Гарчи ту сарпаст моро кардаӣ дар кӯи ишқ,
Бо сари боло шавӣ гӯён, дуоят мекунам.

Рафтаӣ бо дигаре ту аз бари мо бесабаб,
Боз ёри мо шавӣ гӯён, дуоят мекунам.

## АФСОНАИ МИРЗО

Диломе шуда сармаст аз паймонаи Мирзо,
Чи сон зебанда сар бинҳода рӯи шонаи Мирзо.

Шуда аз файзи ишқи он адабпарвардаи гулшан,
Адабгоҳи муҳаббат остони хонаи Мирзо.

Ба чашми хеш дидам обро якчоя бо оташ,
Ба лаб чун бурд чоме дилбари мастонаи Мирзо.

Ҳазорон дида мебояд, ки бинӣ, дарк бинмоӣ
Малоҳатҳои ҳусни дилбари фарзонаи Мирзо.

Агар бар чисм чон бошад, агар рӯҳи равон бошад,
Ҳам ин бошад, ҳам он бошад фақат чононаи Мирзо.

Қудуми нек ҳар чо, ки расад, обод мегардад,
Шуда рашки гулистон кулбаи вайронаи Мирзо.

Дигар савту садо кам мерасад аз бӯстон бар гӯш,
Макони булбулу қумрӣ шуда кошонаи Мирзо.

Арӯсу гул, лабу май, обу оташ, ҳусну ишқу ҷон,
Фалак оҷиз бувад дар пеши ин нӯҳгонаи Мирзо.

Намегӯяд сухан, аммо қиёмат мекунад барпо,
Мабодо дилбараш як дам шавад бегонаи Мирзо.

Зи мастӣ лаҳзае ҳушёр шав, ҳарфе бигӯ, эй гул,
Агарчи з-он сухан сӯзад дили девонаи Мирзо.

Нишаста дар бари ёраш хамӯшу беғаму сархам,
Ба даргоҳи худовандист ин шукронаи Мирзо.

Ба як шаб пеши он зебосанам обу адо гаштам,
Бигуфтам худ ба худ аз шавқ ин афсонаи Мирзо.

## ХУБ НЕСТ

*(Мухаммас бар ғазали Ашӯр Сафар)*

Дар мақоми ошиқӣ бераҳм будан хуб нест,
Донаи уммеди мо бо ҳаҷр судан хуб нест,
Хешро дар дилбарӣ ҳар ҷо сутудан хуб нест,
«Майл агар бар мо надорӣ, гап кушудан хуб нест,
Оташи пинҳони дил боло намудан хуб нест».

Ҳамнишиноне, ки бо мо майлу рағбат доштанд,
Дар замири қалби мо тухми вафо мекоштанд,
Бо гузашти рӯзгорон дил зи мо бардоштанд,
«Борҳо дил додаму бар ман диле нагзоштанд,
Ғуссаи деринаро аз нав фузудан хуб нест».

Дар раҳи васли ту мо як умр бахшидем ҷон,
Кай талаб кардем, ки бо мо шавӣ ту меҳрубон,
Нест парво ошиқонро гарчи бар суду зиён,
«Нони кас қарз аст, – мегӯянд, – бар кас, – одамон,
Дил агар додан нахоҳӣ, дил рабудан хуб нест».

Зиндагӣ дарёсту дорад ҳазорон печу хам,
Гоҳ шодӣ оварад, гоҳи дигар дарду алам,
Мавҷ дар мавҷ аст ризқи одамиро бешу кам,
«Гар ту донӣ, одаме ғарқ аст дар гирдоби ғам,
Соате дар ёди ӯ беғам ғунудан хуб нест».

Наргиси масти ту дорад шеваҳои дилбарӣ,
Дил надода, то ба кай аз мо фақат дил мебарӣ,
Сахт бетобем, шояд ҷониби мо бингарӣ,
«Ошиқӣ – ин дигару дигартар аст одамгарӣ,
Майлаш, ошиқ бош, лек одам набудан хуб нест».

## ДАР БАҒАЛ ҲАМ САНГ НЕСТ

*(Мухаммас бар ғазали Ғоиб Сафарзода)*

Дар фазои дӯстии мо ғубору чанг нест,
Қалби чун оинаро ҳаргиз нишон аз занг нест,
Дил кашад, по меравад, ин панд бефарҳанг нест,
«Дӯст кӯбад гар дари мо, марҳабо, дил танг нест,
Нест моро чини абрӯ, дар бағал ҳам санг нест».

Дидаҳоро нури рӯи дӯст мебахшад зиё,
Хонаи дил аз қудуми дӯст меёбад сафо,
Мерасад аз лутфу эҳсонаш сари мо то само,
«Чун бирезад бар сари мо дӯст борони сахо,
Ғайри сарсабзӣ ба боғи дил дигар оҳанг нест».

Риштаҳои дӯстиро меҳрубонӣ восил аст,
Ҷон нисори дӯст кардан шеваи соҳибдил аст,
Дӯстию ростиро сурхрӯӣ ҳосил аст,
«Офтоби дӯстиро гар ҳарорат комил аст,
Меваи шохи дарахти умри мо беранг нест».

Бо дили пур аз муҳаббат дар кушодан дӯстро,
Ҷой чун нури басар дар дида додан дӯстро,

Ҳамчуноне тоҷ тори сар ниҳодан дӯстро,
«Сар барои дӯст додан, сар нададан дӯстро,
Ин хитоб акси садое аз дили бенанг нест».

Кина деви мотам асту сулҳҷӯӣ рамзи тӯй,
Дар ҳама кори ҷаҳон аз сулҳ бояд гуфтугӯй,
Аз сари сидқу вафо бар дӯстӣ дорем рӯй,
«Хасми мо гар дӯст гардад, аз дар ояд сулҳҷӯй,
Дар забону дар дили мо ҳеҷ соз аз ҷанг нест».

## ЗИНДА БОШ

*(Мухаммас бар ғазали Ҷамолиддин Каримзода)*

Бо дили пур аз шароре зинда бош,
Дар талоши корзоре зинда бош,
Бо умеди васли ёре зинда бош,
«Бо ғами чашми хуморе зинда бош,
Баҳри меҳри дилфигоре зинда бош».

Қуллаи мақсуд то ояд падид,
Дар раҳи ҷонон ҷафо бояд кашид,
Мерасад аз пушти шаб субҳи сафед,
«Зиндагӣ даргоҳи ишқ асту умед,
Бо умеди интизоре зинда бош».

Дилбарон бар ошиқонанд интизор,
Ошиқон дар роҳи ҷонон беқарор,
Бо умеди дидани дидори ёр,
«Чор сӯи даҳр бошад чашми чор,
Аз барои чашми чоре зинда бош».

Ҳар қадар аз ёри худ бинӣ ҷафо,
Бештар меҳраш бикун дар сина ҷо,
Меҳрпарвар бош, то бинӣ сафо,
«Умри кас сабз аст аз меҳру вафо,
Дар вафои меҳри ёре зинда бош».

Зиндагӣ майдони ҷаҳду ҷустуҷӯст,
Ҷаҳд кун дар роҳи коре, ки накӯст,
Меҳри ёре парварӣ, ин бахти туст,
«Хоки роҳӣ, аз ту гар чизе наруст,
Санг шав, рӯи мазоре зинда бош».

## ХАНДИДУ РАФТ

*(Мухаммас бар ғазали Ширин Бунёд)*

Шӯхчашме ҷониби мо диду рафт,
Ханҷари миҷгони худ санҷиду рафт,
Аз шикори кардааш болиду рафт,
«Ӯ кӣ буд, аз мо диле дуздиду рафт,
Лолае аз гулшани мо чиду рафт».

Ӯ нашуд ҳамрозу ҳампаймони мо,
Ӯ нашуд истораи рахшони мо,
Ӯ нашуд хуршед дар кайҳони мо,
«Ҳамчу шир аз кӯзаи армони мо,
Моҳи рӯяш лаҳзае полиду рафт».

Рехт шабнам бар сабӯи барги гул,
Бар машом овард бӯи барги гул,
То назар кардем сӯи барги гул,
«Мисли ашки гул ба рӯи барги гул,
Субҳдам бо ҷилвае хандиду рафт».

Ҳарфи меҳр аз лаъли ҳушгӯяш задем,
Нақди ҷон дар банди гесӯяш задем,
Бо умеде хешро сӯяш задем,
«Бо ниёзе хайма дар кӯяш задем,
Арзи моро бесабаб нашниду рафт».

Дил зи мо бо ҷилваи як ноз бурд,
Мисли он, ки кабкро шаҳбоз бурд,
Ҳаббазо, ки бо чунин эъҷоз бурд,
«Ӯ кӣ буд, аз мо ҷаҳони роз бурд,
Ӯ кӣ буд, аз мо диле дуздиду рафт».

## ИНТИЗОРӢ

Эй азизи дилу эй ҷону ҷигар, хез биё,
То шавад маҳфили мо шаҳду шакаррез, биё.

Чашм оинаи қалб аст, туро мехоҳад,
Аз дилам мегузарӣ, пеши назар низ биё.

Мекунад бебасаре гарчи ҷудоандозӣ,
Аз ҳама мӯҳмалаи ғайр бипарҳез, биё.

Ман ба ҷон дар талаби дидани дидори туям,
Аз сари лутф, аё нури басар, тез биё.

То ба домони ту гарде нанишинад, эй дӯст,
Дидаам дар раҳи ту гашта гуҳарбез, биё.

## ТУРО ДЕР ОФАРИДАНД

Ҷавониро ба тадбир офариданд,
Камонашро пур аз тир офариданд.
Дареғо, ки туро дер офариданд,
Шудам вақте ки ман пир, офариданд.

Гурезонат чу нахчир офариданд,
Маро сайёди бетир офариданд,
Дареғо, ки туро дер офариданд,
Шудам вақте ки ман пир, офариданд.

Рухатро гул, танат шир офариданд,
Ба захми ишқ иксир офариданд,
Дареғо, ки туро дер офариданд,
Шудам вақте ки ман пир, офариданд.

Ду чашмонат ҷаҳонгир офариданд,
Сафи мижгонашон тир офариданд,
Дареғо, ки туро дер офариданд,
Шудам вақте ки ман пир, офариданд.

Ба боғат себу анҷир офариданд,
Маро з-ин мева носер офариданд,
Дареғо, ки туро дер офариданд,
Шудам вақте ки ман пир, офариданд.

… Туро ҳарчанд ки дер офариданд,
Шудам вақте ки ман пир, офариданд,
Гирифтам оқибат домони васлат,
Маро пири батақдир офариданд.

## ЭЙ ЁР, ЧӢ ГӮӢ?

Як бор бибӯсамат, чӣ гӯӣ?
Эй ёр, бибӯсамат, чӣ гӯӣ?
Чун маззахурак шавам ба бӯса,
Бисёр бибӯсамат, чӣ гӯӣ?

Эй ёри ба ҷону дил қаринам,
Бо шавқу ҳавас барат нишинам,
Гул аз лаби нозукат бичинам,
Такрор бибӯсамат, чӣ гӯӣ?

Чун тифли ба сина карда одат,
Бар бӯса камина карда одат,
Бе шаҳди лабат накарда тоқат,
Ночор бибӯсамат, чӣ гӯӣ?

Эй ёр, бибӯсамат, чӣ гӯӣ?
Як бор бибӯсамат, чӣ гӯӣ?
Бисёр бибӯсамат, чӣ гӯӣ?
Такрор бибӯсамат, чӣ гӯӣ?

## ЗЕБАНДА

Саҳна аз ҷилваи ту хирмани гулбез шуда,
Ханда аз лаъли лабат шаҳду шакаррез шуда,
Печиши доману чархак заданат олами ноз,
Рақс кун, дил зи хиромат фараҳангез шуда.

*Нақарот:*
Курта пурнақшу нигор,
Ранги гулҳои баҳор,
Ҷилваат боғи дилам,
Қаҳри ту доғи дилам,
Пушти лаб холи қатор,
Холи зебанда ба ёр,
Ин чӣ рақс асту чӣ ноз,
Дилбари банданавоз.

Дар назар хам-хами он домани зебо-т хуш аст,
Дар дами боди сабо зулфи сумансо-т хуш аст,
Бишунав арзи дилам, эй санами тозаниҳол,
Майли ту ҷониби мо бо қади раъно-т хуш аст.

*Нақарот:*

Тоҷи заррин ба сарат аз гули қоқу задаӣ,
Дар баногӯш сияҳгӯш чӣ хушрӯ задаӣ,
Ҳалқаи зулф чу доме ба бари рӯ задаӣ,
Аҷаб ин аст, ки барқасду балоҷӯ задаӣ.

*Нақарот:*

## ОШИҚИ ДЕРИНА

Парвинае, Парвинае,
Симинбаре, сабзинае,
Бо ҷону дил ҳастам туро
Ман ошиқи даринае.
Бар бӯстон созам гузар,
Бар ҳар гуле дӯзам назар,
Рӯи ту гардад ҷилвагар
Чун акс дар ойинае.
Дар ишқ ҷонбахшо туӣ,
Дар аҳд побарҷо туӣ,
Якто манам, якто туӣ,
Меҳри ту ҷо дар синае.
Як раҳ биё, эй нозанин,
Дурӣ маҷӯ, пешам нишин,
Ҳолам ба чашми худ бубин,
Эй ёраки бекинае!

## ЁДАТ НАМЕКУНАМ

Аз ман шудӣ ҷудо, ёдат намекунам,
Рафтӣ ту беибо, ёдат намекунам.
Эй ёри маҳлиқо, ёдат намекунам,
Пурсон бишав, чаро ёдат намекунам?

Ёдат намекунам з-ин рӯ, ки як нафас
Аз ёди ман бурун асло нагаштаӣ,
Дар ҷисму ҷони ман омехт ишқи ту,
Дар сарнавишти ман ҳаҷрат навиштаӣ.

Хатти вафои ман айём кӯр кард
Аз хотироти ту, эй ёри синасӯз,
Андар вуҷуди ман мондӣ ту ҷовидон,
Бо ёди васли ту ман зиндаам ҳанӯз.

## БОРЕ БА МО НАЗАР КУН

Мо ошиқони зорем,
Боре ба мо назар кун.
Як умр интизорем,
Боре ба мо назар кун.
Дар қавл пойдорем,
Дар аҳд устуворем,
Дар ишқ ҷоннисорем,
Боре ба мо назар кун.
Зӯриву зар надорем,
Ёри дигар надорем,
Доим ба чашми чорем,
Боре ба мо назар кун.
Сарпасту хоксорем,
Дар зиндагӣ баорем,
Лутфат умедворем,
Боре ба мо назар кун.
Аз сӯзи мо ҳазар кун,
Бар кӯи мо гузар кун,
Ин шомро саҳар кун,
Боре ба мо назар кун.

## БЕ ТУ ЯКЕ ПИР ШУДАМ

Эй зи бар рафтаи ман, боз яке гашта биё,
Чун кабӯтар дами парвоз яке гашта биё.
Ман нагӯям, ки сари хам бигузар аз пешам,
Балки бо ишваю бо ноз яке гашта биё.
Бе ту дар даҳри дудар раҳгуму саргардонам,
То дари бахт шавад боз, яке гашта биё.
Гоҳ чун ҳуру парӣ пеши назар меоӣ,
Аз сари лутф, ба эъҷоз яке гашта биё.
Меҳр дар чашм ниҳон аст, ба чашмам бинигар,
Ишқ аз нав шавад оғоз, яке гашта биё.
Тарк кардӣ ту маро, бе ту яке пир шудам,
То ҷавонам бикунӣ боз, яке гашта биё.

## МЕРАВӢ

Меравӣ оҳиста, бо сӯзи ниҳон,
Меравӣ чун ҷони ширин ноаён.
Ҷони ман, як дам нарав, як лаҳза ист,
Ин тани беҷон маро даркор нест.

Рафт дар аҳду вафо аз ман хато,
Манзилам худ кардаам мотамсаро,
Гар ту дорӣ меҳри ман дар сина ҷо,
Як хатоямро намебахшӣ чаро?

Бе ту андар дил намемонад умед,
Мешавад хуршеди умрам нопадид.
Меравӣ, аз рафтанат гардам адо,
Лоақал боре сари гӯрам биё.

## НАФАСИ ТОЗАИ ҶОН

Сӯҳбати хилвати мо ваҳ чӣ аҷаб зебо буд,
Ҷои гап нест, ки арзандаи як дунё буд!
Лаҳзаи меҳру садоқат, нафаси тозаи ҷон,
Он ҳама бахту саодат дамаке пайдо буд.
Ба Худо, байни ману ту сари мӯ роҳ надошт,
Дили ту бо дили шӯридаи ман якто буд.
Ёд меораму дар хотираҳо мепечам,
Ки чунон лаҳза насиби ману ту оё буд?
Кош, он сӯҳбати хилват зи нав эҷод шавад,
Боз такрор кунем, он чӣ миёни мо буд.

## КОШКИ УМР ДУСАД РАҲ ОЯД

Ҳар қадар умр маро фарсояд,
Он қадар меҳри туам афзояд.
Тарс дорам, ки ба як даври ҳаёт,
Ҷони ман аз ту намеосояд.

Бо чунин ёр, ки ҳастӣ ту маро,
Кошки умр дусад раҳ ояд.
Гар Худо сад каратам ҳаст кунад,
Ҳар карат ёри туам бинмояд.
Ту гулӣ, лек надорӣ хоре,
Модари даҳр чу ту кай зояд.
Ҳар гаҳе, ки ба висолат бирасам,
Ҷаннати ишқ дараш бикшояд.
Маънии зиндагии Мирзоӣ,
Баҳри ту зинда будан мебояд.

## ФАЙЗИ ХОНАДОН

Дар барат бошам агар, дур зи ғамҳо бошам,
Бо ту хушбахттарин одами дунё бошам.
Эй Шакармоҳ, туӣ марзи ману киштаи ман,
Деҳқонам, ба ҳавас дар сари саҳро бошам.
Даҳ ҷигаргӯшаи мо давлату дунёст ба мо,
Бойтар балки зи Қоруну зи Доро бошам.
Хонаву даргаҳи ман аз қадамат файз гирифт,
Шукр, бо нони ҳалолам сари боло бошам.
То ки танҳо нашавам, баҳри манат сохт Худо,
Мисли он Ҳазрати Одам бари Ҳавво бошам.
Гар ба умри дигаре боз ба дунё оям,
Боз Мирзо шаваму ёри Шакармо бошам.

## ШУКРИ ДАРГОҲ КУНАМ

Шукри даргоҳи мададгор кунам,
Шукри он кошифи асрор кунам.

Шукр гӯям, ки Худо дод маро,
Шукр гӯям, ки туро дод маро.

Ваҳ чӣ хуш, ки ту насибам шудаӣ,
Ёри дилбанду ҳабибам шудаӣ!

Бо ту, эй олиҳа, эй ҳамдами хуб,
Ҳама ҷоест маро олами хуб.

Ҳар гаҳе ки ту биёӣ ба барам,
Равад андешаи пирӣ зи сарам.

Мешавам аз сари нав боз ҷавон,
Боз хушзавқу сарафроз ҷавон.

Шиква аз олами фонӣ накунам,
Ҳасрати даври ҷавонӣ накунам.

Даври пирӣ, ки бад-ин сон гузарад,
Кош, сад сол чунин он гузарад.

## ДАВЛАТИ ДУНЁ

Зиндагӣ бо ту гуворост маро,
Хубу арзандаи дунёст маро.
Дар барам ёри вафодор туӣ,
Дар ҳама кор мададгор туӣ.
Эй, мабодо, ки зи дунё гузарам,
Ту дар ин ҷой, ман он ҷо гузарам?
Бе ту он боғи биҳишташ чӣ кунам?
Бе ту он ҳуру фаришта-ш чӣ кунам?
Рӯҳи ман сӯи ту парвоз кунад,
Ишқбозӣ зи нав оғоз кунад.
Қудрати ишқ маро зинда кунад,
Боз сад бор ба ту банда кунад.
Боз сад бор туро ёр шавам,
Боварам кун, ба Худо, ёр шавам.
Чунки ту давлати дунёи манӣ,
Ёри хушкардаи яктои манӣ.

## ШАКАРХАНДАИ ИШҚ

Ман ҳамонам, ки ҳама умр бувад бандаи ишқ,
Аз ҳама моли ҷаҳон ворису дорандаи ишқ.
Гарчи аз ишқ фақат ҳосили мо сӯхтан аст,
Мон, ки сад ҷабру ҷафо бинаму як хандаи ишқ.
Он чӣ мард аст, ки аз ишқи бутон менолад?
Зоғ ҳаргиз нашавад булбули нolандаи ишқ.
Аз либоси куҳани ишқ магӯ суде нест,
То ба охир накашам аз тани худ ҷандаи ишқ.
Ишқро нест ба пирию ҷавонӣ коре,
Дар ҳама давр манам лоиқу арзандаи ишқ.
Бо Шакармоҳ ба пирӣ бирасидем, чӣ хуш,
Ҳаст байни ману ӯ айши шакархандаи ишқ.

## АҶАБ БАЛОИ ХУШРӮ

Гуфтӣ, ки шавам балои ҷонат,
Гуфтам: чӣ аҷаб балои хушрӯ.
Гуфтӣ: ба чӣ раҳ равам ба пешат?
– Бигзор ба чашм пои хушрӯ.
Гуфтӣ: кушамат ба неши мижгон,
– Ман садқаи миҷаҳои хушрӯ.
Дашном диҳӣ ва ё навозӣ,
Бар гӯш расад навои хушрӯ.
Гар заҳр зи дасти ту бинӯшам,
Бар ҷон бувадам давои хушрӯ.
Ҳар чиз зи ту талаб намоям,
Гӯӣ: биталаб, гадои хушрӯ.
Бар ваъдаи худ вафо насозӣ,
Аз туст ба ман ҷафои хушрӯ.
Хандида яке ба ноз гуфтӣ:
«Ман садқаи Мирзои хушрӯ».
Дил аз сари шавқ кард бозӣ
Бо савти рубобу нои хушрӯ.
Шукрона намудаму фитодам
Пеши қадами Шумои хушрӯ.

## СОБИҚА

Баъди борон оби борон
Мечакад аз боми хона,
Чун сиришки чашми пирон
Қатра-қатра, дона-дона.

Мӯсафеди рафта дар сад
Ёд меорад ҷавонӣ,
Бо хаёли ишқи аввал
Ашк мерезад ниҳонӣ.

Чашми ӯ камнур гашта,
Фикру ёдаш ҳам мушавваш,
Лек бинад чун наворе
Навхатию ёри маҳваш.

Дидаи камнури худро
Лаҳзае пӯшида маҳкам,
Бо пару боли ҳавасҳо
Дилҷавон гардад ба як дам.

Ҷилва бинмояд чӣ зебо
Дар хаёли ӯ ҷавонӣ,
Лек чун чашмаш кушояд…
Во дареғо, ку ҷавонӣ?!

## ДАР ЛАВҲИ ГӮРИ ЯК ШОИР

Эй ҷавонон, ки гули давронед,
Давр лоиқ ба ҷавонӣ ронед.
Ишқ варзед, ки дунё гузарост,
Дил ситонед, ки навбат ба шумост.
Гар сари турбати ман меоед,
Лаҳзае ёд зи ман бинмоед.

Шоирам, лек кунун хуфта ба хок,
Бо дили сӯхтаи пораю чок.
Як замон ном ба номи ман буд,
Шарбати ишқ ба коми ман буд.
Гулрухон шефта бар ҳар суханам,
Бӯсахоҳ аз лабу рӯю даҳанам.
Умр, афсӯс, шитобон бигузашт,
То хабардор шудем, он бигузашт.
Ҳар гаҳ аз шоири худ ёд кунед,
Ишқ варзеду варо шод кунед.

## ИШҚИ ТУ ПИР ШУД

Худро канор мекашӣ аз ғуссаҳои ман,
Лаззат дигар намебарӣ аз бӯсаҳои ман.

Тарзи нигоҳу ишваат на аз муҳаббат аст,
Посе ба ишқи рафтаву изҳори шафқат аст.

Айём кард кори худ чун довари замон,
Фарқе ба синну соли мо шуд бештар аён.

Дидӣ вуҷуди хастаам, ишқи ту пир шуд,
Дуроҳаи ҳаёти мо ҳам ногузир шуд.

Имрӯз дилнишин туро ҳусну ҷамол ҳаст,
Ин ганҷро дареғ, ки охир завол ҳаст.

Умри ҷавони худ макун обу адои ман,
Ман аз ту розиям, бирав, эй ҷонфидои ман.

Дар ту агар зи ишқи ман гарде нишона монд,
Дар ҷони ман муҳаббати ту ҷовидона монд.

Фахрам аз он, ки муддате будӣ ту дар барам,
Меҳри туро ба ҷовидон бо хеш мебарам.

# ЁДИ АЗИЗОН

Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Файзалӣ дар солҳои гуногун ҳамчун нишони меҳру садоқат ба арбобони хизмати давлатӣ, бузургони адабиёту санъат, ёру дӯстон ва наздикон вобаста ба маросиме ё ҷашну зодрӯзе шеъру шеъргунаҳо эҷод карда, ба шакли китобчаи алоҳида ба нашр омода намудааст. Ин ҷо мо чанде аз онҳоро рӯи чоп овардем. Мӯҳтаво ва мақсади шоирро матлаби зерин ифода мекунад:

*Не ҳайкали ту дар ин Ватан мемонад,*
*Не киштаву не боғу чаман мемонад,*
*Ҷовид ба даҳр то сухан мемонад,*
*Зикри ту дар ин шеъраки ман мемонад.*

Албатта, ин гуфта ба бузургоне, ки дар зиндагӣ бо аъмолу корҳои шоистаи худ номашонро ҷовидонӣ гардондаанд, дахл надорад. Вале ҳама чиз фаношаванда аст, илло сухани китобатшуда.

## МИРЗО ТУРСУНЗОДА

*Шоири бузурги тоҷик дар аҳди Шуравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, барандаи даҳҳо ҷоизаҳои кишварҳои гуногун ва унвонҳои ифтихорӣ. Дар баъзе мамлакатҳо намедонистанд, ки Тоҷикистон чи гуна давлатест, вале устодро мешинохтанд. Месазад, бо номи ин бузургвор мо асрҳои аср ифтихор кунем.( Ин шеър соли 1971 бахшида ба 60-солагии устод эҷод шудааст).*

Шуда дар шаст умрам, лек ман қалби ҷавон дорам,
Муҳаббатпарварам, маъво ба кӯйи ошиқон дорам,
Канори сабзи гулбоғи ҷавонӣ ошён дорам,
Сарафрозӣ зи бахти хеш, ёрон, ҳар замон дорам,
«Чӣ ғам дорам, диёри хубтар аз бӯстон дорам,
Қавиазму зафарэҷод халқи қаҳрамон дорам».

Шудам дар шасту меёбад бароям шасти нав оғоз,
Ба шасти нав сароям шӯҳрати ин мулки пурэъҷоз,
Кушоям болу пар дар осмони назм ҳамчун боз,
Сурудам аз дили халқам ба олам медиҳад овоз,
«Ба болои сарам мурғи саодат мекунад парвоз,
Замини сабзу хуррам, обҳои зарфишон дорам».

Зафармандам ҳамеша ҳамраҳи халқи зафарёбам,
Гаҳе чун партави хуршед, гаҳ чун нури маҳтобам,
Манам он боғи назме, ки муҳаббат карда шодобам,
Кунун дар осмони назм чун истора метобам,
«Дар оғӯши Ватан фазлу камоли нав ба нав ёбам,
Ҷаҳон донад, ки бе зулму асорат ман ҷаҳон дорам».

Хати эҷоди ман сулҳ аст, ҳарфи бевафоӣ нест,
Шуда бо халқи худ як ҷону тан, моро ҷудоӣ нест,

Ба ғайр аз меҳри халқам бар сарам дигар ҳавое нест,
Ба олам аз ҳаёти мо ҳаёти пурсафое нест,
«Суруди ин дили шоди маро ҳеҷ интиҳое нест,
Ба васфи кишвари озод садҳо достон дорам».

Зи файзи меҳнати озод боғу бӯстон гул кард,
Баҳори зиндагии ҷумлаи пиру ҷавон гул кард,
Ниҳоли дӯстии мардуми рӯи ҷаҳон гул кард,
Ба ҷашни шоири номӣ замину осмон гул кард,
«Замини тоҷикон гул кард, боғи тоҷикон гул кард,
Дили хуррам, сари сабз аз баҳори тоҷикон дорам».

Намирад ҳеҷ он шоир, ки шеъри пуршарар бинвишт,
Ба хуни дил суруди сулҳро шому саҳар бинвишт,
Гаҳе ӯ дар диёри хеш, гоҳе дар сафар бинвишт,
Ҳаёти хешро бахшида бар аҳли башар, бинвишт,
«Ба қонунномаи худ пешво бо хатти зар бинвишт,
Ҳуқуқи халқҳоро бин, чи бахти ҷовидон дорам».

## **БОҚӢ РАҲИМЗОДА**

*Дӯсти ҳамдаму ҳамқалами устод Мирзо Турсунзода. Инсони поктинату шӯху ҳазлкаш. Шоири номии тоҷик. Сӯҳбаташ чунон ҷолиб буд, ки касе боре баҳравар шуда бошад, ҳаргиз аз ёд намебарорад. Мураббии шоирони ҷавон.*

Дар ҷаҳони гузарон то ки сухандон боқист,
То ки накҳат ба гулу сабзаву райҳон боқист,
То равон чашмаи сероби кӯҳистон боқист,
То даме чақ-чақу шӯхии адибон боқист,
Ёди он Боқии хушсӯҳбату гапдон боқист.

Ҳар куҷо базм шавад, ёд зи ӯ меояд,
Дили муштоқ раҳи омади ӯ мепояд,
Кош, пайдо шаваду уқдаи дил бикшояд,
Шодии мо ба яке лутф дучанд афзояд,
Ҳавасе дар дили мо, то ки бувад ҷон, боқист.

Дар назар як нафари одии қишлоқӣ буд,
Гарчи бар СеКа равад ҳам, ба тараш тоқӣ буд,
Баски ҳарфу суханаш нозуку қаймоқӣ буд,
Дар ҳама маъракаҳо косагулу соқӣ буд,
Ёд аз лутфи сухан, чеҳраи хандон боқист.

Шояд имрӯз яке духтараки муштоқе
Сари санг ояду гӯяд ба навозиш: «Боқӣ,
Ҷои гап нест, ки дар меҳру садоқат тоқӣ»,
Боз ояд ба мадору ба димоғи чоқе,
Ин хаёлест, ки бо меҳри фаровон боқист.

## **МӮЪМИН ҚАНОАТ**

*Лауреати Мукофоти давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ, устоди азизу арҷманд, нобиғаи даврон, инсони хоксору меҳрубон, азизи дилҳо.*

«Суханро вазну тамкини замин бояд»,
Чунин қудрат ба ашъори Шумо дидам.
Бузургонро агар хос аст солорӣ,
Чунин хислат ба рафтори Шумо дидам.

Ба ашъори Шумо аз чашмаҳо софист,
Чунон воло, ба қадри гавҳари якто аст,
Сухан гоҳе агар марҳам, гаҳе тир аст,
Чунин эъҷозро шеъри Шумо дорост.

Шуда аҳли қаламро, эй сипаҳсолор,
Ба роҳи рости маънӣ ҳидоятгар.
Агар нуқсе ба хатти навраҳон бинед.
Ба ислоҳаш ҳамеша раҳкушо, ёвар.

Миёни халқ чун алломаи даврон,
Азизу мӯътабар, маҳбубу шӯҳратманд.
Тасанно, шоири ашъори ҷонбахшо,
Ки ҳар як сатратон бошад ба ҷон пайванд.

## МИРСАИД МИРШАКАР

*Шоири Халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ. Ҳам достонҳо, ҳам шеърҳои ватанхоҳӣ, ҳам ашъори бачагонааш дар пояи баланд эҷод шудаанд. Барҳақ, ҳар як тоҷик бо чунин шоире, чун устод Миршакар, ифтихор мекунад.*

Агарчи сарзамини тоҷикон дурру гуҳар дорад,
Агарчи кӯҳҳои пур зи лаълу симу зар дорад,
Вале тоҷик сухан аз боби симу зар намегӯяд,
Аз он фахрад, ки шоирҳо ба мисли Миршакар дорад.

Баландии қадаш чун қуллаи кӯҳи Бадахшон буд,
Варо дар сина шеъру достон ганҷи фаровон буд,
Ба дарёи сухан ғаввоси гавҳарчини пурдон буд,
Хулоса, шоири арзандаи он давру даврон буд.

Кунун он тифли хурди орзуҳояш калон гардид[1],
Зи шеъраш тарбият бигрифта, зӯру
қаҳрамон гардид,
Талошу азм бинмуда ба сӯи қуллаи мақсуд,
Чу фарзанди вафодораш Ватанро посбон гардид.

[1] Шеъри «Ман калон мешавам» дар назар аст.

## АШӮР САФАР

*Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи устод Рӯдакӣ. Ҳар гоҳ номи ин бузургворро ба забон гирам, симои нуронию қомати солораш пеши назар меояд. Ифтихор аз он мекунам, ки яке аз шогирдони ин шоири шӯҳратманди тоҷик ҳастам. Мавлоно Ашӯр Сафар шоири номдори замон, ифтихори ҳамагон буд, ҳаст ва мемонад.*

Ба ҳаҷват пайравиам аз ҳавас нест,
Ки ширин асту ширин бе магас нест.

Касе дар сӯҳбатат боре нишинад,
Яқин созад, ки мислат шӯх кас нест.

Зиёфат ҳар касе хоҳад ба Кӯлоб,
Зиёрат кардани ту барабас нест.

Ба шастат моҳии тилло бихоҳам,
Бигирӣ садта ҳам, гӯям, ки бас нест.

Ба баҳри назми ту гаштам шиновар,
Ҳама гавҳар бичидам, хору хас нест.

«Даме бо ту мусоҳиб мешавам ман»,
Аз он дар умр ширинтар нафас нест.

Парешон гашта ҳаҷват дар даҳанҳо,
«Гапи подор» дар банди қафас нест.

Биё рафтем, Мирзо, ҷашни устод,
Чунин бахте ба ҳар кас дастрас нест.

* * *

Мавҷи ноқил ногаҳон ларзид, бо мотам гузашт,
Акси устоди азиз аз дидаам бо нам гузашт.

Боз аз ҳар хонаи тоҷик ғиреви нола хест,
Шоири дардошнояш, беҳтарин одам гузашт.

Ашки ҳасрат рехтам ҳамроҳи фарзандони худ,
Аз дили ғамдидаи мо боз сели ғам гузашт.

Шод мекард ӯ ба ҳазлаш гоҳ-гоҳе қалби мо,
Сад дареғо, корвонсолори шӯхӣ ҳам гузашт.

Сӯхт шоир дар ғами халқаш ба мисли чӯби тар,
Қатра-қатра, зарра-зарра об шуд, кам-кам гузашт.

«Чораи дарди касон дарёфтан мумкин, вале»
Чораҳои мо нашуд бар дарди ӯ марҳам, гузашт.

Эй дили ман, чакра-чакра хунчакон будан чаро?
Сакта шав, садпора шав, Устод аз олам гузашт!

## ЗАФАР НОЗИМ

*Ҳофизи мардумии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ ва даҳҳо унвону мукофотҳои дигар, оҳангсоз ва сароядаи мумтоз. Дар ривоҷи санъату фарҳанг хизмати арзанда кардааст. Савту суруди тоҷикӣ бо қудуми ин устоди беҳамто маҷрои нав пайдо кард. Сермухлистарин ҳунарманди замон. Ёдаш дар дилҳо абадист.*

Булбул ба чаман нола кунад, к-ин чи садо ҳаст,
Дар зеру бамаш силсилаи кайфу сафо ҳаст?
Донед, ки ин мӯъҷиза аз кӣ, зи куҷо ҳаст:
Он ҷо, ки Зафар ҳаст, суруд асту наво ҳаст,
Дар савту садояш назари неки Худо ҳаст.

Ӯро, ки назаркарда бигуфтем, хато нест,
Бе меҳр назар ҷониби ӯ ҳеҷ раво нест,
Овози ба ӯ дода магар лутфи Худо нест?
Дар базми Зафар айшу тараб, кайфу сафо ҳаст,
Дар савти Зафар хайри Худо, лутфи Худо ҳаст.

Рӯзе, ки зи савти Зафар оғоз бигирад,
Мардум ҳама ӯро сари овоз бигирад,
Он рӯз ҳама кори Ватан соз бигирад,
Дар лаҳни Зафар аз ҳамагон акси садо ҳаст,
Дар чеҳраи ин марди ҳунар нури Худо ҳаст.

## ОДИНА ҲОШИМ

*Ҳофизи халқии Тоҷикистон, ҷоизадори Рӯдакӣ, хунёгари бемисл, фалаксарои машҳур, базморо, соҳибмактаб, инсони бофазилат, донишманд. Асрҳо дар дилу ёди халқ боқӣ хоҳад монд, зеро бузургон фанонашавандаанд.*

Бо фиғону нолаи пурсӯз ёдат мекунам,
Ҳар замон, ҳар соату ҳар рӯз ёдат мекунам.
Санъататро пеши рӯ орам, дилам гум мезанад,
Бо алам, эй шамъи базмафрӯз, ёдат мекунам.

Ҳар касе пурсад: чаро Одинаи фарзона нест?
Гӯямаш, ки бо Ашӯр он ҷост, бо бегона нест.
Савти ширин бурда ину шеъри воло бурда он,
Баъд аз ин ҷаннат дигар бе булбулу парвона нест.

Бо «Фалак» авҷи садоят дар фалакҳо ҷо гирифт,
Шӯҳрати овозхоният ҳама дунё гирифт,
Санъати тоҷик зи ту парвози нав эҷод кард,
Меҳри ту дар қалби мардум то абад маъво гирифт.

Хушгапу хушсӯҳбату зебо ба ёдам мондаӣ,
Бо дили пуршӯри чун дарё ба ёдам мондаӣ.
Ҳамчунон нобиғаю хунёгари мумтози Шарқ,
Саҳнаоро, ахтари якто ба ёдам мондаӣ.

## ҚУТБӢ КИРОМ

*Шоири халқии Тоҷикистон, ҷоизадори Рӯдакӣ. Ашъ-ораш гоҳ ба сони раъду барқ шӯру шанг дорад, гоҳ чун кӯҳҳо сокиту бовиқор, ҷои дигар чун рӯду чашмасарон дар ҷӯшу хурӯш аст. Дар зиндагӣ худи устоди арҷманд чунин буданд. Инсони нотакрор!*

Чандест, эй азизон, Қутбӣ наменамояд,
Бо лутфи хеш аз дил ғамҳо намезудояд.

Дардошнои миллат ҳафтодсола гардид,
Ин ҷашн бе вуҷудаш шодӣ намефизояд.

Дар ин сафар, гумонам, пеши Ашӯр рафта,
То худ ба зодрӯзаш ӯро хабар намояд.

Ин ду бузурги даврон пешу қафо гузаштанд,
Шамсу қамар пайи ҳам бар чарх мебарояд.

Устод чанд боре меҳмони хонаам буд,
Афсӯс, ки дарамро дигар намекушояд.

Бо шеър пеши роҳи тӯфону барқ мебаст,
Эй кош, мисли нуре ногаҳ зи дар дарояд.

Мегашт ҷӯр гоҳе бо савти Ҳошим аз завқ,
«Эй ҷони ман ба қурбон!» гӯён намесарояд.

Устоди назми воло исторaест рахшон,
Бар раҳравони нозим чун қутб раҳ намояд.

Бо боли шеър Қутбӣ гардидааст қудсӣ,
Дар арш ҷо гирифта, поин намефарояд.

Бо халқ ҳамсадо буд, бо халқ ҳамнаво буд,
Дар қалбу хотири халқ ӯ асрҳо бипояд.

## БОЗОР СОБИР

*Ҷоизадори Рӯдакӣ, шоири ормонҳои халқ, дар байни мардум обрӯю эътибор ва маҳбубияти калонро молик аст. Эҷодиёташ рӯҳи шикастнопазири халқашро ифода мекунад. Далерона менависад, аз касе сари тарс надорад. Ашъораш гоҳе шӯрангез, гоҳ чун хандаи тифлон беолоиш, ҷои дигар чун қалби ошиқон нозуку хунчакон аст. Ашъори устод бозёфти аср аст. Чунин бузургонро эътироф бояд кард.*

Эй шоири шаҳир,
Сӯи Ватан биё.
Аз хурду аз кабир
Бишнав сухан, биё.
Як ҳайкали Ленин
Он ҷо туро қарин,
Ин ҷо ҳазорҳо
Ёранду ҳамнишин.
Ободшуд Ватан,
Бо чашми худ бубин,
Ин сон накарда буд
Ленину Исталин.
Дорем илтиҷо,
Эй хушсухан, биё,
Андешае намо,
Бар ин чаман биё.

Он ҷо намешавад
Ҳамрози ту касе,
Ё садқа кай шавад
Бар нози ту касе.
Ранҷидаӣ агар,
Меҳрат накан, биё,
Ин ҷост ҷои ту,
Бар ин Ватан биё.
Гуфтӣ, ки дар Сиэтл,
Майлаш, равам ба хок,
Ёрон аз ин сухан
Ҳастанд синачок.
Он ҷо ту кистӣ –
Як шоири ғариб,
Ғурбат куҷо шавад
Бо рӯҳи кас қариб.
Дар Сӯфиёни ту
Ҳастанд чашми чор,
Ҳам мурдаҳои хор,
Ҳам зиндаҳои зор.
Шайтони ҷаҳлро
Гардан шикан, биё,
Бар ҳарфи неку бад
Қаҳ-қаҳ бизан, биё.
Дар гирди номи ту
Ғавғост ин замон,
Бар баҳси ину он
Бо шеър нуқта мон.
Талх аст ин сухан,
Гӯям вале кунун:
Бо ёди ин Ватан
Сӯзӣ дарун-дарун.
Эй хушсухан, биё!
Бар ин чаман биё!
Эй ҳамватан, биё!
Бар ин Ватан биё.

## ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

*Маҳбубтарин шоир, соҳиби унвону ҷоизаҳо. Агар бо як ибора гуфтан имкон бошад, Лоиқ классик буд. Инро ҳамзамонон эътироф накунанд,ояндагон, албатта, эътироф хоҳанд кард. Ашъори Лоиқ вирди забони ҳамагон аст.*

Чу бинам номурудиҳои ёрон, мешавам дилхун,
Чу бинам ҳар азизеро парешон, мешавам дилхун.

Ба гулзоре, ки бо сад орзуҳо парвариш кардам,
Агар зоғу заған бошад парафшон, мешавам дилхун.

Ба ҷои санъати тавсиф равнақ ёфт маддоҳӣ,
Зи беқадриву хории сухандон мешавам дилхун.

Нишаста «вов» дар савлат, «алиф» афтода андар хок,
Ман аз ин каҷпарастиҳои даврон мешавам дилхун.

Ту, ки дар зиндагӣ будӣ классик, Лоиқ, эй Лоиқ,
Надонистанд инро ҳамзамонон, мешавам дилхун.

Диле хун мешавад, ки дар тапидан ҳасту ҷон кандан,
Ба ёдат бо тапидан, кандани ҷон мешавам дилхун.

## АСКАР ҲАКИМ

*Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва чандин ҷоизаҳои дигар. Шоири забардаст, мунаққид ва олими барҷаста. Чандин сол раиси Иттифоқи нависандагон буд. Инсони хайрхоҳ, устоди пуртоқат ва дастгири адибони ҷавон.*

Ӯ натанҳо шоир асту олим аст,
Дилкавӣ инсони зӯру солим аст.
Шеър олӣ, лаҳн ширин, хулқ хуш,
Қитъае аз шеърияро ҳоким аст.

Навқаламҳоро ҳамеша дастгир,
Маслиҳатгар, устоди беназир.
Аскари назм аст, бо сеҳри сухан
Қалбҳоро мекунад бар худ асир.

Ёд дорам он замони шӯру шанг,
Буд аҳли завқро аҳвол танг.
То ки монад Иттифоқи мо ба ҷо,
Ҷаҳдҳо бинмуд ин садри бананг.

Бо каломи ноб афсунат кунад,
Моили алфози мавзунат кунад.
Меҳри шеъру меҳру Меҳан, меҳри ёр
Ҷо ба ҷисму ҷони мафтунат кунад.

Дар фани шеър устоди барҳақ аст,
Ҳарфи беҷо дар ҳақи ӯ лақ-лақ аст.
Саҳми ӯро дар нумӯи шеъри мо
Ҳар касе инкор созад, аҳмақ аст.

## КАМОЛ НАСРУЛЛО

*Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагон. Шоир ва инсони хайрхоҳу хушсухан мебошад.*

Ту қутбе барои дили ошиқонӣ,
Ту оҳанрабои дили ошиқонӣ.

Ту чун шамъи маҳфил ҳама нур ҳастӣ,
Ту баҳри дамонӣ, ҳама шӯр ҳастӣ.

Зи меҳре, ки шеъри ту илқо намуда,
Худо маснади ту дили мо намуда.

Забон оташафшон, сухан шӯълазан,
Ту соҳибзабонӣ, ту соҳибсухан.

Ҳавои баҳорӣ ба ҳар чор фасл,
Ғуборе надорӣ ба ҳар чор фасл.

Ба даври ту гардад дили хуррамам,
Ту ҳастӣ, ки ҳаргиз набошад ғамам.

## ГУЛРУХСОР

*Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи устод Рӯдакӣ. Маҳбубтарин шоира, дӯстдори ҳама. Шӯҳрати оламгир дорад. Дар баёни фикру ақидааш хеле ҷасур аст, гапашро рӯирост мегӯяд.*

Омада даврони шеъру шоирӣ,
Оре, оре, шеъргӯ бисёр шуд.
Ҳар яке бо тарзи худ гӯяд сухан,
Ку ҳамоне, ки чу Гулрухсор шуд?!

Мақсади ман нест ин ҷо доварӣ
Дар миёни шоирони кишварам.
Лек ҳар ҷо гап зи Гулрухсор рафт,
Бар ҷасурияш фуруд орам сарам.

Боматонат, бошуҷоат як зан аст,
Ӯ гапи ҳақро бигӯяд бо ҷадал.
Бо далерон кард бояд ифтихор,
Ҳеҷ кас аз ин намеёбад халал.

Офарин бар ин вуҷуди покбоз,
Бо каломаш ҳаммароми тоҷик аст.
Шеърро гар дод парвози баланд,
Ин баландиҳои номи тоҷик аст.

## УБАЙД РАҶАБ

*Ҳамаи ҷоизаю унвонҳои давлатӣ насибаш гашта-аст, ҳатто ҷоизаи байналмилалии ба номи Андерсон. Хайрхоҳтарин адиб, устоди навқаламон. Махсусан, шеърҳои бачагонааш ба даҳҳо забонҳои дигар тарҷума шудаанд. Ӯро «бобои бачаҳо» мегуфтанд. Бо ҳамон қомати боло, табассуми зебо дар ёдҳост. Дар зодрӯзи устод ба ӯ кӯзаи нақшине тӯҳфа карда будам.*

Ин кӯза, эй азизон, пур аз шароби ноб аст,
Бо Устоди ҷонӣ нӯшиданаш савоб аст.

Ҳафтоду панҷсола Шоири халқро бин,
Бо феълу хулқи хубаш дар маснади шубоб аст.

Тифлони Тоҷикистон бар ӯ наберагонанд,
Бобо шудан ба онҳо аз ранҷи сад китоб аст.

Бошад Убайди Зокон, Андерсони даврон,
Унвони ифтихорӣ беҳадду беҳисоб аст.

Пурсед агар зи янга: кай шеър менависад?
Гӯяд: ҳамон замон, ки дар бистараш ба хоб аст.

Имрӯз халқи тоҷик дасти дуо кушода,
Бар сад расед, гӯён, аз чор сӯ хитоб аст.

## ҲИКМАТ РИЗО

*Гӯрғулисарои бемисл, шоир ва ҳофизи халқ. Барои исботи бузургиаш ҳамин кофист, ки ӯро Ҳомери асри бист номидаанд. Чунин инсонҳо нотакроранд.*

Аз кӯҳсорон ояд навое,
Аз обшорон ояд навое,

Аз киштзорон ояд навое,
Аз боду борон ояд навое,
Бо хушадоӣ, бо дилрабоӣ,
Бо ҷӯри «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризоӣ.
Бо савти булбул аз тарфи бустон,
Бо лаҳни қумрӣ аз шохсорон,
Бо қақраҳои кабки хиромон,
Бо нолаҳои мурғи ғазалхон,
Бар гӯш ояд акси садое,
Бо сӯзи «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризоӣ.

Аз мавҷҳои бахри хурӯшон,
Аз гирдбоди пуршӯри тӯфон,
Аз ғурриши шер андар биёбон,
Чун шиҳаҳои «Қир»[1]-и Авазхон,
Пурзӯр ояд гоҳе нидое,
Бо шасти «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризоӣ.

Дар асри бистум Ҳомер буд ӯ,
Дар «Гӯрғулӣ» чун мир буд ӯ,
Дар нанги миллат чун шер буд ӯ,
Гоҳе чу ҷавшан, гаҳ тир буд ӯ,
Ҳар достонаш разму ғазое,
Бо зӯри «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризоӣ.

Ин ганҷи маънӣ, ин гавҳари халқ,
Будӣ ҳамеша андар бари халқ,
Дар ҳар набардаш ҳамсангари халқ,
Пайванд меҳраш дар пайкари халқ,
Дар қалбҳо ӯ бигрифта ҷое,
Бо савти «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризоӣ.

---

[1] Қир – аспи Авазпаҳлавон.

Ин ҳофизи халқ аз рӯи эҳсон,
Дар деҳае гар мегашт меҳмон,
Он деҳа мешуд Чамбули Мастон,
Яъне, ки мардум хурсанду шодон,
Бар бомҳо шаб болобарой,
Мафтуни «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризой.

Имрӯз бо мо ӯ нест, афсӯс,
Ҷояш ба маҳфил холист, афсӯс,
Бо ёди савте олист, афсӯс,
Танҳо тавонӣ бигрист, афсӯс,
Ҳатто наёбад кас бо гадой,
Як фита «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризой.

Роғун – диёраш гардад чароғон,
Нураш бирезад бар Тоҷикистон,
Гӯё сарояд пири хушилҳон,
Дар васфи Роғун арзанда дастон,
Аз чархи Роғун ояд садое,
Ҳамҷӯри «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризой.

Шеъру сухан хуш Ҳикмат Ризой,
Захма задан хуш Ҳикмат Ризой,
Ҳусни чаман хуш Ҳикмат Ризой,
Васфи Ватан хуш Ҳикмат Ризой,
Бо лаҳни ширин, бо хушадой,
Поянда «Ҳӣ»-и Ҳикмат Ризой.

## ҶӮРАБЕК МУРОДОВ

*Ҳунарманди халқии Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҳофизи халқии Тоҷикистон, ҷоизадор. Мактаби эҷодии худро дорад. Соҳибэҳтироми халқ.*

Омадӣ бар саҳна чун нуру шарори тозае,
Бо навои тозае, оҳанги тори тозае.

Бо фаросат, бо садоқат, бо заковат, бо адаб,
Ёфтӣ дар байни мардум эътибори тозае.

Чун барои рӯи саҳна, саҳна гулрезон шавад,
Булбуле чаҳ-чаҳ занад дар шохсори тозае.

Бо дили пур аз ҳарорат «Тоҷикам ман!» гуфтанат
Зам кунад бар қалби тоҷик ифтихори тозае.

Бишнавам сад бор агар ҳар рӯз овози хушат,
Боз мехоҳам шунидан бо хумори тозае.

Шеъри Ҳофизро, ки қудсиён зи бар бинмудаанд,
Ҳамнавоят гаштаанд, эй бастакори тозае.

Мактаби эҷодият бахшид дар даврони мо
Санъати тоҷикро авҷу барори тозае.

«Зинда бошӣ, Ҷӯрабек!» ояд садо аз чор сӯй,
Аз даҳони мухлисонат чун шиори тозае.

Бар ҳама ҷоизаҳо халқат сазоворат намуд,
Ку дигар унвон, ки бинвисад қарори тозае.

Бо чунин феълу чунин хулқе, ки додастат Худо,
Мерасӣ бар хонаи сад бо мадори тозае.

Рӯзи ҷашнат дар қатори мухлисони бешумор,
Мирзо кард ин ғазал баҳрат нисори тозае.

## САФАРМУҲАММАД АЙЮБӢ

*Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, шарафманди даҳҳо унвони ифтихорию ҷоизаю мукофотҳо. Сермаҳсултарин шоир ва драмнависи замон. Асарҳояш дар бай-*

*ни мардум шӯҳрат ёфтаанд. Ашъораш хеле дилписанд ва устодона эҷод шудаанд. Даҳҳо сарояндагон шеърҳои устодро ба оҳанг даровардаанд.*

Устодо, доимо дар фикри хубии манӣ,
Ман, ки Мирзои туям, ту ҳам Аюбии манӣ.

Лозим ояд, бандаро ҳифзу ҳимоят мекунӣ,
Муттакоям, соябонам, нахли тӯбии манӣ.

Шоири халқию ҳам ҷоизадори «Рӯдакӣ»,
Ҷои ту дар тори сар, монанди тӯпии манӣ.

Мешавад, ки гоҳ-гоҳе кайф боло меравад,
Дар гарангиҳои сар оши ба лӯбии манӣ.

Мерасад рӯзии кас имрӯз бо найрангҳо,
Дар қимори зиндагонӣ тузи бубии манӣ.

Ҳар гаҳе гӯям, ки ай устод, ҷайби ман тиҳист,
Аз сахиҳо мисли дасти кисарӯбии манӣ.

Мебарӣ бо худ маро гоҳе шимолу гаҳ ҷануб,
Шеър хонам, мухлиси қасру клубии манӣ.

Дар масофи нанги миллат мешавад гар шеърҷанг,
Гурзи ман, чаккуши ман, ҳам мушти дубии манӣ.

Ҳеҷ кас бе нотавонбину ду-се бадхоҳ нест,
Зидди онҳо зарбаи ағёркӯбии манӣ.

Эътиқоду меҳри ман аз мисраи сонӣ шунав,
Дар даруни синаам набзи қулубии манӣ.

Гуфтаӣ: ай Файзалӣ, ту лоиқӣ бар мавзалей,
Офарин, нуре ба айёми ғурубии манӣ!

Устодо, доимо дар фикри хубии манӣ,
Ман, ки Мирзои туям, ту ҳам Аюбии манӣ.

## НИГИНА РАУФОВА

*Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон, чоизадор. Бо оҳангу сурудҳои халқӣ ба саҳна омад ва то охир ин шеваро давом дод. Маҳбубтарин сароянда. Ҳар як сурудаш зуд ба дилҳо менишаст. Ба мисол, суруди «Аскарбача»-аш чунон шӯҳрат ёфт, ки ӯро «Модари аскарбачаҳо» мегуфтанд. Солҳо мебояд, ки Нигинаи дигаре ба олами санъат биёяд ва ба чунин пояи эътибор бирасад.*

Саҳнаро наҷми дурахшанда, ба қурбони ту ман,
Гаштаам сози туро банда, ба қурбони ту ман.

Чашмаи оби зулол аст хати овозат,
Ҳамчунин бод сароянда, ба қурбони ту ман.

Кабки кӯҳӣ ба чунин қақраи зебо набувад,
Бисаро, булбули гӯянда, ба қурбони ту ман.

Савти ту мавҷ занад, шар-шараи кӯҳ шавад,
Пойкӯбону сарафканда ба қурбони ту ман.

Ҳама дар додани ҷон шӯру фиғон бардорад.
Ман бимирам ба ту бо ханда, ба қурбони ту ман.

Адаби духтари деҳ то ба кунун одати туст,
Расму ойин зи ту поянда, ба қурбони ту ман.

Рӯи саҳна ба хиром омаданат як дунёст,
Бихиром, эй гули зебанда, ба қурбони ту ман.

Тоҷикистон, ки чунин санъати воло дорад,
Шӯҳраташро ту физоянда, ба қурбони ту ман.

Ин ҳама ҷамъияти меҳр ҳаводори туанд,
Нашавад ҳеҷ пароканда, ба қурбони ту ман.

Ҳамаи ҷоизаҳо накш ба як тоҷ кунанд,
Эй Нигина, туӣ арзанда, ба қурбони ту ман.

## ГУЛНАЗАР

*Шоири халқии Тоҷикистон, ҷоизадор, адиби машҳур. Муаллифи матни Суруди миллии Тоҷикистон. Ҳам назму ҳам насраш хеле ҷолиб аст. Яке аз бузургони адабиёти имрӯзаи тоҷик. Некхоҳ, сӯҳбаторо, устоди сахтгиру меҳрубон. Шеърҳояшро аксари ҳунарпешагони номӣ оҳанг бастаанд ва месароянд.*

Бошад Суруди миллӣ
Армони миллати мо,
Чун Парчаму Нишонаш
Як рукни давлати мо.

Оҳанги он мутантан
Ҳар субҳ гардад оғоз,
Бахшад ба халқи кишвар
Озода боли парвоз.

Дар тӯю сури миллат,
Дар ҷашну сарфарозӣ,
Хурду калон сароем
Онро ба дилнавозӣ.

Ҳар сатри хушсадояш
Бошад мароми ваҳдат,
Маъною мӯҳтавояш
Назму низоми ваҳдат.

Матни Суруди миллӣ
Авҷи дуруди миллат,
Ҳар ҳарфу ҳар ҳиҷояш
Ҷо дар вуҷуди миллат.

Шеъре, ки рӯҳи тоҷик
Дар мағзи он аён шуд,
Бо меҳру бо садоқат
Аз Гулназар баён шуд.

## УБАЙДУЛЛО РАҶАБ

*Соҳиби унвону ҷоизаҳо, роҳбари театри «Оина». Ҳаҷвнигори беҳамто, инсони хуб. Ҳунарпешаҳои ҳаҷвнигорро устоди барҳақ аст. Ҳамеша табассуми зебанда дорад. Сӯҳбаташ дилҳоро тасхир мекунад.*

Ба ҳар ҷое Убайдулло Раҷаб ҳаст,
Камоли лутфу шӯхию тараб ҳаст.

Сухан дар ҳаҷв гӯяд бо зарофат,
Ҳама дар қолаби ҳусни адаб ҳаст.

Ҳар он нақше, ки ӯ дар саҳна бозад,
Пайи такрори он садҳо талаб ҳаст.

Агар аз ханда мухлис рӯдакан шуд,
Варо лабханди зебое ба лаб ҳаст.

Зи авҷи санъати волои Устод
Рақиби беҳунарро тобу таб ҳаст.

Чӣ парвое зи хайли нотавонбин,
Сараш боло аз онҳо сад ваҷаб ҳаст.

Маҳоратро Худо додаст бар ӯ,
Яқин донад касе, ки дар аҷаб ҳаст.

Ба қалби халқ меҳраш ҷо гирифта,
Магӯ, коре ба олам бесабаб ҳаст.

Ба ҳаҷву ҳазл монандаш ҳунарманд
На дар мулки Аҷам, не дар Араб ҳаст.

Бишав аз сӯҳбаташ боре шарафёб,
Ҷавонмардӣ насибаш аз насаб ҳаст.

Агар гӯям зи тахти дил сифоташ,
Бузург аст ӯ, дигар чӣ ҷои гап ҳаст!

## НОСИР ҲАСАН

*Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, соҳиби ҷоизаҳо. Нақшҳои шоҳу гадо, афсару аскар, деҳқону зиёиро чунон бомаҳорат меофарад, ки мафтуни санъати волояш мешавӣ.*

Гаҳе шоҳ аст, гаҳ дарвеш,
Гаҳе афсар, гаҳе аскар.
Гаҳе деҳқон, гаҳе косиб,
Гаҳе ошиқ, гаҳе довар.

Агар алломаеро ӯ
Кашад дар санъати тасвир,
Ба солорию тамкинаш
Ҳама дилҳо кунад тасхир.

Чу дар фоҷиа бинияш,
Шавӣ гирён, шавӣ маҳзун.
Агар дар мазҳака бинӣ,
Шавӣ хандон, шавӣ мафтун.

Ҳунармандест нотакрор,
Ба ин сон санъати нодир.
Ҳазорон нақшҳо дорад
Шаҳи саҳна – Ҳасан Носир.

Ба рӯи саҳна садранг аст,
Вале дар зиндагӣ якрӯст.
Азизи дидаву дилҳост,
Ба ҷон дорем ӯро дӯст.

Қадам бинҳода дар ҳафтод,
Аҷаб бардам, аҷаб дилшод.
Илоҳо, ӯ ба бахти мо
Макони сад кунад обод!

## САИДҚУЛ БИЛОЛОВ

*Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, хунёгари беҳамто, устоди санъати тоҷик. Барои оҳанг бастану сурудан шеърҳои пурмазмунро интихоб мекунад. Ба шогирдонаш низ чунин тарзи интихоби шеърро талқин менамояд. Ҳунарманди мумтоз.*

Садои кист беҳ аз савти булбул,
Ки бо он мешавад во ғунчаи гул?
Ҷавобаш аз сари ихлос гӯям:
Садои ҳофизи номӣ Саидқул.

Кашад ошиқ зи савтат нолаву оҳ,
Ба шӯру шавқ ояд қалби огоҳ.
Аҷаб форам, аҷаб дилкаш, аҷаб хуш,
Чӣ рӯз асту чӣ шому чӣ саҳаргоҳ.

Навоят ҳамрадифи булбулон аст,
Зи лаҳни Борбад дар ту нишон аст.
Маҳин гоҳе чу савти чашмасорон,
Ба ҳини авҷ дарёи дамон аст.

Чӣ хуш, Бозори Собир бар ту пир аст,
Шакар ашъори ӯ, савти ту шир аст.
Ба ҳам омехтӣ ширу шакарро,
Чунин санъат зи устоди кабир аст.

Саро, эй булбули хушхони тоҷик,
Туӣ арзандаи даврони тоҷик.
Ба савту созу оҳанги дилошӯб
Ту ҷонӣ, эй Саидқул, ҷони тоҷик!

## ДАВЛАТМАНДИ ХОЛ

*Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ, роҳбари ансамбли овозадори «Фалак». Овозхони маҳбуби кишвар.*

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Боиси буду набудӣ.
Эй макони андалебон,
Гулшани шеъру сурудӣ.

Дар миёни мутрибонат,
Сабки ӯ бошад ягона.
Бо навои хоси худ ӯ
Наҷми тобони замона.

Зумрае ёбанд такрор,
Мераванду боз оянд.
Васфи ҳусни бемисолат
Кай ба мисли ӯ сароянд!

Аз замини сабздомон
Бурд то гардун «Фалак»-ро,
Дар тапиш орад навояш
Дар само ҷони малакро.

Эй Ватан, ту безаволӣ
Бо ту ӯ ҳам безавол аст.
Ӯ, ки Давлатманди Хол аст,
Бемисол аст, бимисол аст!

## ДӮСТМУРОД АЛИЕВ

*Ҳофизи халқии Тоҷикистон. Дареғо, хеле бармаҳал, ҷавон ва дар вақти гулшукуфти истеъдодаш аз байн рафт. Садояш пурқуввати нотакрор, лаҳнаш ширину*

*гуворо буд. Ҷои ӯ дар дилу дида ва рӯи саҳнаи тоҷик холист.*

Ҳар гаҳе авҷи садоят бирасад бар ёдам,
Дар гулӯ печаду сӯзад ба даҳан фарёдам.

Дар баҳорон ҳама ҷо сабзаву гул мавҷ занад,
Лек хомӯш бувад булбули Файзободам.

Кабки рав омаду аз деҳи ту бе қақра гузашт,
Худ кучҷой, ки ба як қақра кунӣ дилшодам.

Лола дар ёлаи оромгаҳат гуфт ба бод:
Ҳаст аз сад гули нашкуфтаи ӯ бунёдам.

Бод ин қиссаи ҷонсӯз ба гулзор расонд,
Ғунча печид, ки ин шева диҳад барбодам.

Фасли гулрез назар карда ба умри гузарон,
Лаҳзае дар сари гӯри ту хамӯш истодам.

## КАРОМАТУЛЛОҲИ ҚУРБОН

*Беҳтарин сарояндаи эстрада буд. Аз ҷониби разилон дар авҷи камолоти эҷодӣ кушта шуд. Тарзи сурудхонӣ ва лаҳни дилнишинаш ӯро маҳбуби ҳамагон гардонда буд. Ёдаш ба хайр!*

Нолаҳои булбулон бишнида, ёдат мекунам,
Бо дили садпораю шӯрида ёдат мекунам.

Во дареғо, дар ҷавонӣ риштаи умрат гусаст,
Бо фиғони дар гулӯ печида ёдат мекунам.

Нағмаҳои обшори кӯҳсорон бишнавам,
Ашки ҳасрат рехта аз дида, ёдам мекунам.

Чун ба қадри хоксориҳоят акнун мерасам,
Хок бар сар кардаву нолида ёдат мекунам.

Дар ҷавонӣ марги ту сад доғ дар дилҳо ниҳод,
Лолае аз хокдонат чида, ёдат мекунам.

## БАСИР РАСО

*Қариб чил сол сармуҳаррири маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» буд. Дар хоксорӣ, шикастанафсӣ, хушсуханӣ каси дигареро бо ӯ қиёс натавон кард. Ёди чунин инсони бо фазлу маърифат солҳо аз дили дӯстону ҳамқаламон нахоҳад рафт.*

«Хорпуштак», ки басо шӯҳрат дошт,
Ҳама аз хомаи алмоси ту буд,
Ҳаҷви тундеву вале бе таҳқир,
Устодо, ҳунари хоси ту буд.

Мо надидему надидаст касе
Зррае дар ҳаракоти ту ғурур.
Дар ҳама ҷой фақат андеша,
Дар ҳама кор батамкину сабур.

Хоксории ту як дунё буд,
Ҳазли бофазли ту дунёи дигар.
Ҳамнишин ҳар кӣ туро мегардид,
Дар дилаш меҳри ту мемонд асар.

Рафтию ин ҳама бо худ бурдӣ,
Ҳасрати сӯҳбати ту бо мо монд.
Ҳазлу шӯхию фазилатҳоят
Ҳамчу мероси ту дар дилҳо монд.

## БУРҲОН ҒАНӢ

*То охири умр дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» кор кард. Ману ӯ як утоқи корӣ доштем. Чун бародар якдигарро ҳурмат мекардему дӯст медоштем. Ҳар ҷое, ки ӯ буд, хандаю шӯхӣ буд. Дареғо, ки чунин инсони зиндадил, маҳфилоро ва устоди ҳаҷв оламро бармаҳал падруд гуфт. Маҷмӯаҳои зиёди ҳаҷвиаш ёдгори ӯянд.*

Дар дилу дар дида Бурҳони Ғанӣ,
Ончунон наздик, гӯё ҷони мост.

Гоҳ вай устод, гоҳе ҷӯра аст,
Эй, ҳалолаш! Ҳар дуро ҳам бебаҳост!

Бо синони тези ҳаҷви нешдор
Дастёри «Хорпуштак» солҳост.

Ӯ ба шӯхӣ фотеҳи панҷоҳ шуд,
Пурсад акнун: «Хонаи сад дар куҷост?».

Дӯстонро як зиёфат гар диҳад,
Мебаремаш то ба сад бо роҳи рост.

Чун расад аз ҳар куҷое қаҳ-қаҳа,
Ё китобаш, ё худи Бурҳони мост.

## ҲАСАН РАСУЛОВ

*Солҳои зиёд саррасоми маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» буд. Расмҳои ҷолиб ва хандаовар мекашид. Устоди рассомони ҳаҷвнигор. Ҳоло нафақахӯр аст.*

Мониқаламе ба «Хорпуштак»
Як умри дароз ҳаст ҳамкор.

Аз мӯқаламаш шукуфт гул-гул
Ҳар сафҳаи он ҳазору як бор.

Гар табъи равони ӯ ситезад,
Мӯи қаламаш ҳамешавад хор.

Тасвир кунад сипас аҷоиб
Ӯ сурати зоти мардумозор.

Устоди қаламкашони ҳаҷв аст,
Бар санъати ӯ шудем иқрор.

Ҳафтод барои ӯ ҷавонист,
Садро бикашад ба мӯи асрор.

Ин синни муборакаш муборак,
Гӯем ба сад забон ба такрор!

## УСТО ВА МАСТО

*Ҳаҷвнигорони бемислу беҳамто. Чунон машҳур, ки дар саҳна пайдо шуданашон кофӣ буд, то мухлисон ба ваҷд оянд. Шеъру саҳначаҳоро хеле нишонрас, бо лутфи нозук пешкаши тамошобинон мегардонданд. Ҳар ду якҷоя ба саҳна омаданд ва дар садамаи нақлиётӣ якҷоя аз ин дунё гузаштанд. Хотираи онҳо дар дилу ёди мухлисони сершуморашон солҳои сол боқӣ хоҳад монд.*

Як замон ҳаҷви дилоро мӯд буд.
Ҳазлу шӯхиҳои зебо мӯд буд.
Мешудӣ аз зӯри ханда рӯдакан,
Боҳунар Устову Масто мӯд буд.

Ин замон бисёр гашта шаънабоз,
Ҳаҷвгӯ не, даста-даста таънабоз.
Гар биронию бигӯӣ: «Бас, наё!»
Беибо оянд рӯи саҳна боз.

Мухлиси ҳаҷвем, даъво мекунем,
Санъати воло таманно мекунем.
Бо ҳазор афсӯс дар консертҳо
Ёд аз Устову Масто мекунем.

Халқ бар гуфтори онҳо вола буд,
Гирдашон мухлис ба сони ҳола буд.
Дил ба ёди ҳаҷвашон гум мезанад,
Ин ду тан эъҷози як садсола буд.

## САИДАЛӢ МАЪМУР

*Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ. Инсони биҳиштӣ, мӯрро озор намедиҳад. Сахтиҳои ба сараш омадаро ботаҳаммул қабул мекунад, ҳаргиз наменолад. Шеърҳояш аз хулқу атвораш сарчашма мегиранд ва равону самимианд. Ҷое, ки ӯст, он ҷо лутфу меҳрубонист.*

Мурғи илҳомам заифӣ мекунад дар васфи ту,
Аспи илҳомам барои хотират зин мекунам.

Заррае сустӣ кунад ин асп аз бори сухан,
Мезанам маҳмез онро, сахт қамчин мекунам.

То расам бар ҷашни тавлидат, аё Маъмури ҷон,
Ҳар қадар, ки пайса дорам, сарфи бензин мекунам.

Дил кашад, по меравад, бензин агар пайдо нашуд,
Сӯи ту парвозҳо монанди шоҳин мекунам.

Ағбаи Анзобу Шаҳристон нагардад садди ман,
Зӯрам ояд, хешро болои мошин мекунам.

Ин замон, ки дар ҳама ҷо қанд камчин гаштааст,
Бар забон оварда шеърат, ком ширин мекунам.

Пас аз ин гӯяд касе, дар Истаравшан қанд нест,
Ин дурӯғашро ба ҳаҷву ҳазл як тин мекунам.

Аз Зуфархон Ҷавҳарӣ ашъори ту ҷавҳар гирифт,
Кист устодат, бародар, нағз тахмин мекунам.

Гирд овардӣ чу як гулдаста «Гарди офтоб»,
Ҳар ғазалро хонда аз он, бар ту таҳсин мекунам.

Расм шуд дар Истаравшан гуфтани шеъри баланд,
Хешро ман садқаи ин расму ойин мекунам.

Маҷмаи ашъори ту чун тухми Анқо гаштааст,
З-ин навоқис ноширонро сахт зомин мекунам.

Тай намудӣ шеърхонон хонаи панҷоҳро,
Хонаи садро бубинӣ, гуфта, омин мекунам.

## АБДУЛҲАМИД САМАД

*Нависандаи маъруфи тоҷик, муовини аввали Раиси иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, соҳиби унвону ҷоизаҳо. Мураббӣ ва маслиҳатгари адибони ҷавон. Хеле меҳрубон, ботамкин, нотиқи хуб, сӯҳбатоpо ва хайрхоҳ аст.*

Ҳар касе шуд ҳамдами Абдулҳамид,
Бигзарад ҳар лаҳзааш монанди ид.

Сӯҳбаташ хуш, гуфтаниҳояш хуш аст,
Ҳар сухан дилчаспу гуфтораш муфид.

Бар адибони ҷавони даври мо
Маслиҳатҳо дода, мебахшад умед.

Ҳеҷ овозаш намесозад баланд,
Бо тааммул нақли ӯ бояд шунид.

Аз ҷабини равшану нуронияш
Гӯиё хуршед меояд падид.

Давлати ӯ маҷмаи осори ӯст,
«Косаи давр»-аш ҳама мардум чашид.

Булбулонро дида дар «Шохи чанор»,
Ҳамраҳи «Паррандаҳо» боло парид.

Лутфи нозук дораду табъи баланд,
Бин, ки дилҳоро ба «Майдон» чун кашид.

«Аспи бобом» аст, гӯён як давонд,
Аз Адиби мардумӣ омад навид.

Шӯҳраташ овоза шуд «Пас аз падар»,
«Рӯдакӣ» бар қадри эҷодаш расид.

Ӯ ба қасри илму фарҳанги Ватан
Ҳай қашангу хубу зебо хишт чид.

Дида файзи хомаашро Мирзо,
Домани устодро маҳкам қапид.

## СУРАЙЁ ҚОСИМОВА

*Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, ҷоизадор, гули санъати тоҷик, сарояндаи хушовоз. Ҷигарбандонаш Шабнам ва Фарзона низ санъаткорони мумтозу нотакроранд. Дар байни мардум ва хосса ҷавонон шӯҳрати калон доранд.*

Шукр гӯем, ки зебанда Сурайё дорем,
Дар гулистони Ватан булбули гӯё дорем.
Ба чунин ҳусни худододаю овози хушаш
Метавон гуфт, ки мо санъати воло дорем.

Саҳнаро зеб диҳад қомати сарви чаманаш,
Гул ба гул печ занад дар хами нақши чаканаш,
Мухлисон волаи гесӯи шикан дар шиканаш,
Ҷон фидо бод ба он тарзи баёни суханаш.

Эй чӣ хуш, боғи гулаш зеб зи Шабнам дорад,
Мешавӣ лол, чунин ҳусн кай одам дорад.
Он латофат, ки варо ҳаст, парӣ кам дорад,
Бахудо, духтари арзандаи олам дорад.

Лайлию Зӯҳра наарзанд ба Фарзонаи ӯ,
Офарин бод ба ишқи гули якдонаи ӯ.
Ҳама ҷо ҳаст кунун қиссаю афсонаи ӯ,
Эй Худо, файз бирезон ба дари хонаи ӯ.

Сари таъзим фуруд ораму гӯям: таҳсин!
Ту аз ин Шабнаму Фарзонаи худ роҳат бин.
Ҷониби мо гузарӣ, сайр бикун бо мошин,
Эй гули саҳнаи тоҷик, нафасе бо мо шин.

## РАҲМАТ НАЗРӢ

*Шоири халқии Тоҷикистон, ҷоизадор. Котиби масъули Кумитаи ҷоизаҳои давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Ашъораш дар пояи баланд аст, яке аз беҳтарин донандагони вазни Арӯз мебошад. Маслиҳатгари пуртоқат ва таҳриргари беҳамтои шеърҳои дигарон, зиндадил, ошиқи зебоиҳо.*

Маскани меҳр бувад дафтари Раҳмат Назрӣ,
Табъ болида шавад дар бари Раҳмат Назрӣ.

Хонаи Рӯдакии давр бувад маъвояш,
Такя бар арш занад минбари Раҳмат Назрӣ.

Он яке ҳамту дарояд, дигаре аз пайи кор,
Бар ҳама ҳаст кушода дари Раҳмат Назрӣ.

Пеши ӯ хурду калон шеър ба таҳрир оранд,
Офарин бод ба мағзи сари Раҳмат Назрӣ!

Шеъри ӯ ҷавҳари мардӣ ба ниҳодаш дорад,
Ҳар кадоманд чу шери нари Раҳмат Назрӣ.

Ҳаст дар ҷӯш ба ҳар гоҳ варо қаҳваю чой,
Мезанӣ ин ҳама бо шаккари Раҳмат Назрӣ.

Бой мислаш набувад ҳеҷ ягон дорое,
Дӯстонанд зару гавҳари Раҳмат Назрӣ.

Дидаӣ ҳеҷ магар, лаҳзаи истиқболат
Он ба ваҷд омадану пар-пари Раҳмат Назрӣ.

Синни ман гарчи зиёд аст зи синну солаш,
Хешро мешумарам додари Раҳмат Назрӣ.

Он қадар меҳр зиёд аст миёни ману ӯ,
Гӯиё зода маро модари Раҳмат Назрӣ.

Ҳо рақибо, ту мапиндор, ки ӯ танҳо аст,
Рӯзи размаш бишавам аскари Раҳмат Назрӣ.

Дар назар чеҳраи ӯ нуру сафое дорад,
Ҷовидон бод шукӯҳу фари Раҳмат Назрӣ!

## НУР ТАБАРОВ

*Драматурги машҳур, маҳсули эҷодашро дар саҳнаҳои дигар кишварҳо низ намоиш додаанд ва намоиш медиҳанд. Хушсӯҳбат, мантиқи сухангӯияш қавист. Дӯстон ва неконро фаромӯш намекунад. Лутфи нозук дорад.*

Бахту шодӣ ҳаминони Нур бод,
Зиндагиаш мисли тӯю сур бод.

Баски дорад табъи нозук дар ниҳод,
Хатти ожанг аз рухи ӯ дур бод.

Мекунад андешаҳо «Дар чорсӯ»,
Як раҳи ҳақ баҳри ӯ манзур бод.

Торҳои қалби меҳанпарвараш
Бо садои қалби халқаш ҷӯр бод.

Хонаи шасти ҳаёт обод кард,
Хонаи сад ҳам аз ӯ маъмур бод.

Мирзою Нур ҳастанд ақрабо,
Меҳрашон аз додарӣ ҳам зӯр бод.

Ин адиби хушнигору хушсухан
Боз сад соли дигар масрур бод.

## НӮЪМОН РОЗИҚ

*Шоири бачаҳо. Аввалин узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз ноҳияи Ваҳдат. Чанд сол муҳаррири рӯзномаи «Коммуна» (ҳоло «Шаҳриёр») буд. Дар шаҳри Ваҳдат мактаб, кӯча ва шаҳрак ба номаш гузошта шудааст. Инсони шарафманд. Бо устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Убайд Раҷаб, Муҳиддин Фарҳат ва дигарон дӯстӣ ва рафтуомад дошт.*

Бо лаҳни хушбаён,
Бо лафзи тифлакон,
Мондӣ ба ёдҳо
Хушзавқу дилҷавон.

Дар деҳи Симиганҷ
Бурдӣ басо ту ранҷ,
Дар шеъру шоирӣ
Дарёфтӣ ту ганҷ.

Мактаб ба номи туст,
Шаҳрак мақоми туст,
Ин эҳтироми халқ,
Арҷи каломи туст.
Дар хотири замон,
Дар қалби кӯдакон,
Бо шеъри хушбаён
Монӣ ту ҷовидон.

## ГАВҲАР МИРҶУМЪАЕВА

*Раққосаи хушхиром, устоди рақс. Барои рушди санъат ва тарбияи шогирдон хизматҳои сазовор кардааст. Соҳиби ҷоизаю унвонҳост.*

Гаҳе дар саҳна бо сад печутобу ҷилва меларзӣ,
Дил аз он ларза меларзад.
Ба мисли шохаи гул мехурӣ алвонҷ,
Хаёлам сабза рӯи об,
Ё худ об рӯи сабза меларзад.
Ба ин ҳусну ба ин санъат
Занӣ бар ҷонӣ ман, гулдухтари тоҷик,
Бимирам пеши поят, эй камарборик.

Ту мерақсию меларзӣ,
Ба гирдат домани гулрез мепечад.
Яке дандоннамо хандида,
з-он лабҳо шакар резӣ,
Ба қалби мухлисони шефта
шӯру шарар резӣ,
Шарар бар сони барқи даргузар резӣ.
Ба ин ҳусну ба ин рақсиданат ҷон медиҳам,
гулдухтари тоҷик.
Бимирам пеши поят, эй камарборик.

Ту мечархию меларзӣ,
Ба ин чархидану ларзидани мавзун
Малакро дар фалак,
Моро дар ин ҷо мекунӣ мафтун.
Зиҳӣ, сад офарин!
Дилмурдаро ҳам зинда гардонӣ,
Ҳама аҳли нишасти ин дами гулрезро
бар худ ғулому банда гардонӣ.
Хамида гӯиё аз осмон маҳтоб,
дар ин марза меларзад,
дилам з-он ларза меларзад,
Шудам шайдои рақси ҷонфизоят, духтари тоҷик,
Бимирам пеши поят, эй камарборик.

Чӣ гӯям бар ту, эй олиҳаи ҳусни худодода,
Саропо гаштаам обу адои ту,
Шавад ҷонам фидои ту.
Даруни синаам дил метапад,
Гӯё, ки аз тобу таби табларза меларзад,
Дилам з-он ларза меларзад.
Физояд аз ту ҳусни Тоҷикистон, духтари тоҷик,
Бимирам пеши поят, эй камарборик!

## РАҲМАТУЛЛО ҲОШИМОВ

*Хунёгари мумтоз, меросбари мактаби сарояндагии падари бузургворашон Одина Ҳошим. Дар интихоби шеър ва эҷоди оҳанг хеле бомаҳорат аст. Сурудҳояш ба дилу ҷони шунаванда сафо мебахшад.*

Мурғи чаман саногӯ бар сози Раҳматулло,
Тасхир карда ҷонҳо овози Раҳматулло.

Булбул зи доғи ҳасрат дар бехудӣ фитода,
Гулғунча гашта акнун ҳамрози Раҳматулло.

Бо ишваю таманно дил мебаранд аз мо
Раққосаҳои шӯху таннози Раҳматулло.

Оҳангу савту созаш то бар «Фалак» расида,
Дорад мақоми олӣ парвози Раҳматулло.

Чун оби чашмасорон, чун мавҷи обшорон
Поку зулол бошад оғози Раҳматулло.

Одина боз аз нав гӯё ба саҳна омад
Бо санъати баланду эъҷози Раҳматулло.

Ин ҳофизи ҳунарвар дарёи бекарон аст,
Мо қатрае намудем ибрози Раҳматулло.

## УМАР ЗИЁЕВ

*Ҳофизи халқии Тоҷикистон, роҳбари ансамбли «Сипар»-и Вазорати корҳои дохилӣ. Волидайнаш Марям ва Хайрулло Зиёевҳо тӯли умри пурбаракаташон дар диёри Ваҳдат омӯзгор буданд. Инсонест бомаърифат, хушсӯҳбат, накӯхислат. Устоди ҳунармандони ҷавон.*

Ӯ садои рӯҳафзо, лаҳни чун шакар дорад,
Зарби савту оҳангаш муждаи зафар дорад.

Дар хати навои ӯ тобиши ватандорист,
Бо каломи ҷонбахшо дил ба дил асар дорад.

Зевари суханро ӯ заршиноси маънӣ аст,
Мекунад ҷудо гавҳар, беҳтарин ҳунар дорад.

Бо талошу ҷаҳди ӯ гулшани ҳунар обод,
Аз нумӯи шогирдон боғи пурсамар дорад.

Санъати баландашро рахна кай шавад пайдо,
То Умар Зиёи мо сангару «Сипар» дорад!

## ХОСИЯТИ ЗАРАФШОНӢ

*Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон. Булбули чаманистони диёри ҳунарварди Зарафшон. Бо созу овози дилнишину рӯҳпарвараш қалби ташнакомони созу таронаи шеворо тасхир кардааст.*

Бо сози обшорон, бо рези резаборон,
Бо лаҳни андалебон, бо накҳати баҳорон,
Бо атри кӯҳсорон, бо савти чашмасорон,
Дилҷӯй месарояд Хосияти Зарафшон.

Бо сарви хушхиромаш, бо нози нозанинаш,
Бо шеъри ҷонфизояш, оҳанги дилнишинаш,
Ояд ба рӯи саҳна бо рӯи гул баринаш,
Бо қарсаки таманно гӯем офаринаш.

Ҳай тор мезанад хуш, вай тор мезанад хуш,
Ҳамҷӯри қалби ошиқ ду тор мезанад хуш,
Овоз мекашад хуш, адвор мезанад хуш,
Эй ҷони мо ба қурбон, пайкор мезанад хуш.

Дар осмони санъат парвози ӯ қашанг аст,
Ҳам шевааш гуворо, ҳам сози ӯ қашанг аст,
Тасхир карда ҷонҳо, эъҷози ӯ қашанг аст,
Мо садқа бар навояш, овози ӯ қашанг аст.

Бо қақрае, ки дорад ин кабки яккафарёд,
Бахти баланд ёраш дар қуллаҳои эҷод,
Мирзо чу мухлиси ӯ баргуфт бо дили шод:
Гулбоғи савту созаш сарсабзу бехазон бод!

## МАЛИКАИ САИДЗОД

*Гули саҳнаи тоҷик буд. Ҳоҷибибӣ шуду аз саҳна рафт, вале он чӣ рӯи саҳна овард, асло аз хотирҳо фаромӯш намешавад. Хуллас, садояш хироҷи як мамлакат буду ҳуснаш арзандаи як дунё. Шояд, боз ба саҳна баргардад ва мухлисони муштоқашро бори дигар болида гардонад.*

Саҳнаро зебу фар биафзояд,
Хушсадо, хушлиқо, гули раъност.
Дар мақоми «ситораҳои давр»,
Нест ҷои сухан, ки беҳамтост.

Дар равиш, дар нигоҳ, дар гуфтор
Нозанини баиффати деҳ аст.
Ӯ ба шарму ҳаёи зебанда
Аз дигарҳо зи ҳар ҷиҳат беҳ аст.

Ҳуснбахши азал сари тасвир
Сураташро ба чӣ хаёле кард.
Дар миёни нигораҳои хеш,
Бингаредаш, чи нақши олӣ кард!

Шаҳр бар шаҳр хубрӯ кобӣ,
Нест ҳамтои ӯ, аҷаб зебост.
Бо садояш хироҷи як кишвар,
Бо ҷамолаш Маликаи дунёст!

## САФАРГУЛИ ЮСУФ

*Маҳин месарояд, саҳназеб аст. Шеър ва оҳангҳои асилро интихоб мекунад. Дар консерти охирини устод Зафар Нозим бо суруди дилнишине баромад кард, ки ин худ эътирофи санъати баланди ӯст.*

Хиромон рӯи саҳна мебарой,
Аҷаб хушрӯ, аҷаб ширинадоӣ,
Суруди меҳри дилро месароӣ,
Шукӯҳи санъати мо мефизоӣ.
Сафобахшу дилорой, Сафаргул,
Зи ту пеши назарҳо ҷилвагар гул.

Суханҳо дилкашу оҳанг мавзун.
Такаллум з-он лабон пурсеҳру афсун,
Зи шарми шарқиёна чеҳра гулгун,
Тамоми мухлисон шайдою мафтун.
Ту раъноӣ, ту барноӣ, Сафаргул,
Зи ту пеши назарҳо ҷилвагар гул.

Ба савти фораму шӯри ҷавонӣ
Гаҳе ҷонбахшу гоҳе ҷонситонӣ,
Ба ин нозукадоӣ, хушбаёнӣ,
Ба саҳна беҳтар аз рӯҳи равонӣ.
Ту фахри санъати моӣ, Сафаргул,
Зи ту пеши назарҳо ҷилвагар гул.

## ФАЙЗИГУЛ ЮСУФОВА

*Сарояндаи хушзавқу саҳнаоро аст. Ҳаракатҳои зебандаи хоси худро дорад. Садою симояш ба дилҳо сурур мебахшад.*

Ба саҳна навниҳоли қоматат хушрӯ,
Ба нозу ишва омад-омадат хушрӯ,
Сухан бо лафзи дилҷӯят аҷаб ширин,
Хирому ҷилварезии қадат хушрӯ.

Ба дида нур мебахшад ҷамоли ту,
Ба дилҳо сур мебахшад висоли ту,
Чӣ шӯрею чӣ шангею чӣ оҳанге,
Фараҳафзо садои бемисоли ту.

Зи савти ту навои обшор ояд,
Сурури андалеби беқарор ояд.
Нидои кабки масти кӯҳсор ояд,
Зиҳӣ, эй Файзигул, бо ту баҳор ояд!

## ҚИЁМИДДИН ЧАҚАЛЗОДА

*Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, корманди театри ба номи Лоҳутӣ. Шӯху ҳаҷвгӯю ҳозирҷавоб. Нақшҳояш дилнишин, то суханашро оғоз мекунад, ки мардум механданд, дар байни мухлисон маҳбубияти зиёд дорад.*

Илоҳо, нахли умрат дар амал бод,
Баландиҳои қадрат то Зуҳал бод.

Миёни дӯстону аҳли хешон
Ҳаётат шаккару қанду асал бод.

Насибат ризқу рӯзии фаровон,
Ба хонат нозу неъмат тал ба тал бод.

Майи нобу азизи дил бихоҳӣ,
Муҳайё ину он дар ҳар маҳал бод.

Газакро, ки ту мегӯӣ закуска,
Ба пешат каллапоча бо сағал бод.

Халос аз дуди оташдону таппак,
Ба рӯи мизи кухният «Тифал» бод.

Ба қалбат ҷӯшзан шавқу ҳавасҳо,
Мисоли кафки «шампон» дар бакал бод.

Ба тасхири дили ҳар як шакарлаб
Силоҳат ҳазлу шӯхию тақал бод.

Яке бо нозанини рус шинӣ,
Гапаш бо нозу ишва «ты нахал» бод.

Сарои̅ дузабона «Гӯрғулӣ»,
Гаҳе частушкаю гоҳе ғазал бод.

Азизи халқ гаштӣ, эй ҳунарманд,
Шаби эҷодият чун карнавал бод.

Куҷо консерт барпо менамоӣ,
Ба пеши кассаҳо шӯру мағал бод.

Агар пайдо шавад шахси ҳасуде,
Ба буни гарданаш муштат кувал бод.

Аҷаб пуршаст бигзаштӣ ту аз шаст,
Дарозо умрат аз нақши азал бод.

Ба ҳафтоду ба ҳаштоду навад рав,
Хати роҳи садат ҳам дар бағал бод.

Ба пириҳо расӣ бардам, бақувват,
Камар маҳкам туро ҳамчун стал бод.

Мабодо риш монӣ, салла бандӣ,
Лақаб «Ал Хоҷаи байналмилал» бод.

Ҳамон рӯзе, ки бар сад медароӣ,
Барои халқи тоҷик фестивал бод.

Ҳамин шеъре, ки гуфт аз меҳр Мирзо,
Дуруде бар Қиёмиддин Чақал бод.

## ОРТИҚИ ҚОДИР

*Беҳтарин сухангӯю суханвар. Бо лаҳни ширину гуворо дилҳоро тасхир кардааст. Ҳунармандест худодод. Аз баҳри беканори шеъри Аҷам дурру гавҳар мекашад. Дар нақшофарӣ ҳам болаёқат аст.*

Дар сухан аз баҳр гавҳар мекашӣ,
Бо ҳунар дар риштаи зар мекашӣ.

Шоирон ғаввоси ҳарфанду калом,
Лек ту дурдона беҳтар мекашӣ.

Сулҳро гоҳе тараннум мекунӣ,
Дар ҳаво парвози кафтар мекашӣ.

Ишқро лаҳнат кунад сӯзандатар,
Дар шарар мурғи самандар мекашӣ.

Мекушоӣ лаб агар аз дӯстӣ,
Ҷонфидо ёру бародар мекашӣ.

Оварӣ номи Ватанро бар забон,
Бо тафохур то фалак сар мекашӣ.

Санъати эъҷоз дар гуфтори туст,
Вазну маъниро ба зар бар мекашӣ.

Нестӣ рассом, бо сеҳри сухан
Ин ҳама лавҳи мусаввар мекашӣ.

## НИЁЗ САФАРОВ

*Солҳои зиёд дар соҳаи маорифи кишвар заҳмат кашидааст. Шахсияти маъруф, бофазлу дониш, хоксортарин инсоне, ки камназир аст. Бародари Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар.*

Хоксорон ҷамъият барпо кунанд,
Дар қатори ҳизбҳои беҳисоб,

Мешавад барномаи ин ҷамъият,
Беҳтарин як ҳуҷҷати мақбулу боб.

Анҷуман ороста, гар мекунанд
Интихоби садр аз рӯи савоб.

Чун раиси хоксорони ҷаҳон
Мекунанд онҳо Шуморо интихоб.

## ГУРЕЗ САФАР

*Шоири боистеъдод, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода, писари Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар. Арӯзро хеле хуб медонад, муҳаррири даҳҳо китоби шоирон аст. Дар дӯстӣ беҳамтост, ба қадри некӣ мерасад. Дӯстонро фаромӯш намеку*над. *Марди паҳлӯст.*

Гурези ҷон, туро ман мисли додар дӯст медорам,
Қасам бо шири ҷонбахшои модар, дӯст медорам.

Туро санҷидаам дар ҳоли дороию нодорӣ,
Ба ҳар ҳоле ки бошӣ, ман баробар дӯст медорам.

Худоро шукри беҳад, ки гузашт айёми ранҷурит,
Шудӣ солиму бедардак, бародар, дӯст медорам.

Ту як заҳматкаши пуркор аз нав дар «Адиб» астӣ,
Кунӣ таҳрир шеъри мо саросар, дӯст медорам.

Ба вазни шеър як рукни хатое раҳ намеёбад,
Шудӣ дар зевари маънӣ чу заргар, дӯст медорам.

Ниҳоли дӯстии мо бувад парвардаи Устод,
Ба рӯҳи поки ӯ, чун шамси Ховар дӯст медорам.

Агар Устод дигар меҳмони мо намегардад,
Туро бологузар дар хонаву дар дӯст медорам.

Маро фарзандҳо бисёру чун ту додаре якто,
Мапиндорӣ, туро як зарра камтар дӯст медорам!

Замоне шуд, ки парҳезему дигар май наменӯшем,
Ба ёди он замони рафта аз сар дӯст медорам.

Гузар кун ҷониби Мирзо, ки масти ҳамдигар бошем,
Туро бо, ё ки бе миною соғар дӯст медорам.

## ДАВЛАТИ РАҲМОНИЁН

*Шоири навҷӯ аст, дар Телевизиони тоҷик кор мекунад. Барномаи ӯ «Сайди маънӣ» мақбули ҳамагон аст. Адабиёти классикиро хуб медонад, нутқи бурро ва тарзи баёни ширин дорад. Сӯҳбаторо ва ботамкин мебошад. Аз фозилони даврон аст.*

Мекунӣ сӯҳбат агар бо Давлати Раҳмониён,
То тавонӣ, мухтасар баргӯ ба пеши ӯ калом.
В-арна, ӯ якбора мегӯяд: ташаккур, устод,
Сӯҳбати арзанда буд, афсӯс, вақтат шуд тамом.

Он чи дар боло, ки мо гуфтем, ҳазле беш нест,
Ин азизи ҷону дил аз фозилон фозилтар аст.
Лаҳн ширин, ҳарф барҷо, хушсадо тарзи баён,
Ҳамчу дарёе бувад, ки пур зи дурру гавҳар аст.

Ҳар гаҳе ки бо азизон «Сайди маънӣ» мекунад,
Сӯҳбату гуфтори волояш зи мо дил мебарад.
Фош мегӯям, ки дар «Симо» ба мислаш нест, нест,
Офаринаш, ки чунин зебанда маҳфил мебарад.

## ҲАСАНИ ҲАЙДАР

*Ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дорои сабки махсуси овозхонист. Шеърро бурроюю шево месарояд. Дар интихоби шеър бо шоирон ҳамкорӣ мекунад. Дар саросари кишвар ва берун аз он маҳбубият дорад. Ҷавонмардест хоксору дидадаро.*

Ҳасан ҳар як ҳиҷоро чида мегӯяд,
Суханро сад карат санҷида мегӯяд.

Аҷаб лаҳне, аҷаб савтею овозе,
Аҷаб ширин кунад ӯ нағмапардозӣ.

Чунон бурро, чунон бо зарба мехонад,
Суханро бар дили кас бурда мемонад.

Гаҳе Ноҳид ба ғижак ҷӯр мегардад,
Дилоро як дуэти зӯр мегардад.

Ҳама мафтун, ҳама шайдо, ҳама қоил,
Ҳама бо ҷону дил бар хонишаш моил.

Ҳасан дар саҳна ҷӯши зиндагӣ дорад,
Гитораш савти уди Рӯдакӣ дорад.

## ШӮҲРАТ САЙНАКОВ

*Сарояндаи дӯстдоштаи мардум. Овози хуш дорад. Хунёгарест, ки навои мурғони хушхони Бадахшонро бо чаҳ-чаҳи андалебони дигар гӯшаҳои Ватан омехта-аст.*

Шӯҳрати ҷон, боҳунар, ҳам шӯҳраманде омадӣ,
Рӯи саҳна бо навои дилписанде омадӣ,
Хушсадо бо лаҳни ширини чу қанде омадӣ,
Дар хати адвор бо сабки баланде омадӣ.

Бо садоят обшорони Бадахшон ҷӯр шуд,
Савти рӯҳафзои мурғони хушилҳон ҷӯр шуд,
Ҳамнавоят созҳои Суғду Хатлон ҷӯр шуд,
Беқарориҳои амвоҷи Зарафшон ҷӯр шуд.

Зебу фар бар саҳнаи тоҷик зи рафтори ту аст,
Қалбҳои мухлисон моил ба гуфтори ту аст,
Сайди маънӣ бастаи лафзи шакарбори ту аст,
Маснади хунёгари халқӣ сазовори ту аст.

## САЪДИИ БӮРИЗОД

*Сарояндаи муваффақ. Савту садояш аз баҳри беканори оҳангу навоҳои халқӣ сарчашма мегирад. Тарзи сароидани хоси худро дорад. Дар байни мардум ва хосса ҷавонон шӯҳратманду маҳбуб аст.*

Саъдӣ гаҳе сарояд, дилҳо ба ларза ояд,
Моҳ аз само хамида, болои марза ояд.

Ҳарфу ҳиҷои ӯ хуш, савту навои ӯ хуш,
Кам дидаем мутриб, то ӯ чунин сарояд.

Бо қомати базебаш, рафтори саҳназебаш
Дилҳои мухлисонро якбора мерабояд.

Гоҳе ки аз дилу ҷон ӯ мешавад ғазалхон,
Ҳамсоз гашта бо ӯ, гулғунча лаб кушояд.

Оҳанги дилнишинаш, матни ба ҷон қаринаш
Пайванд гашта бо ҳам, шодии мо физояд.

Хунёгарест ҷонӣ, бо шавқи навҷавонӣ,
Сарви чаман ба зарбаш дар рақс медарояд.

Саъдӣ, ки хола дорад, дар ёла лола дорад,
Монаш, зи холадухтар як бӯса ӯ рабояд.

Бо санъати баландаш, оҳанги дилписандаш,
Хоҳем рӯи саҳна садсолаҳо бипояд.

## ШЕРАЛӢ МӮСО

*Барандаи Ҷоизаи адабии ба номи устод Садриддин Айнӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, насрнависи болаёқату сермаҳсул. Асарҳояш натиҷаи омӯзиш ва мушоҳидаҳои ҳаётии ӯст. Хушсухану маҳфилорост, дӯстиро қадр мекунад.*

На ҳама шер бувад Шери Алӣ,
На ҳама шеър бувад шеъри баланд.
На ҳама наср бувад насри фасеҳ,
На ҳама сабк бувад сабки писанд.

Шери мо монда ба чашмаш «Дурбин»,
«Шаҳраҳи зиндагӣ»-ашро нигарад.
Нони худ мехӯрад аз файзи қалам,
Пеши кас арзу ниёзаш набарад.

Меваи фазл диҳад «Боғи падар»,
«Сӯг»-и ӯ доғ зи дилҳо бибарад.
Дарк бинмоӣ «Асоси ғалаба»,
Гар бихонӣ асари «Нек ва бад».

Рафта бо «Зинараҳи коргарӣ»,
Васфи ободии Роғун бикунад.
Қалби бунёдгари НОБ-и Ватан
Бо сухан волаю мафтун бикунад.

Медарояд ба ҳама дар осон,
Ҳаст аъзои саду як маҳфил.
Дар варақ номи баландаш хонам,
Карда тӯмор ниҳам дар сари дил.

Рафта бар шаст кунун Шери Алӣ,
Ҳамчунон шери жаён дар бари мост.
Мебаремаш ба дари хонаи сад,
Чунки дар баҳри сухан гавҳари мост.

## НУРИДДИНИ АМРИДДИН

*Шоир ва рӯзноманигори асил, сармуҳаррири рӯзномаи «Шаҳриёр»-и шаҳри Ваҳдат. Дар зиндагӣ хоксор, худро аз шогирдони камина меҳисобад.*

Гар бахт кунад имдод,
Шахсе бишавад устод,
Шоистаи тарбият
Шогирд чунин бояд.

Гарм аст садои ӯ,
Оташ ҳама ҷои ӯ,
Бар рағми хасу хошок
Гӯгирд чунин бояд.

Пешу паси ӯ коғаз,
Зери каши ӯ коғаз,
Н-орад ғаши ӯ коғаз,
Искирд чунин бояд.

Боре гузараш афтод
Бар водии Файзобод,
Чун шоири даврон гуфт:
«Вашгирд чунин бояд».

Ҳар гоҳ сухан оғоз
Гар мекунад аз Дарвоз,
Такрор кунад сад бор,
Пас, вирд чунин бояд.

Дар маҳфили Нуриддин
Ҷамъанд рафиқон, бин!
Гар гирд шавад мухлис,
Он гирд чунин бояд.

Шуд шоири хуби хуб,
Бошад ба ҳама маҳбуб,
Фахр аст ба устодаш,
Шогирд чунин бояд.

## ҶӮРАБЕКИ МӮЪМИН

*Як умр рӯзноманигор аст, ҳоло сармуҳаррири рӯзномаи «Набзи Файзобод». Шоир аст, қалами хуб дорад. Хеле шӯх, ҳазлкаш ва маъракаорост. Самбӯсаро дӯст медорад. Дар ҷӯрагӣ ҳамто надорад. Ашъори Бозор Собирро мепарастад, бо Қиёмиддин Чақалзодаи машҳур ҳамнишин аст.*

Нозим асту носир асту сардабиру мухбир аст,
Ҳар куҷо бо килку дафтар ҳозир асту нозир аст.
Дар навишти жанрҳо як журналисти моҳир аст,
Фарди бо илму ҳунар, инсони беҳад нодир аст.

Аз ҷавонӣ ошиқи рухсораи самбӯса аст,
Ҳар куҷо саргашта аз думболи як-то бӯса аст,
Дилҷавону чақ-чақию беғаму беғусса аст,
Мардаки кокулдарози шӯху зебоҷусса аст.

Онҷуноне худ бигӯяд, бо қалам нон мехӯрад,
Гар нашуд самбӯса, он гаҳ бо алам нон мехӯрад,
Мааззаи самбӯса дар дил карда зам, нон мехӯрад,
Хулласи гап, бештар самбӯса, кам нон мехӯрад.

Бо чунин рӯ, бо чунин мӯ ту ҷавонӣ, Ҷӯрабек,
Шаст чӣ, дар синни сад ин зайл монӣ, Ҷӯрабек,
Шеър аз самбӯсаю аз бӯса хонӣ, Ҷӯрабек,
Мулки Файзободро ному нишонӣ, Ҷӯрабек.

# ИСО РАҲИМ

*Шоир, рӯзноманигор. Порчаҳои зиёди «Шоҳнома»-ро аз ёд медонад. Аксари шеърҳояш дар вазни «Шоҳнома»-анд. Нишонрас менависад. Инсони оддӣ ва хоксор аст, некиро қадр мекунад.*

Қомати худ намой, эй Исо,
Сар ба гардун бисой, эй Исо.

Ҳеҷ гоҳе нашин ба танҳоӣ,
Дӯстонро физой, эй Исо.

Шеър бошад ба тори кӯҳи Қоф,
Бар фарозаш барой, эй Исо.

«Шер айни шикори худ шер аст»,
Наърае каш зи ной, эй Исо.

Печиши зулфи дилбарон бингар,
Уқдаи дил кушой, эй Исо.

Пеши хубони шӯху ҷонафзо
Бош доим ба пой, эй Исо.

Хешро ҳеҷ гоҳ пир магир,
Васфи хубон сарой, эй Исо.

Шишаат аз шароб агар холист,
Кун қаноат ба чой, эй Исо.

Аз каму беши худ макун парво,
Аз барои Худой, эй Исо.

Хайрхоҳат тамоми Файзобод,
Мешавӣ марди бой, эй Исо.

Як назар кун ба ҳамқаламҳоят,
Бағали худ кушой, эй Исо.

Омадӣ шод хонаи ҳафтод,
То ба сад ҳам дарой, эй Исо.

## ХУРСАНДӢ НАЗИРОВ

*Инсонест кушодачеҳра, ҳамеша лабонаш моил ба табассум. Бо ханда сухан мегӯяд. Саховатпеша аст. Машқи шеър мекунад.*

Дилро ба фараҳ орад хандидани Хурсандӣ,
Хурсанд шавад ҳар кас бо дидани Хурсандӣ.

Пайдо нашавад ҳаргиз чине ба ҷабини ӯ,
Зинҳор намебинӣ ранҷидани Хурсандӣ.

Бо меҳр сухан гӯяд дар маҳфили ёру дӯст,
Зебандаю рӯҳафзо болидани Хурсандӣ.

Дармондаю ночоре гар рӯи ниёз орад,
Дар роҳи сахо бинад бахшидани Хурсандӣ.

Гулбоғи ҳаёти ӯ пурфайзу самаровар,
Аз лутфи Худо бошад сабзидани Хурсандӣ.

Ҳаргиз нашавад канда аз гирди лабаш ханда,
Азбаски бувад беғаш хандидани Хурсандӣ.

## СУЛТОНМУРОДИ ОДИНА

*Шоир, нависанда, журналист. Дар тарбияи соҳибқаламони ноҳияи Ҳисор саҳми арзанда дорад. Маҷмӯаҳои зиёди назмию насриаш интишор шудаанд. Бо қомати боло, чеҳраи нуронӣ, ҳарфу сухани малеҳ ва табассуми зебояш мусоҳибонро ба худ ҷалб мекунад. Соҳибэҳтиром аст.*

Ҷамъ карда дӯстонро дар чунин рӯзи мурод,
Базм дорад шоири хушқадди мо Султонмурод.

«Қад баланд, қомат баланд, гардан дарозӣ мекунад»,
Офарин бар модаре, ки инчунин фарзанд зод!

Дар ниҳоди шеърҳояш ҳаст саҳли мумтанеъ,
Аз каломаш сабки Турсунзода меояд ба ёд.

Як назар эъҷози шеъру шоириро бингаред,
Ҷамъ гашта ин қадар мардум зи рӯи эътиқод.

Ман нагӯям синну солаш то куҷоҳо рафтааст,
Лозим ояд, з-ӯҳдаи ҳар кор ҳоло мебурод.

Меҳри дилҳо буд, то гулрез шуд мулки Ҳисор,
Инчунин мулку чунин шоир ба олам зинда бод!

Гуфтамаш: Султонмурод, аз халқ дорӣ хоҳише?
Гуфт: сулҳу дӯстию иттифоқу иттиҳод!

Кун қабул аз шоири Ваҳдатзамин як каф дуо,
Дасти кам ё рӯи ғамро ту набинӣ умрбод!

## ҲАСАН АБДУРАҲМОНОВ

*Аълочии фарҳанг, телевизиону радио ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ровии хушбаён, сӯҳбатоߋро. Дар зиндагӣ хеле хоксор ва инсони оддист. Дар дӯстӣ устувору меҳрубон, дар рӯзҳои хурсандӣ ва ғаму андӯҳи мардум ҳамеша ҳозир ва шарик аст.*

Саҳнаоро, саҳназебӣ, эй Ҳасан,
Сурхрӯ монанди себӣ, эй Ҳасан.

Дар қатори ровиёни даври мо
Хушсадо чун андалебӣ, эй Ҳасан.

Дар фарозу шебҳои зиндагӣ
Сарбаланду бениҳебӣ, эй Ҳасан.

Аз фиреби кӯрдилҳои замон
Рост гоҳу гаҳ килебӣ, эй Ҳасан.

Ҳар чӣ ҳам бошӣ, ту андар дӯстӣ
Ростқавлу бефиребӣ, эй Ҳасан.

Пок ҳастӣ аз ҳама макру ҳиял,
Мардаки хубу базебӣ, эй Ҳасан.

Ту ба мисли кӯҳсори тоҷикон
Гоҳ тахту гаҳ уребӣ, эй Ҳасан.

Гавҳару ёқут дар «Ганҷина»-ӣ,
Гушнаҳоро чун хлебӣ, эй Ҳасан.

Шаккарингуфтор ҳамчун тӯтиӣ,
Нуктадону базмзебӣ, эй Ҳасан.

Дардро ҳаргиз набинад қуртуқат,
Аз гулӯдардак накебӣ, эй Ҳасан.

Баҳри ту хоҳем панҷоҳи дигар,
Боғи садро ҳам ту зебӣ, эй Ҳасан.

## ХАЛИЛ САИДИ ТАВИЛРӮДӢ

*Ҷавоне буд зебо, шӯху ҳозирҷавоб. Бештари рубоиёти Хайёмро аз ёд медонист, тарҷумаи русиашонро ҳам. Шеър эҷод мекард. Орзу дошт, ки маҷмӯаи ашъорашро чоп кунад. Ба Русия рафт, аз он ҷо тобуташро овարданд. Ҳайф шуд.*

Рафтию дафтараки шеъри парешони ту монд,
Дар дилу дидаи мо чеҳраи хандони ту монд.

Ҳолати рафтани ту абр парешон мерафт,
Рӯи долони ту ду тифлаки нолони ту монд.

Орзу доштӣ, то нашр шавад ашъорат,
Дар лабат шеър, ба дил ҳасрату армони ту монд.

То чиҳил монда қадам, нав бирасидӣ ба камол,
Во дареғо, зи нумӯъ нахли гулафшони ту монд.

Ҳайфат, эй маъракаорою ҷавонмарди базеб,
Ҷисми ту рафт ба хоку ғами ҳиҷрони ту монд.

Ҳама гӯянд: «Халил пеш зи устод гузашт»,
Дар сари гӯри ту устоди ту ҳайрони ту монд.

# МАНЗУМАҲО

## АДЛУ ДОД АСЛИ ҶАВОНМАРДИИ ӮСТ

Буд маҷлис,
    ҷамъ дар он мардуми ҳар касбу кор,
Сӯҳбату дидор бо аҳли кибор.
Ҳарф мезад Сарвари давлат зи минбар
    аз марому нақшаю тадбири хеш,
    аз шараф, аз шаъни Истиқлоли миллат,
    аз талоши халқи кишвар
    баҳри имрӯзи сазовор,
    баҳри фардои мунаввар.
    аз ривоҷу равнақи ин сарзамини файзрез,
    аз биҳиштосо диёри Тоҷикистони азиз.

Аз самими қалб,
Бо меҳру садоқат дурри маънӣ суфтанаш,
Гоҳ бо афсӯс, гаҳ бо ифтихор
    аз каму беши замона ошкоро гуфтанаш,
Дар дили ҳар фард ҷо мекард сидқу боварӣ,
    ваҳдату осоишу ишқу умед.
Пеши чашм ояндаи халқу Ватан
    ҳамчунон субҳи саодат медамид,
Зиндагии лоиқу арзандаи ҳар ҳамватан
    бо ҳазорон ранг меомад падид.

Лаҳзае, ки нутқи Сарвар хатм гашт,
Як нафар оҳиста боло кард даст.
Гуфт ӯ бо шеваи деҳқониаш,
Ончунон зебо, ки ҳарфаш
    дар дили мардум нишаст:

«Ман надорам хонаю дар,
Ман надорам қасру минбар,
Ман надорам халтаи зар,
Ман надорам моли дигар.

Лек ман дорам Ватан,
Бо Ватан пайванд ҷисму ҷони ман.
Бо Ватан хушбахту соҳибдавлатам,
Бо Ватан зебанда бошад савлатам.
Сарвати ман хоку санги ин Ватан,
Обрӯям ному нанги ин Ватан.
Бо Ватан дорою соҳибихтиёр,
Мекунам аз қисмати худ ифтихор…
Доштам ман солҳо як орзу,
Сарвари худро бубинам рӯ ба рӯ.
Бо ду дасти худ фишорам дасти ӯ,
Рӯи чашмонам гузорам дасти ӯ.
Гар иҷозат медиҳад Олимақом,
Ман равам бар наздашон баҳри салом».

Сарвари давлат шунида ин сухан,
– Марҳамат, – гуфто, – биё бар пеши ман.

Мард берун омада аз издиҳом,
Сӯи Сарвар бо чигас барчид гом.
Чун назар бинмуд Сарвар, ҳол дид:
Мард бо як пой сӯяш медавид.
Лек бо азми матину ифтихор,
Бо аҷаб рӯҳи қавию устувор.
Бар зиёрат шоду хуррам раҳсипар,
Дошт дар он лаҳза гӯё болу пар.

Гуфт Сарвар: «Ист, пешат меравам,
Ту надав, ман худ ба сӯят медавам».

Ин бигуфту аз сари минбар хамид,
Бо қадамҳои калон пешаш расид,
Дар миёни аҳли маҷлис
Мардро бо меҳри дил дар бар кашид.

Ончунон метофт дар пеши назар,
Ки падар фарзанди аз майдони ҷанг,
Аз набарди зидди душман бо зафар
баргаштаро
Сахт бигрифтаст дар ҷону ҷигар.

Дида ин сон лаҳзаро
аҳли маҷлис лол монд,
ашки шодӣ карда ҷорӣ,
Бар чунин кирдори хуш аҳсант хонд.
Офарин бар Сарвари давлат
ба ин меҳру садоқат, хоксорӣ,
Аз бузургон монда ин сон
сабру тамкин, қадрдониву
футувват ёдгорӣ.

Кӣ шунида, ё ки дида дар ягон давру замон,
Аз сари инсофу адлу одамият,
Подшаҳ аз тахту минбар рафта поён,
Мекунад оғӯши худро во
барои хотири як тан раъият…

Ҳар куҷое гап равад гар аз адолат,
Бишнавем ин қиссаи Нӯшервон:
Қасри шоҳу дар канораш
Кулбаи кампираки танҳои оҷиз,
ки варо он шоҳи одил
то вафоти пиразан нанмуд вайрон.
Бо гузашти рӯзгорон
на нишон аз кулбаю аз қаср монда,
на асар аз пирзолу шоҳи даврон.
Лек монда ин ҳикоят ҷовидон.

Эй азизон! Раҳму шафқат, хоксорӣ,
лутфу эҳсону ҷавонмардӣ,
ки дорад Сарвари мо

Кам наяст аз ҳиммату аз хислати Нӯшервон.
Ман ба рафтору ба гуфтору ба кирдораш
бидидам одаму одамгарӣ,
Шукри беҳад мар Худоро, дода моро босаховат,
боадолат, бошуҷоат сарваре.

Аз сари ихлосу меҳри бекарон
Пораеро аз футувватномаи султонияш кардам баён.
Ҳар касе хоҳад бидонад васфи кӣ ин ҷост матраҳ,
Номи некашро бихонад дар «Мувашшаҳ»:

**Э**й, ки дар чархи адолат ахтарӣ,
**М**еҳрбахшо бар тамоми кишварӣ.
**О**даму одамгариҳоят хуш аст,
**М**екунӣ аз сидқ моро раҳбарӣ,
**А**длу дод асли ҷавонмардии туст,
**Л**оиқи тахтию тоҷу минбарӣ.
**И**фтихори тоҷикони оламӣ,
**И**қтидори мулк дар баҳру барӣ.
**Р**ӯи ту тобанда аз нури худост,
**А**з ҳама ҳамтои худ афзалтарӣ.
**Ҳ**омии Исломи Ҳақ дар анҷуман,
**М**олики ҳар гуфтаи пайғамбарӣ.
**О**брӯи ту гувоҳи равшан аст,
**Н**омдорони ҷаҳонро ту сарӣ.

## МУРДААМРО ТОҶИКИСТОНАМ БАРЕД

Тоҷики афтодаи дур аз Ватан,
Чун сипанди рӯи оташ ҷону тан.

Мустаманду хастаҷону дилфигор,
Дар фироқи Тоҷикистон хору зор.

Дар ғарибиҳо яке бемор гашт,
Пеши чашмаш рӯзи равшан тор гашт.

Сар ба болини маризӣ чун ниҳод,
Лаб ба зорию таваллоҳо кушод:

«Мурдаамро Тоҷикистонам баред,
Бар диёри беҳтар аз ҷонам баред.

То кунам хоки Ватан атри кафан,
То шавад осуда ҷисму ҷону тан.

Рӯҳи ман ин ҷо намегирад қарор,
Во диёрам, во диёрам, во диёр».

Чанд рӯзе инчунин меканд ҷон,
Мекашид озору ранҷи беамон.

Сад карат ҷони вай омад бар гулӯ.
Аз сухан гаҳ монду гаҳ шуд ҳарзагӯ.

Қуввати гап мешудаш гар як даҳан,
Дар забонаш буд танҳо ин сухан:

«Мурдаамро Тоҷикистонам баред,
Бар диёри беҳтар аз ҷонам баред».

Маслиҳат карданд ёрони ҳабиб
Дар сари болини марги он ғариб.

Чун замоне боз чашмашро кушод,
Инчунин посух ба ӯ ёре бидод:

«Мурдаатро Тоҷикистон мебарем,
Ҷониби хоки ниёгон мебарем».

Чун шунид ин гуфтаҳою дарк кард,
Дарзамон ҷонаш танашро тарк кард.

Вопасин дам бар забон як ном бурд,
«Тоҷикистон» гуфту ҷон бар Ҳақ супурд.

Эй Ватан, эй хоки поки тоҷикон,
Эй диёри сад карат беҳтар зи ҷон,

Бин, ки фарзандат чи сон ҷон медиҳад,
Номи ту андар забон ҷон медиҳад.

Ин яке не, ҷамъи фарзандони ту
Мекунад сад ҷони худ қурбони ту.

Бо чунин фарзандҳои ҷоннисор
Асрҳои аср монӣ пойдор.

## ДАР ФАЗИЛАТИ САВОД

Сабт гашта дар китобе мӯътабар,
К-инчунин мегуфт марде бар писар:

Илм аз бар кун, саводи худ барор,
То ки бошад зиндагиат бобарор.

Одамиро илм бино мекунад,
Оқилу хушзеҳну доно мекунад.

Ҳар кучоe рафт шахси босавод,
Иззату икроми ӯ бошад зиёд.

Шахси донишманду боақлу тамиз
Бар Худову халқ мебошад азиз.

Тӯшаат гар донишу илму фан аст,
Пеши роҳат дар ду олам равшан аст.

Бесаводӣ танбалию коҳилист,
Бори он дармондагию ҷоҳилист.

Дар замона ҳар кӣ бошад бесавод,
Нест мардумро ба гуфташ эътимод.

Дар набарди ҳодисоти рӯзгор,
Мешавад рӯзе, ки гардад хору зор.

Эй писар, хоҳам туро монад ба ёд
Саргузашти босаводу бесавод.

Баҳри дарки ҳикматаш андеша кун,
Пас аз он, ҳар он чӣ хоҳӣ, пеша кун.

Қисса ин бошад, ки бар мулке дигар
Босаводе гашт озим бар сафар.

Рафта-рафта аз бари кӯҳе гузашт,
Пеш омад рӯд дар паҳнои дашт.

Пеш аз оне, ки кунад аз пул гузар,
Кард бар ин сӯю он сӯяш назар.

Дид лавҳею дар он бинвиштае,
Дар сари пул баста он бо риштае:

«Бошад аз ин пул гузаштан пурхатар,
Ҳаст дар поён гузаргоҳе дигар».

Босавод он лавҳ хонду дарк кард,
Фикри аз он пул гузаштан тарк кард.

Рафт поён аз канори рӯду дашт,
Аз дигар раҳ бехатар он сӯ гузашт.

Дар ҳамон айём аз шаҳре дигар
Бесаводе низ буд андар сафар.

Аз қазо ӯ ҳам ба он маъво расид,
Он пулу он лавҳро ӯ низ дид.

Чун зи доniш монда буд андар канор,
Ӯ ба лавҳу хат надода эътибор,

Беибо аз рӯи пул рафтан гирифт,
Тахтае бишкаст, монд андар шигифт.

Чаппагардон гашту бар дарё фитод,
Бурд обаш, ғарқ шуд он бесавод.

Ин ҳикоят ҳалқае бинмо ба гӯш,
Ҳар кӣ дорад илм, дорад ақлу ҳӯш.

Дониш аз илм аст, илм аст аз китоб,
Баҳри илм омӯхтан бинмо шитоб.

Аз азизон монда ин гап ёдгор:
Дониш андар ду ҷаҳон ояд ба кор!

## ОҚИБАТИ КОРИ ДУ НАФАР, КИ ЯКЕ ОБ ГИРИФТУ ДИГАРЕ ЗАР

Ду нафар гаштанд рӯзе ҳамсафар
Баҳри рӯзӣ ҷониби мулке дигар.

Роҳашон аз кӯҳу саҳроҳо гузашт,
Аз канори ҷӯю дарёҳо гузашт.

Як биёбони махуф омад падид,
Рӯзу шаб боди самумаш мевазид.

Ноилоҷ он ду нафар рафтанд пеш,
Ҳар кадом андар кадуе оби хеш.

Роҳ паймуданд онҳо рӯзу шаб,
Аз кадуҳо кам-камак тар карда лаб.

Рӯзи сеюм оби ҳар ду шуд тамом,
Ҳар нафас чун оташе омад ба ком.

Рӯзи чорум сӯхт ҳалқу нойашон,
Қуввате не дар тану дар пойашон.

Аз тамоми моли дунё зери лаб
Буд қулти об онҳоро талаб.

Ҳар ду афтоданд, рафта аз мадор,
Маргро дар он биёбон интизор.

Чанд гоҳе хуфта аз худ бехабар,
Як нафар з-он ду чу боло кард сар,

Дар бараш як чашмаи сероб дид,
Аз чунин эъҷози Яздон лаб газид.

Худ ба худ гуфто, ки ин лутфи худост,
Имтиҳоне дар биёбон баҳри мост.

Қулти обе илтиҷо з-ӯ доштем,
Шукр, ки подоши он бардоштем...

З-оби чашма нӯш карду ҷон гирифт,
Пайкари афсурдааш дармон гирифт.

Он рафиқи хешро бедор кард,
Об зад бар рӯяшу ҳушёр кард.

Гӯиё бо об омад ҷонашон,
Гашт пайдо қуввату дармонашон.

Рӯзи дигар чун зи ҷо бархостанд,
Хешро баҳри сафар оростанд.

Он яке шукрона бо одоб кард,
Пур кадуи хешро аз об кард.

Об чун кам гашт, зери чашма дид,
Тангаҳои зар ҳаме омад падид.

Гуфт: «Мо будем дар он ҳоли зор,
Бин, ки ногаҳ бо атои Кирдигор

Чашма пайдо гашт дар паҳнои дашт,
Марг бо лутфи Худо аз сар гузашт.

Шукри оби раҳмати Парвардигор,
Ман ба ин зарҳо надорам ҳеҷ кор».

Он дигар гуфто ба ӯ: «Эй бехабар,
Рез обатро, каду пур кун зи зар.

Дар ҳама ҷо зар ҳамеояд ба кор,
Одамиро зар бувад ҳоҷатбарор».

Пас кадуяшро, ки буд аз баҳри об,
Лаб ба лаб пур кард аз он зарри ноб.

Шоду хуррам бо кадуи пур зи зар
Дар биёбон гашт озим бар сафар.

Марди дигар бе ягон шарҳу баён,
Бо кадуи об шуд аз пас равон.

Пеш мерафтанд дилҳо пурумед,
Рӯз шаб мегашт, шаб рӯзи сафед.

Он биёбон гӯиё охир надошт,
Ноумедӣ лона дар дил мегузошт.

Он, ки бо худ об нею зар гирифт,
Ташна монду ҳалқу нойаш даргирифт.

Ин, ки бо худ як кадуи об дошт,
Оқибат он дашт пушти сар гузошт.

Зар гирифт он, мурдааш дар дашт монд,
Обро бигрифт ин, ҷонаш раҳонд.

Қимати обе, ки з-ин дарвеш буд,
Аз ҳазорон кӯзаи зар беш буд.

Ин ҳикоят кардаам аз баҳри он,
Обро қимат бидонед, одамон!

Об–ободӣ, мадори зиндагист,
Зиндагӣ бе об ҳаргиз нест, нест!

Обро бояд муқаддас доштан,
Пок барояндагон бигзоштан.

То ҳаёт андар Замин ёбад давом,
Об лозим, об! Қисса шуд тамом.

## ҚИССАИ ОН, КИ БА ОБ АФКАНД ТУФ

Ин шунидам аз ҳакиме арҷманд,
Як замон андар куҳаншаҳри Хуҷанд

Мӯҳтасиб аз ҷодае буд даргузар,
Ҳолати атроф дар мадди назар.

Аз канори ҷода ҷӯе буд равон,
Оби он бар ҷисму ҷон роҳатрасон.

Дар канори ҷӯй марде менишаст,
Об менӯшиду ҳам мешуст даст.

Ғарқ дар андешаҳо, беихтиёр
Кард туф бар оби поки ҷӯйбор.

Мӯҳтасиб ин гуна рафтораш чу дид,
Омаду сахт аз гиребонаш кашид.

Каш-кашон бурдаш ба сӯи маҳкама,
То зи кирдораш шавад огаҳ ҳама.

Чун дар он ҷо мардумон гаштанд беш,
Чӯбҳо мехӯрд вай бар пушти хеш.

Мезадандаш чӯб ҳар гоҳе ба пушт,
Ӯ ҳамезад бар даҳони хеш мушт.

К-эй, чаро бар об туф афкандаам,
Муҷриму ношукру нодон бандаам.

Кардаам макрӯҳ ҷӯбори гузар,
Ман сазоворам ба ҳукми сахттар.

Худ надонистам, чӣ сон рух дод ин,
Ҳайфи ман бо кору кирдоре чунин…

То ҳисоби чӯбзан бар чил расид,
Лахта-лахта тахтапушти ӯ дарид.

Бо ҳамон аҳвол дар майдон фитод,
Бар чунон ойин ҳазорон ҳамд бод!

* * *

Қиссае дигар бигӯям бар шумо
Аз яке рухдодҳои даври мо:

Пирамарде дар лаби ҷӯ менишаст,
(Шукр, дар кишвар ҳазорон ҷӯй ҳаст).

Пир ногаҳ дид: як ҳамсоязан,
Хоку хокистар гирифта дар лаган.

Беибо онро ба оби ҷӯ фиканд,
Пирро ин кор омад нописанд.

Гуфт: «Эй хоҳар, чунин корат хатост,
Обро ифлос кардан норавост.

Бош огаҳ, к-инчунин кирдори паст
Гӯиё туф бар намакдон кардан аст.

Об бар ҳастии мо бошад сабаб,
Нест ин рафторат аз рӯи адаб».

Чун зани шаттоҳ ин гапро шунид,
Хешро гӯё маломаткарда дид.

Гуфт бар он пир: «Рав, лақ-лақ макун,
Мӯсафеди хирарӯ, пақ-пақ макун!

Ҳар чӣ коре мекунам, кори ту чӣ?
Бо зани бегона гуфтори ту чӣ?

Бар харе, ки нест дар он бори ту,
Худ бигӯ, охир, чӣ бошад кори ту?».

Шавҳараш з-ин моҷаро шуд бохабар,
Омаду ҷанҷоли сахте кард сар.

Чанд муште бар даҳони пир зад,
Беибо, бераҳм, бо таҳқир зад.

Пир з-ин ҳодиса монда дар шигифт,
Бо сари хам сӯи хона раҳ гирифт…

* * *

Чист мазмун аз баёни қиссаҳо?
Чист ровиро аз ин гап муддао?

Дар ду аъмоле, ки ин ҷо шуд баён,
Фарқ бошад аз замин то осмон.

Он яке бигрифт гар подоши хеш,
Ин дигар бемаззагиҳо кард беш.

Баҳри оби тоза қонуне зарур,
К-он кушояд чашми биноҳои кӯр.

Обҳои Тоҷикистон марҳаманд,
Сарвати нодиртарини оламанд.

Носипосе гар кунад ифлосашон,
Фарқ не, омист ё аз хосагон,

Ҳар касе бошад, намонад бе ҷазо,
То шавад ифлоскоронро сазо.

Меравад он гаҳ ба ҷӯ оби зулол
Тозаю озодаю поку ҳалол.

# ДУРӮЯ

Дар давраи хеле қадим,
Дар домани кӯҳи азим,
Як ҷои зебоманзара,
Будаст номаш Гулдара.
Обу ҳавояш дилкушо,
Ҳар гӯшааш роҳатфизо.
Ҳам рӯдҳояш дар хурӯш,
Ҳам чашмасоронаш ба ҷӯш.
Ҳам боғу роғаш шаҳдрез,
Ҳам марғзораш мушкбез.
Як сӯ гулу оби равон,
Як сӯ навои мурғакон.
Хуллас, будаст он марғзор
Чун гулшани доимбаҳор.
Дар инчунин зебо макон
Паррандаю даррандагон,
Бо шодию фархундагӣ
Осуда карда зиндагӣ,
Ҳамсӯҳбату ҳамдам буданд,
Дур аз ғами олам буданд.

Рӯзе дар айёми баҳор,
Андар миёни марғзор,
Паррандаю даррандагон
Ороста базми калон,
Шуд Фил-бобо таблзан,
Рақсанда Товуси чаман.
Шуд Хирс он ҷо қиссагӯ,
Каргас бишуд ҳодисагӯ,
Дар айни авҷи базмашон
Бархоста Шери жаён,
Бо фахр боло карда сар,
Гуфт ин суханҳо мухтасар:

«Ин гӯшаи чун бӯстон,
Ин обҳои нуқрасон.
Ин бешаю ин марғзор,
Ин меваҳои шаҳдбор
Мероси авлоди ман аст,
Мансуби аҷдоди ман аст.
Бояд зи фардо карда сар,
Паррандагони ин гузар
Андози мулкӣ биспаранд,
Ё ҷои дигар худ паранд».

Бишнида ин гапро Уқоб,
Шӯрида гуфто дар ҷавоб:
«Гарчи зи ман гардӣ малол,
Ин қисса хоб асту хаёл.
Дар ҳеҷ як давру замон,
Аз аҳли мо–хурду калон
Ин қиссаро нашнидааст,
Ин сон гапат беҳуда аст».

Аз гуфтугӯю ман-манӣ
Сар зад ниҳоят душманӣ.
Паррандагон аз як тараф,
Даррандагон аз як тараф,
Аз баҳри он зебо макон
Карданд ҷанги беамон.
Зидди Уқоби тезчанг
Шери жаён омад ба ҷанг.
Каргас ба Гург оварда рӯ,
Меканд чашму рӯи ӯ.
Хирс аз пайи Калхот буд,
Чангол сӯяш мекушуд.
Лесида лабҳояш Шағол,
Буд аз пайи Мурғи ҳилол.
Шоҳину Лаклак, Зоғу Бум
Ҳар лаҳза аз нав дар ҳуҷум.

Андар ғазаб Бабру Паланг,
Дар ҷанг бахри ному нанг.
Хуллас, ки аз ҳарду тараф
Бигрифта ҷони худ ба каф,
Дарранда мезад, медарид,
Парранда мезад, мепарид.

Кӯршабпарак аз он миён
Гардида дар кунҷе ниҳон,
Дар гӯшае дур аз хатар,
Мекард бар майдон назар.
Чун дид, к-аз даррандагон
Сели ҳуҷум омад гарон,
Паррандагон тарсон шуданд,
Як лаҳзае ҳайрон шуданд.
Кӯршабпарак парвоз кард,
Бо Шер ҳарф оғоз кард.
Гуфто, ки ман даррандаам,
Ҳарчанд ки паррандаам
Як бар тани ман зеҳн мон,
Бо пашм пӯшидаст он.
Бо заррабин ҳам андар он
Аз пар намеёбӣ нишон.
Бо номи ту, эй шоҳи ман,
Эй шоҳи олиҷоҳи ман!
Мардӣ ба майдон мекунам,
Паррандаро пар меканам.
Инро бигуфту шуд ниҳон
Аз дидаи даррандагон.

Ногоҳ аз паррандагон
Сар шуд ҳуҷуми беамон.
Минқорҳо ханҷар шуданд,
Паррандаҳо сафдар шуданд.
Кӯршабпарак инро чу дид,
Болаш кушод, аз ҷо парид,

Бо роҳи дигар бо шитоб
Рафту бигуфто бар Уқоб:
«Азбаски ман паррандаам,
Ман душмани даррандаам.
Ман Хирси качпоро кунун
Оғушта месозам ба хун.
Ҳам Шерро дар як нафас
Бандӣ кунонам дар қафас.
Аз Гургу Рӯбоҳу Шағол,
Эй шоҳи бо ҷоҳу ҷалол!
То ки нагирам интиқом,
Паррандагӣ бар ман ҳаром».
Инро бигуфту шуд ниҳон
Аз дидаи паррандагон.

Бигзашт як рӯзи дигар,
Овоза шуд ин хушхабар:
Паррандаю даррандагон
Оварда сулҳ андар миён,
Бо ҳамдигар дар Гулдара
Ороста базме сара,
Дар сӯҳбату бозӣ шуданд,
Аз сулҳи худ розӣ шуданд.

Кӯршабпарак сарсон шуда,
Дар кори худ ҳайрон шуда,
Аз тарс гашта талхакаф,
Мерафт ҳайрон ҳар тараф.
Пай бурда ин ҳолаш Уқоб,
Бинмуд сӯи ӯ хитоб:
«Ту, ки зи ҷинси мо будӣ,
Дар ҷанг ҳам бо мо шудӣ,
Аз чӣ кунун ҳастӣ ҳиҷил?
Сарриштаи фикрат чигил?
Ин ҷо биё, бо мо нишин,
Ғамгин чароӣ инчунин?».

Шер ин суханҳо чун шунуфт,
Барҷаст бо қаҳру бигуфт:
«Кӯршабпарак дарранда аст,
Ҳарчанд ки парранда аст.
Дар ҷанг вай ҳамроҳи мо
Ҷангид бар зидди шумо».

Дар назди ҳам паррандагон,
Ҳам ҷумлаи даррандагон
Дурӯягӣ шуд ошкор,
Кӯршабпарак шуд шармсор.
Фаҳмида ин сирри варо,
Найрангу тазвири варо,
Гуфтанд: «Ин бадкорро,
Дурӯяи беорро
Мо суд мебояд кунем,
Нобуд мебояд кунем».

Кӯршабпарак инро шунид,
Бо шаст аз ҷояш парид.
Бигрехта аз он миён,
Гардид дар ғоре ниҳон.
Аз он замон то ин замон,
Кӯршабпарак аз тарси ҷон,
Рӯз аз назар гардад ниҳон,
Шабҳо барояд аз макон.
Бигрезад аз паррандагон,
Бигрезад аз даррандагон.

Ҳар кӣ ба ҷинси худ агар
Созад хиёнат, аздусар,
Бечораю сархам шавад,
Шармандаи олам шавад.

## ҶОНФИДО

Бобои мо Музаффар,
Афсона гар кунад сар,
Мегӯяд, ки буд-набуд,
Дар мавзеи хушнамуд.
Равона буд як рӯд,
Обаки он каб-кабуд.
Меомад аз бари кӯҳ,
Гӯё, ки аз дари кӯҳ.
Мерафт бо муроде,
Сӯи дашти кушоде.
Оби зулоли он рӯд
Макони моҳиён буд.
Дар байни он моҳиён,
Моҳие буд намоён.
Огаҳ аз неку бад буд,
Балки дасти мадад буд.
Меомад мушкиле пеш,
Ӯ буд чораандеш.
Дода аз рӯи вафо,
Ба ӯ номи Ҷонфидо.

* * *

Дар он макон, дар он дашт
Як аждаҳо ҳамегашт.
Дар чиллаи тобистон
Аждаҳо аз сӯзи ҷон,
Омад ба ҷониби рӯд,
Сӯи рӯди каб-кабуд.
Дид он ҷою маконро,
Макони моҳиёнро.
Хурду калон моҳиён,
Ҳама хурсанду шодон.
Ёру бародар буданд,
Ҳама баробар буданд.
Аждаҳои бадниҳод,
Чун дид ҷумларо шод,

Гуфто ба дил: «То пагоҳ
Ҷонфидоро ба ҳар роҳ
Бояд ба банд оварам,
Сӯи биёбон барам.
Бурдаву дар биёбон,
Болои реги тасфон
Диҳам чунон азобаш,
Монам зи хурду хобаш.
Диҳад ночор ӯ нишон
Ҷои хоби моҳиён.
Ба гуфтаи Ҷонфидо
Амал намуда фардо,
Ман аз қавми моҳиён
Намонам ному нишон.
Оварам пас оби рӯд
То дари хонаам зуд.
Савори заврақ шавам,
Ҳокими мутлақ шавам…»
Бо чунин нияти бад
Ҳалқа ба соҳил бизад.

* * *

Вақти саҳар Ҷонфидо
Дар рӯд карда шино.
Вақте ба соҳил расид,
Суроби аждаҳо дид.
Аз об сар бадар кард,
Ба аждаҳо назар кард.
Аждаҳо дар камин буд,
Дил пур зи хашму кин буд.
Якбора ҷаста аз ҷо,
Часпид бар Ҷонфидо,
Печида дар гирди он,
Дигар надодаш амон.
Аз об берунаш кард,
Миёни дашт овард.
Гуфто: «Диҳӣ гар нишон
Ҷои хоби моҳиён,

Дар ҳифзи ҷонат шавам,
Ёрирасонат шавам.
Гар аз гапам барой,
Ё саркашӣ намой,
Намебинӣ рӯи об,
Ҷон медиҳӣ бо азоб».

* * *

Ба гуфтаи аждаҳо
Розӣ нашуд Ҷонфидо.
Овард рӯ сӯи рӯд,
Гуфто баланд ин суруд:
«Эй оби шӯхи дарё,
Эй ватанам, алвидоъ.
Берун аз обат, Ватан,
Нафас намекашам ман.
Аз шумо, эй моҳиён,
Бародарон, хоҳарон,
Бо фитнаи аждаҳо
Мешавам акнун ҷудо.
Аммо ба пеши душман
Сар хам намекунам ман».
Пас аз ин гашт беҷон,
Рӯи реги биёбон.

* * *

Аз он дам то даври мо
Ин хислати Ҷонфидо
Он гуна, ки баён шуд,
Одат ба моҳиён шуд.
Берун аз об – аз Ватан,
Аз кишвари хештан,
Ҳаргиз нафас нагиранд,
Ҳарчанд ки бимиранд.
Ягон сухан нагӯянд,
Сирри Ватан нагӯянд.

## ШИКАСТИ КОРРУПСИОНЕР

Ҳою ҳӯйу қапоқап,
Дору гиру шапошап.
Доду войу занозан,
Дар такопӯ марду зан.
Милиса чураккашон,
Мардум ҳар сӯ парешон.
Пода гурехт аз адир,
Полези мардум ҷазир.
Бозоракӣ занад хез,
Паҳну парешон ҳар чиз.
Мағозаҳо дарбаста,
Деги матбах шикаста.
Равғанфурӯшак гурехт,
Човаи равғанаш рехт.
Раисҳо ҳам талхакаф,
Сагҳо пинҳон пушти хаф.
Духтур хурда валидол,
Кунад худашро укол.
Дар хонаи таваллуд
Момодоя шуд бехуд.
Тифли навзод куҷо рафт?
Тарсида он қафо рафт?
Ногаҳон дар як соат
Гӯё, ки шуд қиёмат.

* * *

Гап бошад дар сари он:
Аз марказ хапу пинҳон,
Даҳ нафар аз «Агентӣ»,
Тафтишгар аз «Агентӣ»,

Ба шаҳри мо омаданд,
Ба ҳар ҷо даромаданд.
Дар ҳамин духтурхона
Бо ҳар гуна баҳона
Ину онро санҷиданд,
Санитарро қапиданд.
Ин кампири беинсоф
Бо ҳар гапу лофу қоф,
Барои ким-чӣ коре,
Аз кадомин беморе
Ду сомонӣ ситондаст,
Дар кисаи худ мондаст.
Он даҳ нафар ҳамабин
Ногаҳ ҷаста аз камин,
Бо «Ура»-ю дору гир,
Ӯро намуданд асир.
Парвандааш кушоданд,
Ба дасти қонун доданд.
Аз чашми агентиён
Ҷиноят нашуд пинҳон.
Акнун ҳама сарбаланд,
Корупсионер дар банд.
…Дар байни як-ду-се сол
Бо ҳамин тарзу минвол,
«Агентӣ» гар барад кор,
Намонад як порахор.
Шавад аз бех решакан
Корупсия тамоман.
Мешавад кишвар обод,
Ҳама хурсанду дилшод!

## АЗ МАККА ҲОҶӢ ОМАД

Яке «Ҳоҷӣ омад!» шуд,
«Ба деҳа даромад!» шуд.
«Аз мошин баромад!» шуд,
«Ба ҳавлӣ фаромад!» шуд.

Хурду калон давидем,
Пеши Ҳоҷӣ расидем.
Ҳама аз рӯи ихлос
Дастонашро бӯсидем.

Рӯ ба рӯяш нишастем,
Бо ният нон шикастем.
Гуфтем: ҳикоят бикун,
Мо ҳам Каъбапарастем.

Ҳоҷӣ аввал кашид нос,
Пошид ба зери палос.
Шорид оби даҳонаш,
Ришаш каме шуд ифлос.

Бо сулфаи сахту соз
Ҳоҷӣ тоза кард овоз.
Аз боби Каъбатулло
Бинмуд ҳикоят оғоз.

Гуфто: роҳаш дур будаст,
Бехобӣ ҳай зӯр будаст.
Расидан то ба он ҷо
Чун азоби гӯр будаст.

Ба Макка то расидам,
Ранҷи зиёде дидам.
То ки пул кам шавад сарф,
Дар автобус хобидам.

Макка шаҳри калон аст,
Ҳама чиз фаровон аст.
Аз таҳқиқи камина,
Хурмо хеле арзон аст.

Гӯям гапи ҳақиқат,
Асал дар он ҷо қимат.
Ду фляга фурӯхтам,
Харидорон баҳиммат.

Видео арзон будаст,
Аз моли Ҷопон будаст.
Шаш-то аз он харидам,
Бозораш чаққон будаст.

Як мардаки худодод,
(Хонааш бодо обод),
Вақте ки ташна мондам,
Бепул ба ман шарбат дод.

Як бой омад пеши ман,
Мо будаем ҳамватан.
Меҳмони дӯконаш кард,
Ба ман дод ин сарутан.

Ҳама ҷо табъи дил буд,
Оби равону гул буд.
Ман ду бучка гирифтам,
Оби Замзам бепул буд.

Ба гапам кунед бовар,
Бензин аз об арзонтар.
Худам мошин мехарам,
Меравам соли дигар.

Он ҷо асал мебарам,
Гарчи на савдогарам.
Асалҳоро фурӯхта,
Сад видео мехарам.

Ба мошин бор мекунам,
Рӯ ба диёр мекунам.
Аз ҳисоби ҳоҷигӣ
Пулро бисёр мекунам…

Нақли Ҳоҷӣ ҳамин шуд,
Аз ҳар сӯ «Офарин!» шуд.
«Ҳоҷӣ шудан муборак!»,
Гуфтему баъд омин шуд.

## МУЛЛОҶАНГ

Муллои навбаромад
Ба саҳни масҷид омад.
Муллохатиба песонд,
Худро ба мо шиносонд.
Гуфто: «Ман Мулло Абтар,
Илми дин кардам аз бар.
Ҳоло шаветон хомӯш,
Бидҳед бар гапам гӯш».
Пас ба мардум назар кард,
Амри маъруфа сар кард.
Аз ину он сухан гуфт,
Аз гӯру аз кафан гуфт.
Аз сатру аз чакан гуфт,
Аз рӯю мӯи зан гуфт.
Аз ришу салла гап зад,
Аз фаҳшу далла гап зад.
Аз маҳру аз қалин гуфт,
Аз қадри одамин гуфт.
Дар он даме омин гуфт,
Хулосаро чунин гуфт:
«Муллои деҳа Асғар,
Шахси худобехабар.
Гӯям гапи ҳақ агар,
Фарқе надорад аз хар.
Ба имомии гузар
Ман ҳастам арзандатар».
Мулло Асғар, ки бишнид,
Чун деги шавла ҷӯшид.
Пӯстина чаппа пӯшид,
Якборагӣ хурӯшид.
Гуфто, ки: «Эй бепадар,
Худи ту курраи хар!».

Сонӣ сар шуд шапошап,
Дору гиру қапоқап.
Тасбеҳу салла як сӯ,
Тоқию калла як сӯ.
Ду муллои «забардаст»,
Риши якдигар дар даст,
Дашному ғавғо карданд,
Дар масҷид кино карданд.
Инро, ки Мушфиқӣ дид,
Ҷониби онҳо давид.
Гуфто: «Ғавғо чӣ даркор
Дар байни хешу табор?
Ҳар ду, ки аз як зотед,
Бо ҳамдигар бисозед.
Авлоди худ навозед,
Ҳангас занеду нозед».
Баҳси ду муллотарош
Ботинашон намуд фош.
Якеро шуд лақаб «Хар»,
«Курра» муллои дигар.
Аз ин рафтори эшон
Мардум бишуд парешон.
Ба ҳар сӯ пар-пар рафтанд,
Ҷавонҳо «Пивбар» рафтанд.
Аввал «Аптека» рафтанд,
Пас «Дискотека» рафтанд.
Дида ин кори нангин,
Хулоса кардан мумкин:
Мулло агар ҳасуд аст,
Аз ӯ зиён, на суд аст.
Ин моҷаро навиштам,
Пурсӣ, чаро навиштам,
Хоҳам, ки мулло хонад,
Сухан дониста ронад.

## ТАҚСИМИ КӮМАК

Кӯмак омад аз Олмон
Ба номи дармондагон.
То марзи Тоҷикистон
Кам нашуд як дони он.
Паси ҳам мошин қатор
Бо хӯрокаи бисёр:
Қанду биринҷу шакар,
Қуттиҳои равғандор.
Нозирон ҷон коҳонданд,
Баъзеҳоро хӯронданд.
Кӯмакро бо сад азоб
То ҷамоат расонданд.
Масъулини ҷамоат,
Солору бо ваколат,
«Тақсим аз рӯйи навбат»,
Гуфтанд бо кафолат.
Дасти ба даст дар кор,
Ҳамаро карда анбор,
Карда чунин гап шиор.
«Ҳақ мерасад ба ҳақдор»,
Пасон якҷоя шиштанд,
Рӯихатро навиштанд.
Ақлу фаросати хеш
Дар рӯи сафҳа киштанд.
Чунин бишуд вақти ҳис:
Дар аввал номи раис,
Котибаю муҳосиб,
Ҷонишину муҳандис.
Навбат ба ақрабо шуд,
Додар, ако, тағо шуд.
Ҳам хусуру хушдоман,
Ҳам бибию бобо шуд.

Аммаю амак гирифт,
Ҷиян ҳам хаппак гирифт.
Се хеши дури янга
Кӯмак кам-камак гирифт.

Тақсим идома меёфт,
Дар назар хушрӯ метофт.
Ҳар кас аз он рӯихат
Номи худашро мекофт.

Аз рӯйи одамият,
Ё ки бо дигар ният,
Дар рӯихат навиштанд
Ходимони амният.

Ба хотири манофеъ,
Ё рӯзе гардад шафеъ,
Номашро сабт карданд,
Шуд додгустар қонеъ.

Даҳ нафар аз милиса,
(Таппончаҳо дар киса).
Ҳаққи худро гирифтанд,
Ҳар кадомаш ду ҳиса.

Вақте ки судя омад,
Бар ӯ зада хушомад.
Бенавбат кӯмак доданд,
Гирифту зуд баромад.

Мухбирҳо ҳам гирифтанд,
«Ҳақи қалам» гирифтанд.
Дар пеши чашми мардум
Бо сари хам гирифтанд.

Аз нозирони андоз,
Се мардаки қаддароз,
Гирифта бе сабти ном,
Гуфтанд: «Корҳо соз».

Як дастаи муҷоҳид,
(Ба ин гап Худо шоҳид).
Як мошини пур бурданд
Бо дағдағаю таҳдид.

Омад ду-се рекетир,
(Шавад тухми онҳо қир).
Бо зӯрӣ ҳақ гирифтанд,
Моли кӯмак шуд ҷазир.

Беваю бечораҳо,
Бекору овораҳо.
Аз навбату тақсимот
Монда дар канораҳо.

Ба ҷамоат давиданд,
Он ҷоро холӣ диданд.
Ҳама аз ноилоҷӣ
Нишаста лаб газиданд.

Раис онҳоро дида,
Дарунакӣ хандида,
Гуфто ба овози паст
Лабҳояшро лесида:

«Худро мемонам гарав,
Ба як халта дони ҷав.
Кӯмак расад бар шумо,
Албатта, аз қоқи нав».

## ҚИССАИ МАРДИ ДЕҲОТӢ, СИПОҲӢ ВА ШАҲРДОР

Ёдам ояд қиссае аз Мавлавӣ,
Хондаам дар «Маснавии маънавӣ».
Ҳазрати Мӯсову он чӯпону дашт,
Лутфи Яздону аҷоиб саргузашт:
Марди чӯпон аз сари сидку вафо,
Рози худ мегуфт аз баҳри Худо.
Бар забонаш рафт: эй Парвардигор,
Аз бароят мешавам ҳоҷатбарор.
Дар кучҷоӣ, нону ҷурғотат барам,
Ҳар чӣ мехоҳӣ, фароҳам оварам…
Ин суханҳо Мӯсии Имрон шунид,
Бо ситеза ҷониби чӯпон давид.
Гуфт: бас кун, хешро осӣ масоз,
Ки Худоро нест бар чун ту ниёз.
Ногаҳон аз Арш омад ин садо:
«Толиби моро макун аз мо ҷудо.
Ҳар чӣ мегӯяд, ҳама мақбули мост,
Ҳарфҳояш каҷ, вале маънист рост…».
Нест ҳоҷат қиссаро додан давом,
Огаҳанд аз мӯҳтавояш хосу ом.
Узр меорам ба рӯҳи қиссагар,
Қисса мегӯям, вале тарзи дигар.
Аз даҳоне бар даҳоне чун равад,
Ғофилонро мояи ибрат шавад.

* * *

Марди деҳотӣ яке бар шаҳр рафт,
Аз канори ҷодаҳову наҳр рафт.
То кунун бишнида буд он марди деҳ,
Зиндагӣ дар шаҳр ҳаст аз деҳа беҳ.
То ба майдони асосиаш расид,
Дар миёни шаҳру деҳ фарқе надид.

Шаҳрро дарёфт дар зулмот ғарқ,
Мисли деҳаш не газу не обу барқ.
Худ ба худ гуфто: «Раиси шаҳри мо
Зиндагӣ дорад ба ҳоли нораво.
Гарчи бар шаҳри калоне раҳбар аст,
Ҳоли ӯ аз ҳоли мо ҳам бадтар аст».
Бо ҳамин андешаҳо сарсон шуда,
Аз низоми корҳо ҳайрон шуда,
Ӯ ба ҳоли мири шаҳраш мегирист,
Гоҳ мепурсид ӯро ҷои зист.
Гаҳ нидо мекард: «Эй ҷонон раис,
Мекунам ҳис ранҷи ту бо ҷон, раис.
Хонаат чун кулбаи ман тангу тор,
Ҳоли ту ҳамранги халқи ин диёр.
Газ надорӣ, об не, ҳам барқ нест,
Зиндагиатро зи мардум фарқ нест.
Ман нишонатро чӣ сон ёбам, раис?
Аз кадомин кӯчаат кобам, раис?
То бароят навкару чокар шавам,
Ғамгусорат чун падар-модар шавам.
Аз мағоза шамъ орам баҳри ту,
Пок созам ҷӯйбору наҳри ту.
Мепазам нони фатират ҳар саҳар,
Мешавам ҳар мушкилатро торагар.
Кайкҳои куртаатро меқапам,
Чангу хоки ҷомаатро мешапам.
Ин замон дар хонаат чун нест газ,
Баҳри ту душвор бошад пухтупаз.
Бор карда дар ҳамин пушти харам,
Аз бароят ҳезуму таппак барам.
Ях кунад гар пойҳоят дар калӯш,
Гарм онҳоро кунам бо оби ҷӯш.
Об резам дар тағора як сатил,
Шустушӯ созам туро аз хоку гил.
Гӯшҳоятро кунам аз чирк пок,
Мезанам бар мӯзаю кафши ту лок.

Риш агар дорӣ, варо қайчӣ занам,
Мӯйҳои дохили гӯшат канам.
Мекунам кӯтоҳ нохунҳои ту,
Тозаю озода сар то пои ту.
Чун бигирам пенсия ҳар моҳи нав,
Мерасад бар як кило аз лаҳми гав,
Аз бароят шашлику манту пазам,
Мурчу сиркояш занам, хушрӯ пазам».

* * *

Бо чунин гапҳои берабту низом
Мақсадаш мегуфт пеши хосу ом.
Ин суханҳояш сипоҳие шунид,
Омаду сахт аз гиребонаш қапид.
Гуфт: «Эй аблаҳ, намедонӣ магар?
Ё ту ҳастӣ аз ягон мулки дигар?
Гарчи шаҳр аз обу барқу газ тиҳист,
Аз барои шаҳрдорат фарқ нест.
Мерасад барқаш ҷудо бо хатти соф,
Ҷумлаи гапҳои ту бошад газоф.
Бо қубури хоса ояд обу газ,
Ошпаз дорад барои пухтупаз.
Кайк кай бошад варо андар бадан,
Куртаи нав ҳар саҳар пӯшад ба тан.
Меравад бо ҷӯраҳо «сауна» ӯ,
Маҳсгарҳо мекунандаш шустушӯ.
Шири мурғ ӯро агар гардад зарур,
Бо ҳавопаймо расад аз Шарқи дур.
Ҳезуму ҳам таппаку ҳам ин харат,
Эй фалокатбор, монад аз сарат!».

* * *

Дар ҳамин асно яке он шаҳрдор
Мегузашт аз кӯча дар мошин савор.
Мардро бо тӯдаи мардум бидид,
Манъ кард, оҳиста аз мошин хамид.

Гуфт: ин ҷо гап чию ғавғо зи чист?
Ин ҳатӯли ғаждаки безеб кист?
Он сипоҳӣ гуфт асли моҷаро,
Қиссаи он марду гапҳои варо.
З-ин раиси шаҳр гашта дар ғазаб,
Кард марди ёвагӯро шатташап.
Дод фармонаш, ки «бар маҳбас баред!
Инчунин таҳқир моро бас! Баред!».
Каш-кашон бурданд ӯро маҳкама,
То шавад минбаъд ибрат бар ҳама.

* * *

Дида дар даврони худ ин саргузашт,
Мо ҳасад бурдем бар чӯпони дашт.
Гарчи ин ҷо ҳарфу маънӣ буд рост,
Ҳеҷ кас ӯро шунидан ҳам нахост.
Содалавҳи некхоҳи бегуноҳ
Рафт бар маҳбас ба он ҳоли табоҳ.
Мирзо, ҳарфу сухан дониста гӯй,
Инчунин маънӣ басо оҳиста гӯй.
Чунки ҳар девор дорад мушаке,
Мерасонад гуфтаат бар гӯшаке.
Шукр кун, биншастаӣ бе дарди сар,
Пул мадеҳу дарди сар бар худ махар…
Нест имкон қиссаро додан давом,
Сӯхт шамъу монд гуфта нотамом.

## ПОДОШИ ХАРИ НОМАБАР

Гурбаву Саг, Гову Такка як саҳар
Омада дар гӯшае бо ҳамдигар.
Маҷлисе чун анҷуман оростанд,
Фош гуфтанд, он чӣ ки мехостанд.
Гов гуфто, ки ба пеши одамон
Нест чени дони арзан қадрамон.
Гарчи ширам ҳаст онҳоро писанд,
Лек кай бар қадри ман онҳо расанд.
Лоиқам бар номи «Модарқаҳрамон»,
Чунки ширам карда онҳоро калон.
Саг бигуфто: посбони зиракам,
Хизматам аз марзбонҳо нест кам.
Бояд унвони «Вафодор»-ам диҳанд,
Ҳайкаламро пеши ҳар ҳавлӣ ниҳанд.
Гурба гуфто: ман, ки бо азми матин
Мушҳоро нест созам, ин яқин,
Номи ман бояд шавад «Покизакор»,
То кунад оянда наслам ифтихор.
Такка пеши ҷӯраҳо ларзонд риш,
Гуфт: дорам саҳм андар парвариш.
Ин бузу бузғолаҳо насли мананд,
Чӣ, магар аз тифли одамҳо каманд?
Ин манам дар пеши рамма раҳкушо,
Мебарам онро ба азмам ҳар куҷо.
Гар шавад баҳсу талошу шохҷанг,
Оварам аҳволи душманро ба танг.
Номи ман бояд ниҳодан «Сафшикан»,
В-арна аз ин одамон безор ман!
Бо чунин пиндору афкори парешъ
Қиссаҳо гуфтанд дар авсофи хеш.
Дигаронро карда ғайбат беҳисоб,
Бо усули хештан бинмуда боб.

Гурбаву Саг, Гову Такка баъд аз ин,
Худ ба худ карданд иқдоме чунин:
«Рафта дар ҷангал иқомат мекунем,
Зиндагии бошаҳомат мекунем.
Соҳиби ҷоиза, унвон мешавем,
Ифтихори ҷангалиён мешавем».
Қайд кардан ин амалро хостанд,
Бо ҳавас аз ҷои худ бархостанд.
Ҳар куҷои хештанро кофтанд,
Пул бахри як-ду шиша ёфтанд.
Баъди нӯшидан шуда хеле далер,
Нома бинвиштанд бар унвони Шер.
Лек ҳайрон монда бе як номабар,
Аз чунин аҳвол гашта дарди сар.
Боз як-ду соғари дигар заданд,
Шимҳо гардид гарчи тар, заданд.
Аз қазо, он лаҳза аз домони дашт
Як Харак сархам ба роҳаш мегузашт.
Ҷумлагӣ гуфтанд: «Эй ёри азиз,
Эй Хари ҳоҷатбарори ботамиз!
Мо, ки масту бемадорем ин замон,
Ёр бошӣ, ёрии худро расон.
Мушкили моро бигардӣ чорагар,
Пеши Шери беша ин мактуб бар.
Гӯ, ба қадри хизмати мо ӯ расад,
То ба кай сӯзем аз рашку ҳасад!
Одамон бар мо надода эътибор,
Рӯзу шаб бераҳм фармоянд кор.
Не ба мо ҷоизаву унвон диҳанд,
Не ба серӣ обу коҳу дон диҳанд.
Гар шавад розӣ, ҳама ҳозир шавем,
Дар тамоми корҳо қодир шавем».
Гуфтаҳошон Хар гирифта аз харӣ,
Ёрашон шуд, кард гӯё ёварӣ.

Номаро дар пушти гӯши худ ниҳод,
Бар расондан то ба Шер ӯ қавл дод.
Лек чун вақти хӯроки Хар расид,
Қабзаи каҳ пеши чашмаш шуд падид.
Бо хаёли каҳ даме андеша кард,
Кай дигар ёде зи Шери беша кард.
Зуд бар бозори каҳ худро расонд,
Ҳангасе зад, гӯшҳояшро таконд.
Номаи махфӣ яке он ҷо фитод,
Як нафар бардошт онрову кушод.
Хонд онро, мардумон огаҳ шуданд,
Лаҳзае дар хандаю қаҳ-қаҳ шуданд.
Инчунин гуфтанд: эй нодон, бидон,
Ному унвон ҳаст хоси одамон.
Баҳри унвон ришу шоху дум кам аст,
Шарти аввал номи неки Одам аст.
Пас ду-се чӯбе ба пушти он заданд,
Чун мукофоти амал полон заданд.
То кунун он Хар бувад бо ҳоли зор,
Бо гуноҳи дигарон дар зери бор.
Гар ба худхоҳон касе ёвар шавад,
Ҳоли ӯ ҳамранг бо он Хар шавад.
Мо масал гуфтем, ту дар гӯш дор,
Он Хару полон-ш бар ёдат биёр.

## КАСОФАТПЕШАҲО

Қарз касе дода, рибо мехӯрад,
Ҷой зи дӯзах ба рибо мехарад.

Вақти ҳисобии рибои гарон,
Хонахаробанд аз ӯ дигарон.

Аз паи пайдо, ки чунин мекунад,
Хизмати шайтони лаъин мекунад.

Нони яҳудию маҷусу гадост,
Хурдани он вақти зарурат равост.

Нони рибохор агарам гандумист,
Манбаи пайдо-ш бидонӣ зи чист,

Лукмаи покиза чу мақсуди туст,
Хурдани он ҳеҷ набошад дуруст.

Шуғли рибохор набошад ҳалол,
Соҳиби онрост ба имон завол.

Хонаю ҳавлию дараш пок нест,
Нахли умеду самараш пок нест.

Нутфа, ки ҳосил зи ғизо мешавад,
Ҳаст ҳаром, ар зи рибо мешавад.

Манбаи пайдо ба ғиромӣ бувад,
Ҷумлаи тифлон-ш ҳаромӣ бувад.

То ки расад тири сухан бар ҳадаф,
Боз кунам гавҳари он аз садаф.

Ҳаст дар ин шаҳр рибохори беш,
Тарс надоранд зи кирдори хеш.

Бо кару фар оши худоӣ диҳанд,
Аз пули пайдои рибоӣ диҳанд.

Дода ба муллою хатибон хабар,
Карда ба он маърака бологузар.

Аз пули макрӯҳ саховат кунанд,
На зи сари дину диёнат кунанд.

Асли зиёфат, ки зи моли рибост,
Рафтану хурдан чӣ, ки дидан хатост.

Фалсафабофони раҳи куфру дин,
Аз паи хурдан шуда андар камин.

Пеши табақ ҷумла бигарданд лол,
На гапи ҳақ зи ҳарому ҳалол.

Чени тавон нуқлу зиёфат хуранд,
Ҳар чи аз он кард зиёдат, баранд.

Фотиҳаи зӯр қироат кунанд,
Воҳима аз гӯру қиёмат кунанд.

Ёд наоранд гапе аз рибо,
З-оқибати ин амали нораво.

Ҳеҷ нагӯянд, ки кори хатост,
Ҳар кӣ рибо хӯрд, сазояш ҷазост.

Лаб накушоянд зи рӯзи шумор,
Аз дами довар шудани Кирдгор.

Луқмаи макрӯҳ кунад зеҳн кунд,
Аҳли зиёфат назанад ҳарфи тунд.

Боз рибохор рибо мехӯрад,
Нест варо ҳеҷ ибо, мехӯрад.

Боз рибохор зиёфат диҳад,
Аз пули ин шуғли касофат диҳад.

Бош ту з-ин гуна касофат канор,
Ҳоҷати худ ҳеҷ ба пешаш наор.

## МАДҲИЯ БА МОДДАИ 69

Эй моддаи шасту нӯҳ,
Ту мода не, ту нарӣ.
Соҳиби фарру шукӯҳ,
Ба қудрату бартарӣ.

Монанди зинароҳӣ
Бар қуллаҳои мансаб,
Якеро мекунӣ ҷар,
Яке барӣ ба матлаб.

Вақте баранда гӯяд:
«Бо моддаи шасту нӯҳ…»,
Яке шавад сактадил,
Дигаре болидарӯҳ.

Эй моддаи шасту нӯҳ,
Ба бахти мо амал кун,
Ҳар кас, ки арзанда нест,
Бар лоиқе бадал кун.

Пур гашта аз гоҷу фач
Кумитаю вазорат,
Охури хешу табор
Идораю садорат

То хона тоза бошад,
Онро зананд ҷорӯб,
Ҳар садри беҳунарро
Аз тахти мансабаш рӯб.

Ба пешу пас назар кун,
Ту модаӣ ба ҳар ҳол,
То дар ту раҳ наёбад
Ҳар ҷоҳили бадаъмол.

Дар давраи тиҷорат
Ту қадри худ нигаҳ дор,
Пулдори мансабталош
Бошад туро харидор.

Мегӯямат як сухан,
Бе ҳеҷ истиҳола,
Дар дафъи порадеҳон
Пассивӣ, на фаъола.

Эй моддаи шасту нӯҳ,
Бо қудрате, ки дорӣ,
Бар нафъи халқи кишвар
Бинмой тозакорӣ.

То гум шавад зи кишвар
Зоти палиди бадкор,
Эй моддаи шасту нӯҳ.
Туро Худо нигаҳдор!

## КАБКИ ҚАФАС

**1**

Ишқ, ки қонун шикаст,
Гардани гардун шикаст,
Расмияти дун шикаст,
Санги тавозун шикаст.
Хиттаи маъмун шикаст,
Шӯҳрати Маҷнун шикаст.
Карда шабохун, шикаст,
Бо дили пурхун шикаст.
Ишқ, ки қонун шикаст,
Гардани гардун шикаст.

**2**

Бахт, ки бегона шуд,
Ҷабр ба Фарзона шуд.
Манзили ӯ «зона» шуд,
Даст ба завлона шуд.
Ашки алам дона шуд,
Мурғаки белона шуд.
Қиссаву афсона шуд,
Сӯҳбати ҳар хона шуд.
Бахт, ки бегона шуд,
Ҷабр ба Фарзона шуд.

**3**

То дари зиндон расид,
Дидаи гирён расид.
Хаставу ҳайрон расид,
Зору парешон расид.
Лаб таги дандон расид,
Ашк ба миҷгон расид.
Ғам ба дилу ҷон расид,
Навбати ҳиҷрон расид.
То дари зиндон расид,
Дидаи гирён расид.

**4**

Духтари Хатлон гирист,
Бо дили бирён гирист.
Гул ба гулистон гирист,
Булбули нолон гирист.
Лолаву райҳон гирист,
Хори биёбон гирист.
Кабки хиромон гирист,
Ишқ ба афғон гирист.
Духтари Хатлон гирист,
Бо дили бирён гирист.

**5**

Талх Сурайё гирист,
Аз ғами дунё гирист.
Шабнами зебо гирист,
Ин гули раъно гирист.
Ахтари якто гирист,
Бо дили шайдо гирист.
Оҳуи саҳро гирист,
Моҳии дарё гирист.
Талх Сурайё гирист,
Аз ғами дунё гирист.

**6**

Нозиру дарбон гирист,
Бандии зиндон гирист.
Ҳуҷраю айвон гирист,
Занги дари он гирист.
Абри парешон гирист,
Тундару тӯфон гирист.
Ошиқи ҳайрон гирист,
Сӯхт дилу ҷон гирист.
Нозиру дарбон гирист,
Бандии зиндон гирист.

**7**

Амр зи Яздон расид,
Раҳмати Раҳмон расид.
Авф ба фармон расид,
Ҳабс ба поён расид.
Дард ба дармон расид,
Ҷон бари ҷонон расид.
Ишқ ба сомон расид,
Мужда ба Хатлон расид.
Амр зи Яздон расид,
Раҳмати Раҳмон расид.

**8**

Зулмати зиндон гузашт,
Мӯҳлати Фарзон гузашт.
Шоми ғарибон гузашт,
Талхии ҳиҷрон гузашт.
Захми дилу ҷон гузашт,
Хории инсон гузашт.
Шукри Худо, он гузашт,
Дар сари паймон гузашт.
Зулмати зиндон гузашт,
Мӯҳлати Фарзон гузашт.

**9**

Бахт дуогӯй шуд,
Кабки қафас ҳӯй шуд.
Адл, ки ҳақҷӯй шуд,
Мужда ба ҳар кӯй шуд.
Ханда зи ҳар сӯй шуд,
Базму ҳаёҳӯй шуд.
Замзамаи тӯй шуд,
Манзара хушрӯй шуд.
Бахт дуогӯй шуд,
Кабки қафас ҳӯй шуд.

# НАҚИЗАҲО

## ҒАРИЗАИ НАҚИЗА

Навиштам шеър дар навъи нақиза,
На мактуби ғаразноку ариза.

Шумо ҳам бе ғараз онро бихонед,
Ба асли мӯҳтавояш зеҳн монед.

Каме ҳазлу каме лутф асту шӯхист,
Ҳасад ё кинаю бухле дар он нест.

Ба чашмон заррабин монеду кобед,
Зи таҳқири касе ҳарфе наёбед.

Агар ҷо-ҷо дар он эрод бошад,
Ба шахсият на, бар эҷод бошад.

Нашояд табъатон з-он хира гардад,
Набояд қалбатон з-он тира гардад.

Аз ин шӯхию ҳазли ман наранҷед,
Қалам гиреду табъи хеш санҷед.

Ҷавоб ояд нақиза бар нақиза,
Чӣ ҳоҷат бар мақола ё ариза?

Ман аз лутфи шумо гардида дилшод,
Бигӯям: табъатон болидатар бод!

Масозедам ба ҳар кунҷе маломат,
Ҳама бошед, эй ёрон, саломат!

## МЕБАХШӢ МАРО

*Ин қадар густохӣ кардам, ёр,*
*мебахшӣ маро,*
*Гуфтам аз ишқат сари бозор,*
*мебахшӣ маро.*
*Дертар кардам ба вақти ваъдагӣ*
*пешат шудан,*
*Гӯш кардам шеъри Гулрухсор,*
*мебахшӣ маро.*
***Ашӯр Сафар***

Чанд соат дер кардам, ёр, мебахшӣ маро,
Интизори ман шудӣ бисёр, мебахшӣ маро.

Хостам бигрезам аз корам, биёям пеши ту,
Лек тарсидам зи виговор, мебахшӣ маро.

Дилбари ҷон, ишқ ҳам дорад ба худ вақту замон,
Нест ҷоиз он ба вақти кор, мебахшӣ маро.

Лаҳзае, ки соати корӣ ба охир мерасид,
Хонд назди худ маро сардор, мебахшӣ маро.

Оҳ, ин сардори мо аз рӯи одат мекунад
Ҳар гапашро даҳ карат такрор, мебахшӣ маро.

Ту дар ин ҷо интизору ман зи тарси мансабам
Назди ӯ ҳайкал шудам ночор, мебахшӣ маро.

Хулласи гап, ҳамчу ошиқ бегуноҳам, бегуноҳ,
Ишқи моро ӯ бувад девор, мебахшӣ маро.

## БӮСАКОРӢ

*Дина шаб дар зери борон*
*Раҳ ба раҳ рафтам хаёлӣ,*
*...Бӯсаҳои дар лабат нокиштаро*
*Дар заминҳо кишта рафтам,*
*То паёпай аз паи ман,*
*Қад-қади раҳ, лаб-лаби ҷӯ*
*Бӯса рӯяд ҳамчу қоқу,*
*Бӯса рӯяд ҳамчу ҳулбӯ...*

***Бозор Собир***

Ин пагоҳӣ баъди борон,
Рост ҳамчун ғаллакорон
Хестам, бар пушта рафтам,
Пеш аз ноништа рафтам.
Бист бӯса бар ту, ҷонон,
Аз зани худ карда пинҳон,
Дар лабам оварда будам,
Кишт дар ҳар ҷо намудам:
Шаш-тааш ҳар ҷову ҳар сӯ,
Ду-таашро дар лаби ҷӯ,
Назди чашма ҳафт дона,
Як-та дар зери дулона,
Чор-та дар сояи абр…
Ҷонакам, камтар бикун сабр.
Чун расад фасли баҳорон,
Бӯсаҳо чун рову торон
Аз замин як-як бароянд,
Хуш лак андар лак бароянд.
Чун равӣ бар лолачинӣ,
Бӯсаҳоямро бубинӣ,
Якта-якта чун бичинӣ,
Кишташон кун зери бинӣ.

## ҚИЁС

*Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст.*
***Меҳмон Бахтӣ***

Риши мо аз ҷоғи мо поёнтар аст,
Чашми мо аз гӯши мо рахшонтар аст.

Каллаҳо болои гарданҳои қоқ,
Эй, зи барги бед ҳам ларзонтар аст.

Гарчи сарлучем, получе наем,
Охир, аз тоқӣ калуш арзонтар аст.

Лаблабуро қанд гуфта мехӯрем,
Чунки пайдо карданаш осонтар аст.

Ин замони мо замони ҳазл нест,
Мушти мо аз чиртакаш беҷонтар аст.

Фасли сармо шоири мо лутф кард:
Дар раҳи ҳамвор ях лағжонтар аст.

Баркро куштанд, ӯ бо зарда гуфт:
«Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст».

## ШЕЪРИ МО

*Шеъри мо чун абри найсон аст аз рӯзи азал,*
*Гашта аз мулке ба мулке ҳусн эҳсон мекунад.*
*Дар баландиҳои куҳҳо гар шавад ғарқи арақ,*
*Домани тар хушк аз боди биёбон мекунад.*
***Қутбӣ Кироm***

Шеъри мо аз абри найсон ҳам бувад серобтар,
Дар намегирад, биандозӣ варо гар дар танӯр.
Се шабу се рӯз монияш ба зери офтоб,
Боз аз он як тағора об гирӣ боҳузур.

Шеъри мо баъзан хазида меравад тори адир,
Бо азобу ранҷи бисёре мисоли сангпушт.
То араққои ҷабини хешро бидҳад шамол,
Ҷар шуда сӯи биёбон, меравад бе ҳушт-ҳушт.

Мешавад он дар биёбон оқибат аз об хушк,
Баъд аз он чун пар-парак ҳар сӯ ба
ҷавлон мешавад.
Шеъри мо чун аз азал дорад аҷиб-ул-хислате,
Баҳри дарки маънияш хонанда ҳайрон мешавад.

## ОРЗУИ БАЧЧАГӢ

*Ман савори аспи гулгун бигзарам аз кӯи ту,*
*Хонаат ғарқи шафақ гардад зи ёли аспи ман.*
*Ҳамчу тифлон бо ҳавас сӯям ту андозӣ назар,*
*Баски ҳастӣ дӯстдору дилкашоли аспи ман.*
***Гулназар***

Ҳар гаҳе оям ба кӯят, медиҳӣ бар ман савол
Аз сифоти чашму гӯшу ёлу боли аспи ман.
Орзӯи баччагӣ буду гузашту рафт он,
Лек ту то ҳол ҳастӣ дилкашоли аспи ман.

Гуфта будам, ки надорам асп, лек аз ҷавфурӯш
Ҷав харидӣ чанд халта бо хаёли аспи ман.
Бо «Жигули» омадам ман борҳо бар кӯи ту,
Ҳар сафар пурсон шудӣ , чун аст ҳоли аспи ман?

Дилбари чобуксаворам, бурда ҷавҳоро фурӯш,
Бо пули ҷав, беҳтараш, як чова бензинам бихар.
Кӯтаҳи гап, интизори шиҳаи аспам нашав,
Сигнали мошин шунидӣ, дон, ки омад Гулназар.

## ИШҚИ МАНУ ТУ ШЕЪР ШУД

*Ишқи ману ту шеър шуд,*
*Бар пой тифли шер шуд.*
*Эй рӯбаҳон, акнун варо*
*Бо макр куштан дер шуд.*

***Арбоб Вадуд***

Меҳри ману ту ҷӯр шуд,
Ин барра гурги бӯр шуд.
Бар рӯбаҳу хирсу шағол
Бигрифтани он зӯр шуд.

Аз дур мелесанд лаб,
Дар пеши мо ҳастанд хап,
Макре агар барпо кунанд,
Монанд зери шатташап.

Шеъри ман аст ин гурги бӯр,
Ин шеър аз шер аст зӯр,
Ҳатто ки мушу гурбаро
Бо зӯр мегирад ба тӯр.

Бар аҳли ҷаҳли бадвуҷуд
Ин гап расонед аз Вадуд:
«Ишқи ману ӯ шеър шуд»,
Аз макрашон дигар чӣ суд!

## ГАР ТУ ДОРӢ ДӮСТ ЗЕБО ДУХТАРЕ

*Гар ту дорӣ дӯст зебо духтаре,*
*Эй ҷавон, эй соҳиби ақлу хирад,*
*Бар сари роҳе баро, андеша кун,*
*К-он туро то бар куҷоҳо мебарад.*

***Пиримқул Сатторӣ***

Гар шудӣ дар банди ишқи дилбаре,
Эй ҷавони калламағзи бохирад,
Лаҳзае дар чорроҳа рост ист,
Фикр кун, ки бар куҷоят мебарад.

Гар равӣ бар пеш, инро нағз дон:
Мерасӣ бар Хонаи ақди никоҳ,
Аз қалину ҳаққи шир андеша кун,
К-аз пушаймонӣ насозӣ оҳу воҳ.

Гар бубинӣ боз ногаҳ духтаре,
Фикри хоми ошиқӣ аз сар барор.
«Кори ҳар буз нест хирман кӯфтан»,
Алҳазар аз ишқ! – гӯён, кун фирор!.

## ИН ЧӢ ГАП?

*Эй мунаққид, ин чӣ гуфтор, ин чӣ гап?*
*Ҳарза мегӯӣ ту ҳар бор, ин чӣ гап?*
*То ба кай бегонаро наҳ мезанӣ,*
*Медиҳӣ беҳуда озор, ин чӣ гап?*

***Алӣ Бобоҷон***

Эй мунаққид, эй дилозор, ин чӣ гап?
Шоиронро мекунӣ хор, ин чӣ гап?

Он қадар шеъри Алиро наҳ задӣ,
Ки шуд аз фикри ту безор, ин чӣ гап?

Ҳаст дар ашъори ӯ ҳам шеъри хуб,
Нестӣ оё хабардор, ин чӣ гап?

Баҳри ӯ эродҳоят ҳарза аст,
Мехалад бар қалб чун хор, ин чӣ гап?

Пас аз ин шеъраш бихону «Урра!» гӯй,
То шавад бегона ҳам ёр, ин чӣ гап?

## ГУСЕЛ

*То насозам абрҳои осмонро дур ман,*
*То чу хуршеде насозам осмон пурнур ман,*
*Ман намесозам гуселат ҳеҷ гоҳ,*
*Баста бошад роҳи ту, мижгонсиёҳ!*

***Юсуф Аҳмадзода***

То наорам саксавулеро зи роҳи дур ман,
То насозам баҳри худ аз чӯби он танбӯр ман,

То набинвисам сурудеро ба номи «Хайрбод»,
То набандам бар сурудам савти шӯху зӯр ман,

То нахонам он сурудамро ба гӯшат сад карат,
Бо ҳавои «Саксавулҷон» карда онро ҷӯр ман.

То насӯзам пас аз ин он саксавултанбӯрро,
То ба рӯи кулчаам аз он нарезам қӯр ман,

То набинвисам ба набзи ишқи ту роман ба назм,
То нагардам дар миёни ошиқон машҳур ман,

«Ман намесозам гуселат ҳеҷ гоҳ»,
Гар равӣ, монӣ ту андар нимароҳ!

## СОЯ

*Соя бар об фитад, тар нашавад,*
*Гар ба оташ фитад, ахгар нашавад.*
*Гардад андар паи сад маҳпайкар,*
*Лек, ҳайҳот, ки пайкар нашавад.*
*Дӯстам, соя машав!*

***Баҳром Фирӯз***

Соя бар ғор фитад, ҷар нашавад,
Рӯи сад китф фитад, сар нашавад.

Бар вай аз бод газанде нарасад,
Барфу борон занадаш, тар нашавад.

«Дафъ шав аз бари ман!» – гӯӣ агар,
Аз чунин дағ-дағa музтар нашавад.

Нафитад ҳеҷ таҳи мушту лагад,
Ӯ зи болост, ки дигар нашавад.

Гарчи часпида бари кохи баланд,
Сураташ лавҳи мусаввар нашавад.

Ҳаст ҳозир бари шоирҳо низ,
Лек зебандаи дафтар нашавад.

Гар чу ҳезум ба аловаш фиканӣ ,
Рост гуфтанд, ки ахгар нашавад.

Соя бо ин ҳама ҷонсахтии худ
Ҳеҷ фирӯзу музаффар нашавад,
Дӯстам, соя машав!

## ҶАВОНӢ МЕКУНАМ

*Дӯстон, маъзур, гоҳе гар ҷавонӣ мекунам,*
*Неку бад гаҳ ошкоро, гаҳ ниҳонӣ мекунам.*
*Узр мепурсам, ки гоҳе тунду тезам, дӯстон,*
*Тира баъзан хотири ёрони ҷонӣ мекунам.*

***Усмон Шарифзода***

Гоҳ-гоҳе ман хато дар зиндагонӣ мекунам,
Ин хатоҳоро, азизон, аз ҷавонӣ мекунам.

Мешавад баъзан, ки мегӯям суханҳои дурушт,
Ҷояшояд, кашмакаш ё саркафонӣ мекунам.

Ҳамчу шоир хомаронӣ кори ман бошад, вале
Чун асабҳо хаста гардад, муштронӣ мекунам.

Ҳар қадар аз худ равам ҳам, тарсам аз бегонагон,
Ҷаҳли худро бар сари ёрони ҷонӣ мекунам.

То замоне зиндаам, Усмон, намегардам дигар,
Дар сари қаҳрам ҳуҷуми ногаҳонӣ мекунам.

## ТАВЛИДИ ШЕЪР

*Резаборон ба рухи поки замин мерезад,*
*То замин–модари мо ашк нарезад абадо.*
*Қатрасон ашк дами тавлиди шеърам резам,*
*То ки шеърам нашавад ашк барои дунё.*

***Мирзо Боқӣ***

Ранг аз хомаи ман рӯи варақ мерезад,
Шеър тавлид ба ин тарзи навин мешавадо.

Ашки бисёр дами шеърнависӣ резам,
Шеърҳоям ҳама чун об аз ин рӯ бувадо.

Оҳ, тарсам, ки шавад ҳодисаи Ҳазрати Нӯҳ,
Сели ашкам ба чунин ҳол агар меравадо.

Лолу ҳайрони чунин фалсафабофии худам:
«То ки шеърам нашавад ашк барои дунё».

## ТОРИ ТАНҲО НАМЕДИҲАД ОВОЗ

*Наҳри танҳо намешавад дарё,*
*Реги танҳо намешавад соҳил.*
*Баҳри танҳо нагардад уқёнус,*
*Нашавад як чароғ ҳам қандил…*

***Сайидалӣ Маъмур***

Шеъри танҳо намешавад девон,
Дони танҳо намешавад хирвор,

Тори танҳо намешавад танбӯр,
Ҳофизи яккахон нагардад хор.

Кай шавад корвон зи як уштур,
Гови танҳо намешавад пода.
Як тароша намешавад ҳезум,
Чайла кай мешавад зи як хода...

Ҳар қадар ки бигӯямат з-ин панд,
Бош беғам, надорад он охир.
Илтимосам ҳамин, ки эй мухлис,
Ҳикматашро маҷӯй дар зоҳир.

## НИГОҲАМРО ФИРИСТОДАМ

*Нигоҳамро фиристодам ба кӯят,*
*Нигоҳам рафту дигар пас наёмад.*
***Камол Насрулло***

Нигоҳамро фиристодам ба кӯят,
Парешонам, чаро вопас наомад.

Кӣ медонад, нигоҳам булҳавас буд,
Зи пушти духтаре кино даромад?

Магар дар кӯчаҳо раҳгум бизад он
Ва ё дар раҳ ягон кораш баромад?

Наход ин ки ба автобус нишаста,
Ба шаҳри дигаре рафту фаромад?

Дигар ҷое намекардам равонаш,
Агар аз нав ба чашмам медаромад.

## БУЗУРГӢ

*Мон, ки ту дарзаи ҳезум бошӣ,*
*Мон, ки гӯянд туро: Чист? Хас аст?*
*Ҳикмат ин аст, ки сармозадае*
*Оташ афрӯзу бикун гарм, бас аст.*
***Шоҳмузаффар Ёдгорӣ***

Мон, ки ту занбари ангишт шавӣ,
Қадри ангишт беҳ аз қадри хас аст.

Гап дар ин аст, ки сармозадаем,
Тани моро бикунӣ гарм, бас аст.

Беҳтараш, сандалии момо шав,
Ки маро сандалии ӯ ҳавас аст.

Бираву ҳар чӣ, ки хоҳӣ, ту бишав,
Ғайри хас, к-оташи он як нафас аст.

## ОШЁНИ МУРҒИ ЗАРРИН

*Чун насими субҳ сарро бар дари дилбар задам,*
*Ошёни мурғи зарринро ба шохи зар задам.*
*Субҳ бӯсад бар дарахти тозазарриншохи даҳр,*
*Мужда аз зарринҳаёти худ ба баҳру бар задам.*
***Салимшо Ҳалимшо***

Як шабе ман дар ҳавои мӯшикофӣ пар задам,
Хомаамро, ҳарчи бодобод, гӯён, сар задам.

Осмон мисли канизак «бистарам андохт шаб»,
З-ин сабаб барвақт худро бурда бар бистар задам.

Вақти хоб аз ман набошад «зиндаи бедортар»,
Хобу хоболуда ин абёт бар дафтар задам:

«Субҳ бӯсад бар дарахти тозазарриншохи даҳр»,
Ман чунин гапҳои худро баҳри гӯши кар задам.

Чашм пӯшидам гаҳе, гаштам савори мурғи бахт,
То шудам бедор, чандин «бӯса аз ахтар задам».

Бас будам «дар роҳи ишқи ёр бе раҳбар» равон,
То ба кӯи ӯ расам, худро ба кӯҳу ҷар задам.

«Ошёни мурғи заррин»-ро ба мисли файласуф
Бо суханбозӣ, ба фикрам, бурда болотар задам.

## ИШҚИ ХАЁЛӢ

*Туро бинам, набинам, ҳеҷ фарқе нест,*
*Ту доим бо манӣ, бо ман аҷаб ишқест.*
*Ҷиҳози хона бинам ҳам, туро бинам,*
*Зани бегона бинам ҳам, туро бинам.*
***Нурмуҳаммад Ниёзӣ***

«Жигули»-ро бубинам дар гараж ҳар гоҳ,
Қасам бар чархҳояш, ки туро бинам.
Бибинам гар сатилу қолию ҷорӯб,
Туро танҳо бубинам, ёри деринам.

Ту бошӣ ё набошӣ, кай кунам парво,
Хаёлан ошиқам бар ту, ҳамин кофист.
Маро бар сар фитода булъаҷаб ишқе,
Ки бе ту кайф карда метавонам зист.

Бубинам духтари ҳамсояамро гар,
Зани бегона бинам ҳам, бикун бовар,
Хаёлан аз ҷамолат сер мегардам,
Ту доим бо манӣ, пешам наё дигар!

## МУАММО

*Чӣ сон рангин қабопӯш одамонанд,*
*Наянд аз рӯи хислат ҳеҷ монанд:*
*Яке зишту яке дар ҳусн якто,*
*Яке камқуввату дигар тавоно.*
*Яке зирак, дигар бисёр сода,*
*Яке босабру дигар беирода…*

***Абдулло Қодирӣ***

Аҷаб ҳархела одамҳо равонанд,
Наянд онҳо ба зоҳир ҳеҷ монанд.

Яке фарбеҳ бувад аз ҳад зиёда,
Дигар дар лоғарӣ монанди хода.

Яке дар кӯчаҳо мошинсавор аст,
Дигар раҳ меравад пои пиёда.

Яке зери забонаш нос дорад,
Дигар дар лаб сигоре дуд дода.

Яке гардад ҳамеша сарбараҳна,
Дигар андар сараш тоқӣ ниҳода.

Шуда ин фарқ бар шоир муаммо,
Ки натвонад гиреҳи он кушода.

## ИШҚИ САНГИН

*Ман аз куҳ санг ғелондам, гули ман,*
*Туро бо санг тарсондам, гули ман.*
*Ту з-он ҷо қаҳр кардӣ, хона рафтӣ,*
*Сари кӯҳи алам мондам, гули ман.*

***Сайдулло Амин***

Туро бар сайри куҳ хондам, гули ман,
Ба сӯят санг ғуррондам, гули ман,

Вале аз ишқи ман огаҳ нагаштӣ,
Туро беҳуда тарсондам, гули ман.

Бағалро карда пур аз санг боре,
Кашидам рӯи роҳат интизорӣ,
Ки то бинвозамат бо чанд санге,
Пас аз он шоядам ту дӯст дорӣ.

«Сар куҳи алам» ман зору ҳайрон,
Чаро шуд ишқи мо, эй ёр , вайрон?
Чӣ чора, ишқи сангинам нафорид,
Туро ҳарчанд кардам сангборон.

## ГУФТАМАТ: ИМШАБ БИЁЯМ

*Гуфтамат: имшаб биёям,*
*Ранҷиш аммо баст поям.*
*Бе ту танҳоӣ кашидам,*
*Монд дар лаб қиссаҳоям.*
***Ҳақназар Ғоиб***

Пеши ту, гуфтам, биёям,
Қаҳри бад барбаст поям.

Ман зи тарси мушти қаҳрам
Шаб наҷунбидам зи ҷоям.

Хостам, бо такси оям,
Буд холӣ кисаҳоям.

Як шаб аз қаҳрам гурезам,
Бо сарам пеши ту оям.

Лек ҳоло ноилоҷам,
Ошиқи подарҳавоям.

## ГОВҶИГАР

*Гаҳе ман ошиқи зору ҷигархун,*
*Ба мисли Маҷнуни овораи дашт.*
*Гаҳе ман нақши Фарҳод офаридам,*
*Ҳароси дил набуд аз сою хамгашт.*

***Нақиб Сайид***

Гаҳе Фарҳод гаштам, гоҳ Маҷнун,
Натарсидам зи ҷанги зидди Мошон.
Гаҳе бо сой рафтам, гаҳ ба хамгашт,
Ҳароси дил набуд аз ғори мушон.

Гаҳе рафтам ба ҷангалзори полиз,
Натарсидам, ки раҳгум мезанам ман.
Шикастам қалъаю тахти кадуро,
На Рахшам буд, на гурзу на ҷавшан.

Шудам овора гоҳе мисли Маҷнун,
Миёни пуштаҳои турбу шалғам,
Таги турсию майка чун задам зӯр,
Дарахти мошро аз реша кандам.

Ниҳоят офаридам нақши Фарҳод,
Баровардам зи ҷӯи ваннаам об.
Вале ҳамсоя домангир, зеро
Кушода оби ванна, кардаам хоб.

## ТОҶИКИ МАН, ЗИНДА БОШ!

*Пахтаат аз кӯҳсорат шуд баланд,*
*Қадри кору нархи корат шуд баланд.*
*Эҳтирому эътиборат шуд баланд,*
*Тоҷики ман, зинда бош!*

***Ҷамолиддин Каримзода***

Мезанӣ аз субҳ дар саҳро каланд,
Дасти ту умре бувад бо кор банд,
Лек тифли ту надорад чою қанд,
Тоҷики ман, зинда бош!

Пахтаи ту то ба Аврупо расид,
Мардуми дигар нахи онро танид.
Шаҳди коратро «бародар» ҳай макид,
Тоҷики ман, зинда бош!

«Қанд зан, эй пахтакори сарбаланд!»,
Гуфта ин гапҳо, туро доданд фанд,
Баъди мурдан чун намеёбӣ кафан,
Тоҷики ман, зинда бош!

## ТАКРОР

*Як суханро мекунам такрор боз,*
*Месароям пахтакору пахтаро.*
*Гуфтаанду гуфтаам бисёрҳо,*
*Мекунам такрор шеъри гуфтаро.*

***Зариф Ибод***

Лоақал боре наорам бар забон
Васфи сангу хишту чӯбу тахтаро,
Доимо чун қартаи сӯзанзада
Мекунам такрор васфи пахтаро.

Ин шиор аз пунбадона ёфтам:
«Нест бе такрор шохе пурсамар».
Пахта, пахта, пахта, пахта, пахтаҷон,
Мекунам такрор сад бори дигар.

Ман равонам мисли «киштии кабуд»
Аз миёни пахтазори чун чаман,
Орзу дорам, ки сад соли дигар
Ҷовидон бо пахта монад шеъри ман.

«Мекунад чун ишқ дилро беқарор»
Шонаю гул, баргу поя, ғози он.
Шоирам, илҳоми ман ояд ба ҷӯш,
Ҳар гаҳе бинам даҳони вози он.

«Як суханро мекунам такрор боз»:
Дарзаҳои ғӯзапоя зинда бод!
Яктаашро чун гузорӣ дар танӯр,
Пухта аз он мешавад нони Ибод.

## ЖАНДАРАЗМ

*Дар либоси жанда мегардам мудом,*
*Устодам лек дар илми калом.*
*Лафзи ман пок аст, маънияш қавӣ,*
*Ҳар сухан дар қолаби назму низом.*
***Вайси Бӯстонӣ***

Жанда мепӯшам ба рағми хосу ом,
Бар либоси нав надорам эҳтиром.

Он манам дар кӯчаҳо жӯлидариш,
Нусхаи асле зи Маҷнуни тамом.

Нест оҳу ин замон дар кӯҳу дашт,
Як пишакро кардаам бар хеш ром.

«Лафзи ман пок аст, маънияш қавӣ»,
Нест дар ашъори ман як сатри хом.

Мешиносам ҳарфҳои порсӣ,
Фарқ медонам миёни долу лом.

Гуфтаам дар умри худ танҳо ду шеър,
То кунун бошад якеаш нотамом.

Нестам машҳур гарчи чун адиб,
«Устодам лек дар илми калом».

## ТОХТАНУ ТӮХТАН

*Пухтагиҳои ҷаҳон аз сӯхтанҳои ман аст,*
*Рӯшаниҳояш зи худафрӯхтанҳои ман аст.*
*То қиёмат маншаи осоишу орошаш*
*Тохтанҳои ман асту тӯхтанҳои ман аст.*

***Низом Қосим***

Қитъаҳо пайванди ҳам аз дӯхтанҳои ман аст,
Гармии рӯи Замин аз сӯхтанҳои ман аст,

Тоҷикистон ин замон берӯшноӣ мондааст,
Дон, ки ин аз хешро н-афрӯхтанҳои ман аст.

Шаҳрро гар тоза бинӣ, ҷодаҳо ойинасон,
Кӯчарӯбонро сабақ омӯхтанҳои ман аст.

Бенизомиҳои ақсои ҷаҳон донӣ зи чист?
Бесабаб тозондани ман, «тӯхтанҳои ман аст».

## ОТАШИ РАШК

*Оҳ, ҳуш дор, ки аз рашк охир*
*Дар дилам ишқи туро хоҳам кушт.*
*Мезанам лек пушаймон дигар*
*Ба сари хеш ҳазору як мушт.*

***Раҳмат Назрӣ***

Ёд дорӣ, ки туро гуфта будам
Бо каме шикваю бо ҳарфи дурушт:

Бас дигар ҷилвагарӣ, ишвагарӣ
Пеши ҳар кас, ки кашад сӯят ҳушт!

Боз кардӣ ту «кару шалро ҳам»
Масту мафтун ба суруду арғушт.

Ман зи рашку аламу қаҳр задам
«Ба сари хеш ҳазору як мушт».

Иштибоҳе нанамудам ба ҳисоб,
Сари ҳар зарба шумурдам ангушт.

Ҳеҷ ошиқ ба ҳама даврру замон
Хешро зор ба ин тарз накушт.

Ту зи ошиққушии худ нозӣ,
Ман ба як шаттаи ту хоб ба пушт.

## ШЕЪР-УЛ -ЛУҒОТ

*Ман бандаи адлу шарафу номусу нангам,*
*Аз бурҷи тарозуяму[1] аз соли наҳангам[2]...*

*Дӣ[3] буд, ки номи ҷади[4] ман рафта буд аз ёд,*
*Имрӯз вале шӯҳравари Шому Фарангам[5].*

*Ағёр[6] на як бор, ки санҷидаву донист,*
*Бо дӯст асалвор, ба ашрор[7] шарангам[8]...*

***Аскар Ҳаким***

[1] Бурҷи тарозу–бурҷи мизон аст, ки аз 21 сентябр то 21 октябрро фаро мегирад.
[2] Соли наҳанг ба инсон хислатҳои бузургии дил, шукӯҳу шаҳомат, бахшандагӣ ва шоистагии шоҳаншоҳӣ медиҳад.
[3] Дӣ–дирӯз, замони гузашта.
[4] Ҷад–падар, аҷдод.
[5] Шому Фаранг–ба маънои Шарқу Ғарб.
[6] Ағёр –рақиб, душман.
[7] Ашрор–бадкирдор, душман.
[8] Шаранг–талх, заҳр.

Устод[1], ҳамин шеъри Шумо кард гарангам[2],
Тарсам, ки ба хушкӣ назанад чанг наҳангам[3].

Ҳар ҳарфи Шумо моили маънои ниҳонист[4],
Ман шефтаи[5] шеър – чунин назми қашангам[6],

«Дар роҳи ризо мекунам ин ҷону ҷигар[7] об»[8],
Сарпанҷаи ман ҳаст қавӣ, мисли палангам[9].

[1] Устод–муаллим, омӯзгор, шахсе, ки аз ӯ чизе меомӯзанд.
[2] Ҳолатест муқобили ҳушёр.
[3] Наҳанг –моҳии калон, ба русӣ акула, дар баҳр зиндагӣ мекунад.
[4] Ниҳонӣ–ақидаи пинҳон, зидди ошкоро.
[5] Шефта–мубтало, ошиқи чунин гуфтор, аз дилу ҷон харидор.
[6] Қашанг–зебо, ороста, хушрӯ, дилкаш.
[7] Ҷигар – узви дарунии инсон ва ҳайвонот, шашлики хуб мешавад.
[8] Ин мисраъ аз устод Аскар Ҳаким аст.
[9] Паланг–дарандаи хеле далер, аз фил хурд, дар ҷадвали солшуморӣ номаш ҳаст.

## ЗӮРИ ИШҚ

*Ба зӯри ишқ омад бовариям*
*Шабе, дидам, ки бо ту бистариям.*
*Чароғам буд гирён, тугмааш дур,*
*Чароғамро задам бо тагсариям.*

***Файзи Ашӯр***

Шудам қоил ба зӯри ишқ он шаб,
Ки будам бо ту, эй ҷонона, ҳамгап.
Чароғамро кунам то ин ки хомӯш,
Намудам тугмаашро тагсаришап.

Вале ҳар қадр онро мезадам ман,
Намурда, боз меистод равшан.
Магар буд таксарии ман мулоим,
Нашуд ҳосил муродам бо занозан.

Ту аз ҷо хестӣ бо қаҳр, эй ҷон,
Бигуфтӣ: тагсариро зери сар мон!
Ба дастат тугмаро чун зер кардӣ,
Чароғи хона шуд хомӯш осон.

## ЭЙ ДАРКУШО, КУҶОӢ?

*Ман хобу дилбар омад, эй даркушо, куҷоӣ,*
*Дарвозаҳост баста, кай қулфи он кушоӣ...*
*Эй шӯхи осмонӣ, аз даркушо хабар нест,*
*Ман хобаму ту бедор, эй кош, дар кушоӣ.*

***Ҳабибулло Нозирӣ***

Ҳар гоҳ вақти хобам ту пушти дар чӣ ойӣ?
Ку марди чобуке, ки хезад ба даркушоӣ?

Сад бор гуфта будам, такрор мекунам боз,
Ақлат намерасад, ки рӯзонаҳо биёӣ?!

Манро гузор ором, манмой бесаранҷом,
Аз хоби худ нахезам «бо ишваи ҳавоӣ».

Дар бистари мулоим дар кайфу роҳатам ман,
Гар васли мо бихоҳӣ, бо ҳила медароӣ.

Ҳайфо, ки дар шаби тор «ман хобаму ту бедор»,
Дар пушти дар ба ҳасрат ту даркушо бипоӣ.

«Эй шӯхи осмонӣ, аз даркушо хабар нест»,
Майле, ба тори девор оҳистаяк фароӣ.

## САГИ ПОРАТАЛАБ

*Дишаб аз хонаи ҳамсояи мо,*
*Аз ҳамон хона, ки дилдори ман аст...*
*Саги ҳамсоя давид*
*Ва маро сахт газид.*

***Салими Хатлонӣ***

Рости гап, ману саг ҷӯра будем,
Шаб ба вай нону сағал медодам.

Пора бигрифта ба ҳав-ҳав мегуфт:
Наравад ришваи ту аз ёдам.

Дишаб аз маъракае баргаштам,
«Ба ҳамон хона, ки дилдори ман аст».
Ба хаёлам, ки сағал хоида,
Саги ҳамсоя вафодори ман аст.

Беибо гашта зи дарвоза дарун,
То ки он ёр бигирам ба бағал,
Саги ӯ пои маро сахт газид,
Маънияш ин, ки канӣ, ҷӯра, сағал?

Дида рафтори саги ҳамсоя,
Чарх зад дар сарам ин фикри аҷаб:
На фақат тӯдаи мансабдорон,
Ки сагон низ шуда пораталаб.

## ЧИСТОНИ АЙНАК

*Бигирад бо ду досташ аз ду гӯшам,*
*Нишинад дар сари бинии ман ӯ.*
*Ниҳад боре ду чашмашро ба чашмам,*
*Диҳад ёрӣ ба хушбинии ман ӯ.*

***Ҷӯра Ҳошимӣ***

Гузорад ҳарду пояш бар ду гӯшам,
Нишинад бо пасаш дар рӯи бинӣ.
Ба ду чашмаш назар созад ба чашмам,
Бигӯяд, ки кунун ҳай хуб бинӣ.

Гаҳе ӯ мешавад пинҳон куҷое,
Даруни киса ё дар пушти ҷевон,
Ба палмосидан онро то наёбам,
Набинам пеши поямро чу кӯрон.

Ду по дорад, ду ҳалқа, ду тиреза,
Валекин ҳаст он асбоби хониш,
Гаҳе гирам китоберо ба дастам,
Ниҳам онро ба бинӣ баҳри биниш.

Нагӯям номи тоҷикии онро,
Валекин русҳо гӯянд «ачки»,
Аҷаб чистони зӯре бофтам ман,
Кӣ меёбад ҷавоби он, канӣ, кӣ?

## АЗ ДАРУНУ АЗ БУРУН

*Метавон ҷилва кард ҳамчун шоҳ,*
*Аз дарун лек камбағал будан.*
*Метавон ақл дошт беш аз мӯй,*
*Аз бурун кӯсаву качал будан.*
***Ато Мирхоҷаи Нерӯ***

Метавон ҷилва кард чун товус,
Аз дарун лек дингу шал будан.

«Метавон ақл дошт беш аз мӯй»,
Шарташ ин, ки тамом кал будан.

Метавон риш монд як дарза,
Дар амал кӯса аз азал будан.

Аз бурун метавон, ки пухту сӯхт,
Аз дарун хом, ҳам хатал будан.

Метавон дошт аз дарун нерӯ,
Аз бурун лоғару касал будан.

Шеъри мо мағз дар дарун дорад,
Аз бурун метавон сағал будан.

## БАРОИ ЯК СОҲИБҶАШН

*...Сар саҷдаи Ҳақро надид,*
*В-аз илму аз тақво рамид,*
*Гӯши кари панҷоҳи ту*
*Аллоҳу акбар кай шунид?*
*Бо бонги мавлот мезанам,*
*Бо деги ҳалвот мезанам.*
***Мирзо Шукурзода***

Панҷоҳ солат чун гузашт?
Аз роҳи Ҳақ берун гузашт!
Бо касвату ҷурму хато,
Монанд бар маймун гузашт,
Бо мушти хешат мезанам,
Аз пушту пешат мезанам.
Аз тоҷикӣ кеши ту ку?
Мӯи лабу риши ту ку?
Ҳамчун нишони эътиқод,
Он саллаю фашши ту ку?
Дар ҳар куҷоят мезанам,
Бар дасту поят мезанам.
Ҷое, ки бигзорӣ намоз,
Ё ки кунӣ як ҳаҷҷи соз,
«Соле диҳӣ сад маърака»,
Бар аҳли куфри ҳуққабоз.
Бо деги ошат мезанам,
Дар байни қошат мезанам.
Имрӯз ту овозадор,
Бо карру фар, бо ифтихор,
«О, бар сироти мустақим»
Ё меравӣ мошинсавор?
Бо чӯбу сангат мезанам,
Дар пои лангат мезанам.

## БИАЙНИҲӢ ҲУРУФ

*Қадди раънояш ба зебоӣ биайниҳӣ алиф,*
*Резиши гомаш ба рӯи сабза айни ҷими ҷон.*
***Саломи Нурийони Баравнӣ***

Қоматаш биайниҳӣ мисли алиф дар байни ҷон,
«Резиши гомаш» чу холи ҷим зери ҷар ниҳон.

Дасту оринҷаш ба вақти қатъ гардидан чу коф,
Ҳарду чашмаш мисли ҷуфти нуқта дар болои қоф.

Ҳалқаи зулфаш ба ду рухсора чун нуни дуним,
Он даҳони хурдакак айнан ба шакли ҳарфи мим.

Холҳои пушти лаб доманд дар болои шин,
Ду анори пеши бар сар мешавад бо ҳарфи син.

Гӯшҳояш вову бинӣ нусхае аз ҳарфи дол,
Ким-кучои дигараш андар тасаввур мисли зол.

Пойҳо монанди лому кулчаи зону чу айн,
Дар буҷулакҳои пояш нақшае монанди ғайн.

Ёри ман орад алифбои ниёгонро ба ёд,
З-ин сабаб ҳам дӯст медорам варо ман умрбод.

## НОМАИ КӮТОҲ

*Дар худ фурӯ шудам,*
*Чун гург дар куном,*
*Берун намеравам,*
*Сайёд, вассалом!*
***Давлати Раҳмониён***

Аз дар дарун шудам,
Бе ҳарфу бе калом.
Бархез, эй занак,
Овар ягон таом.

Дар коргоҳи худ
Биншаста то ба шом,
Беҳад гуруснаам,
«Чун гург дар куном».

Шуд иштиҳо кунун
Он қадр дар қиём,
Гургона мехӯрам
Чи пухтаю чи хом!

## ГИЛАГӮЯК

*Ризвону расули худ накардӣ ту маро,*
*Бо созу усули худ накардӣ ту маро.*
*Шайтони ҷаҳонам нанамудӣ, ақалан*
*Шайтони авули худ накардӣ ту маро.*
***Тӯлқин Хоҷа***

Моҳичаи кӯли худ накардӣ ту маро,
Сарҳавз ба чӯли[1] худ накардӣ ту маро,
Усал ба усули дигаронам кардӣ,
«Бо созу усули худ накардӣ» ту маро.

Ҳамрозу аниси худ накардӣ ту маро,
Саркору раиси худ накардӣ ту маро,
«Шайтони ҷаҳонам нанамудӣ», ҳайҳот,
Ҳатто, ки саиси худ накардӣ ту маро.

Як бор қабули худ накардӣ ту маро,
Биншаста ба рули[2] худ накардӣ ту маро,
Дар кишвари худ, к-Авул мондӣ номаш,
Муншию расули худ накардӣ ту маро.

---

[1] Чӯл – биёбони регзор, бодия.
[2] Рул–ҷилав дар назар аст.

Афсӯс, вазири худ накардӣ ту маро,
Мухбиру дабири худ накардӣ ту маро,
Рондӣ ту маро ба мисли шайтон зи биҳишт,
Анбормудири худ накардӣ ту маро.

## ҲАСРАТИ ЛАБ

*Лабам, ки аз лабат он дам ҷудо шуд,*
*Чӣ донӣ, ки чиҳо диду куҷо шуд?*
*Туро гум карду гум шуд олами ӯ,*
*Ғарибу бенишону бенаво шуд.*
***Султонмуроди Одина***

Лаби ман бо лаби ту ошно шуд,
Чӣ гап шуд, ки тамоман камнамо шуд.

Раҳашро карда гум, вопас наомад,
Даҳонам бе лабам дандоннамо шуд.

Надонам, аз куҷо ёбам суроғаш,
Бигӯ, ӯ дар куҷои ту баҷо шуд?

Мабодо рафта бошад дискатека,
Яқин, ки маст гашту зери по шуд.

Зи пушти нозанине шуд кашола?
Миёни ӯву шӯяш моҷаро шуд?

Худоё, бо лаби кӣ шеър хонам?
Чӣ сон гӯям: даҳони ғунча во шуд?

Чи хубе, гар ба Ваҳдат рафта бошад,
Дар он ҷо меҳмони Мирзо шуд.

Бигӯедаш, ки боз ояд ба ҷояш,
Ки Султон бе лабаш обу адо шуд.

## НАМОЗИ ОШИҚОНА

*Барат хонам намози ошиқона,*
*Ба сад озу ниёзи ошиқона...*
*Ту машкан, қиблаи ҷонам, ту машкан*
*Намозамро ба нози ошиқона.*

***Зайниддини Ҷомӣ***

Таҳорат мекунам дар ваннахона,
Гузорам то намози ошиқона.

Вале чандин карат онро шикастӣ
Ту бо рафтору нози ошиқона.

Нишастӣ пеши рӯи ман зи қибла,
Ба тарзи дилнавози ошиқона.

Тамоми сураҳо аз хотирам рафт,
Фақат дар ёд рози ошиқона.

Намозамро қазоӣ мегузорам,
Шаби ҳаҷри дарози ошиқона.

Чӣ корам доштӣ он шаб, намондӣ,
«Барат хонам намози ошиқона?».

## ГУЛХАНДА КУН, БИБОЛАМ!

*Эй ёри чун ниҳолам, боре бипурс ҳолам,*
*Ҳарчанд чун суолам, он қадр нест солам.*

***Исо Раҳим***

Эй шӯхи чун ғизолам, ту воқифӣ зи ҳолам,
Бар шаст рафта солам, аз шасти худ нанолам.

То дигарон нафаҳманд, аз он ки бе фараҳ ман,
Бинмо маро фараҳманд, гулханда кун, биболам.

Оҳистатар қадам мон, дигар маро натозон,
Дар по намонда дармон, исто, макун малолам.

Пурсӣ агар чӣ кас ман, бар шаҳди ту магас ман,
Дорам ба дил ҳавас ман, «ҳарчанд чун суолам».

Ман пири пухтакорам, як ишва кун, нигорам,
Ояд яке мадорам, бар дасту по маҷолам.

Бо риши сап-сафедам, бо қалби пурумедам,
Шанси дигар диҳедам, «он қадр нест солам».

## «МАСҶИД ҶОИ ХӮРДАН»

*Ҳар субҳгоҳу пешин*
*Бонге занад муаззин,*
*Бо лаҳни созу ширин*
*Хонад яке тарона.*

*Гуфтам, ки Ҳоҷӣ бобо,*
*Камтар бихон дуоро,*
*То нагзарад тановул*
*З-ин оши дона-дона.*

***Сайқал***

Вақти намози пешин
Гӯяд азон муаззин.
Савташ шавад чу резин,
Ишкам занад чағона.

Гӯем: Ҳоҷӣ бобо,
Мо омадем ин ҷо,
Бо иштиҳои карнай
Гӯё ба ошхона.

Кӯтоҳ кун дуоро,
Бишнав каломи моро,
Бардор дар табақҳо
«З-ин оши дона-дона».

«Масҷид ҷои хӯрдан»,
На ҷои саҷда кардан,
Ҷои намозхонӣ
Бошад ба кунҷи хона.

## НАДИДАМ, АФСӮС!

*Андар ин шаҳр яке соқ надидам, афсӯс,*
*Каси хушфеълу хушахлоқ надидам, афсӯс.*
***Нурулло Норзода***

Гуфтаӣ: «як нафари соқ надидам, афсӯс,
Каси хушфеълу хушахлоқ надидам, афсӯс».

Чашм бикшову бубин, шаҳр пур аз некон аст,
Инчунин шаҳр ба офоқ надидам, афсӯс.

Деҳаат рафта, гузар карда зи ҳар кӯчаи он,
Лойу чал дида, раҳи қоқ надидам, афсӯс.

Гову моли ту, ки аз дашт ба оғил баргашт,
Хару буз дидаму тайлоқ надидам, афсӯс.

Ман, ки як ҳафта дар он деҳа шудам меҳмонат,
Дӯғ овардию қаймоқ надидам, афсӯс.

Чанд тан аҳли нишастат, ки ба маҳфил омад,
Луч по дидаму пайпоқ надидам, афсӯс.

Наҳ задӣ шаҳри маро, таънаи худ вопас гир,
Ки дар ин шеър ҷуз иғроқ надидам, афсӯс.

## ШОИРИ БЕБОК

*Шеър дорем, шоири бебок не,*
*Шавқ дорем, шавкати афлок не.*
*Зотием, аммо нишони зот нест,*
*Ҳиссием, аммо яке идрок не.*
***Муҳаммадалии Нуралӣ***

Шоирон бисёр, як бебок не,
Ки нависад шеърҳои хонданӣ.
«Зотием, аммо нишони зот нест»,
Як нафар хушзот байни мо канӣ?

Шоири бебок ку, хушзот кист?
Он адибе, ки чунин шеъре навист!
Аз сари эҳсос фикрашро бигуфт,
Гарчи вай ҳам он қадар хушзот нест.

Шоири хушзот мехоҳад замон,
Калламағзу серҳосил нуктадон.
Ташкилоти шоиронро лозим аст
«Зотпарвар» – фирмаи кори калон.

Шоири хушзот карда тарбият
Мебарорад фирма бе маҳдудият.
Ҷумлагӣ нотарсу бебоку далер,
Фош мегӯянд нуқси ҷамъият.

## БИЁ ЯГОНА! ЯГОНАЁНА!

*Биё ягона! Диловарона!*
*Ҳамешагона, ягонаёна!*
*Канорагирон зи боғи пирон маро*
*гурезон суи ҷавона!*
*Нишонаи роз, ишораи ноз,*
*зи синаи боз алангаи соз,*
*Бизан ба ҷонам, ба ҷонфишонам,*
*ки ҷон кашонам ба ҷовидона!*
***Озарахш***

Яке шабона биё ниҳона, нахон тарона зи
пушти хона!
Ба тарзи пинҳон зи чашми ёрон, шавем
ҳарду суе равона!
Ба бӯсаборон, канорагирон, расида осон
ба ишқу армон,
Ба рақсу бозӣ, ба тоз-тозӣ аз он шаби хуш
шавад нишона.

«Зи синаи боз алангаи соз» алови зӯре
ба ҷонам андоз,
Ба мисли тӯфон, ба мисли вулқон зи
қалби шоир занад забона.

Туӣ ҳабибам, туӣ табибам, туӣ қарибам,
туӣ насибам,
Бизан чунонам, равад равонам,
«ки ҷон кашонам ба ҷовидона!».

## ГИЛА АЗ ХЕШ

*Чун нигаҳ доштӣ лабҳоямро*
*Вақти бӯса ту ба ангуштонат,*
*Кош, имрӯз ҳамерехт ба сар*
*Баҳри таскини дилам муштонат.*
***Сайёди Ғаффор***

Ҳар гаҳе бӯса талабгор шавам,
Ту ба ангушт лабам бурма кунӣ.
Беҳтар он аст, маро шаттазанон
То ба таҳхона барӣ, турма кунӣ.

Гаҳ лабамро ба ду ангушти базеб
Мекунӣ маҳкаму маҳруми сухан,
Баҳри таскини дилам бар сари ман
Беҳтараш ин, ки ду-се мушт бизан.

Ҷои оне, ки раҳи бӯсаи ман
Баста монӣ ту ба ангуштонат,
Бишикан ҷоғи маро бо як зарб,
Мешавам садқа ба он муштонат.

## БАРҶАСТАГӢ

*Аз пайкари хамири испеди ширмолат*
*Барҷаста синаҳоят монанд бар завола.*
***Сафар Айюбзодаи Маҳзун***

Як рӯзи навбаҳорон хӯрдам ду-се пиёла
Аз он майе, ки бошад суп-сурх мисли лола.

Дар даст килку дафтар, рафтам ба кӯи дилбар,
Гуфтам, ки менависам дар васфи ӯ мақола.

Дидам чу ҳусни дилкаш, он пайкари мунаққаш,
Ҳай кардамаш тамошо, бахшидамаш рисола.

Айни хамир кардан расми варо кашидам,
«Барҷаста синаҳояш монанд бар завола».

Ман ёфтам забонаш, ӯ ҳам забони ман ёфт,
То субҳидам ману вай кардем хола-хола.

Бин, ки «ҳақир Маҳзун» ошиқ шудаст акнун,
Шеъри асили худро созад ба ӯ ҳавола.

## ХОБУ БЕДОРӢ

*Туро як лаҳзае бигрифта оғӯш,*
*Зи худ берун шудам, рафтам фалакҳо.*
*Зи бӯю накҳати зулфи сияҳфом*
*Ба афлок масту ҳайронанд малакҳо.*
***Диловари Мирзо***

Раҳо кардам туро як дам зи оғӯш,
Шудам берун зи ҷилдам чун малакҳо.
Ба парвоз омадам дар он шаби тор,
Ба сӯи осмон чун шабпаракҳо.

Хаёлат, ки дар оғӯши ман астӣ,
Вале танҳо будӣ он шаб ба бистар.
Ману парвоз то авҷи сурайё,
Канору бӯсаҳо бо моҳу ахтар.

Маро диданд чун аҳли фалакҳо,
Ҳама гуфтанд: дар ин ҷо чӣ кобӣ?
Бирав бар шаҳракат сӯи баракҳо,
Ки шояд нозанинеро биёбӣ.

Шудам аз ин сухан якбора бедор,
Бидидам, ки ту хобӣ дар бари ман.
Ба оғӯшам чунон сахтат кашидам,
Задӣ аз дард муште бар сари ман.

Зи шаҳди он лабонат нӯш кардам
Ба мисли дӯғи момо аз чалакҳо.
Сипас оҳиста сӯи ту хазидам
Чу ҷайра баҳри савча дар палакҳо.

## ГУРБА САНИТАР ШУДАСТ

*Эй гурба, дорӣ хур-хур,*
*Ҳарду гӯшат доим чур…*
*Фахху фуху фахху фух,*
*Шуд думи як мушак чух.*
***Муродалӣ Собир***

Мияв-мияв, фахху фух,
Ҳодиса медиҳад рух.
Гурба шуда санитар,
Мушак аз ин бехабар.
Давида рӯи палос,
Кардааст онро ифлос.
Аз кори он беадаб
Гурба шуда дар ғазаб,

Гуфто: бирав аз ин ҷо,
Канӣ, гум шав аз ин ҷо!
Мушак ба ҷои посух
Думашро мекунад «чух».
Гурба онро медорад,
Сӯи даҳан меорад.
Фахху фуху, шакко-шак,
Наменамояд мушак.
Гурба, ки шуд санитар,
Аз муш намонад асар.

## САРВАТУ ОДАМГАРӢ

*Сарват одамро барад з-одамгарӣ,*
*Одамӣ гардад мубаддал бар харӣ.*
*Одами бесарвати покиза бош,*
*То ки ҷононро ту аз ҷон парварӣ.*
***Музаффар Суғдзод***

Гап равад аз одаму одамгарӣ,
Аз сари инсоф бояд доварӣ.
Аблаҳеро ҳаст агар боигарӣ,
Дорад аз қашшоқи доно бартарӣ.
Он, ки доро ҳаст, аблаҳ нест ӯ,
Аз касони ақлкӯтаҳ нест ӯ.
Бой будан нест аз фарти харӣ,
Хулласи гап, гӯлу гумраҳ нест ӯ.
То расад бар ҷисму бар ҷонат маош,
Баҳри сарват, баҳри рӯзӣ кун талош,
«Одами бесарвати покиза» не,
Одами босарвати покиза бош!
Камбағал будан набошад ифтихор,
Гум шавад, эй кош, ин ном аз диёр!
Дар қиёси феъли дорову гадо,
Як ба хотир Ҳотами Тайро биёр.

## ҲАМСАР

*Кунун мо соҳиби фарзанд ҳастем,*
*Чӣ бахте! Ман падар ҳастам, ту модар.*
*Зи ҷоми толеъу иқбол мастем,*
*Ки мо акнун ба ҳам ҳастем ҳамсар.*

***Мақсуди Гулчин***

Ману ту карда бо ҳам зиндагонӣ,
Ту зан будию ман бо номи шавҳар.
Вале то тифл бар дунё наомад,
Намегуфтанд моро ҳеҷ ҳамсар.

Худоро шукр, ту кардӣ таваллуд,
Падар гаштам ману гаштӣ ту модар.
Ба ҳар ҷо метавон бо фахр гуфтан:
«Ки мо акнун ба ҳам ҳастем ҳамсар».

## ОШИҚ

*Дил дода, дода, дода,*
*Бар сабзаву гули тар,*
*Дарёфтам, куҷое*
*Дил додаам ба дилбар.*

***Сайидҷамол Зиёӣ***

Бар ҳар чӣ дода ман дил:
Бар буттаву хасу хор,
Бар мошину ароба,
Ҳатто ба светофор.

Сангу кулӯхи кӯча
Ишқи маро физоянд.
Сақичу қанду ҳалво
Қалби маро рабоянд.

Ҳасибу тухму чалпак,
Наску нахӯду арзан,
Гашничу турбу сабзӣ
Дил мебаранд аз ман.

Бар читу сону атлас,
Гӯгирду атру собун,
Бовар кунед, ёрон,
Меҳри ман аст афзун.
«Дил дода, дода, дода»
Бар ин ҳама баробар,
Дар ким-куҷо, надонам,
«Дил додаам ба дилбар».

## ЯК ШАБЕ

*Як шабе ҳарду нишаста,*
*То саҳар афсона гуфтем,*
*Аз ҷавонию дили худ*
*Бехабар, афсона гуфтем…*
***Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ***

Як шабе, ки бо ту будам,
Дил пур аз шӯру шарар буд.
Лек қалби шоирона
Аз дили ман бехабар буд.

Рост мегӯӣ, нахуфтем,
Лек на бӯсу каноре.
Қиссаю афсона хонда,
Н-омадӣ бар як қароре.

«Шаф-шаф»-и бисёр кардем,
Лек «шафтолу» нагуфтем,
Як шаби беҳосиле буд,
То саҳар гарчӣ нахуфтем.

Пеши ту дигар наоям,
Не лаби рӯду на хона,
3-омаданҳоям чӣ ҳосил,
То саҳар гӯӣ фасона?

## УЛФАТӢ

*Занак, умри ману ту бигзарад тез,*
*Палавро каш, ба ҳардумон арақ рез,*
*Шавад то иштиҳомон қозгиртар,*
*Сабил монад, аз ин неъмат напарҳез.*

***Ҷӯрабеки Мӯъмин***

Занакҷонам, канӣ, аз ҷои худ хез,
Газак ору ба ҳардумон арақ рез.

Маро, ки ҳамқадаҳ дигар намонда,
Ба ту рӯ кардаам, аз ман мапарҳез.

Гаҳи мастӣ агар рафтӣ ба кӯча,
Ту худ бар гардани ҳар кас маовез.

Агар дар кӯчаҳо дидӣ милиса,
Бишав пинҳон ва ё бархезу бигрез.

Бихоҳӣ, бигзарад кайфу хуморат,
Ба ҳалқат рез дӯғу чаккаи тез.

Ба ту гуфтам ман аз таҷрибаи худ,
Арақ зан, ки ҷавонӣ бигзарад тез.

## НАШОЯД

*Нашояд одамиро пода гуфтан,*
*Нашояд олимеро сода гуфтан.*
*Умеде бошадат, андар амал кӯш,*
*Ба ғайр аз минбару саҷҷода гуфтан.*

***Ширини Абдулло***

Нашояд ҷинси нарро мода гуфтан,
Нашояд кундаеро хода гуфтан.

Агар дар чойникат чойи талх аст,
Нашояд, ки шаробу бода гуфтан.

Агар шахсе ба пои худ равон аст,
Нашояд оҷизу афтода гуфтан.

Нашояд фозилеро таъна кардан,
Нашояд оқилеро сода гуфтан.

Насиҳат гӯш кун, ҷоно, нашояд
Гурӯҳи одамонро пода гуфтан.

## ШУКРОНА

*Шоми дил равшан накардам ман ба моҳи дигарон,*
*Кардаам равшан ҳамеша бо ҷамоли моҳи хеш.*
*Бар ҳама хайли гадоёни раҳам бинмуда хайр,*
*Эй басо шукронаҳо кардам зи адли шоҳи хеш.*

***Абдусаттори Раҳмон***

Рӯзи якшанбе зи деҳа рафта будам сӯи шаҳр,
Мошини бисёр дидам, гум намудам роҳи хеш.

Ин қадар мошин зиёду ин қадар бозор гарм,
«Эй басо шукронаҳо кардам зи адли шоҳи хеш».

Омадам бар кулбаи бебарқи худ мошинсавор,
Нурборон кардам онро «бо ҷамоли моҳи хеш».

Бар занак гуфтам: агар газ нест, нонатро бипаз
Бо хасу хошоку бо пасмондаҳои коҳи хеш.

Кай кунам парво, агар дар ҷӯи деҳа об нест,
Шукр, оби хурданӣ дорам каме дар чоҳи хеш.

Мақсади аслии худ дар шеър пинҳон доштам,
Шоиронро ҳам накардам заррае огоҳи хеш.

## БОВАР КУНЕД

*То нагардам шоири давру замон,*
*То нагӯям шеъри мақбули занон,*
*То наҷӯям ҳар шаҳиди бенишон,*
*То нагардам фахри ҳар хурду калон,*
*Ман намемирам, ба ин бовар кунед.*

***Раҷаб Сайидӣ***

То нагӯям шеъри зӯри обдор,
То насозам духтаронро беқарор,
То нагардам фахри ин шаҳру диёр,
Ман намирам чун шаҳиди корзор,
Сахтҷонам, бар гапам бовар кунед.

То ки шеърам барқ н-орад сӯи деҳ,
Об н-орад мисраам бар ҷӯи деҳ,
То наояд аз сурудам бӯи деҳ,
То нахонам достон дар тӯи деҳ,
«Ман намемирам, ба ин бовар кунед».

Бас дигар шеъри замони кӯдакӣ,
Менависам шеърҳои мардакӣ,
Фош карда нуқсҳоро шартакӣ,
Мешавам ҷоизадори «Рӯдакӣ»,
Мирзоро бар гапам довар кунед.

# ШОВ-ШОВИ МАРДУМ

## БУЗУРГЕ ҒАЙРИ ХАЛҚИ ХУД НАДОРАМ

Басо шоир дар ин водӣ гузашта,
Яке номӣ, дигар одӣ гузашта.

Вале дар даври ман чун ман набуда,
Ки ҳаҷвам шарти сабқатро рабуда.

Ба тундӣ ҳаҷв кардам сарваронро,
Ҳасуду порахур, бадгавҳаронро.

Бахилу беадабро карда коҳиш,
Накардам ҳеҷ бо ин турфа созиш.

Сухан аз донишу фарҳанг гуфтам,
Зи хайри сулҳу шарри ҷанг гуфтам.

Сухан аз шавкати ваҳдат бигуфтам,
Зи шаъну шӯҳрати миллат бигуфтам.

Сухан аз арзиши олам бигуфтам,
Зи қадру қимати одам бигуфтам.

Ба васфи дилбарони шӯху маҳваш
Сурудам байтҳо зебову дилкаш.

Ватанхоҳӣ ба килки ман асар дошт,
Нисори ҷон намудан дар назар дошт.

Ба ҳар ҳолат шудам ҳамрози халқам,
Зи ҷӯши дил суханпардози халқам.

Нагаштам аз пайи ҷоиза, унвон,
Задам дар боғи назми халқ ҷавлон.

Суханҳоям чу бар қалбаш асар кард,
Маро болонишин, бологузар кард.

Ба шеърам мақсаду армони худ дид,
Зи меҳраш «Шоири маҳбуб» номид.

* * *

Дареғо, бе ҳасудон нест олам,
Дареғо, бе рақибон нест одам.

Ба ҳар ҷо гул бирӯяд, хор ҳам ҳаст,
Куҷо ганҷ аст, он ҷо мор ҳам ҳаст.

Ду-се зоти қаламфарсои ношуд,
Ки не қадри касе донанд, не худ.

Ба баҳри шеър дида равнақи мо,
Шуда дар қасди ғарқи заврақи мо,

Ба пеши сарварон бад менамуданд,
Ба пеши ину он бад менамуданд.

Гаҳе ҳаҷви маро танқид гуфтанд,
Гаҳе эроди бемаврид гуфтанд.

Чунин пайхас намудам кори онҳо,
Марому мақсаду пиндори онҳо:

Агар боло зи худро ганда созанд,
Мақоми хешро поянда созанд.

Басо арзандаҳоро паст гӯянд,
Зи ҳар ҳодиса нафъи хеш ҷӯянд.

Валекин ҷаҳди онҳо беасар буд,
Кулӯхи хушк дар девору дар буд.

Маро исбот буд аз килкам эҷод,
Чӣ битвон кард бо табъи худодод!

* * *

Ҳасудон шумрӯянду ҳақиранд,
Ба қалби халқ ҳаргиз ҷо нагиранд.

Хушомадгӯю маддоҳи замонанд,
Фақат таърифи садри хеш донанд.

Ба пастиҳо чунон бадкеш ҳастанд,
Патак дар кафши садри хеш ҳастанд.

Ҷаҳолатпешаро фозил бигӯянд.
Ҷиноятпешаро одил бигӯянд.

Тамаъҷӯён суханро хор созанд,
Маҳи беайб аз маккор созанд.

Зи садри порахору дузду ғофил
Тарошанд одами бофаҳму оқил.

Навишта мадҳи ифлоси пур аз чирк,
Ниҳода номи он мағзоба «Очерк»,

Сипас бо сад тамаллуқ пеши сардор
Сипоси хешро созанд изҳор.

Шавад таъмин ба мадҳу чоплусӣ
«Бузургӣ»-и адибони хусусӣ.

Агар он садр дар маҳбас шинонанд,
Ҳамон «Очерк»-ро судӣ кунонанд.

Вафою сидқи зоти дун ҳамин аст,
Забон дар мадҳ, андар сина кин аст.

Чунин ашхосро шаъну шараф нест,
Ба ғайр аз суди худ дигар ҳадаф нест.

* * *

Адибон ҷавҳари виҷдони халқанд,
Ба ҳукми Ҳақ сухангӯёни халқанд.

Сухан ҷон аст, ҷон накди илоҳист,
Сухан гар хор шуд, рамзи табоҳист.

Сухан ҷавшан, сухан шамшеру тир аст,
Сухан сармояи шахси кабир аст.

Сухан на васфи ҳар фарди ҳақир аст,
Ба он арзанда ашхоси далер аст.

Намебояд суханро хор кардан,
Нисори як-ду-се пулдор кардан.

Манам аз шоирони байни мардум,
Худаш донад қиёси ҷав зи гандум.

Хати эҷоди ман гуфтори халқ аст,
Баёни лутфи шаккарбори халқ аст.

Ба ҳаҷвам нафъ бар халқам расонам,
На маддоҳи ду-се тан нокасонам.

Бузурге ғайри халқи худ надорам,
«Манам аз халқ, халқ аз ман!» шиорам.

Ба роҳи хизмати халқам диҳам ҷон,
Ба пеши пои ӯ сидқан ниҳам ҷон.

## СУХАНИ ДАРДОЛУД

Мо, ки аҳли дарду дардолудаем,
Аз замона як даме н-осудаем,
Фарқ чӣ, ки буда ё нобудаем,
Дурри маънӣ суда ё носудаем,
Фозилони давру даврон будаем.

Фозилони давр чун хору хасанд,
Пеши аҳли ҷоҳу мансаб нописанд,
Пушти даст аз ноилоҷӣ мегазанд,
Гарчи ҳар як бар ҳазоре месазанд,
Аблаҳон дар пешу онҳо дар пасанд.

Фозилон, ки бо қалам нон мехӯранд,
Бо ғаму дарду алам нон мехӯранд,
Аз замона бо ситам нон мехӯранд,
Ғуссаро бисёр, кам нон мехӯранд,
Бо сари хам, чашми нам нон мехӯранд.

Ҳам китобу ҳам суханро қадр нест,
Кордон «ин ҷо бизан»-ро қадр нест,
Қаҳрамони сафшиканро қадр нест,
Ҷоннисорони Ватанро қадр нест,
Балки аҳли илму фанро қадр нест.

Шуд гиромӣ порадеҳу порагир,
Ё касе дорад камону теғу тир,
Гашта васвосӣ чи барнову чи пир,
Одаму одамгариҳо шуд ҳазир,
Оқилон бар нохалафҳоянд асир.

Бар сипоҳӣ ришвагирӣ шуд мубоҳ,
Дузду раҳзанро шуда пушту паноҳ,
Гар бигӯӣ: «Ҳаст корат иштибоҳ»,
Мекунад бар рӯи ту тарзе нигоҳ,
Карда бошӣ пеши ӯ гӯё гуноҳ.

Мекунад савдо яке бе ҳеҷ чиз,
Ҳаст дар бозор ӯро чанд миз,
Суд хӯрдан касб бар ин бетамиз,
То баногӯшаш даҳонаш карда гиз,
Пул, ки дорад, ҳаст дар ҳар ҷо азиз.

Фосиқон бо пора мансаб мехаранд,
Карда пулро зина, боло мепаранд,
Чун харон андар гулистон мечаранд,
Пардаи сад ғунчагулро медаранд,
Файзи хони мардумонро мебаранд.

То замонро майл бар фарҳанг нест,
Қалбҳоро тозагӣ аз занг нест,
Бар ҷавонон кайф ҷуз аз банг нест,
Ҳеҷ парвое ба ному нанг нест,
Зиндагониро дигар оҳанг нест.

Бояд акнун диди худ дигар кунем,
Хешро бар фозилон чокар кунем,
Қадрашон донему тоҷи сар кунем,
Қалбҳо аз илму фан анвар кунем,
Корҳои нек дар кишвар кунем.

Ин Ватан он гаҳ баҳорон мешавад,
Ошёни бахтёрон мешавад,
Каъбаи уммедворон мешавад,
Ифтихори ҷоннисорон мешавад,
Тахту бахти тоҷдорон мешавад.

## ШОВ-ШОВИ МАРДУМ – 1

Ба рушди иқтисодӣ
Мо ҳам муваффақ гаштем,
Дар боло бурдани нарх
Аз Амрико гузаштем.

Калла холӣ бошад ҳам,
Киса набошад холӣ,
Бигзарӣ аз имтиҳон
Дар мактабҳои олӣ.

Консерваторияро
Хонда апаам Зиннат,
Ҳунарнамоӣ дорад
Дар консервакомбинат.

Аз тартиботи колхоз
Шуда раисҳо халос,
Ҳамаро аз худ карданд,
Монанди падармерос.

Накарда рӯзу шаб хоб,
Адиб нависад китоб,
Барои интишораш
Намеёбад сарҳисоб.

Не оҳангаш дилнишин,
Не матни шеъраш ҳалол,
Лекин сарояндаро
Унвон – «Ситораи сол».

«Ҷип»-и садри милиса,
Бо «Нива»-и прокурор,
Ҳарду бизад сар ба сар,
…Светофор гунаҳгор.

Дар ҳама ҷо огоҳӣ,
Дар ҳама ҷо овоза:
«Нанӯшед аз оби ҷӯй
Дар соли оби тоза».

Санҷида набзам духтур,
Гуфто: медонӣ, додар,
Дардат ниҳоят вазнин,
Баробари сад долар.

Дар танзими оила
Кӯшиш аз падар бишуд,
Оқибат очаҷонам
Қаҳрамонмодар бишуд.

Санҷишгарон кор карданд,
Тафтиши бисёр карданд,
Ҳар як чизро санҷида,
Пас ба мошин бор карданд.

Бечораи камбағал
Дар бизнеси мӯҳра сӯхт,
Барои кандани қарз
Хонаю дарро фурӯхт.

Як расму оини нав
Афзуд дар Тоҷикистон,
Қатори арӯсталбон
Ҷорӣ шуд раисталбон.

Сиёсатбози собиқ
Акнун навишта асар,
Гуноҳи худ кунад бор
Ба рафиқони дигар.

Зидди камбизоатӣ
Вакилон карда талош,
Барои худ афзуданд
Сад ҳадди ақал маош.

Гуфто писар ба духтар:
– Бароят медиҳам ҷон.
Ҳоло наздат меравам,
Кучукатро баста мон.

Ошиқ гуфто ба маъшуқ:
– Баҳрат ситора орам?
Маъшуқа гуфто бо ноз:
– Дар по калуш надорам.

Аҳли ҷаҳон медонад,
Мо халқи пахтакорем.
Мурданамон душвор аст,
Кафанворӣ надорем.

Ду дасти як ҷавонро
Милиса бо ишкел баст.
Гуфто: зада бо сараш,
Калтаки манро шикаст.

Кушода дасти дуо,
Ҷӯгӣ металбад аз мо.
Шуда аҷаб замоне,
Гадо талбад аз гадо.

Мулло қироат мекард.
Айни «Раб-ул-оламин»,
Дастам бурдам ба киса,
Гуфто: «Рубл оламин».

Равӣ ба ҳар идора,
Талаб мекунад пора.
Аз дасти порахурҳо
Халқи кишвар овора.

## ШОВ-ШОВИ МАРДУМ – 2

Дар замона кист бисёр?
– Ришвахору дузду маккор!
Кист бо ин турфа ҳамкор?
– Шахси мансабдори беор!

Ҳар кучо гар каш-каше ҳаст,
Ҳодисоти нохуше ҳаст,
Даст дорад кӣ ба ин кор?
– Шахси мансабдори беор!

Гар равӣ бар ҳар идора,
Чун гадо пурсанд пора,
Гӯй, бар ин кӣ сабабгор?
– Шахси мансабдори беор!

Навбаромадҳои пулдор
Қодиранд акнун ба ҳар кор,
Кист онҳоро мададгор?
– Шахси мансабдори беор!

Нарх боло меравад зуд,
Каппаи мардум кунад дуд,
Кӣ надонад нархи бозор?
– Шахси мансабдори беор!

Гераро дар батн ночор
Мебарад зан бар харидор,
Карда ӯро кӣ гирифтор?
– Шахси мансабдори беор!

Герабар афтад ба зиндон,
Аҳли байташ бесаробон,
Кист, аслан, соҳиби бор?
– Шахси мансабдори беор!

Гашта қонун хору помол,
Ҳамчуноне тӯби футбол,
Кист бар ин манфиатдор?
– Шахси мансабдори беор!

Кори деҳқон шуд кироя,
Музд танҳо ғӯзапоя,
Карда ӯро кӣ чунин хор?
– Шахси мансабдори беор!

Барқ ояд кам зи меъёр,
Мешавад хомӯш сад бор,
Кӣ назоратчӣ ба ин кор?
– Шахси мансабдори беор!

Музди ӯ ҳамсанги коҳе,
Зиндагияш ҳамчу шоҳе,
Кист ин пулёби маккор?
– Шахси мансабдори беор!

Мезанад хез аз саисӣ,
Рӯи курсии раисӣ,
Нафъ ёбад кӣ аз ин кор?
– Шахси мансабдори беор!

Аз ҷиноят чашм пӯшад,
«Гӯр сӯзад, дег ҷӯшад».
Кист, ки нафсаш бувад ғор?
– Шахси мансабдори беор!

Мекунад ҷурми зиёде,
Аз залилӣ, камсаводӣ,
Боз бошад кӣ сари кор?
– Шахси мансабдори беор!

Карда сад дуздиву ғорат,
Соф шуд бо як ишорат,
Раҳнамояш кист ҳар бор?
– Шахси мансабдори беор!

Гарчи бадаъмолу гоҷ аст,
Корҳояш дар ривоҷ аст,
Гӯямат номаш ба зинҳор?
– Шахси мансабдори беор!

«Мезанад аз пеш шона,
Мезанад аз пушт фона»,
Кист охир инчунин ёр?
– Шахси мансабдори беор!

Фозилу оқил парешон,
Нест қадри кори эшон,
Кист зидди аҳли афкор?
– Шахси мансабдори беор!

Ин ҳама овоза гар нест,
Шаҳр бе дарвоза гар нест,
Вақт рӯбад аз сари кор
Ин касофатро ба як бор!

## СУРУДИ КӮЧАРӮБОН

Дастаи ҷорӯби мо аз хода аст,
Шаҳр аз мо тозаву озода аст.

Бар алайҳи лашкари хошоку хас
Ин силоҳи мо мудом омода аст.

Кӯчарӯбӣ ифтихори мо бувад,
Очамон дар кӯча моро зодааст.

Мекунем аз чор сӯ сӯяш ҳуҷум,
Гар хасе дар баёни раҳ афтода аст.

Рафту мо як рӯз бекорӣ кунем,
Кӯчаҳо ҳамранги ҷои пода аст.

Бахти мо бинед, ки дар ҳар тараф
Пур зи ғаждӣ қуттии бикшода аст.

Шаҳрдорӣ тӯҳфаи солинавӣ,
Латтаю ҷорӯби нав медодааст.

Дастаи ҷорӯби мо аз хода аст,
Шаҳр аз мо тозаву озода аст.

## ПОРАГИРОН ПОРАДЕҲАНД

Пешрав гардӣ ба даври мо, туро пас мекашанд,
Рӯи мавҷи обрӯят аз ҳасад хас мекашанд.

Бевае, бечорае ҷурме кунад аз содагӣ,
Лошахорон сӯи зиндонаш чу каргас мекашанд.

Гера андозанд дар ҷайби касон аз нокасӣ,
Покбозон ҷабрҳо аз ғадри нокас мекашанд.

Ин аҷобат, ин ҳамоқат, ин разолат бингаред:
Порагирон порагиронро ба маҳбас мекашанд.

Пора дода, дуздҳо ҳомии қонун мешаванд,
Нақшаҳои порагириро мушаххас мекашанд.

Аҳли ғаддоранд, дар ғоратгарӣ ботаҷриба.
Ҳамчу сайёдон камони худ нишонрас мекашанд.

## БОЛОГУЗАРИ ДӮЗАХ

Ҳазорон кас ба рӯзе бигзарад аз дори ин дунё,
Вале дар ин сафар ҳар кас равад бо роҳи худ танҳо.

Насозад ҳар кӣ хайру сидқу имон тӯшаи роҳаш,
Ба рӯзи ҳашр дармонад чу хар дар лой побарҷо.

Навозиш гар накардӣ аз сари шафқат ятимеро,
Наёбӣ соябони сар дар он гармои оташзо.

Ту соҳибмансабию бо касифӣ давр меронӣ,
Ҳамин дурӯза давронро зи уқбо бишмарӣ авло.

Дар ин дунё ба «ҶИП»-у «Мерседес»-ат фахрҳо дорӣ,
Дар он раҳ як хари лоғар бароят кай шавад пайдо.

Зи сарварҳои дузду порахӯр ному нишоне нест,
Туро то бигзаронанд аз «Сирот-ул-мустақим» фардо.

Муқаррар гашта ин, ки меравӣ рӯзе аз ин олам,
Чаро то мурданат дорӣ барои симу зар ғавғо?

Ба нафъи хеш дар ҳар кор гӯӣ сад дурӯғи маҳз,
Натарсида қасам ҳам мехӯрӣ бо номи Он якто.

Агар шайтон наӣ, ҳаққо, ки ту шогирди шайтонӣ,
Ба ҳар ҷое қадам монӣ, низое мешавад барпо.

Ба макру фанд ғорат мекунӣ амволи мардумро,
Аз ин дорӣ ғурури нозарур, эй аблаҳи расво.

Ҳама ин давлату савлат дигар бар ту чӣ кор ояд,
Набошад ҷуз кафан бар тан туро аз ҷумлаи коло.

Ту бо як имтиёзат метавонӣ фахр бинмоӣ,
Ки байни дӯзахиён мешавӣ бологузар он ҷо.

## ТОЗАТАРИН ДАР ҶАҲОН

Дашту даман муаттар,
Боғу чаман муаттар.
Деҳоту шаҳр тоза,
Ҷӯбору наҳр тоза.
Акнун вазон зи ҳар сӯ
Ҳур-ҳур насими дилҷӯ.
На дуд аз завод аст,
На бӯи бад зи бод аст.
Н-ояд зи дуру наздик
Чангу ғубори фабрик.
На гарди кӯраи хишт,
На заҳри сӯзи ангишт.
На коркарди нафт аст,
На чангу бӯғу тафт аст.
На заҳри газ барояд,
На сӯи хона ояд.
Ин ҳама монда аз кор,
Вайронаву валангор.
Аммо зи сӯи дигар
Гаштем мо музаффар.
Яъне, ки кард эълон
Аз минбари худ ООН:
«Тозатарин дар ҷаҳон
Ҳавои Тоҷикистон!».

## БИЁ, БОНАНГ ТОҶИК ШАВ!

*Зи рӯи саҳна акнун рав,*
*Биё, бас кун, ба Роғун рав.*
***Гурез Сафар***

Туро на шеъру оҳанг аст,
На осоре зи фарҳанг аст,
Сурудан сар кунӣ ҳар гоҳ,
Садоят бадтар аз ҳанг аст.
Биё, бонанг тоҷик шав,
Ту ҳофиз не, рабочик шав!

Нафаҳмад кас, чӣ мехонӣ,
Чӣ мехонӣ, намедонӣ,
Ба рӯи саҳна нозебӣ,
Чу зоғе дар гулистонӣ,
Бихар «Тангем»-у шофир шав,
Ва ё дар роҳ нозир шав!

Гаҳе бо ишва менозӣ,
Гаҳе дар саҳна метозӣ,
Алосак мезанӣ гоҳе,
Чу маймун мекунӣ бозӣ.
Бирав бозору тоҷир шав,
Ва ё дар сирк соҳир шав!

Ба он бозу, ки дорӣ ту,
Ба чандин зӯр борӣ ту,
Ба ин тарзи сурудаҳо
Ягон нафъе наорӣ ту,
Бирав, устоди варзиш шав,
Милиса ё муфаттиш шав!

Зи ту на ном мемонад,
На савти том мемонад,

На нақшею на осоре
Дар ин айём мемонад,
Каланде гиру деҳқон шав,
Ва ё дар рама чӯпон шав!

Хаёлат, ки ҳунармандӣ,
Ба ин андеша побандӣ,
Нахоҳӣ, ки хурӣ фанде,
Шунав аз мо чунин панде:
Биё, бонанг тоҷик шав,
Бирав Роғун, рабочик шав!

## БА ДӮСТИ МАНСАБГИРИФТА

Мансаб гирифта,
Ҳай камнамоед.
Бар сайри кӯча
Намебароед.
Бар сӯҳбати мо
Намебиёед.
Бар кӯлбаи мо
Намедароед.

Аз аспи мансаб
Як дам фароед.
Чашмони худро
Калон кушоед.
Бар чеҳраи мо
Назар намоед.
Мо чун шумоем,
Шумо чу моед.

Дар аспи мансаб
Вақте напоед.

Пурсед моро:
Ёрон, куҷоед?
Гӯем он гоҳ:
Эй, ин шумоед?
Мансабпарастед,
Аз мо ҷудоед.
Ҳам монда аз мо,
Ҳам аз Худоед.

## САНО БА МАЙЗАДАГОН

Гар зи нӯшидани май майзадаҳо хаста шаванд,
Аз касодӣ ҳамаи майкадаҳо баста шаванд.

Кӯзаву шишаю ҷоме, ки будӣ зарфи шароб,
Чун зарурат набувад, яксара бишкаста шаванд.

Ҳар куҷо ҳаст кулоле, шуда бе касби маош,
Аҳли байташ ба гадоён ҳама пайваста шаванд.

Боғбонон ба алам ток бибурранд зи бун,
Сӯи ҳезумшиканон рафтаву ҳамдаста шаванд.

Майкашон паҳну парешон, ки дигар майзада нест,
Ризқпоянда шабон дар сари ҳар раста шаванд.

Ку дигар манбаи андозу маоши ҳамагон,
То ба он соҳа ҳама қоиму вобаста шаванд?

Пас, сано бод ба унвони ҳама майзадагон,
Месазад, лоиқи арҷу гулу гулдаста шаванд.

Ҷурми онҳо чу савоб аст, Худоё, накунӣ,
Ки аз ин дард шифо ёфта, вораста шаванд.

## ДИЛ РАБУДАН ЗИНДА БОД

Дил супурдан не, дил аз ҷонона бурдан зинда бод!
Охири умр он ҳама як-як шумурдан зинда бод!

Ғам набояд хӯрд, агар маъшуқа беаҳдӣ кунад,
Беибо номаш зи лавҳи дил сутурдан зинда бод!

Тоза-тоза шаҳд аз гулбарги лаб бояд чашид,
Гар шавад имкон, зи боғаш мева хӯрдан зинда бод!

Аз чӣ сад раҳ дар раҳи ишқи яке ҷон медиҳем,
Сад карат ошиқ шудан, як дафъа мурдан зинда бод!

Вақти пирӣ он ҳама маъшуқаҳои хешро
Бо рақибон дида, аз ҳасрат намурдан зинда бод!

Дар ҷавонӣ карда будам дил супурданро шиор,
Бо алам акнун бигӯям: «Дил рабудан зинда бод!».

## ТАЗОДИ ЗИНДАГӢ

Шахси нодор назар ҷониби доро дорад,
Ноилоҷ аст, ба ин фарқ мадоро дорад.

Зоҳиран гарчи мулоимгапу беозор аст,
Ботинан хоҳиши Шӯриши Бухоро дорад.

Шӯр дар синаву сархам гузарад аз ҷода,
Ояд аз дасташ агар, оҳ чӣ коро дорад!

Ҳазар аз оҳи дили зор бикун, эй доро,
Бод ҳам рахна гаҳе синаи хоро дорад.

Мӯр бо он ҳама хурдӣ бихӯрад баччаи шер,
Муш аз майнаи фил оши гуворо дорад.

Дар масал теша машав, арра шуданро омӯз,
То зи ту хайру сахо дур балоро дорад.

Ту хаёлан ба назар рӯзи қиёмат овар,
Бин, ки беш аз кафане Хусраву Доро дорад?!

Ҳар кӣ аз гуфтаи мо суд агар бардорад,
Шод бодо, ки ба дил ёди Худоро дорад.

## АРЗИ АҲЛИ НАФАҚА

Дар шоми ҳаёт бахри аҳли нафақа
Афзуд ҳукумати замона садақа.

Афсӯс, ки дар вазорати меҳнату шуғл
Эҷод бигашт шарҳи он садварақа.

Шарҳе – зи даҳан рабудани нони гадо,
Бекорд бикушт аҳли хору пачақа.

Пирон ҳама доранд ба рӯзе сад бор
Дашному дуои ҷонашон даҳтабақа.

З-ин пас сухане зи некҳолӣ гӯянд,
Дозед ба равзаи даҳаншон ғалақа.

Рӯзе, ки шаванд пиру бе мансабу ҷоҳ,
Бояд, ки кашидашон ба чӯби фалақа.

Ҳар гоҳ зи сидқ рӯ ба пирон оранд,
Ин шеър шавад ба номи онҳо садақа.

## ҒУЛОМХОҶАҲО

Дар сари дасти ҳукумат депутатҳо зочаанд,
Ин ҳама тифлони пайгиранду онҳо очаанд.

Ҳаммарому ҳамдилу ҳамдасту ҳамкори қарин,
Дар даруни деги давлат каллаанду почаанд.

Гов агар кунҷора кобад, боҷа кобад боҷаро,
Парлумону ҳокимият ҳарду бо ҳам боҷаанд.

Пештар аз интихобот ончунон ғамхори халқ,
Бингарӣ, чун аҳли фазлу оқилу доночаанд.

Маркаби эшон чу аз лойи сиёсӣ бигзарад,
Пешашон арзе барӣ, гунгу кару коночаанд.

Шоире дар васфи ин тоифа барҳақ гуфтааст:
«Корашон афтад, ғулому корат афтад, хоҷаанд».

## «КОРИ ҲАР БУЗ НЕСТ ХИРМАН КӮФТАН»

Тоҷикон доранд табъи шоирӣ,
На ба маънии саросар шоиранд.
Лек каҷфаҳмони кам-кам босавод,
Шеъраке бинвишта, дар ИН* ҳозиранд.

Дастҳо дар пеши бар, бо нӯги по,
Қад чу долеву саропо эҳтиром.
«Устодо, бандаро ёрӣ диҳед»,
Гуфта, пеш оранд як-ду шеъри хом.

Устод аз одаму одамгарӣ
Не нагӯяд, шарми мӯъмин хуб нест.
Он қадар тағйиру таҳрираш кунад,
Худ надонад, шеъракаш эҷоди кист.

Боз бо сад илтимосу илтиҷо
Меравад бар пеши устоди дигар.
Бо ҳамин минвол як маҷмӯаро
Мекунад тайёр ин «фарди ҳунар».

Баъди чопи ин китоби аввалин
Узви ИН[1]-у соҳиби девон шавад.

[1] ИН – Иттифоқи нависандагон.

Ҷой гирад дар радифи шоирон,
Нашри ашъори фачаш осон шавад.

Гарчи медонад, намедонад Арӯз,
Мекунад савлат, ки вай шоир шудаст.
Рафта-рафта он ҳама устодҳо
Бишмарад дар шоирӣ аз хеш паст.

Ҷӯраҳо, ҳамшаҳрҳо, хешу табор
Бо ҳаёҳу, доду войи зӯракӣ,
Гашта дар ИН-у Кумита[1] пофишор,
То шавад ҷоизадори «Рӯдакӣ».

Не нагӯ, эй мухлиси ашъори нав,
Бар ҳама кор аҳли беру қодиранд.
«Рӯдакӣ» шуд, Шоири халқӣ шаванд,
Сустакон дар шӯҳраёбӣ моҳиранд.

Сӯи гӯристони шеъри даври мо
Гар Арӯзӣ[2] холисона бингарад,
Шеърҳои мурдазоёнидаро
Сенздаҳ раҳ садҳазорӣ бишмарад.

…Тоҷикон доранд табъи шоирӣ,
Боз бояд, ки Арӯз андӯхтан.
Бесабаб набвад, ки шоир гуфтааст:
«Кори ҳар буз нест хирман кӯфтан».

## МАН БА ЧАШМИ ХЕШ ДИДАМ

Буд олим, лек ҳоло чун гадост,
Ӯ зи беқадрӣ шуда афсурдаҳол.
Гарданаш каҷ, дар нигоҳаш илтиҷост,
Қомати ҳамчун «хитоб»-аш шуд «савол».

---

[1] Кумита – Кумитаи Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ.
[2] Арӯзии Самарқандӣ.

Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Рафт, гуфтам, аз хирад ҷоҳу ҷалол.

Ӯ зиёӣ буд, ҳоло мардикор,
Бо сари хам рӯи раҳ истодае.
Бар ҳама кори ҷаҳон беэътибор,
Бетараф, бечора, рӯҳафтодае.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Аз зиёӣ монда фарди содае.

Номи ӯ буд «Устоди беҳтарин»,
Хӯрд нони хеш бо кори ҳалол.
Ин замон ҳоли муаллимро бубин,
Сархаму бечора асту тафкашол.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Гардиши даврон забонаш карда лол.

Марди деҳқон баҳри рӯзӣ дар талош,
Мезанад аз субҳ дар саҳро каланд.
Мерасад ҳангоми тақсими маош,
Музди кораш – ғӯзапоя чанд банд.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Зишттар дигар надидам ҳеҷ фанд.

Буд як ронандаи дасташ ба кор,
Солҳо «ЗИЛ»-у «КамАЗ» меронд ӯ.
Рафта аз ӯ обрӯю эътибор,
Бо ароба бор дорад ҷустуҷӯ.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Гарчи буд ронанда, дар раҳ монд ӯ.

Як замон кампири «Модарқаҳрамон»
Фахрҳо мекард байни хосу ом.
Бингаред имрӯз ҳоли Қаҳрамон,
Худ гадову бачаҳояш чун ғулом.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Дидаму аз ғусса гаштам талхком.

Шахси беаслу насаб, виҷдонфурӯш,
Дар миёни халқ бадному палид.
Чанд вақте гашт ҳероинфурӯш,
Пора дода, мансаби воло харид.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Лолу ҳайронам, чаро довар надид.

Навҷавонон – ин Ватанро иқтидор,
Дар талоши луқмаи ноне ғариб.
Рафта бар мулки дигар, кобанд кор,
Пеши ҳар як корфармо музтариб.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Аз алам, аз ор мемурдам қариб.

Камбағал будан агарчи айб нест,
Дар вуҷуди кас ғуломӣ парварад.
Миллате, ки бо чунин аҳвол зист,
Хешро бар сӯи пастӣ мебарад.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Гар кунӣ андеша, ҳушат мепарад.

Шоире умри дароз эҷод кард,
Ҳаст дар ашъори ӯ назми асил.
Ин замон гӯяд ба садҳо доғу дард:
Шоириям аз сарам монад сабил.
Ман ба чашми хеш дидам ин ҳама,
Дидаҳоямро ҳамин шеърам кафил.

## ТАВОНУ ДАР НАМОН

Ин замон бо зар ба ҳар мансаб расидан метавон.
Эътибору минбару маснад харидан метавон.

Ақлу дониш не, фақат зар зинароҳат мешавад,
Пора дода, бе пару боле паридан метавон.

Шуд шиори зумраи ғосиб «Тавону дар намон»,
Ҳокимонро бо чунин кирдор дидан метавон.

Дузди ҳар як соҳа дорад пуштибони соҳавӣ,
Мулкро ғорат кунад ҳам, кай қапидан метавон.

Морҳо ҳар сол боре пӯст дигар мекунанд,
Кай ниқоб аз рӯи аждарҳо кашидан метавон.

Пастфитратҳо кунун носеҳ ба мардум гаштаанд,
Лақ-лақи беҳуда рӯзу шаб шунидан метавон.

Сӯҳбати эшон зи коҳу бедаю ҷав меравад,
Хартабиат бош, к-инҳоро чаридан метавон.

Дар сари тасвири рамзи кордеҳу коргар
Сабзазору подаи говон кашидан метавон.

Гар қафо рафтан шавад, бар Одаму Ҳавво расем,
«Сӯи пеш!»-и мо ба маймунӣ хамидан метавон.

Дар низоми мулк саҳми фозилон кам гаштааст,
Варна, аз ин ҳолати мӯҳлик раҳидан метавон.

## ПЕШНИҲОД

Вақти он омад, аё мардум, ки савдогар шавед.
Рафта дар бозор биншинеду пайдогар шавед.

Гар нашуд пайдо зи савдо ризқу рӯзии фарох,
Пулиси андозро афсар ва ё аскар шавед.

Нозири андоз будан беҳ зи пулис будан аст,
Даст то ёбед, пеши хӯҷаин чокар шавед.

Кафшатонро гар дар ин даргоҳ пеши по ниҳанд,
Чекчин он рӯз дар бозори гову хар шавед.

Кор дар соҳоти барқу обу газ нақдина аст,
Акт мемонем, гӯён, аз бало бадтар шавед.

Хонаю дарро гарав монеду пул аз бар кунед,
То ба боло бурда, дар як гӯшае раҳбар шавед.

Гар зи санъат бехабар бошеду аз фарҳанг дур,
Бо садои дилхарошу шеъри фач «ахтар» шавед.

Ҳар сиёсатбози лаққӣ ин замон ёбад мақом,
Ҳизбаке созеду бо сад ваъда дар минбар шавед.

Лоақал даҳ сол дар маҳбас нишаста, баъд аз он
Байни соҳибкору рекетирҳо довар шавед.

Коргар бо барзгар ёбад лаби нонаш ба зӯр,
Ё ки ҷӯгӣ, ё гадои хираи ҳар дар шавед.

Чун рибохорони беинсофу беимони давр,
Уммати асъори ғарбу бандаи долар шавед.

Дар қатори шоиру шоирчаҳо худро занед,
Мадҳ гӯеду қабули хотири сарвар шавед.

Ҷумлаи ин касбҳо н-ояд агар аз дастатон,
Мисли мо дар зиндагӣ қонеъ ба хушку тар шавед.

Он чи Мирзо гуфт ин ҷо, ҳаҷв буду ҳазл буд,
Ҳар чи коре мекунед, арзандаи кишвар шавед.

## ХУДХОҲ

Хизмати бисёр кардӣ баҳри худ,
Ҷӯйҳо кандӣ ба сӯи наҳри худ.

Рӯи мансаб омадӣ бо ҳилаҳо,
Мисли аждар даркашидӣ шаҳри худ.

Нафси бад дорию чашми пуртамаъ,
Чун наҳанге дар канори баҳри худ.

Ҷоҳилу бадкешу гоҷию дағал,
Мекафӣ ту оқибат аз заҳри худ.

Лутфу эҳсону мадоро аз ту дур,
Нешзан чун каждумӣ аз қаҳри худ.

Дар вуҷудат буғзу кин боло гирифт,
Кай дигар пайдо кунӣ позаҳри худ.

Он қадар гаштӣ ба мардум дилбазан,
Лоҷарам бояд равӣ аз шаҳри худ.

## ҲУШДОР

Эй раис, ҳамсӯҳбату ҳамкори нокасҳо мабош,
Хешро гул бишмарӣ, дар дастаи хасҳо мабош,
Арзи мардумро шунав, аз дастнорасҳо мабош,
Як даме ғофил зи қасди чуғзу каргасҳо мабош.

Лошахорон хешро гӯянд бар ту ақрабо,
Мисли оҳанрезаҳо часпанд бар оҳанрабо,
Мешиносонанд худро гоҳ амак, гоҳе тағо,
То раис гардиданат буданд онҳо дар куҷо?

Камсаводу бехирадҳо чоплусӣ мекунанд,
Аз сипоҳӣ бо тамаллуқ пойбӯсӣ мекунанд,
Аз шараф дуранд, пешат косалесӣ мекунанд,
Баҳри мансаб завҷаи худро арӯсӣ мекунанд.

Дар ҳисоби саршумор инҳо агарчанде каманд,
Дар талоши ҷоҳу мансаб иттиҳоду тавъаманд,
Дар назар хомӯшу беозору аҳлу сархаманд,
Пайташ ояд, мисли шири хом ногаҳ медаманд.

Обрӯи садри пешинро ҳаминҳо рехтанд,
Чида гап аз ҳар куҷо, бо ину он ангехтанд,
Рӯзи навмедӣ ба як дам аз бараш бигрехтанд,
«Э, гапуш қоқай» бигуфта, хоки ӯро бехтанд.

Дар либоси дӯст пинҳонӣ зи пуштат кофта,
Доми тазвир анкабутосо ба даврат бофта,
Торҳояш бо дурӯғу рост маҳкам тофта,
Ҷор андозанд, гӯё, ки гуноҳат ёфта.

Косаи давр аст мансаб, меравад дастобадаст,
Пок медораш, агар имрӯз дар дасти ту ҳаст,
Эй раис, то ки бимонад корҳоят бешикаст,
Аз бари худ дур кун, баҳри Худо, афроди паст.

## МАНСАБЭҲТИРОМ

Мо туро не, мансабатро сахт ҳурмат мекунем,
Гоҷ бошӣ ҳам, ба ҳар гуфтат итоат мекунем.

Нағз медонем, мансабро шудӣ соҳиб ба пул,
Пора мегирӣ ба ҳар як кор, тоқат мекунем.

Як-ду-се «Тузик»-у «Барбос»-е, ки дар гирди туанд,
Хотири соҳиб, сагонатро шафоат мекунем.

Ҳар қадар ояд зи дастат, давр рону кайф кун,
Мо ба чойу нони хушки худ қаноат мекунем.

Ҳақталошу ҳақталабҳоро ба як тин ҳам нагир,
Ҳар кӣ норозӣ зи ту гардад, маломат мекунем.

Ту чиӣ, мо аз ту сад раҳ бадтарашро дидаем,
Ҷаҳламон ояд, ҳамонҳоро ҳақорат мекунем.

Аз кафандузди гузашта шиква беҳад доштем,
Дида рафтори ту, бар ӯ ҳукми раҳмат мекунем.

Сарвари шаҳрак шудию монд он аз равнақаш,
Гар кунӣ вайронааш, аз нав иморат мекунем.

То замоне зиндаӣ, парвои мурданро макун,
Рӯзи маргат ояти зӯре қироат мекунем.

## ДИЛИ ПУРҒАШ ДОРӢ

Ту дусад гаправу ҷосусу хабаркаш дорӣ.
Аз ҳамин рӯст, ки доим дили пурғаш дорӣ.

Ҳар яке пеши ту сад гуна хабар меорад,
Аз сари кӯчаву бозору гузар меорад.

Хабар орад, ки туро гуфт фалон лаънати беш,
Ё ки хонданд туро гову хару таккаву меш.

Чоплусони ту як гап, ки дусад гап бикунанд,
Бо ҳама аҳли баду нек туро чап бикунанд.

Ҳамаро душмани мансабталабат бишморӣ,
Кина гирию ба дил тухми адоват корӣ.

Ту, ки аслан зи мадорову муросо дурӣ,
Ошкорову ниҳон пеш бигирӣ зӯрӣ.

Дар пайи қасд басо майнаи худ об кунӣ.
Не дигар соз хӯриву на дигар хоб кунӣ.

Он қадар пасту залилию чунон ранҷ барӣ,
Дар сари мансабу аз бандаи зиндон батарӣ.

Бо ҳама сарвати афзун шудаӣ хору забун,
Восвосӣ, асабӣ, диққи нафас, касрати хун.

Рӯи мансаб шуданат саҳву хато аз сар буд,
Бар ту аз хоҷа шудан банда шудан беҳтар буд.

## УМРИ РОЙГОН

Умри мо бо маҷлису лақ-лақ гузашт,
Бо ҳаёҳу, қарсаку вақ-вақ гузашт.

Аз қафои чанд тан ҳангомаҷӯ,
Бо шиору урраю байрақ гузашт.

Кори мо, кирдори мо, рафтори мо
Зери таъсири ду-се аҳмақ гузашт.

Зиндагӣ бе илму бе фарҳанг рафт,
Беасар, беранг, беравнақ гузашт.

Як даме гар вақти холӣ ёфтем,
Бенизому бесамар, муғлақ гузашт.

Корвони вақт бо бори ҳаёт
Ҳоли моро дида, бе тақ-тақ гузашт.

Умр заврақ, зиндагонӣ баҳр буд,
Ҳамчуноне тир ин заврақ гузашт.

Ин замон сад раҳ пушаймони худем,
Ҳайфи умре, ки бурун аз ҳақ гузашт.

## НАМЕАРЗАД

Хазонгардида гулро ҷилва дар гулшан намеарзад,
Ба ҳавзи хушклаб бишкуфтани савсан намеарзад.

Гаҳе мо нуқсҳои хешро нодида мегирем.
Чу нобино шудан бо дидаи равшан намеарзад.

Ҳама ғарқи суханбофӣ, ҳама нозим, ҳама носир,
Асарҳое шуда афзун, ки бар гулхан намеарзад.

Яке бо жожхоиҳо суханро мекунад хирман,
Аз ин хирман гирифтан донае кавсан намеарзад.

Аҷаб ташбеҳ – қаддаш сарв, зулфаш мор мегӯянд,
Чунин тасвир бар як тори мӯи зан намеарзад.

Китобатро на бо мазмун, ба ғафсӣ нарх мемонанд,
Чи фарқе дар тарозу – санг ё оҳан, намеарзад.

Агар аз осмони назм тобон ахтаре орӣ,
Ба довар инчунин гавҳар ба як арзан намеарзад.

Ба Мирзо қофия танг омада чун рӯзгори ӯ,
Қабо чун танг шуд, пӯшиданаш бар тан намеарзад.

Чу бо як дони гандум тарки ҷаннат кард Бобоям,
Раҳояш мекунам, ки ин ҷаҳон бар ман намеарзад.

## ДАВРОНИ ҒАЗАЛ

Омада даври ғазал бо шӯру шанги тозае.
Шоиро, баргӯ сухан бо обу ранги тозае.

Фикрҳои кӯҳнаро бо тарзи нав бинмо баён,
То арӯси шеър тобад хуш қашанги тозае.

Мақсадатро пардапӯшу мубҳаму печида гӯй,
К-ин замон дорад ниҳон тиру туфанги тозае.

Шеърро воло бигуфтӣ, ҳақталошие макун,
То ки хартабъон набардоранд ҳанги тозае.

Орзу дорӣ, ки ашъорат шавад маҷмӯае,
Бо қалам баҳраш бикан як гӯри танги тозае.

Қоматам хам гашт агар аз файзи бори шоирӣ,
Ин камон дорад ба худ зӯри заранги тозае.

Дар сухан ҷавлони Мирзо мисли шери мурда нест,
Дар найистони қалам бошад паланги тозае.

Ҳар касе гӯяд, ки даврони ғазал бигзаштааст,
Бар даҳонаш мезанад ин шеър санги тозае.

## АНДЕША

Дӯстон,чандест фикре оварад ҷонам ба дард,
Лашкари андешаҳоям ҳаст бо ман дар набард.

Мекунам андешаҳо, ки тоҷики бо илму фан
Аз чи боис кашфиёте ҷолиби диққат накард.

Аз қафои пиру эшону зиёиҳои худ
Шаҳрҳо бар қавми кӯчӣ дода, шуд оворагард.

Шоҳ Сомонӣ зи қавми турк лашкар соз кард,
Оқибат шуд сарнагун аз тахт ин озодамард.

Бурдбориҳои таърихии тоҷик аз куҷост?
Манбаашро ёфта, бояд кунемаш гард-гард!

Ифтихор аз давраҳои доқёнусӣ кунем,
Баҳри кашфи нав ба нав дар илм раҳ бояд сипард.

Шаҳру деҳ пур шуд зи аҳли доктору номзад,
Нест аммо тоҷиконро як нафар кайҳоннавард.

Кори илмӣ бингарӣ – «Ҷунбидани боли малах»,
Ё «Чаро фасли зимистон ях бубандад оби сард».

Ҷуфти гову дастаи испор танки тоҷик аст,
Бо кафи пуробила, бо ашки сурху ранги зард.

Хуб медонад, ки ҳолаш рӯзи маҳшар чун шавад,
Менадонад, к-аз чӣ имрӯзаш бувад бо доғу дард.

Саҳнаи ҳастӣ набошад кам зи майдони масоф,
Миллате ғолиб шавад, ки кашфҳо дар илм кард.

## ДАРБОРӢ

Шоири дарбор мегӯӣ, ҳамон дарбор ку?
Зарфишонию санои табъи оташбор ку?

Ин замон дарбори мо шуд бехабар аз кори мо,
Менапурсад ҳоли шоир, қадр бар ашъор ку?

Дар ҳақиқат, кардаам васфи ду-се арзандаро,
Эй мунаққид, ҳарфи ноҷое дар он гуфтор ку?

Дигарон аз пашшаи доро, ки месозанд фил,
Аз чунин иғроқгӯӣ восифонро ор ку?

Дар сухан ҷовид монад номи дарбори баланд,
Лек подоше, ки арзад бар чунин шаҳкор, ку?

Шоири дарбор будан аз бароям ор нест,
Хос созад то ба он дарбор, моро ёр ку?

Мирзо гаҳ васф созад, гоҳи дигар сарзаниш,
Нӯшу неши табъи ӯро ҳуҷҷати инкор ку?

## КОСАИ ДАВР

Даври боинсофу боимон гузашт,
Даври бофарҳангу бовиҷдон гузашт.

Донишу ақлу фаросат хор шуд,
Даври илму олиму ирфон гузашт.

Шуд замони фитнаву фанду фиреб,
Даври нангу ному шаъну шон гузашт.

Сустакон носеҳ шуданду воизе,
Маснади алломаи даврон гузашт.

Гушнасерон корсозӣ мекунанд,
Ғадрашон аз фитнаи шайтон гузашт.

Халқ медонанд ҳалқи хешро,
Луқмаи эшон басо осон гузашт.

Дому дад пирӯз шуд бар адлу дод,
Чорасозонро ҳади имкон гузашт.

То хабар гаштем з-ин фавҷи қусур,
Тиру пайконаш ниҳон аз ҷон гузашт.

## МОР ВА МОҲӢ

Мор бо Моҳӣ даруни тӯр шуд.
Лаҳзае аҳволашон ноҷӯр шуд.

Санг бигрифтанд тифлон дав-давон,
Бар алайҳи Мор – хасми пурзиён.

Лек Мори заҳрпоши ҳилагар
Ёфт сӯрохею шуд з-он ҷо бадар.

Хешро дарҳол бар дарё фиканд,
Шуд раҳо аз тӯру аз чӯбу каманд.

Лек Моҳӣ дар даруни тӯр монд,
Аҳли сода хеш натвонад раҳонд.

Инчунин бошанд байни одамон
Морсиратҳои пурхавфу зиён.

Сад ҷиноят кардаву худ бебаҳо,
Боз меёбанд аз варта раҳо.

## ДАР САРИ АНДЕША

Гар дӯст хатои дӯстро мебахшад,
Оинаи қалбро сафо мебахшад.
Сад бор хато нею хиёнат кардӣ,
Ман бахшам агар, магар Худо мебахшад.

Ин ғалча, ки з-ӯ на соф дидем на дурд,
Аз ҷаҳл маро ҳақиру бечора шумурд,
Тарсам, ки зи чархи фалаки ҷомакабуд,
Бо ин равад он, ки рафт бо Яздигурд.

Дуздони замона пурра дигар шудаанд,
Пурсандаю додхоҳу довар шудаанд.
Гар дод талаб кунӣ, ба ҷое нарасӣ,
Ин бебасарон ба мардумон сар шудаанд.

Аз бухлу ҳасад поку мубарро бошед,
Бо қалби чу оина мусаффо бошед.
Дарё ҷасади мурда бурун андозад,
Дар покшавӣ ба мисли дарё бошед.

## БА ҚАВОҚИЕВ МАЪЮС ЗИҚОВИЧ

Сарвари шаҳрак шудӣ, дар корҳо равнақ намонд,
Боварие дар дили мардум ба кори ҳақ намонд.

Дастаи худро мураттаб сохтӣ аз аблаҳон,
Ҷуз ба пеши ту дигар дар кӯчаҳо аҳмақ намонд.

Ҷоҳилон воиз шуданду аҳли дониш гапшунав,
Ҳеҷ ҷо фарҳангу санъат инчунин муғлақ намонд.

Ғарқаи нафси баду кори баду кирдори бад,
Бар наҷотат аз чунин гирдобҳо заврақ намонд.

Дар мақоми сарварӣ аз дузду раҳзан бадтарӣ,
Деги нафсат лаҳзае аз ҷӯшу аз бақ-бақ намонд.

Кори шоёне накардӣ, лек дар ҳар маърака
Косалесонро ба ҷуз аз мадҳи ту лақ-лақ намонд.

Арз ҳар ҷо бурд мардум, додрас пайдо нашуд,
Додхоҳонро ягон даргоҳ бе тақ-тақ намонд.

Ончунон вайрона кардӣ шаҳраки озодаро,
Хасми моро ҳоҷате бар сангару хандақ намонд.

Эй Қавоқӣ, номи ту Маъюс Зиқович шуда,
Ҳар куҷо рафтӣ, нишон аз хандаю чақ-чақ намонд.

## ШИОРҲОИ ВИРДИ ЗАБОН

«Зиёӣ – ганҷи тиллоии миллат!»,
Валекин бенаво, бехона бошад.
Замона ин суханҳо кард исбот:
«Макони ганҷ дар вайрона бошад».

* * *

«Ҷавонон – вориси ояндаи мо!»,
Дар ин даврон ба ҳар кишвар гадоянд.
Замоне пир мегарданд онҳо,
Пайи мерос вопас мебиёянд.

* * *

«Кӯдакон – гулҳои боғи зиндагӣ,
Баҳри онҳо ҳамма чизи беҳтарин!».
Ин замон гулҳои боғи мо бубин,
Дар даруни лойу чал шӯяд машин.

* * *

«Зан бувад бар зиндагии мо сабаб!»,
Дидамаш андар миёни пахтазор.
Як қанори пахта андар тори сар,
Тифли бемораш ба дӯши ӯ савор.

* * *

Ба ҳар ҷо «Оби тоза – ин ҳаёт аст!»,
Аз ин маълум, к-ифлосаш мамот аст.
Душанбегӣ фақат лойоба нӯшад,
Бидеҳаш оби тоза, гар наҷот аст.

* * *

«Ба толибилм хондан ройгон аст!»,
Ба Сарқонун шуда ин гап ишора.
Будӣ беҳтар, агар мешуд навишта:
Ки «Хондан ройгон, аммо ба пора».

* * *

«Тамоми илму дониш аз китоб аст!»,
Вале ҳоли нависанда хароб аст.
Давад ҳар сӯ пайи чопи китобаш,
Дареғо, умр дар айни шитоб аст.

## ЛАҶОМИ НОКАШИДА

Зар ёфтаю ҳам шабу ҳам рӯз давидӣ,
Бо пораю бо зора ба мансаб бирасидӣ.

Арзандаю беҳтар зи ту буданд дигарҳо,
Аммо ту ба найранг саронро бихаридӣ.

Эй ношуди даврон, ту кунун давр биронӣ,
Ҳарчанд ки беаҳду сияҳкору палидӣ.

Чизе, ки ба нафси бадат афтод мувофиқ,
Монанди наҳанге ҳама бар ком кашидӣ.

Чун пора бидодию шудӣ дар сари мансаб,
Бо чашми тамаъ менигарӣ, ҳар чи, ки дидӣ.

Равнақ на ба кор аст, вале маҷлиси бисёр,
Дар он ҳама аз хизмати худ хуб лақидӣ.

Дуздида зи поён, бибарӣ пора ба боло,
З-ин рӯст, ки то ҳол зи мансаб напаридӣ.

Беқадр зи ту гашт, агар кори хуше буд,
Афсӯс, ки он садр лаҷомат накашидӣ.

## АҶАБ ТАШВИШУ САВДОЕ

Маро бар сар фитода булъаҷаб ташвишу савдое,
Аз он тарсам, ки мегӯям баногаҳ ҳарфи ноҷое.

Хаёлам, к-ин муҳит охир маро девона месозад,
Агар ҳушёр будам, гаштаам имрӯз савдоӣ.

Қазоват кун, аё довар, магар ҳушёр мегӯяд,
Ки қонунҳои мо ҳастанд танҳо шакли рӯъёе?

Агар як чорво мирад, санад ҷӯянд нозирҳо,
Агар сад кас бимирад, ҳеҷ касро нест парвое.

Зи фарҳангу адаб ҳар ҷо сухан бисёр мегӯянд,
Вале олим диҳад ҷон бо ҳасад дар кунҷи танҳоӣ.

Ба зӯрӣ ё ба зар ин ҷо баробар мешавад корат,
Дигар чизе намепурсанд, агар дорӣ ту даъвое.

Чунон мансабфурӯшӣ дар ривоҷу равнақ аст акнун,
Гар Афлотун туӣ, бепул намонандат ба харпоӣ.

Чу хуш гуфтанд: ҳар шоме зи пай субҳи сафо дорад,
Тасалло медиҳам худро ба рӯзи неки фардое.

## СЕҲРГАР

Тоҷирам, найрангу ҷоду мекунам,
Чашмбандӣ бо тарозу мекунам.

Зер кардам чун ба дасти ростам,
Мешавад ҳосил ҳар он чӣ хостам.

Молу ҳолу қолии бисёри ман,
Зебҳои гардани дилдори ман,

Нилгун оинаи қиматбаҳо,
Родио, магнитафон, дарпардаҳо,

Ҷумла аз сеҳри тарозуи ман аст,
Ҳосили найрангу ҷодуи ман аст.

Гӯиё бошад чароғи сеҳрнок,
З-охири корам надорам ҳеҷ бок.

Ин тарозу роҳати ҷони ман аст,
Давр ронам, то ба фармони ман аст.

## ҶОҲИЛ

Ҷоҳил, ки пир шуд, иззатталаб шавад.
Инчиқ то ҳаде, ки беадаб шавад.

Тундӣ кунад гаҳе, кундӣ кунад гаҳе,
Ҳар ҷурм мекунад, бори асаб шавад.

Аз аҳли хонадон – хурд аст ё калон,
Саҳле хато равад, андар ғазаб шавад.

Гуфтори неку бад бар хеш мекашад,
Ранҷидани варо ҳар гап сабаб шавад.

Гар пеши ӯ равӣ, ҳамсӯҳбаташ шавӣ,
Қалбат сиёҳгун монанди шаб шавад.

Дар наврасии худ хокипаноҳ буд,
Оқил кунун шавад, коре аҷаб шавад.

Рӯзе кунад қазо (сад тавба, ай Худо),
Дар хонаи худаш базму тараб шавад.

## ПИРАМАРД ВА ТАБИБ

Пирамарде рафт бар пеши табиб,
То шифо бахшад ба дардаш он ҳабиб.

Аз дараш ворид шуду бо эҳтиром
Инчунин оғоз бинмуд ӯ калом:

«Дарди пои чап азобам медиҳад,
Не даме роҳат, на хобам медиҳад.

Эй шифобахшандаю мушкилкушо,
Раҳм бинмову ба дардам деҳ даво.

То халос аз ин чигасҳоям шавам,
Боз то бо пойҳоям раҳ равам.

Ҳар чи фармоӣ, ба ҷон иҷро кунам,
Ҳар даво гӯӣ, манаш пайдо кунам».

Он табиби ҳозиқи даврони мо
Ҷои оне, ки бифармояд даво,

Як назар афканд сӯяш бо виқор,
Гуфт: «Эй бобо, гапамро гӯш дор.

Ҳаст аз пирӣ туро ин дарди по,
Дарди пириро куҷо бошад даво?!

Аз табобат кай дигар гардӣ ҷавон,
Хез, бобо, аз чигасҳоят намон».

Бишнавида ин суханҳои табиб,
Пиракӣ дашном медодаш қариб.

Гуфт: «Эй додар, намедонӣ магар?
Гар надонӣ, бош акнун бохабар.

Шуд таваллуд ин ду по ҳамроҳи ман,
Не якаш нав аст, не дигар куҳан.

Пои чапро гар зи пирӣ дардҳост,
Ин магар бошад бузург аз пои рост?

Ё ки пойи рости ман кенҷагист,
Ҳеҷ асар дар он зи дарду ранҷ нест?

Худ бигӯ, ҳар пойи ман аз якдигар
Синну соли дигаре дорад магар?

Сӯҳбати бисёри кас бишнидаам,
Ҳарзагӯе мисли ту кам дидаам.

Гарчи бинмоӣ ҷавон андар назар,
Майнаат пӯсидааст, эй беҳунар.

Бо чӣ мақсад хондаву гаштӣ табиб,
Гар ба беморон намебошӣ ҳабиб?

Инчунин бошад табобат карданат,
Дарди ҳарду пои ман дар гарданат!

## БЕҲУРМАТӢ

Як бетамизи дайду якборагӣ дигар шуд.
Яъне, харида мансаб, соҳиб ба карру фар шуд.

Бо амри аввалинаш котибаро иваз кард,
Таннози кӯчагарде дар пушти дар сипар шуд.

Шаш ландаҳури берӯ ёвар шуданд бар ӯ,
Ворид шудан ба наздаш пурхавфу пурхатар шуд.

Равнақ намонд дар кор аз дасти ин табаҳкор,
Аҳволи аҳли заҳмат аз будааш батар шуд.

Ҳамҷому ҳамтабаҳҳо гӯянд «БОС» ӯро,
«БАРБОС» ӯ лақаб дошт, акнун ҷудо зи «БАР» шуд.

Бигрифт ҳукми қонун тороҷи молу амвол,
Зеро ба хайли duздон ҳамдасту роҳбар шуд.

Кирдори ӯ ба хотир «Полезу Хар» биовард,
Ӯро, ки «Хар» бигуфтем, беҳурматӣ ба Хар шуд.

## НАФС

Осиёби нафс гардон будааст,
Иштиҳо дар зери дандон будааст.

Нафси рӯҳонию аммории мо
Аждаҳо дар ҷисму дар ҷон будааст.

Нафсу мансаб дар ҳама давру замон
Ин яке пайванд бо он будааст.

Пора додан – макри шахси ҳилагар
Аз пайи пайдои осон будааст.

Кӯчаҳо пур гашта аз хайли гадо,
Нангу ном амволи арзон будааст.

Пеши одам сархамии одаме,
Ин ғуломӣ хоси инсон будааст.

Сад гуноҳи хеш бораш мекунем,
Он гунаҳбардор шайтон будааст.

Аз касифӣ ҳифз кардан хешро,
Нафсро куштан ба имон будааст.

## КУНДФАҲМ

Лутфи шоир кундфаҳмеро чаро манзур нест?
З-он, ки оҳангаш ба савти нағмаи ӯ ҷӯр нест.

Масти мансаб фозили даврон шуморад хешро,
Лек андар ҷоҳилӣ мислаш касе машҳур нест.

Карру фарраш мешавад бори гарон бар сад шутур,
Ҳиммату хайру сахояш бор бар як мӯр нест.

Кори неки дигаронро ӯ намебинад, аҷаб,
Хубтар бинед, оё ҳарду чашмаш кӯр нест?

Дасти ӯро гар бигирӣ дар дами дармондагӣ,
Бигзарад аз гил хараш, з-ӯ миннату маъзур нест.

Сустқавлу сустаҳду сустпаймон аст ӯ,
Дар талоши пора бошад, буққа мислаш зӯр нест.

Сарвату моле, ки ғун кардаст бо найрангҳо,
З-ин ҳама бар ӯ насиба ҷуз азоби гӯр нест.

Масти мансабгаштагонро бонги огоҳӣ занам:
Мавҷи баҳри зиндагӣ бе ҳайбату бе шӯр нест.

Хишти қасри мансабаш аз ибтидо каҷ омада,
Чаппагардон гаштанаш аз тахти мансаб дур нест.

## АФСОНАИ НАВ

Афсона саное буд,
Буз марди гадое буд.
Хар хӯсиду буз тӯрид,
Ё Раб, чӣ балое буд?

Ногаҳ шуда мансабдор
Як гоҷи гадозода.
Шуд аз амалаш фохир,
Чун гови сари пода.

Якбора дигаргун шуд
Ҳам хулқу ҳам атвораш .
Бар ёд намеорад
Даҳ дарбеҳи эзораш.

Фукаш ба ҳаво акнун,
Ҳам раҳравиаш дигар.
Ё тавба! Ба устодон
Гаштаст насиҳатгар.

Аз ҷаҳл алайкаш нест
Ҳатто ба имои сар.
Буд аблаҳу шуд ҷоҳил,
Буд курра, кунун шуд хар.
Мо дида чунин рафтор,
Мо дида чунин хислат,
Бар ёди худ овардем
Аз халқ чунин ҳикмат:
Ҳарчанд гадо шинад
Бар маснади Кайхусрав,
Он феъли гадоияш
Асло наравад аз вай.

## РАИСТАЛБОН

Як ҳафта мисли моку
Бар ҳар тараф давидам.
Чил мурғу дута чорӣ
Оварда сар буридам.
Дина ба «Чарчинбозор»
Ман субҳидам расидам.
Калон кушода ҳамён,
Чил ҷома ҳам харидам.
Чукрию рову торон,
Гашничу шалғаму сир,
Се халтаву ду хурҷин
Шуд бо анору анҷир.
Биринҷи дона-дона,
Ҳасибу тухми моҳӣ,
Бо кабку мурғи даштӣ
Овардам ин пагоҳӣ.
Аз пиставу зи бодом,
Аз себу ноки хушхур,
Аз бодирингу тарбуз
Шуд мошини «КАМАЗ» пур.

Як ҳафта янгамулло,
Ҳамроҳи ҳамсоягон,
Дастобадаст карда,
Пухтанд кулчаю нон.
Аз коняку арақҷон,
Виною рому шампон,
Тозаашро харидам,
Табъи дили раисҷон.
Ин давра дар ҷои мо
Ҷорист турфа одат,
Бояд диҳӣ пеш аз тӯй
Баҳри раис зиёфат.
Даъват намоям акнун
Раиса бо фаъолон,
Аз қоқи нав шавад тӯй,
Инаш – раисталбон.

**«ЖИГУЛИ»-ҶОН ЗИНДА БОД!**

«Жигули»-и напа-нав
Дорам дар ихтиёрам.
Аз субҳ то шаби тор
Кирокашонӣ корам.

Ба Нораку Шаҳритус,
Қумсангиру Файзобод,
Мекашонам мусофир,
«Жигули» – ҷон зинда бод!

Манъам кунад БДА,
Сад гуна гап меёбам.
Барои ҷонхалосӣ
Роҳу сабаб меёбам.

Гӯям: «Инаш холаам,
Ин амакам, ин тағом.
Инаш хеши завҷаам,
Инаш домоди додом».

Литсензия надорам,
Лекин аз ин чи парво,
Дар ҳолати зарурӣ
Даррав меёбам тағо.

Мусофирҳо интизор,
Гапро мекунам тамом.
Ба танзими нақлиёт
Расонед аз ман салом.

## НОМАИ ДАРД

Бас дигар роҳравиҳо зи қафои дигарон,
Мурдану зистан акнун ба имои дигарон.

Гар ту аз хоби гарон хестаӣ, чашм кушо,
То наафтӣ ба чаҳи наҳси вабои дигарон.

Ҷангу ҷанҷоли маҳал ҷуз ба харобӣ набарад,
Тоҷдоро, нашавӣ боз гадои дигарон.

Ҷон диҳад дар раҳу рӯ тифлаки бесангари ту,
Лек ту ашк бирезӣ ба қазои дигарон.

Хонабардӯш шуда аз шари мансабталабон,
Меравӣ нолакунон сӯи сарои дигарон.

Як-ду-се бебасари сифлаи бегонапараст
Хок бар сар бикунандат ба ризои дигарон.

Гоҳ аз Шарқ, гаҳ аз Ғарб мадад меҷӯӣ,
Ватани хеш кун обод ба ҷои дигарон.

Ҳафт пушти бани тоҷик дар ин дайри куҳан
Хона бунёд накардаст ба лои дигарон.

Ҷанг бо ҳамватанон кандани ҷон асту халос,
Э мабодо, ки бимирӣ таги пои дигарон.

Ман на он ҳарф бигуфтам, ки шавӣ душмани ғайр,
Мақсад ин аст: машав акси садои дигарон.

Тоҷико, рӯ ба ту оварда, гирифтам хома,
Баҳри ту нома навиштам, на барои дигарон.

## БЕДАРДӢ

Борҳо бишнида оҳи сарди зан,
Дида ашки сурху ранги зарди зан,
Ин чи бедардист, эй бедардҳо,
Ғофилем аз олами пурдарди зан.

Қоматаш хам дар миёни пахтазор,
Тифли навзодаш ба пушти ӯ савор,
Ҷои холу хат нишаста чанги кор
Ин замон дар чеҳраи пургарди зан.

Хиштчин гардидаасту кӯчарӯб,
Мекашонад хоку сангу ғӯлачӯб,
Босаводаш ҳаст фарроши клуб,
Аз замон ин аст дастоварди зан.

Зиндагӣ бар гардани зан бор шуд,
Дар сухан гӯё, ки давлатдор шуд.
Аз ҳаёташ сад карат безор шуд,
Сӯхташ ин давлати номарди зан.

## СИФЛАТАБЪ

Бигзашт қиматиҳо, дидӣ, ки мо намурдем,
Ҳар хушку тар, ки хӯрдем, аз хони хеш хӯрдем,
Ту молу зар шумурдӣ, мо дони ҷав шумурдем,
Бар пеши чун ту нокас дасти тамаъ набурдем,

Дар даврае, ки кишвар афтода буд ба хорӣ,
Вақте ки тифлаконаш буданд бенаҳорӣ,
Мехӯрд аҳли заҳмат кунҷораю ҷуворӣ,
Ту чор зан гирифтӣ, инро яқин шумурдем,

Вақте арӯси бева мекард мурдакобӣ,
Рӯзе, ки чашми ӯ буд аз гиря ҳавзи обе,
Он гаҳ барат нишаста бероҳаи шаробӣ,
Мегуфт: ҷону танро мо бар Шумо супурдем.

Вақте ятими бекас мекард хок бар сар,
Аз баҳри бурдаи нон мерафт сӯи ҳар дар,
Рондӣ варо ба хорӣ, эй хунгирифта сарвар,
Мо аз радифи инсон номи туро сутурдем.

Аз баҳри худ ғанимат ҳар лаҳзаро шумурдӣ,
Бадтар зи дузду раҳзан амволи халқ бурдӣ,
Ту ризқи бевазанҳо, хуни сағира хурдӣ,
Гуфтӣ, ки мо ғами халқ аз ҳад зиёд хӯрдем.

Ҳарчанд ки ту пастӣ, мансабнишаста ҳастӣ,
Мардум Худо парастад, ту молу зар парастӣ,
Бар тӯшаи ахират борат гуноҳ бастӣ,
Аъмоли нокасонро мо бар Худо супурдем.

## КИСТӢ?

То камон бигрифтаӣ, баргӯ, тарафдори киӣ?
Афсари кӣ, аскари кӣ, номбардори киӣ?

Марзу буми ин Ватанро гар муҳофиз нестӣ,
Подабон ё посбони молу амбори киӣ?

Ин ҳама тиру камону теғу шамшерат зи кист?
Худ ғулому бандаи дуллору асъори киӣ?

Дар вуҷудат раҳм нею дар суҷудат сидқ не,
Гар мусулмонзодаӣ, дар раъйи куффори киӣ?

Масҷиду дайру калисоро ту ғорат мекунӣ,
Муслимӣ, насрониӣ, пайгири афкори киӣ?

Ман надидам, ки касеро дода бошӣ ту салом,
Бехабар то аз Худоӣ, пас хабардори киӣ?

Пеши зӯрон бо сари хам, музлимонро чун аҷал,
Худ бигӯ, ки косалеси кӣ, ситамгори киӣ?

Мекунӣ ту қасди ҷони беваю бечорагон,
Эй муғули даври мо, дар пайти куштори киӣ?

«Тоҷикам ман!» гуфта гоҳе ифтихоре мекунӣ,
Садқаи тоҷик шавӣ, донам харидори киӣ?

Аз ҳузурат ин замон миллат пушаймон гаштааст,
Эй матои касмахар, фардо ту сарбори киӣ?

Мерасад рӯзе, мадад пурсӣ зи даргоҳи Худо,
Аз ту низ он гоҳ мепурсанд, ки ёри киӣ?

Дар ҷавонӣ кас гаҳе саҳву хато ҳам мекунад,
Лаҳзае андеша бинмо, ту хатокори киӣ?

Ҳар баду неке кунӣ, он тӯшаи фардои туст,
Худ бигӯ, ки ин замон сӯзандаи бори киӣ?

## ЯК ОДАМИ БЕДАРД КУ

Эй азизон, ин замон як одами бедард ку?
Ё касе, к-аз зиндагӣ қалбаш набошад сард, ку?!

Мо ба зиллат мондаему лофи олӣ мезанем,
Он, ки бори ваҳдати моро кашад, он мард ку?

Зоҳидон дар ҳар куҷо лофи сиёсат мезананд,
Ҷавҳари дине, ки он моро мусулмон кард, ку?

Номи миллатро баландиҳо зи фарзандони ӯст,
Модари тоҷик, туро ин гуна раҳовард ку?

Суфраҳо холист мардумрову дастархон тиҳӣ,
Осиёби зиндагиро файз аз пасгард ку?

Аз замона шикваҳо дорему аз худ фориғем,
Миллате аз дасти худ монанди мо рӯзард ку?!

## ЗОР БИГИРЯМ

Монед, ба ҳоли Ватанам зор бигирям,
Бо ранги хазону дили афгор бигирям.

Яксон шуда бо хоки сияҳ хонаи тоҷик,
Бе бом бубинам дару девор, бигирям.

Як тӯдаи мансабталаби гоҷу сияҳкор,
Аз хоби гарон гашт чу бедор, бигирям.

Аз хоби гарон хеста, кӯрона давиданд,
Бар раҳбаладии нокасу ғаддор бигирям.

Нон аз даҳану файз зи хон, ханда зи лабҳо,
Оре, бирабуданд ба як бор, бигирям.

Кӣ дид, ки гурге бидарад синаи гурге?
Тоҷик шуда қодир ба чунин кор, бигирям.

Сарҳо шуда афганда пайи мансабу ҷоҳе,
Бар фитнаи ин чархи нагунсор бигирям.

Аз модару аз хоҳари худ сина буриданд,
Э вой, ба сад нанг аз ин ор бигирям.

Гаштанд басо бегунаҳон зиндаи дар гӯр,
Ҷон канданашон буд ба озор, бигирям.

Ку тӯйу тамошо? Ҳама табдили азо шуд,
Бо навҳаи ҳар фарди азодор бигирям.

Омехта бо заҳр бувад луқмаи тифлон,
Ин бегунаҳон гашта чунин хор, бигирям.

Рӯзе зи нав обод шавад мулки ҳазинам,
Аз шодии дил боз дигар бор бигирям.

**ТО БА КАЙ**

Аз гузашта ҳар гаҳе гап рафт, ҳай-ҳай мекунем,
Тоҷдоронем, мегӯему бай-бай мекунем.

Дар гузашта мо чӣ сон будем, он таърихи мост,
Бар қафо не, ҷониби оянда раҳ тай мекунем.

Рӯдакиро мо мисоли дониши худ оварем,
Мисраеро кай чу панде ёд аз вай мекунем.

Сарварону воизони мо хато карданд беш,
Чун нашуд дарсе, хатои нав паёпай мекунем,

Қалби чандин бегунаҳро борҳо кардем реш,
Айби мо гӯянд агар, бо қаҳр хай-хай мекунем.

Подаи мо гар хӯрад полези мардум, бок нест,
Як бузи ҳамсояро бинем, чай-чай мекунем.

«Зиндагӣ талх аст» гӯён, ҷои истеҳсоли қанд,
Хап нишаста, гӯши худ бар нолаи най мекунем.

Кишвари мо ҳеҷ гаҳ ободии мутлақ надид,
Ин замон обод нанмоем, пас, кай мекунем?!

## НАМЕТАРСӢ

Меравӣ ба роҳи каҷ, з-ин хато наметарсӣ?
Бо ғуруру кибри беш аз қазо наметарсӣ?

Умр даргузар бошад, охири сафар бошад,
Дар гузашти умри худ то куҷо наметарсӣ?

Дар сухан Худоро ту ҳозир аст мегӯӣ,
Мекунӣ разолатҳо, эй чаро наметарсӣ?

Куштану фано кардан, ғорату зино кардан,
Гашта касбу кори ту, аз сазо наметарсӣ?

Қадри волидонатро ин замон намедонӣ,
Дӯзахии бадбахтӣ, аз ҷазо наметарсӣ?

Оқибат равӣ рӯзе ту ба водии хомӯш,
Лаҳзаи ҷавоб ояд, аз Худо наметарсӣ?

## НАВ-УЛ-МАСАЛҲО

Ӯ ҳероин мекашад,
Ӯро замин мекашад.

* * *

Дар ишкамаш нашъа бурд,
Дар нимараҳ ҷон супурд.

* * *

Ҳар кас, ки нашъакаш шуд,
Кори ӯ кашмакаш шуд.

* * *

Ҳар кас, ки нашъаро зад,
Гӯё варо бало зад.

* * *

Ҳар кас, ки ҳероин зад,
Ӯро думушта ҷин зад.

* * *

Ҷӯраи мо бангӣ шуд,
Мисли хари ҳангӣ шуд.

* * *

Нашъа касе мекорад,
Хонаву дар надорад.

* * *

Дар фарқи нашъамандон
Осиёсанг гардон.

* * *

Барои банги афғон
Фарзанду зан гаравгон.

## ПУШАЙМОНИ ХУДАНД

Нашъамандон душмани ҷони худанд,
Куштагони тиру пайкони худанд.

Беирода, бенамозу бенизом,
Раҳзанони дину имони худанд.

Мубтало бар фосиду фисқу фуҷур,
Дар рикоби макри шайтони худанд.

Не ғами фарзанд, не парвои зан,
Туфкунанда дар намакдони худанд.

Кайф ояд, беҳушу девонаанд,
Бандаҳои нафси ҳайвони худанд.

Дар хумори нашъа савдоӣ шаванд,
Чанд лаққие парешони худанд.

Хоҳару занро гаравгон медиҳанд,
Даллаҳои исмату шони худанд.

Оқибат бенаслу бе ному нишон,
Ин касофатҳо гаравгони худанд.

Ҳар чи ҳам бошад, гурӯҳи бангиён
Одаманд, аммо пушаймони худанд.

## САВОЛ ВА ҶАВОБ

Тамасхур карда пурсидӣ: «Бигӯ, ки кистӣ, шоир?
Гаҳе маҳзуну сархам аз барои чистӣ, шоир?
Ба ман фаҳмон, ки бо ҳаққи қалам чун зистӣ, шоир?
Магар аз шоирии худ пушаймон нестӣ, шоир?

Ман аз тарзи саволат мақсадатро нағз фаҳмидам,
Чу мӯе, ки дар оташ мефитад, дар хеш печидам,
Сипас андешае кардам, ба ҳолат хуб хандидам,
Намеарзӣ ба гап, аммо ҷавобатро раво дидам.

Ба ҳар ҳолат қаноат бо пули моҳона кардам ман,
Ба як лаб нони хушке доштам, шукрона кардам ман,
Барои нон гаҳе савдо ҷиҳози хона кардам ман,
Ба уммеди тамаъ васфи ту нокасро накардам ман.

Қаноат кардаму аз худ тамаъкорӣ зудудам ман,
Фақат пеши Худои хеш овардам суҷудам ман,
Худоро шукри беҳад, ҳеҷ мисли ту набудам ман,
Ба мислат мешудам, безор будам аз вуҷудам ман.

Чу ту гар мешудам, ман ҳам залилу хор мебудам,
Сари мансаб, вале хори сари девор мебудам,
Разилу чоплусу аблаҳи тайёр мебудам,
Миёни халқ як мавҷуди нодаркор мебудам.

## БА ҲОКИМОНИ ДАВР

Ин чӣ рӯзест, ки аз ҷаври шумо мебинам,
Деҳаву шаҳр пур аз фавҷи гадо мебинам.

Аҳли мансаб, ки шуда порахуру пораталаб,
Аксаран бешарафу дузднамо мебинам.

Пайрави маърифату илм ҳама хору забун,
Комрон тӯдаи бешарму ҳаё мебинам.

Илму санъат шуда помоли ду-се ҳарзафурӯш,
Ин нишонест, ки фардо чи бало мебинам.

Чи табибу чи муаллим – сари хам, гардани кач,
Сифлагонро ҳама дар кайфу сафо мебинам.

Чоплусони замон номвару ҷоизадор,
Оқилонро зи Ватан гашта ҷудо мебинам.

Дӣ шунидам, ки яке пир ба ҳасрат мегуфт,
Иқтибоси гапи он пир раво мебинам:

«Ҳар чи омад ба сари миллати бечораи ман,
Аз Худо не, зи шумо, ай вузаро, мебинам».

## ҶОИ ДИГАР НАБОШАД

Гар гӯшҳот то ҳол аз кайф кар набошад,
Ё майнаат палағда аз дарди сар набошад,
Бишнав, ки ин суханҳо бар ту зарар набошад,
Ҳосил зи майпарастӣ ҷуз шӯру шар набошад,
Мастию саргаронӣ бар кас ҳунар набошад,
Дар хоку лой хуфтан ҷуз феъли хар набошад.

То майкада пагоҳӣ рафтӣ ба сар давида,
Рафъи хумор кардӣ ту субҳ нодамида,
Ларзида дастҳоят, ранг аз рухат парида,
Ҷисмат шудаст абгор ин заҳрро чашида,
Моҳонаат адо шуд то хона норасида,
Ҳамсанги ту сакалту дар ин гузар набошад.

Безор гашта аз ту ёру бародари ту,
Фарзанду завҷаат ҳам рафтанд аз бари ту,
Аз зоданат пушаймон гардида модари ту,
Дар кӯчаҳо фитода беҳол пайкари ту,
Хок асту санги кӯча болину бистари ту,
Аммо туро аз ин ҳол асло хабар набошад.

Беҳуда нест асло – мастӣ барад ба пастӣ,
Аз кор ронда гаштӣ бинмуда майпарастӣ,
Беқадру хору расво аз дасти май шудастӣ,
Акнун гурезад аз ту он, ки ба ту нишастӣ,
Худ гӯй, бо чунин ҳол оё ту одам астӣ?!
Аз таънаю маломат бар ту асар набошад.

Дунё бақо надорад, гӯён, арақ задан бас,
Бас карда майпарастӣ, бар қадри хештан рас,
Дар баҳри зиндагонӣ то чанд мешавӣ хас,
Як зарра нанг дорӣ, ислоҳ шав аз ин пас,
Гар тарки май насозӣ, эй майпарасти нокас,
Зеби ту ҷои дигар ҷуз хоки тар набошад.

## КОР КУН ДАР ИТТИФОҚ[1]

Шоиро, гарчи надорӣ шеъри соқ,
Гарчи бошад байтҳоят тумтароқ,
Бар адибӣ сахт дорӣ иштиёқ,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Бехабар бошӣ агарчи аз Арӯз,
Фарқи он гарчи надонӣ аз арӯс,
Дар сари ҳар байт маншин то ба рӯз,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Гарчи бошад ҳарфи эҷоди ту гоҷ,
Гарчи он дорад ба ислоҳ эҳтиёҷ,
Нашри онро зуд меёбӣ илоҷ,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

То замоне ҳаст ин даврони фаҷ,
Гардани шоир бувад пеши ту каҷ,
Менамоӣ ҷумларо моту фалаҷ,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Устодеро бифармоӣ: «Фалон!
Маҷмаи ашъори моро як бихон!»,
Менамояд ноилоҷ ислоҳашон,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Бок не, хонанда шуд аз ту қимоб,
Чоп ҳар соле кунӣ чандин китоб,
Мешавӣ дар анҷуманҳо интихоб,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Гар ту мехоҳӣ чу устодон шавӣ,
Соҳиби ҷоизаву унвон шавӣ,

---

[1] Иттифоқи нависандагон.

Носеҳи ҳар шоири даврон шавӣ,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Сар шавад ҷоизаат аз «Комсомол»,
Баъд «Турсунзода» ояд бемалол,
«Рӯдакӣ»-ро ҳам бигирӣ эҳтимол,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Шоири халқӣ дар ин ҷо навбатист,
Зуд ҳуҷҷат тахт кун, навбат биист,
Бар чунин унвон расидан дур нест,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Шеърҳои хомакиат дар ҷаҳон
Мешавад машҳур бо чандин забон,
Дар миёни турку зангию ҷапон,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

Баъд аз ин соҳибкаромат мешавӣ,
Шоири зӯру басавлат мешавӣ,
Гоҷҳоро бози давлат мешавӣ,
Як бало кун, кор кун дар Иттифоқ.

То шавад ҳарфи ту сатри Иттифоқ,
Гир худро зери чатри Иттифоқ,
Машқҳо кун дар театри Иттифоқ,
Мешавӣ як рӯз садри Иттифоқ.

## ДОНИСТАМ, ТУӢ

Вақ-вақе аз кӯча омад дӯш, донистам, туӣ,
Дода бар алфози фаҳшат гӯш, донистам, туӣ.

Нисфи шаб Барбосат аккос аз паси дарвоза зад,
Шуд касе бо ӯ чу ҳамоғӯш, донистам, туӣ.

Ҳар куҷо рафтӣ, шудӣ расвою радди маърака,
Янга ҳам гуфто: «Набинам рӯш». Донистам, туӣ.

Сифлае бо ранги зарду дасти ларзон, чашми сурх,
Аз пагоҳӣ буд винонӯш, донистам, туӣ.

Дар паси девор як бадмаст хору зор мурд,
Шишае дидам чу дар паҳлӯш, донистам, туӣ.

## ГОҶ

Мансаб гирифт гоҷе ҳай «Урра! Урра!» гуфта,
Мансабдиҳандаҳоро «арбобу тӯра» гуфта.

Сад бор пеши сардор ӯ кард чоплусӣ:
«Ту аспи қӯразебӣ, ин банда курра» гуфта.

Ҳар гоҳ пайташ омад, зад бар раис хушомад:
«Ту меваи расида, моем ғӯра» гуфта.

Дар пои ҳар амалдор афканд хешро зор,
«Шатранҷи зиндагиро эшон фигура» гуфта.

Барбоси хӯҷаинро бар сайри кӯча бурда,
Мекард фахри беҳад «мо ҳарду ҷӯра» гуфта.

Пас аз чунин табоҳӣ, гоҷию рӯсиёҳӣ,
Фахрад миёни мардум «мо марди пурра» гуфта.

## БЕФАРОСАТ

Намедонам, ки ин бадмаст кай ҳушёр мегардад,
Ба ҳар вақте ки бинам, масту ноҳинҷор мегардад.

Сигоре дар даҳону шишае зери бағал дорад,
Надорад бас фаросат, бо чунин рафтор мегардад.

Шавад бемаззатар, гар ҷуръаи май бар гулӯ резад,
Ба замми аблаҳияш боз бадкирдор мегардад.

Намояд кашмакаш бо одамон бо нимаи ҷонаш,
Аз ин рӯ, аксаран бо биннии хуншор мегардад.

Гаҳе афтад, гаҳе хезад, гаҳе гиряд, гаҳе хандад,
Ба ин аҳвол андар кӯчаю бозор мегардад.

Мабодо бо илоҷе ними шаб бар хонааш ояд,
Занаш бори дигар аз диданаш безор мегардад.

Хаёлам, ин сухан гуфтаст мардум аз барои ӯ:
«Сагон дар кӯчаҳо хобанду ӯ бедор мегардад».

## ГУФТОРИ ОШКОРО

Аз файзу аз қудуми озодии гуворо
Озодии сухан шуд, мегӯям ошкоро.

Ин гуна сарфарозӣ гардид кори бозӣ,
Даври забондарозӣ берӯю бериёро.

Як тӯда даврсозон бо иқтисоди пинҳон
Пайваст чун тану ҷон, ғорат намуд моро.

Тӯҳмат гирифт равнақ, беқадр шуд гапи ҳақ,
Шуд касбу кор лақ-лақ дорою бенаворо.

Шуд ҳар сухан сиёсат, ҳарфи даҳан сиёсат,
Гӯру кафан сиёсат ҳар бандаи Худоро.

Дар хештаншиносӣ, халқу ватаншиносӣ,
Кардем носипосӣ ёрони бовафоро.

Якчанд бефазилат, на, балки аҳли зиллат,
Зидди забони миллат гӯянд носазоро.

Қаллобу дузду раҳзан бо додхоҳ ҳамтан,
Ғорат намуда Меҳан, ҳастанд дар мадоро.

Бар дӯши марди деҳқон бор аст сад суханрон,
Як зарра нест виҷдон ин хайли рӯдапоро.

Мирзо зи мустамандӣ орад ба ёд панде:
«Гар ту намеписандӣ, тағйир кун қазоро».

## ОШИҚИ «ШЕРДИЛ»

Дилбаро, ман ошиқи зори туям,
Бо дилу ҷонам харидори туям.

Лозим ояд, дар раҳи ишқат, бидон,
Мешавам дар ҷанг бо шери жаён.

То бубинам як замоне рӯи ту,
То барам лаззат зи гуфтугӯи ту,

Хешро бар коми аждар медиҳам,
Домани васли ту кай сар медиҳам!

Дилбарам, ҷонам, гули хушбӯи ман,
Э, фидои ту сари каммӯи ман!

Бош огаҳ, вақт ёбам ман агар,
Рӯзи бозор аз ту мегирам хабар.

Лек мегӯянд, ки ҳамсоятон
Оваронидаст Барбосе калон.

Як илоҷе карда, эй беҳтар зи ҷон,
Он саги ҳамсоятонро баста мон.

Боз акоят, эй нигори нозанин,
Гӯиё будаст шахси хашмгин.

Ту варо коре куну ҷое фирист,
Худ даруни хона не, дар кӯча ист.

Охирин гап ин, ки эй зебо нигор,
Гар наборад боз борони баҳор,

Меравам пеши ту, эй ҷони азиз,
Садди ман дигар нагардад ҳеҷ чиз.

Хайр, то дидан, нигори хушхиром,
Номаамро бо ҳамин кардам тамом.

## ХАРАК

Харак чун мегузашт аз кӯча ҳар гоҳ,
Палангу Гургу Шеру Хирсу Рӯбоҳ

Ҳама дастон ба пеши бар, сари хам,
Саломи ӯ ҳамекарданд он дам.

Аз ин рафтор ҳайрон гашта Харгӯш,
Бишуд ҷӯё сабаб оҳиста аз Муш.

Чу Мушак аз таҳи гап бохабар буд,
Ба Харгӯш инчунин ӯ арз бинмуд:

– Яке хеши Харак, –гуфто, –фалон аст,
Дар ин мавзеъ Хари беҳад калон аст…

## НОКАС

Ту бар мансаб расидӣ аз таҳу боло давиданҳо,
Хушомадхӯҷагӣ бинмудану қомат хамиданҳо.

Ба ҳар ҷое, ки сардор аз барои кайфу роҳат рафт,
Ту ҳам он ҷо шудӣ андар пайи ҷоме кашиданҳо.

Зимистонҳо шудӣ пайтобаи гармак ба пои ӯ,
Ба тобистон чу боди фораме сӯяш вазиданҳо.

Ба қаллобӣ басо ҳамкасбҳоро камбаҳо кардӣ,
Матои хешро боло намудӣ дар хариданҳо.

Кунун, эй носипосо, кай бидонӣ қадри одамро,
Зи тарси мансабат ҳастӣ ҳамеша дар рамиданҳо.

Ман аз фаҷҷию бефаҳмию гоҷии ту донистам,
Ки аблаҳ кай шавад оқил аз ин мансабрасиданҳо.

## ҲАСРАТИ СИГОРӢ

Саҳар аз хоб мехезам, сигоре дар даҳон дорам,
Ба ҷои машқ дудашро ба шуши худ равон дорам.

Гаҳи сулфа ду чашм аз косахона мешавад берун,
Аҷаб бошад, кунун ҳам бо чунин аҳвол ҷон дорам.

Фишори хун гаҳе боло занад хезу гаҳе поён,
Ба ҳифзи ҷони худ як мушт ҳаб зери забон дорам.

Ба сол арчи ҷавонам, сурати арвоҳро монам,
Сари қоқу тани лоғар, рухи барги хазон дорам.

Аҷаб гуфтанд, к-ашхоси тамокукаш нагардад пир,
Ба сӣ норафта, аҳволи ба мисли мурдагон дорам.

## МАҒАЛ ДАР САРИ ҒАЗАЛ

Шоиро, гуфтӣ, ки бигзаштаст даврони ғазал,
Кай тавонад фикри бикреро кунад ин жанр ҳал.

Маслиҳат пас додаӣ бар шоирони рӯзгор,
Ки ғазал бар равнақи эҷодашон орад халал.

Мо ҳам акнун бар ту ҳам дорем як-ду маслиҳат,
Шарташ ин, ки хонда онҳоро, набардорӣ мағал.

Халқ мегӯяд, ки: «Кадбону бувад гар беҳунар,
З-орди аълои гандум нон пазад хому хатал».

Боз мегӯяд: «Ба чашмаш танг тобад хонақоҳ,
Беҳунар бошад ба шарте шайх аз рӯзи азал»,

Гуфтаҳои халқ равнақ медиҳад бар табъи мо,
З-ин сабаб гӯем дар жанри ғазал як-ду матал:

Рӯзи боронӣ агар чатре туро бошад ба сар,
Нест ҳоҷат, ки занӣ тоқии худ зери бағал.

Дар лаби дарё нишинӣ, нӯш кун оби равон,
З-он ки таъми оби дарё беҳтар аст аз оби пал.

Пеш аз он ки по гузорӣ рӯи қолину гилем,
Мӯзаатро тоза кун дар пушти дар аз лою чал.

Чун нишинӣ ҳар пагоҳӣ бар сари хонат, яқин,
Мурчро ҳаргиз махур якҷоя бо чою асал,

Маслиҳат бисёр буду лек метарсем аз он,
То нагӯӣ баъди хондан майнаи моро касал.

Илтимос, эй шоири мо, гуфтаҳои мо бубахш,
Чунки, аслан, шартакигӯ мешавад ашхоси кал.

## ПУШТ НАДОРАМ

Ёр омаду дар хонаи худ гӯшт надорам.
Гарчӣ алами гӯшт маро кушт, надорам.

Чизи дигаре нест ба яхчол ба ҷуз ях,
Як пора ҳасибе қади ангушт надорам.

Шарманда шудам пеши чунин ёри шакарлаб,
Э вой, шакар чист, ки як мушт надорам.

Дар хона на чой асту на қанд асту на равған,
Дарёб аз ин ҳол, ки ман пушт надорам.

## ЛУҒЗИ ДЕМОКРАТИЯ

Чист демократия? Яъне, ки соҳибихтиёр,
Аспу қамчин ёфта, ҷавлон задан дар рӯзгор.

Тӯдае бо «Урра – Урра!», дастае бо «Зинда бод!»
Баҳри нафъи хеш байни халқ партояд шиор.

Ҳизбҳою ҷамъиятҳо нав ба нав пайдо шаванд,
Замбурӯғосо, ки рӯяд баъди борони баҳор.

Дар миёни чор дарё баста марди корро,
Боз гӯяндаш, ки шав ҳушёр, доман хушк дор.

Мафия, рекету дуздӣ, сифлагию фосиқӣ
Ин замон гардида касбу пешаи пурифтихор.

Зумрае аз хосаҳо бо мандати депутатӣ
Аз барои ҷоҳу мансаб дар талошу гирудор.

Чиркро аз мағзи нохун кофта дар анҷуман,
Се шабу се рӯз мебофанд фармону қарор.

Ҳуққабозӣ, носипосӣ он қадар равнақ гирифт,
Дузду раҳзан шуд мукаррам, аҳли заҳмат хору зор.

Порадеҳу порагиру аблаҳу дунсиратон
Мисли шайтони лаъин дар гардани мардум савор.

Ин чӣ бедодист, охир, чорасозон, чорае,
Гар адолат заррае дорад дар ин мулк эътибор!

## ҲАСРАТИ РОНАНДА

Чу нӯшидам шароби кайфдоре
Зи ёрею зи ёрею зи ёре,

Бигаштам пас ба «Зил» чун уштури маст
Саворею саворею саворе.

Калидаш тоб дода, даргирондам
Маторею маторею маторе.

Бирондам тез, то аз дил барорам
Хуморею хуморею хуморе.

Машина гаҳ чапу гаҳ рост мерафт
Чу морею чу морею чу море.

Баногаҳ пеши чашмам тира бинмуд
Ғуборею ғуборею ғуборе.

Ба дил гуфтам: диҳам мошинаамро
Қарорею қарорею қароре.

Лағат кардам – набуд дар тормозаш
Фишорею фишорею фишоре.

Бишуд чун тир мошинам равона
Ба ғорею ба ғорею ба ғоре.

Задам бар зеру аз чашмони ман ҷаст
Шарорею шарорею шароре.

Танам аз зарбаи сахте бигардид
Фигорею фигорею фигоре.

Хулоса, байни маргу ҷони ман монд
Зазорею зазорею зазоре.

## МӮДБОЗӢ

Ин чӣ гап? Дандони тилло мӯд шуд,
Куртаи аз зону боло мӯд шуд.

Ҷои он ки боадаб гӯяд: «Салом»,
Ё ки «Ҳело», ё ки «Чао» мӯд шуд.

Афти марду зан куҷо фарқе кунад,
Баҳри мардон зулф ноҷо мӯд шуд.

Мардҳо чорчинфурӯшӣ мекунанд,
Ё ба занҳо кори саҳро мӯд шуд?

Гар камар бандӣ ба зангирӣ, бидон,
Баҳри келин сад сарупо мӯд шуд.

Тифли навзоде агар тавлид ёфт.
Дояро шампону вино мӯд шуд.

Дӣ рафиқе зери лаб хандиду гуфт:
Ин сари бемӯ ба Мирзо мӯд шуд.

## НАШУД

Баҳри мансаб бо ҳазорон ҳила кӯшидам, нашуд,
«Аз дигарҳо ман чӣ кам?» –гӯён хурӯшидам, нашуд.

Гар касе гуфто маро лоиқ наӣ бар мансабе,
Зидди он кас пӯстинро чаппа пӯшидам, нашуд.

Гоҳ ман аз дарду доғи мансабу ҷоҳу ҷалол
Карда ҳасрат, мисли деги шавла ҷӯшидам, нашуд.

Хостам бо ҷӯрабозӣ соҳиби мансаб шавам,
Базм карда, бо ду-се сардор нӯшидам, нашуд.

Бе лаёқат дар раҳи мансаб тамоми умри худ,
Таккаи уммедро ҳар қадр дӯшидам, нашуд.

## РӮБАҲ ВА ХОРПУШТ

Рӯбаҳе дар ҷангале сардор шуд,
Гашт соҳибмӯҳру курсидор шуд.

Рӯзи дигар дафтари фармон кушод,
Бар чунин фармони худ имзо ниҳод:

«Хорпуштак пойкӯтаҳ, баднамост,
З-ин сабаб дар кор ноӯҳдабарост.

Пушти ӯ пурхор, рафтораш дағал,
Гапзаниҳояш ба монанди мағал.

Аз ҳамин соат зи кор озод ӯ,
Ҷойро холӣ кунад бегуфтугӯ».

Лек ҷони гап бувад ҷои дигар,
Мекунем аз он шуморо бохабар:

Рӯбаҳонро пушти ӯ н-ояд ба кор,
Чунки натвонанд шуд бар он савор.

## «НОЛ»-ҳо

Зумрае гарчи пистаи пучанд,
Дар амал ҳамчу навдаи хучанд.
Ҷояш ояд, зи нотавонбинӣ
Ноаён мегазанду мепучанд.

Бо ду-се бефаросати чун хеш,
Шишаи май ниҳода андар пеш,
Бо ҳасад, бо ғурури савдоӣ,
Неку бадро зананд онҳо неш.

Гоҳ аз ин давру ин замон ноланд,
Гоҳи дигар зи ҳоли худ боланд,
Гоҳ худро бузург бишморанд,
Хубтар бингарӣ, кам аз «нол»-анд.

## МАҶЛИСОБОД

Шаҳри мо шуд шаҳри маҷлисбозҳо,
Минбари нутқи суханпардозҳо.
Ваъз хонад як нафар то нимарӯз,
Пеши мо – аҳли даҳони возҳо.

Гоҳ-гоҳе сахт қарсак мезанем,
Пой мекӯбему ҳуштак мезанем.
Гоҳи дигар мо ба рамзи эҳтиром
Ҳамчу аскар саф қаторак мезанем.

Гар шавад аз ҷаҳл ӯ сурху сафед,
Мо ҳама ларзон ба мисли барги бед.
Гоҳ-гоҳе мекунад лабханд агар,
Мо ҳама хурсанд, дилҳо пурумед.

Ту мапурс аз мо – зи чӣ зотем мо,
Бандагонаш, ё ки озодем мо.
Мансабак дорем, баҳри ҳифзи он
Зайли манкуртему роботем мо.

То замоне ҳукм дорад, мо хапем,
Беақида, беирода, бегапем.
Эҳ, чи хуш, рӯзе, ки аз мансаб фитад,
Сахту маҳкам аз гиребонаш қапем.

Мо ҳама он гаҳ ба овози баланд,
«Э, даматро гир!» гуфта нописанд,
Лек ҳоло пеши ӯ гунгу карем,
Мансабаш моро забон кардаст банд.

## ҲАМА РАВОН БА МАҶЛИС

Раис равон ба маҷлис,
Саис равон ба маҷлис,
Милисаю муфаттиш,
Артис равон ба маҷлис.

Мардак равон ба маҷлис,
Занак равон ба маҷлис,
Пиру ҷавону наврас,
Кӯдак равон ба маҷлис.

Тоҷир равон ба маҷлис,
Нозир равон ба маҷлис,
Фарроши роҳу кӯча,
Шофир равон ба маҷлис.

Деҳқон равон ба маҷлис,
Чӯпон равон ба маҷлис,
Байтору говдӯшон,
Гӯсолабон ба маҷлис.

Сарвар равон ба маҷлис,
Афсар равон ба маҷлис,
Зебанда саф кашида,
Аскар равон ба маҷлис.

Олим равон ба маҷлис,
Маълим равон ба маҷлис,
Духтуру шахси бемор,
Солим равон ба маҷлис.

Шоир равон ба маҷлис,
Носир равон ба маҷлис,
Муҳарриру мунаққид,
Ношир равон ба маҷлис.

Омад барори маҷлис,
Дар авҷ кори маҷлис,
Бошад инони мардум
Дар ихтиёри маҷлис.

Ҳама равад ба маҷлис,
Ҳама давад ба маҷлис,
Кӣ меравад пайи кор?
Ё ҳал шавад ба маҷлис?!

## ДУЗДИ УМРИ ОДАМОН

Мекунӣ маҷлис ба рӯзе чанд бор,
Як гапат такрор созӣ даҳ карат,
Мешавад писханду миш-миш,
Мешавад сад гӯшакӣ дар золи хомӯш.
Бо чунин маънӣ, ки гапҳои фачу беқурби ту,
Кош, монад аз сарат,
Ё дамат гирад ва ё ки кар шавад моро ду гӯш.

Нестӣ ту дузду раҳзан,
Ту намедуздӣ зи кас молу манол,
Бадтарӣ аз дузди бағдодии номӣ,
Балки ҳамчу қотилӣ!
Қотили бебоки вақти одамон.
Мебарӣ аз умрашон ту
Рӯзу ҳафта, моҳу сол.

Худ ҳисобе кун: зи умри сад нафар,
Гар ба рӯзе соатеро мебарӣ,
Дар давоми сол ҷамъаш оварӣ,
Беш аз як умри одам мешавад.
Дузди умри одамонӣ ту,
                    на ин ки сарварӣ.

Гар адолат ҳаст,
Бояд кард ҷорӣ ҳукми зиндон,
                    ҳукми маҳбас,
                    ҳукми қуфле бар даҳон,
Аз барои дуздҳои умр – маҷлисбозҳо,
Аз барои қотилони вақти мардум!
То шавад ин гуна раҳзан,
                    дузду қотил
Аз миён одамон гум!

## АЗ ОН МАҲШАР НАМЕТАРСӢ

Чӣ маҳшар кардаӣ бозор, аз он маҳшар наметарсӣ?
Зи ту бадном гашта номи савдогар, наметарсӣ?

Ту дар моҳи шарифи фитр савдо мекунӣ ноҳақ,
Дар ин савдосаро аз ҳукми пайғамбар наметарсӣ?

Ту тоҷир нестӣ, бозории қаллобу ҷаллобӣ,
Гузаштӣ аз ҳади инсоф, ки дигар наметарсӣ?

Туро воиз насиҳат кард садҳо бор аз минбар,
Набишнидӣ варо, худро гирифтӣ кар, наметарсӣ?

На шарм аз банда месозӣ, на тарсе аз Худо дорӣ,
Ки аз ғоратгару раҳзан шудӣ бадтар, наметарсӣ?

Чӣ суд аз рафтани масҷид, чӣ суд аз тоату рӯза,
Агар имрӯз аз он пурсиши Довар наметарсӣ.

Барои молу пул имону виҷдонро занӣ савдо,
Расад рӯзи ҷазо, он гаҳ шавӣ музтар, наметарсӣ?!

## ДАР ҶАНОЗАИ МУМСИК

Яке қорунсифат дар шаҳри мо мурд,
Нашуд бар дарди ӯ молаш даво, мурд.

Ба пеши марг сарват ҳеҷ будаст,
Ба он боигарӣ бемуттако мурд.

Ба вақти назъ мезад дасту почак,
Ба монанде, ки ҳар узваш ҷудо мурд.

Тамоми умр сарват ҷамъ мекард,
Ҷудо аз ҷамъи хешу ақрабо мурд.

Чунон дар зиндагиаш буд мумсик,
Надид аз ӯ касе хайру сахо, мурд.

Зану фарзандҳо, домоду келин
Аз он хурсанд, ки рӯзи ҳаво мурд.

Чунон шуд каш-каши меростақсим,
Надида хайрият ин моҷаро, мурд.

Занаш аз мурданаш парво надорад,
Ба дил гӯяд, ки айни муддао мурд.

Писар андар талоши «Мерседес» аст,
Кунад акнун расо кайфу сафо, мурд.

Фиғону нолаҳошон рӯякӣ буд,
Аз он шодон, ки бе сарфи даво мурд.

Набудӣ фарқ, бо он моли афзун,
Каси доранда, ё ки бенаво мурд.

Хулоса, дар ҷаноза буд миш-миш:
Нигар, доро забунтар аз гадо мурд.

## БАРҚ НЕСТ

НОБ-ҳо дорем чандин, барқ нест,
Чун расида фасли заррин, барқ нест.

Гар мулоим оварам ҳарфу сухан,
Зиндагӣ гардида вазнин, барқ нест.

«Барқи тоҷик»-ро намонда эътибор,
Ҳайфи шаъну шони пешин, барқ нест.

Эй калони барқ, тадбире биҷӯ,
Кам дар он курсии худ шин, барқ нест.

Дар ҳамон меъёри барқи ваъдагӣ
Адлу инсоф аст камчин, барқ нест.

Зулмати шаб тоқати мо тоқ кард,
Ин асабҳо нест резин, барқ нест.

Ҳарза пиндорӣ агар гапҳои мо,
Ҷониби мо бигзару бин, барқ нест.

Нав ба қадрат мерасам, «Нури Илич»,
Сад қасам бо гӯри Ленин, барқ нест.

Ҳолро бо шеър бинмудам баён,
Не хусумат ҳаст, не кин, барқ нест!

## БАРФИИ ҲАСБИҲОЛӢ

Расида Соли нав, ҳезум надорам.
Ба бозораш равам ҳам, сум надорам.

Барои таппакеро тар намудан
Саларка қатрае дар хум надорам.

Чӣ рӯз аст ин, ки номи ғӯзапоя
Шуда аз хонаи мо гум, надорам.

Танӯру дегдонам сард монда,
Ки нони гарм аз гандум надорам.

Яке сардор ҳезум ваъдаам кард,
Надонам дафъаи чандум, надорам.

Хушомад кардан аз ман барнаояд,
Чӣ ҷумбонам ба пешаш, дум надорам.

Вуҷуди ман шуда маъвои сардӣ,
Ки дилгармӣ аз ин мардум надорам.

Раҳу пайроҳаҳоро ях гирифта,
Бипошам то ба рӯяш қум, надорам.

Ба ёди барқу газ, ангишту ҳезум
Дусад раҳ мезанад дил гум, надорам.

Занак бад-бад назар созад ба рӯям,
Сиёсат пеши ин хонум надорам.

Кунад ях Соли нав дар хонаи мо,
Газу барқу хасу ҳезум надорам.

## ҚОЛАБӢ

Гоҳ шоир, гоҳ носир,
Гаҳ мунаққид,
Гоҳи дигар публисист.
Бо чароғи барқ кобӣ,
Дар вуҷудаш заррае аз ҷавҳари аслии
шеъру шоирӣ чизе наёбӣ,
Дар ҳақиқат ин худододӣ дар ӯ нест.

Нима-нима пурра аст ӯ,
Пурра, аммо гоҷу фаҷ.
Дар гумонаш, ки ба ашъори замона
шӯҳра аст ӯ,

Дарк нанмояд, ки эҷодаш фалаҷ,
Бори худ дар корвони назми даврон монда каҷ.

Аз сари инсоф агар гӯем, медонад Арӯз,
Қофия, ҳам вазнро кардаст аз бар.
Шеърҳои қолабиаш тахта-тахта,
Аксари ашъори ӯро нест сакта,
Лек ҳамчун хиштҳои лоини дар кӯраи
оташ напухта,
Нест эҳсосе дар онҳо,
Сӯзи қалби поку ҳассосе дар онҳо.

Ним шоир, ним носир,
Дар ҳамоқат нест нима.
Як ҳасуди бар ҳама кирдор қодир,
Гар тавонад, ҳар киро бандад ҷарима.

Зинда аст ӯ,
Лек ашъораш саросар
бе ҷаноза, бе кафан,
Дар миёни ҷилдҳои касмахон,
мурдаю пӯсида мехобанд дар гӯри сухан.

Ин замон ин шоири ашъори мурда
Метарошад хешро соҳибсухан.
Мебарояд ҳамчу солоре ба минбар,
Рӯи саҳни анҷуман.
Пеш аз оне, ки ба нутқи худ кунад сар,
Лаҳзае чун мутафаккир мекунад ист.
Гӯиё як кори неке карданист.
Лек бо алфози пучи кинабор
Шеъри дигар шоиронро мезанад наҳ,
Гар тавонад, моҳро ҳам мезанад дар зери чаҳ.

Аз замони навхатиҳо то кунун
Синну солаш бо гузашти умр бар ҷое расида,

Қалби худро гар зи кина,
аз адоват, аз ҳасад озод мекард,
Шояд ӯ ҳам, чун адибони асил,
Шеърҳои дилнишин эҷод мекард.

Ӯ, ба ҷои он ки гӯяд шеъри хуб,
Ҳамчунон ҷосус дар пайт аст.
Мепояд, ки ёбад заррае нуқсон
зи шеъри дигарон,
Нест асло инчунин рафтор хоси шоирон!
Бедаво дардест,
Бошад кинаю буғзу адоват,
худпарастию ҳасад микроби он!

## ПАС АЗ КАЙФИ САДТАГӢ

*(Дар ҳавои рубоиёти халқӣ)*

Арақ-арақе, фақат туро менӯшум,
Бовар накунӣ, биё бубин, беҳӯшум.
Рӯзе, ки зи пул холӣ шава кисаи ман,
Дар роҳи ту шиму куртама бифрӯшум.

Арақ-арақе, ки субҳу шомут нӯшум,
Гоҳ ай лаби шиша, гаҳ зи ҷомут нӯшум.
Як умр зи кайфи ту ҷудоӣ накунум,
Гар киса диҳад даст, мудомут нӯшум.

Нӯшида арақ, газакша тарбуз кунум,
Чун холӣ шава, нолаи ҷонсӯз кунум.
Мастона зада шишаи холиша ба санг,
Шабро ба даруни лою чал рӯз кунум.

Дар тӯйи рафиқи худ арақ менӯшум,
Бо косаю кафлесу табақ менӯшум.
Гӯянд: арақ ба ҷони одам аҷалай,
Ҳарчанд кунад маро шалақ, менӯшум.

Арақ-арақе, туро ба ҷон менӯшум,
Дар пеши ҳама пиру ҷавон менӯшум.
Гӯянд, ки ин шӯри ҷавонӣ боша,
Гар қомати ман шавад камон, менӯшум.

Бо шишаи май якта бикӯбед мара,
Бо оби мусаффош бишӯед мара.
Хонед ба гӯшум оят аз нуқлу шароб,
Ай шишаи холишуда ҷӯед мара.

Арақ-арақе, ки бебаҳо омадаӣ,
Дар субҳи саҳар барои мо омадаӣ.
Пахмил накарда, сар кафидан дора,
Сад шукр, ки айни муддао омадаӣ.

Қул-қули ту, ай шиша, чӣ хуш меояд,
Бечора дили ма(н) дар хурӯш меояд.
Чун ҷоми туро ба дасти ларзон гирум,
Ай шодӣ даҳан ба бехи гӯш меояд.

Арақ-арақе, ту бурдаӣ дилҳора,
Як лаҳза нанӯшумут, гулӯ мехора.
Рӯзе, ки ба ман расид як шишаи ту,
Бар хона равум ба куртаи садпора.

Ҳар кас, ки туро бинӯша, шайдо меша,
Олуда ба корҳои ноҷо меша.
Гар дил наканад зи ту, бидонам, ки яқин
Оқибати корҳош расво меша.

Дар гардани борики ту ҷонум, арақе,
Ман васфи туро ҳамеша хонум, арақе.
Рӯзе шаваю ду шишаатро нӯшум,
Кӣ будани худма кай бидонум, арақе.

Чун маст шавум, нолаю фарёд кунум,
Ҳушёр шавум, кайфи туро ёд кунум.
Ман тоқати ҳаҷри ту надорум, арақе,
Моҳонаи худ ба роҳи ту бод кунум.

Эй кош, набоша «Пивбар» дар гузарум,
Эй кош, ба рӯи ту наафта назарум.
Дар киса, ки пул нест, надорум чора,
Бо гардани каҷ ба шишаат менигарум.

Офат ба лабони тангу вангут нараса,
Сад кайф ба як кайфи тарангут нараса.
Андар бағалум шишаи ту ҷой диҳум,
Дар кӯчаи танг то ки сангут нараса.

Арақ-арақе, биё, ба ман ёрӣ кун,
Гар ёри ҳақиқӣ, мададгорӣ кун.
Вақте ки милисаҳо ба бурдан оянд,
Худро ба гарав мону харидорӣ кун.

Арақ-арақе, аҷаб ту хорум кардӣ,
Шармандаю расвои диёрум кардӣ,
Худо бигира гардани борики тура,
Заҳре будаӣ, мурдақаторум кардӣ.

Бе кайфи ту як рӯз нагардам, арақе,
Дар роҳи ту, бин, чи гуна мардам, арақе.
«Дайдуи гузар» шудаст гарчи лақабум,
Нӯшиданата тавба накардам, арақе.

Дар базм арақ оби равонай имшаб,
Нӯшандаи он наъразанонай имшаб.
Ҳарчанд «барои дӯстӣ» нӯш кунем,
Ҷанҷол ҳамон қадар калонай имшаб.

Арақ-арақе, ҷафои ту бисёрай,
Ҳар қатраи оби ту чу заҳри морай.
Баъзеҳо агарчи хуб мегӯяндат,
Таърифи ту ҳам сафсаттаи бекорай.

Ман ҷона фидои шишаи май бикунум,
Ҳар гоҳ бинӯшумуш, ҳай-ҳай бикунум.
Чун каллаи ман каду шава ай кайфуш.
Андешаи обрӯи худ кай бикунум!

Арақ-арақе, баробарӣ бар ҷонум,
Дар кофтанут ҳамеша саргардонум.
Чун ёфт шавию киса холӣ боша,
Соатма барои ту гарав мемонум.

Хуммор шава ду чашми ман ай кайфут,
Беҳол шава тамоми тан ай кайфут.
Чун маст шуда, даҳан ба гап боз кунум,
Бемазза бароя ҳар сухан ай кайфут.

Ай кайфи арақ қуввату дармонум рафт,
Ақл ай сару ҷон ай тани нимҷонум рафт.
Эй кош, биёя мошини мастбарак,
То хонаи худ пиёда натвонум рафт.

Арақ-арақе, нӯшидани ту ситамай,
Оқибати кайфи ту ба кас дарду ғамай.
Якҷоя шуда майзадагони олам,
Гар номи туро «Заҳр» бимонанд, камай.

Арақ-арақе, ай ту ҷафо мебинум,
Дарде, ки зи туст, бедаво мебинум.
Ин дӯстӣ ҳар қадар бақодор шава,
Оқибати худма бебақо мебинум.

Чун маст шавум, наъра ба афлок занум,
Бе ҳеҷ баҳона куртама чок занум.
Мастона гирифта ҷоми холита ба даст,
Бар шишаи холии ту бебок занум.

Дар ишқи арақ намекунум булҳавасӣ,
Бе кайфи арақ намегирум як нафасе,
Ай дасти арақ ҷабру ҷафоҳо дида,
Менӯшуму дам намезанум пеши касе.

Арақ-арақе, ки ай ту гаштам безор,
Оҳиста ба гӯши ту намоюм изҳор:
Дар ҷумлаи базму тӯйҳо ҳозирӣ,
Қимоб шудему мехуремут ночор.

Арақ-арақе, чун ба ту моил гаштум,
Гоҳе ба мисоли пашша, гаҳ фил гаштум.
Оқибати корончунонум кардӣ,
Рӯзард мисоли касали сил гаштум.

Арақ-арақе, ту ғолиби майдонӣ,
Чӣ ҷои аҷаб, ба зӯрӣ чемпионӣ.
Танҳо мара не, чунон-чунон зӯрора
Озод ба тахтапушт мехобонӣ.

Ман мутрибаму агар арақ нӯш кунум,
Дар базм дудаста тора оғӯш кунум.
Як-ду гапи пӯк гуфта, оқибати кор
Ҳам шеъру ҳам оҳанга фаромӯш кунум.

Арақ-арақе, маро ҷигархун кардӣ,
Аз маҳфили ёру дӯст берун кардӣ,
Дар кӯчаю тангкӯча саргардонум,
Одам будуму ту мара маймун кардӣ.

Мо нӯш барои ёри ҷонӣ бикунем,
Лаб бар лаби ҷом, хушзабонӣ бикунем.
Ҷурғоти сари мо аз арақ турш шавад.
Оқибати кор саркафонӣ бикунем.

Арақ-арақе, ки шишаат бар ҷонум,
Имрӯз, чи хуб, гаштаӣ меҳмонум.
Менӯшуму менӯшуму менӯшумта,
Ай нӯшидани ту нашкана армонум.

То умр бувад, кайфу сафо хоҳум кард,
Дар роҳи арақ пула адо хоҳум кард.
Рӯзе, ки миёни мо ҷудоӣ афтад,
Он рӯз, намедонум, чиҳо хоҳум кард.

Арақ-арақе, кардӣ чӣ корум имшаб,
Бигрифтӣ зи дасту по мадорум имшаб.
То хона агарчи ду қадам раҳ боша,
Ман қуввати рафтана надорум имшаб.

Арақ-арақе, чу ҳардумон дӯст шудем,
Пайванд мисоли нохуну пӯст шудем.
Ай дасти милисаҳо халосӣ ҷуста,
Дар хонаи мушу мӯр мо руст шудем.

Арақ-арақе, ҷонма фидои ту кунум,
Сад кӯчара тай ман ай барои ту кунум.
Чун кайф расад ба ҳолати бадмастӣ,
Номаъқулира ба як имои ту кунум.

Арақ-арақе, туро харидор манум,
Бар кайфи баланди ту гирифтор манум.
Имрӯз зи бепулӣ нанӯшидамта,
Бар бӯидани шишаякут зор манум.

Чун маст шавум, наъраи мастона занум,
Чангол ба мӯи бонуи хона занум.
Лаълию пиёла, косаю дегу табақ
Барҳам ҳамаро ба мисли девона занум.

Ай шишаи ту шӯру шарар махеза,
Ай кайфи ту сад гуна хатар мехеза.
Арақ-арақе, ки исту бистут заҳрай,
Дарде, ки зи туст, ай ҷигар мехеза.

Нӯшида турою маст гаштан то кай?
Ин қадр залилу паст гаштан то кай?
Арақ-арақе, зи рӯи ту безорум,
Ай кайфи ту дар шикаст гаштан то кай?

Ман садқа шавум «Шнапс»-и алмонира,
«Кишмишӣ»-и хушлаззати афғонира.
Ай «Водка»-и русӣ рӯ намегардонум,
Ин «Арақ»-и тоҷикӣ занад бар ҷонум.

Гар ҷумла рафиқи ғамгусоред ба ман,
Исбот кунед, май биёред ба ман.
Гар ҷона ба ҷони ман бимонед ҳама,
Бе май ҳаматон қадр надоред ба ман.

Эй ҷӯраи майпарасту ҳам ғамхорум,
Чун даргузарум, ба дил як армон дорум:
Гар дӯзахи боарақ муяссар бишава,
Бар ҷаннати беарақ набошад корум.

Як шиша арақ давлату даврони манай,
Ҳар қатраи он роҳатаки ҷони манай.
Рӯзе, ки арақ набоша, он рӯз мабод,
Зеро ки чунин рӯз чу зиндони манай.

Як шиша арақ агар муяссар бишава,
Кай бахти дигар ба ин баробар бишава.
Беёд фитода, байни раҳ хоб равум,
Як пораи хишт лӯлаи пар бишава.

Арақ-арақе, сарма ба чарх овардӣ,
Дар пастӣ, бубин, ки бар чи нарх овардӣ.
Буд зиндагиам ширин ба монанди набот,
Саргашта ба рӯзгори талх овардӣ.

Арақ-арақе, гаҳе туро нӯш кунум,
Баргаштани хонама фаромӯш кунум.
То омадани мошинаи мастбарак
Симчӯби сари кӯчара оғӯш кунум.

Арақ-арақе, назар ба сӯят накунум,
Дору шавӣ ҳам, ки ҷустуҷӯят накунум.
Рӯзе шаваду ба пеши ман боз ой,
Ман даст дароз бар сабӯят накунум.

## АНДАРЗҲОИ КАДӮЧАДОР

Ту боақлӣ, валекин бефаросат,
Ту соҳибмансабию дар раёсат.
Хиёнат карда бар ёрон, бигӯӣ:
Чунин бояд шавад кас дар сиёсат.

Чу фарди дар сиёсат пешроҳе,
Ба мулки ғайр ҷустӣ сарпаноҳе.
Набудат қимату қадре дар ин ҷо,
Дар он ҷо ҳам ба аҳволи табоҳӣ.

Падар дар деҳ ба роҳат интизор аст,
Ду чашми модарат дар роҳ чор аст.
Чу хондию зани шаҳрӣ гирифтӣ,
Туро бар деҳа рафтан нангу ор аст.

Ту сурат дорию, сират надорӣ,
Ту сарват дорию ҳиммат надорӣ.
Худовандат чунон хорат намуда,
Ки бо дороият қимат надорӣ.

Харидӣ мансабу ҳар кор кардӣ,
Ту хубӣ не, бадӣ бисёр кардӣ.
Чунон пасту разилу беҳаёӣ,
Ки қадри одамиро хор кардӣ.

Ин яке бо шӯру ғавғо ҳар кучо гӯяд шиор,
Ки «Забони модарии мо ҳамеша зинда бод!».
В-он дигар хомӯш тини охирини хешро
Аз барои равнақи он бар хазина бурду дод.

Нонавишта инчунин қонун бувад дар даври мо:
«Ура!» гуфта, як нафарро фахри олам мекунанд.
Баъди чанде бо гунохи кӯчаке бечораро
Мезананд андар замину пӯсташро мекананд.

Аблаҳе бо дастгирии тағои сарвараш
Оқибат гардид соҳибмансабу болонишин,
То нагардад аблаҳияш фош байни хосу ом,
Фозилеро ёфта, карданд бар ӯ ҷонишин.

Яке дар коргаҳ гап мефурӯшад,
Дигар ҳамкорро хап мефурӯшад.
Расида равнақи савдо ба ҷое,
Ки мансабдор мансаб мефурӯшад.

Арақро то ба мастӣ медиҳандат,
Чу рӯи мансаб астӣ, медиҳандат.
Туро ҳамкорҳои нотавонбин.
Бубинӣ то шикасте, медиҳандат.

Яке фозил, валекин бемаош аст,
Яке бекаллаю мансабталош аст,
Билохир кашф кардам ин муаммо:
Ҳамон бекалларо зӯре тағош аст.

Мюнҳавзен навишта саргузашташ,
Бихондам – гуфтаҳояш пурғалат буд.
Билохир худ ба худ кардам хулоса:
Мюнҳавзен, ба фикрам, депутат буд.

Бигӯям як сухан, гарчи яқин нест:
Каси бенафс дар рӯи замин нест.
Агар мулло шавад побанди нафсаш,
Варо андеша аз имону дин нест.

Ин аҳлаки мо пешравӣ медонад,
Дар роҳи савод тавсанаш меронад.
Бинвиштаи хеш ҳарфакӣ дӣ мехонд.
Имрӯз, нигар, ҳиҷо-ҳиҷо мехонад.

Ҳар кас хоҳад, ки хоксорӣ донад,
Дар пеши раиси мо биёяд хонад.
Гар пора диҳӣ бастаи яксомона,
Било бахудо, рӯй намегардонад.

Мӯътақид астанд бархе бар Худо,
Зумрае дар пеши мансаб саҷдагар,
Тӯдае бошад ғуломи аҳли зӯр,
Лек сархам ҷамъашон дар пеши зар.

Тоҷикистон – ҷаннати рӯи замин,
Кишвари халқи баимону сахӣ,
Дар шигифтам, ки дар ин хулди барин
Кам набошад пургуноҳи дӯзахӣ.

Будӣ машҳури деҳа дар хасисӣ,
Харидӣ мансабу акнун раисӣ,
Чунон сахту ҳарису мурда ҳастӣ,
Намеарзӣ ту ҳатто бар саисӣ.

Туро имрӯз ҷо болои тахт аст,
Насиби мо камию рӯзи сахт аст,
На ту доно, на мо гӯлу гарангем,
Чунин таззод аз бозии бахт аст.

Ту чени мансабат дониш надорӣ,
Ба аҳли илму фан созиш надорӣ,
Туро шуғли асосӣ порагирист,
Ба кори дигаре хоҳиш надорӣ.

Гарчи муло кайфу сафо мекунад,
Ҳилаи шаръӣ ба риё мекунад,
То ки набинад рухи номаҳрамон,
Чашм бипӯшида зино мекунад.

Яке гӯяд: маро ҳаҷри нигорам кушт,
Дигар гӯяд: ҳаёти бебарорам кушт,
Агар фардо бипурсандам, ки чун мурдӣ,
Бигӯям, ки маро дуди сигорам кушт.

Имрӯз ҳар касе бошад қаламбадаст,
Ҳар хору ҳар хасе гирад қалам ба даст.
Гумроҳ ҳам кунад рӯи варақ сиёҳ,
Аз дасти ин ҳама номи қалам бад аст.

Дар вазни Арӯз шеърҳои ӯ ба ҷо,
Дар қофия ҳам намекунад ҳеҷ хато.
Бе оташи қалб қолабӣ мерезад.
Чун мошини хиштрезаки мулки Хито.

Дар ғаму шодӣ ту бо ҳамсоя ҳамдам нестӣ,
Ғофил аз одамгарийӣ, балки одам нестӣ.
Гарчи шуд бомат баланд, аммо нашуд номат баланд,
Моли Қорун дорию нохуни Ҳотам нестӣ.

Сари мансаб машав пурмоҷаро ту,
Аз он аспи ғурури худ фаро ту,
На ту донӣ, на ман, ки рӯи тобут
Туро ман мебарам, ё ки маро ту.

## БАЙТҲО

Ҳаст сар сардору ин мардум done,
Сар чӣ кор ояд, агар аз тан кананд.

Гар суханчин бурд пеши ту сухан,
Низ орад гуфтаҳоят пеши ман.

Мешинонӣ сифларо гар ту ба бар,
Пайт ҷӯяд, то шавад бологузар.

Сусту бепарво шавад гар боғбон,
Боғи гулро мехӯрад боди хазон.

Корро анҷом нест, эй бехабар,
Ҳар як анҷом аст оғози дигар.

Чун фалаҷ гардид кори маҳкама,
Зумрае шуд гург, ин мардум рама.

Мекунӣ хубӣ ба кас ё кори бад,
Оқибат подоши он бар ту расад.

Номи некат то шавад вирди забон,
Корҳои некро кардан тавон.

Гар нагирӣ пеши роҳи қаҳри худ,
Кушта гардӣ оқибат аз заҳри худ.

Ҳар чи кардӣ сарф, он моли ту буд,
Он чи мондӣ, гӯиё дуздаш рабуд.

Нашнавӣ то ҳарфи бад аз дигарон,
Худ маёвар ҳарфи бадро бар забон.

Муттаҳамҳо мӯҳтарам гардидаанд,
Мӯҳтарамҳо муттаҳам гардидаанд.

Саломи дӯстон ҳам бетамаъ нест,
Таоми дӯстон ҳам бетамаъ нест.

Ончунон марди бузург аст, ки дар хонаи худ
Ӯ намеғунҷаду шаб дар паси дар мехобад.

Аз тӯдаи мардум нашавад файз зиёда,
Полиз хароб аст мудом аз паси пода.

То шавӣ бо аҳли боло ҳамнишин,
Пеши мансабдорҳо сархам нишин.

Ӯ пиёда рӯи раҳ шуд ёри худро интизор,
Бо каси дигар гузашт он ёр, дар мошин савор.

Гиреҳ чун во ба нохун гардад осон,
Набошад ҳоҷати кандан ба дандон.

Ба авлоди касифи худ бинозӣ,
Зи саргини хару буз қаср созӣ.

Дар дами рӯзи қиёмат бонги тутак мерасад,
Чун нишони омади он гап ба кӯдак мерасад.

Нахоҳӣ, ки шавад гӯри ту помол,
Бикун тарбия тифли некаъмол.

Агар дорӣ яке фарзанди боҳӯш,
Пас аз мурдан намегардӣ фаромӯш.

Ҳар нафас, ки мекашӣ, бод аст он,
Оқилӣ гар, зиндагиро бод дон.

Мисли борон аст лутфи Кирдгор,
Дона аввал кор в-он гаҳ чашм дор.

Метавонӣ ёфтан бар худ писар,
Кай тавонӣ ёфт фарзанди падар.

То шавӣ мақбул бар табъи вазир,
Пеши ӯ зону заданро ёд гир.

Камарбанде ба худ бастан нишон аз паҳлавонӣ нест,
Барои зӯри бозу машқу тамрин боядат кардан.

Хуш бувад ҳарфи дурӯғе, ки дар он маслиҳатест,
Росте, ки сабаби ҷангу ҷидол аст, магӯ.

Косаи давр аст мансаб, меравад дастобадаст,
Пок медораш, агар имрӯз дар дасти ту ҳаст.

Ту дар зинда будан бикун кори нек,
Ки баъди сарат монад осори нек.

Ту мепурсӣ, ки «накди шеър худ чист?»,
Ҳамон чизе, ки он дар шеъри ту нест.

## МУНДАРИЧА

*К.Насрулло.* Шоире рӯшангаро аз байни мардум ........5
Чамани меҳр ..........................................................11
Шакари ишқ ........................................................103
Ёди азизон ..........................................................171
Манзумаҳо ..........................................................227
Нақизаҳо .............................................................273
Шов-шови мардум ...............................................315

**Мирзо Файзалӣ**

**ГУЛХОРИ ЧИДА-ЧИДА**

*(Мунтахаби ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 09.11.2011 супорида шуд.
Чопаш 14.11.2011 ба имзо расид. Андоза 84х108 1/32.
Ҷузъи чопӣ 12,75. Адади нашр 1000 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар ҶДММ «Ноширон» ба табъ расидааст.
ш.Ваҳдат, кӯчаи 20-солагии Истиқлолият, 24